# БЕДОРШАВИИ МОДАШЕРОН



*Бедор шав ва дунёи худро дигар кун*

# ЛИЗА БИВЕР

Азизон,

Худо духтарони Худро даъват кардааст, ки мақсад, ҷуръат ва шуҷоат дарёфт кунанд. Бисёре аз мо дар зери соя ғанабкунон вақти зиёди худро сарф кардем. Имрӯз Худо даъват мекунад, ки бедор шавем, бархезем ва дунёро дигар намоем.

*“Бедоршавии модашерон”* ин сухани илҳомбахши Худованд оид ба он мебошад, ки мо барои ин вақт таваллуд шудем. Чизе, ки Худо дар борааш дар ин паём мегӯяд, маро пурқувват гардонид ва аз ман оид ба ҳар як соҳаи ҳаётам даъват ба амал овард. Ман аз хоҳарони бисёр дар тамоми ҷаҳон, ки қувват меёбанд ва ҷуръатмандона ба хидмати Худо ворид мешаванд, дар бораи он мешунавам, ки Худо ба воситаи ин кушоиш ба қалби онҳо гап мезанад.

Ба воситаи ин китоб, ки барои шумо ва роҳбарони дигар таъин карда шудааст, муҳаббат ва дастгирии маро қабул кунед. Дар бораи ин китоб ва маводҳои дигар, ки ба таври онлайн дастрас аст, ба ҳамаи касоне, ки мешиносед, далерона нақл кунед. Ман боварӣ дорам, ки *“Бедоршавии модашерон”* ба шумо таълим медиҳад, ки торикиро мағлуб намоед, ноумедонро наҷот диҳед ва якҷоя барои намоён кардани Подшоҳии Худо дар рӯи замин бархезед.

Азизон, ин паём ба куллӣ муҳаббат, роҳбарӣ, хидматгузорӣ ва бахшандагии маро дигар кард. Ман дуо мекунам, ки шумо низ, дар ин саҳифаҳо он чизеро, ки дар қалби Худо ҷойгир аст, пайдо карда, дигар шавед. Ман бо хурсандӣ барои шунидани он тайёр ҳастам, ки чӣ тавр ин паём шумо ва одамонеро, ки шумо аз ҷиҳати рӯҳонӣ парасторӣ мекунед, ламс кард.

Сидқан,





Лиза Бивери шумо
LisaBevere@ymail.com

MESSENGER
INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

# БЕДОРШАВИИ МОДАШЕРОН

# Фикру мулоҳизаҳо

Китоби *“Бедоршавии модашер*он*”* ба шумо барои дидани қувват ва зебоии пуршукӯҳе, ки Худо ба ҳар як зан ато кардааст, ёрӣ мерасонад. Ин китоб дар шумо дили модашерро бедор месозад, дар байни ташвишҳои ҳаррӯзаи ҳаёт барои бо сарбаландӣ ва бо ҷаҳду кӯшиши тоза хидмат кардан ба Худо илҳом мебахшад.

– Ҷойс Майер,
муаллифи машҳур ва омӯзгори Китоби Муқаддас

Лиза Бивер на фақат ҳақиқатҳои баландовозро эълон медорад, балки худи ӯ бо ҳаёти модашер зиндагӣ мекунад. Вай имондори пурсадоқат, ҳамсари бовафо, модари далер, суханвари шуҷоатманд ва нависандаи бузург мебошад. “Бедоршавии модашерон” шуморо барои иҷро кардани вазифае, ки Худо барои бунёд кардани Подшоҳии Ӯ дар замин пешакӣ бароятон муайян кардааст, рӯҳбаланд месозад. Ин яке аз китобҳои илҳомбахштарине мебошад, ки боре мо мутолиа кардаем.

– Ҷеймс ва Бетти Робинсон,
барандаҳои барномаи LIFE Today

“Бедоршавии модашерон” ба шумо барои бедор кардани қобилиятҳои бузурге, ки Худо бароятон ато намудааст, ёрӣ мерасонад. Азму иродае, ки Лиза барои рӯҳбаланд кардани дигарон дорад, ба шумо барои дар худ ошкор кардани арзиш, таъиноти азалӣ ва қобилиятҳои ҳайратбахше, ки шумо бо дигарон тақсим карда метавонед, кӯмак мекунад.

– Виктория Остин
яке аз шубонҳои калисои Lakewood
Хюстон, Техас

Дар “Бедоршавии модашерон” Лиза Бивер он лавҳаи ҷолиберо дар назари мо тасвир мекунад, ки масеҳиёни бедордил дар ҳама ҷабҳаҳои доираи таъсири худ - ҳаёти шахсӣ, калисо, ҷаҳон чӣ гуна саҳм гузошта метавонанд. Ин китоб хонандагонро рӯҳбаланд мекунад, ки ҳама гуна монеаҳоро паси сар кунанд ва таъиноти азалии Худоро барои ҳаёти худ дарк намоянд.

– Стовал Уимс,
шубони калони калисои Celebration
Ҷексонвил, Флорида

Лиза Бивер ҳамаи занонро даъват мекунад, ки бедор шуда, қувватеро, ки Худо ба онҳо додааст, қабул кунанд. Дар кадом давраи ҳаёте, ки набошед, "Бедоршавии модашерон" ба шумо имкон медиҳад, ки қувват ва ҷасорати худро дарк кунед ва роҳеро, ки Худо барои шумо муҳайё кардааст, бубинед.

– Эд Янг,
шубони калисои Fellowship
ва муаллифи китоби "Ту! Саёҳат ба умқи шаъну эътибори ту"

Китоби Лиза – ин каломи илҳомбахши Худост барои занон. Вақти он расид, ки рӯҳафтодагиро аз худ дур кунед, аз он чизе, ки шуморо маҳдуд месозад, озод шавед, меҳрубонии Худоро қабул намоед ва ҳама он чизеро, ки Ӯ мефармояд, иҷро кунед.

– Шерон Догерти
шубони калони Victory Christian Center
Талса, Оклахома

Ҳамчун ҳамкор дар киштзори Худо, Лиза Бивер ба мо ёдрас мекунад, ки латофати занона на танҳо аз муҳаббат, умед, шодӣ ва меҳрубонӣ иборат мебошад, балки аз ҷасорат, қувват ва эътимод низ. Ин китоб ба шумо мефаҳмонад, ки Худо орзуҳои моро хеле барвақттар аз он мебинад, ки худи мо мебинем. Он моро барои иҷро кардани рисолатамон ва барои дар тамоми замин паҳн кардани Подшоҳии Худо бедор месозад.

– Брайан ва Бобби Хюстон,
шубонҳои калони калисои "Хиллсонг" Австралия

Дар "Бедоршавии модашерон" ба воситаи Лиза мо қалби Худоро, ки занонро барои аз олуда кардани даст натарсида, бо матонат ва қуввати диловарона бархостан даъват мекунад, эҳсос карда метавонем! Дар "лонаи" худ истода, нигоҳ кардан ва дар пушти карахтии анъанаҳо пинҳон шуданро бас кунед. Ба Худо имкон диҳед, ки шуморо дар Подшоҳии Худ "барои ин вақти муносиб" барқарор кунад. Мо ба худ раво намебинем, ки боз ҳам зиёдтар мунтазир бошем: вақт ғанимат аст.

– Рон ва Кейт Люс,
асосгузорони Teen Mania Ministries

Ба ҳар як зан дар дунё лозим аст, ки ин паёми аз тарафи Худо илҳомбахш, яъне даъватро барои бедор шудан, бархостан ва дигар кардани ҳолатҳои маъмулии чизҳо хонда барояд! Лиза моро дар бораи он огоҳ мекунад, ки мо занҳо, агар фарқиятҳои худамонро ба як сӯ гузорем ва барои ҷавоби қонеъкунанда додан ба эҳтиёҷоти инсоният якҷоя меҳнат карданро сар кунем, ба корҳои бузургтар қодир мебошем.

– Ненси Алкорн,
асосгузор ва роҳбари Mercy Ministries

Китоби шавқовар ва ба фикррони водоркунанда "Бедоршавии модашерон" моро даъват мекунад, то ҳамон гуна шахсоне бошед, ки Худо ба вуҷуд овардааст.

– Маргарет Файнберг,
муаллифи китоби "Мавҷи садои муқаддас"
ва "Дар ҷустуҷӯи чизҳои илоҳӣ"

Дуои Лиза Бивер аз он иборат мебошад, ки як чизи бебокона, зебо ва ваҳширо дар даруни шумо, вақте ки ин китобро мехонед, бедор созад. "Бедоршавии модашерон" ба номи худ муносиб аст, чунки Лиза шахсест, ки ин дунёро беҳтар мегардонад.

– Дино Риззо,
шубони калони калисои Healing Place

Ҳамон лаҳзае, ки ба худ тасаввур мекунед, ки агар ҳар як зан барои рисолати таърихии худ ба таври ҳаққонӣ бедор шавад, чӣ рӯй дода метавонад, дар шумо умед тавлид мешавад. Ин китобро хонед ва дар даруни худ модашерро бедор кунед!

– Шарлотта Гембил,
асосгузор ва роҳбари Cherish Women Ministries,
ва ҳамчунин яке аз шубонҳои калони калисои Abundant life
Британияи Кабир

"Бедоршавии модашерон" барои сустдилон нест. Ин даъватест ба занон барои остин барзадан, даст ба кор андохтан, дарди ин дунёро ба худ гирифта, ба ҳама касоне, ки маҷрӯҳ, рӯҳафтода ва дилшикаста мебошанд, ҳузури ламскунандаи шифобахши Исоро бурдан. Агар шумо аз паи он чизе, ки надоред, давида, хаста шудаед ва тайёред, ки ҳаёти худро барои тақсим кардани он чизе, ки доред, бибахшед, пас ин китоб барои шумо аст.

– Мерилин Скиннер, асосгузори Watoto Child Care Ministries

Ваҳйи Лиза дар бораи модашер муҳим ва дар айни замон мувофиқи талаботи вақт аст. Дар тамоми замин мо бархостани насли далер ва боиффати занони имондорро мебинем. Ва на фақат инро, балки боз прайди модашерҳоро, ки қувват ва бовариашон ба воситаи қуввати Рӯҳи Муқаддас ва ҳузури шифобахши Худо барқарор карда шуда буд. На зани қудратпарастро, балки пурмуҳаббат ва ғамхорро, ки арзиши худро медонад ва мувофиқ ба он зиндагӣ мекунад. На махлуқи ҳаросонро, ки пинҳон шудааст, балки занеро бо суруди наве дар дил, бо суруди озодии ҳамаро фарогиранда дар Масеҳ. Чунин ғолиби ҷасур модашери бедоршаванда мебошад.

Ин китоби ҳаяҷонбахш барои ҳар як зане, ки барои ҷавоби зарурӣ додан ба муаммоҳои имрӯза ташна мебошад, таъин карда шудааст. Умедворам, вақте ки Лиза нигоҳи шуморо ба Шери Бузург аз қавми Яҳудо – Аслани ҳақиқӣ – Исои Масеҳ равона мекунад, “наъраи” дарунии худро пайдо мекунед.

– Крис Прингл,
шубони калони калисои C3

“Бедоршавии модашерон” қобилияти худододи Лиза Биверро дар бобати ошкор кардани ҳақиқатҳои рӯҳонӣ нишон медиҳад. Дар асоси онҳо вай дунёеро тасвир мекунад, ки дар он занон ҳамчун модашерони нотарс ва зебо бармехезанд, ки ҳадафи офарида шудани онҳо низ дар ҳамин аст.

– Кристин Кейн,
роҳбари Equip & Empower Ministries
ва роҳбари The A21 Campaign

Дар “Бедоршавии модашерон” Лиза Бивер диққати моро ба далерии фитрӣ, ғаризаҳои (инстинкт) муҳофизаткунандаи зан ҷалб мекунад ва қуввати занонро дар муҳориба барои рисолати худ ва рисолати он шахсоне, ки онҳо дӯст медоранд, нишон медиҳад. Умедворам, Лиза ба шумо ҳаракат карданро дар қувват ва файзи Худо ёд медиҳад, то ки қурбони ноумедӣ ва орзуҳои барбодрафта нагардед, балки қувват пайдо кунед, мардонагиро инкишоф диҳед ва ба ин дунё таъсир расонед.

– Усқуф Кортни Макбет,
шубони калони калисои Calvary Revival
Норфолк, Вирҷиния

# БЕДОРШАВИИ МОДАШЕРОН

*Бедор шав ва дунёи худро дигар кун*

## ЛИЗА БИВЕР

Lioness Arising by Lisa Bevere in Tajik
© 2020 Messenger International
www.MessengerInternational.org
Originally published in English as Lioness Arising
Additional resources in Tajik by John & Lisa Bevere
are available for free download at: www.CloudLibrary.org
To contact the author: LisaBevere@ymail.com

«Бедоршавии модашерон», Лиза Бивер, ба забони тоҷикӣ
© 2020 Messenger International
www.MessengerInternational.org
Дар аввал ба забони англисӣ бо номи «Lioness Arising» нашр гардидааст.
Адабиётҳои иловагии Лиза Бивер ба забони тоҷикӣ барои сабти ройгон дар сомонаи www.CloudLibrary.org дастрас мебошанд.
Суроғаи электронии муаллиф барои алоқа: LisaBevere@ymail.com

*Ба ҳамаи хоҳарон – модашерон,*

*ки дар худ чӣ тавр бедор шудани як чизи ваҳшӣ,*

*бебокона ва зеборо эҳсос мекунанд.*

*Ту пуршукӯҳӣ!*

*Ту барои ҳамин замон таваллуд шуда будӣ.*

*Аз қувват, саволҳо ё донишҳои худ ҳаросон набош.*

*Бедор шав, бархез ва ҷуръат карда, ҳама он чизҳоеро,*

*ки ту барояш офарида шуда будӣ, ошкор намо.*

# МУНДАРИҶА

1. Модашерро бедор кун . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 13
2. Қуввати номаълум . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 29
3. Шахсони бедор ва хатарнок . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 47
4. Тарс ва ҳайрат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 67
5. Қувват барои хидмат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 87
6. Мо як рисолат дорем . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 99
7. Салому алек ва парасторӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 121
8. Модашерон ба таври стратегӣ фикр ва амал мекунанд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 137
9. Модашерон дар рӯшноӣ зиндагӣ мекунанд ва дар торикӣ шикор . . . . . . . . . . . . . . . . . . 159
10. Сайругашт бо Шер . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 193
11. Аз пичиррос ба наъра . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 207

# 1

# Модашерро бедор кун

Табиат барои он офарида шудааст, ки бо рӯҳ забон як карда, моро озод кунад.
РАЛФ УОЛДО ЭМЕРСОН

Соли 1994, яке аз бегоҳирӯзиҳои маъмулӣ дар ҳамон давраи ҳаёти ман буд. Ман пас аз кӯшиши сахти ба тартиб овардани хонаи худ ба бистари хоб, дертар аз он ки мехостам, даромадам. Аз сабаб он ки ман модари ҳомиладор будам, ки аллакай соҳиби се фарзанд аст, он вақтҳо хеле бароҳат хоб мекардам. Ҳамон лаҳза, ки чашмонамро мепӯшидам, зуд маро хоб мебурд, дар ҳоле ки танҳо аз садои занги соат, ғавғои бачаҳо ё аз равшании нури офтоб, ки ба ҳуҷраи ман тулӯъ мекард, бедор мешудам. Вале ҳамон шаб, сахт хоб карда, ман аллакай то дамидани субҳ бо тамоми вуҷудам мушавваш гардида, бедор шудам.

Дар ин соатҳои барвақтӣ ман хоби аниқ ва ғайриоддие дидам. Умуман, чизеро хоб ном ниҳода, ман онро дар назар дорам, ки ба ман дар намуди суробҳо ва сояҳо намоён мешуд, вале ин рӯъё дигар хел буд. Ман бисёр вақт хобҳо мебинам, вале на ба он дараҷа равшан ва аниқ мисли ин хоб. Дар дунёи хоби худ ман ҳис мекардам, ки гӯё ҳама чиз аз ростӣ ба амал омада истодааст. Дар пеши назари ман манзарае аз олами дигар намоён шуда буд. Ман эҳсос намудам, ки дигар бо роҳҳои Заминӣ қадам намезанам. Ман дар ким-кадом ҷое дар Подшоҳии Осмон, дар макони пур аз нур, вале на хиракунандаи чашм истода будам.

Амвоҷи нур дар ҳама ҷо дурахшон ва ба ҳар ҷо паҳн шуда буд. На туман, на соя дида мешуд, танҳо равшании илоҳӣ. Ин равшанӣ моломоли рангҳои ботароват буда, дар худ он қадар тобишҳои пуробурангро инъикос мекард, ки ман ёрои бо сухан ифода кардани онро надорам. Рангҳои кушод бо якдигар қабат-қабат чида шуда ва бисёрҷанба буданд. Аз чӣ бошад, бештар аз ҳама, рангҳои бунафш ва кабуд дар ёди ман монд (фақат ин ки аз рангҳои мо фарққунанда). Ба ҳар ҷое, ки назар меандозӣ, на аввал дошту на охир, новобаста ба ин амвоҷи нур ба платформаи баланди иборат аз санги зебои зардтоб, ки дар он модашери тиллоӣ нишаста буд, ишора мекард.

Вай, бешубҳа, ороиши зоти худ буд – пуршукӯҳ, пурқудрат ва мӯҳташам. Модашер беҳаракат буд, вале ҳеҷ як шубҳае надоштам, ки вай зинда буд – ҳатто зиндатар аз ҳайвоноти заминие, ки ман дар ҳаракат дида будам. Ӯ сари худро бардошта, оромона ду пои аввали худро ба пеш дароз карда менишаст. Пашм ва чашмони вай зарринтоб буданд. Дар зери пӯсти ҳамвори қаҳваранги ӯ, ман ҳар як тарҳи мушакҳои чандири вайро дида метавонистам. Ин модашери пуршукӯҳи беҳаракат аз модашерони дунёи мо хеле қавитар, зеботар ва пурзӯртар буд. Ман ба он фикр фурӯ рафта будам, ки ба тимсоли Илоҳӣ назар мекунам.

Дар қисми пеши платформаи зебо чунин кандакорӣ карда шуда буд: Ададҳо XXIII.

Дар паҳлӯи ин модашер ман худамро хурд, ночиз, ҳузури худро дар ин ҷо аҷаб бемаврид ҳис кардам. Ман гӯё аз бадани худ ҷудо шуда будам ва ҳомиладории худро дар хотир надоштам. Ман медонистам, ки барои он дар он ҷо истодаам, то ки бубинам, бифаҳмам, бодиққат мушоҳида кунам, ва чунин амал карда, ягон чизи номаълумро омӯзам. Ба ман зарур буд, ки моҳияти ин рӯъёро дарк кунам. Новобаста ба он ки ман бо модашер танҳо истода будам, на тарсро эҳсос мекардаму на изтиробро. Ман аз дидани ин рӯъё танҳо моту мабҳут шуда будам, ба тавре ки рӯҳи ман аланга мезад ва шарики воқеае гардида будам, ки рӯй дода истода буд. Ман ҳама чизеро, ки маро иҳота мекард, чи қадаре ки имкон дошт, ба худ ҷаббида мегирифтам. Сипас ман ба чашмони модашери нигоҳ кардам. Ва дар ин лаҳза аз паси худ овозеро шунидам, ки мегуфт: *“Бо таваллуди ин писар ту дар худ модашерро бедор мекунӣ”.*

Дар партави тиллогини паҳну парешон, пуршукӯҳ ва тааҷҷубовар ҳама чиз тамом шуд. Чизи навбатие, ки ман дар ёд дорам, ин аст, ки субҳ дамид ва ман пурра бедор шудам. Ҳамаи ҳиссиётҳои ман гӯё, на он қадар аз тарс, балки аз ҳаяҷоне, ки аз сар гузаронида будам, карахт шуда буд. Ман ҳозиракак шоҳиди чӣ гуна воқеа шуда будам? Пас аз андаке вақт ман фаҳмидам, ки дунёи мо ин як ошкоршавии нопурра, бо вақт маҳдуд ва хира кардашудаи олами ҳақиқӣ, абадӣ ва комили осмонӣ мебошад.

## Ҳамчун модашер бархез

Субҳи барвақт аз хоб пурра бедор шуда, дар бистар дароз кашида, дар ҳоле ки дилам зуд-зуд таппиш карда ва тамоми баданам меларзид, ман эҳсос кардам, ки Худо ба ман ин рӯъёи модашерро фиристод, то ки ба ман он чизеро нишон диҳад, ки дар рӯзҳои муқаррарӣ аз даст дода метавонистам. Аммо дар ин ҷо Ӯ пурра диққати маро тасхир кард. Ман ҳар як гӯшаи қалби худро мешунидам. Ҳуҷраи ман мутақобилан ба ҳамон олами пуробуранг, ки ҳозиракак ман дида будам, хира ва хушку холӣ буд. Садоҳои саҳарӣ дар муқоиса бо овози ҷарангосии ондунёӣ сусту хомӯш ба назар мерасид. Ман аз ҷунбидан ва маҳрум мондан аз лаҳзаи охирини ин рӯъё тарсида, карахт мондам. Ман чашмонамро пӯшидам. Бале, ҳама чиз ба мисли пештара буд: модашер, платформа, хати кандакорӣ кардашуда, манзараи хушрангу зебо ва овоз.

Пас аз андаке вақт дили ман оромтар шудан гирифт, ман осуда шудам ва чашмонамро кушодам. Аз ҳисси кунҷкобӣ ба хате, ки дар платформа кандакорӣ карда шуда буд, ман аз ҷогаҳ барнахоста, ба Китоби Муқаддас рӯ овардам. Ба ман шавқовар буд, ки оё бо боб ё ояти мушаххас ягон алоқамандие мавҷуд буд? Агар бошад, пас дар боби 23-юми китоби Ададҳо чӣ навишта шудааст? Вақте ки ман, саҳифаҳоро варақгардон карда, мундариҷаи тарҷумонро дидам ва ошкор кардам, ки ин порча пешгӯии Билъом аст, дар ҷоям карахт шуда мондам. Ман медонистам, ки ӯ набии ҳаққонӣ, вале тамаъкор буд. Ман ҳеҷ чизро ҳис накарда, хонданро давом додам, то вақте ки ба ояти 19 расидам:

> Худо одамизод нест, ки дурӯғ бигӯяд, ва писари одам нест, ки аз ваъдаи худ пушаймон шавад: оё Ӯ сухане мегӯяд — ва ба ҷо намеоварад? Ва оё Ӯ қавле медиҳад

> — ва иҷро намекунад? Инак, ман маъмур шудаам, ки баракат бидиҳам. Ва Ӯ баракат додааст, ва ман наметавонам онро ботил намоям. Ӯ хабосате дар Яъқуб надидааст, ва ноинсофие дар Исроил мушоҳида накардааст. Худованд Худои онҳо бо онҳост, ва нидоҳои шодӣ дар шаъни подшоҳашон дар миёни онҳост. Худо онҳоро аз Миср берун овард, — Ӯ мисли шохҳои бузи ваҳшӣ пурқувват аст. Ба яқин, Яъқубро ба ҷодуе ҳоҷат нест, ва Исроилро ба афсуне ҳоҷат нест; ҳар вақт ба Яъқуб ва ба Исроил гуфта хоҳад шуд, ки Худо чӣ корҳо мекунад (Ададҳо 23:19-23).

Ин суханон вафодории Худоро хеле хуб ифода мекунанд. Ваъдаҳои Ӯ қавӣ ва устувор мебошанд. Баракатҳои Ӯ ҷовидонӣ ҳастанд. Ба туфайли вафодории Худо Исроил ба ояндае, ки аз оқибатҳои зишти сеҳру ҷоду ва лаънатҳо ҳимоя кардашуда ва озод аст, умед баста буд. Ҳамаи ин ба ман он чизҳоеро, ки аллакай медонистам, хотиррасон мекард, вале ана ин ояти навбатӣ маро ба ҳайрат овард:

> *Инак, ин қавм мисли шери мода хоҳанд бархост ва мисли шери нар баланд хоҳанд ҷаст, ва то нахҷирро нахӯранд ва хуни мақтулонро нанӯшанд, нахоҳанд хобид.*
>
> Ададҳо 23:24, аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст.

Бо ларз ман ин суханони ҷиддиро, ки дар коғази нозук чоп карда шуда буд, такрор ба такрор мехондам: *"...мисли шери мода хоҳанд бархост ва мисли шери нар баланд хоҳанд ҷаст..."*. Дар пеши назари ман гӯё ҳаққонӣ чунин манзара падидор шуд: шер ва модашер, ки аз алафзор бармехезанд. Ва, вақте ки онҳо бархостанд, ин манзара аз беҳаракатӣ ба намуди электрикӣ кунонидашуда табдил ёфт. Ҳамаи махлуқоти зинда ҳис карданд, ки шерҳо мавқеи худро дигар карданд, ва бинобар ин бодиққат онҳоро мушоҳида менамуданд. Шерҳои зарринтоб акнун хоб намекарданд: ёзида, нафас мекашиданд ва ба ҳаракат кардан тайёр шуда, ҳудуди худро назора мекарданд. Шояд, онҳо гурусна ва аз ҳузури душман, ки сарҳади муайян кардашударо вайрон мекард, ноором шуда буданд, пас, ин чунин маъно дорад, ки вақти он расидааст, то дар ин ҷо кӣ будани хӯҷаин бояд нишон дода шавад.

Аз ҳамон лаҳзае ки шерҳо бархостанд, шиддат хомӯш намешуд, то он вақте ки онҳо ҳаракат карданро бас намекарданд.

Агар шерҳо дар вазъи шиддатнок боқӣ мемонданд, пас то вақте ки шерҳо бо тӯъмаи худ шиками худро сер намекарданд, ҳамаи ҳайвонҳо ором намешуданд.

Бо бедоршавии онҳо ман зоҳиршавии қуввати онҳоро ҳамчунин дар рӯҳи худ ҳис кардам. Оре, кӣ ба шер ва модашере, ки баъд аз лаҳзаи роҳат бархоста, ба ҳаракат медароянд, нигоҳ карда, дар тааҷҷуб ва ғафлат намемонад? Аз он назар кандан имконнопазир мебошад. Вале ин барои ман чӣ маъно дошт? Ин ҳайвони ваҳшии пурқудрати зарринтоб ба ман чӣ алоқамандие дошт?

Рӯъё якбора ҳам шавқи маро бедор мекард ва ҳам маро аз худ дур менамуд. Ба ман писанд буд, ки чӣ тавр дар нури офтоб модашерон ба монанди гурбаҳо ғелзанӣ мекарданд, вале манзараҳои шикор ва қатл маро метарсониданд ва ҳатто нафратамро бедор менамуданд. Вақте ки ман барномаҳои *National Geographic ё Wild Kingdom-ро тамошо мекардам, ҳангоме ки гурбаҳои калон ғизол ё гӯрхарро мехӯрданд, ман чашмонамро мепӯшидам.*

*Вақте ки ин фикрҳо дар сари ман пайдо шуданд, ман суханонеро, ки дар вақти дидани рӯъё шаби гузашта гуфта шуда буд, ба хотир овардам: "Бо таваллуди ин писар ту дар худ модашерро бедор мекунӣ". Ин чӣ маъно дошта метавонист? Ман дар байни модашери қавӣ, далер ва бузургҷусса ва зани ҳомиладор алоқамандие надидам. Маро модашер номидан хандаовар буд. Ман сабзавот истеъмол мекардам, сахт аз гӯшт парҳезкунанда будам, на даррандаи хунхӯр. Маро айнан ҳама он чизе, ки берун аз ихтиёри ман буд, ба даҳшат меовард; бисёр вақт ҳангоми вохӯрдан бо одамон ман худро дудила ҳис мекардам. Махсусан маро занҳои қавӣ ва дилпур ба тарс меоварданд.*

*Ҳомиладорӣ бароям гӯё як баҳонае барои сукути ман буд. Ҳангоми яке аз лаҳзаҳои пурҳарорати дуо чанд моҳ пеш аз ҳомиладор шуданам ман тамоми эътирозҳои худро як сӯ гузошта, ба Худо гуфтам: "Хуб! Ман аз они Ту ҳастам. Бигзор иродаи Ту дар ҳаёти ман ба амал ояд! Ҳама он чизе, ки Ту мегӯӣ,* иҷро мекунам. Ман ҳатто ба занон муроҷиат мекунам, агар Ту *инро мехоҳӣ". Гарчанде ман дар он вақт намефаҳмидам, ки чиро ба онҳо гуфта метавонистам.*

Вале ҳомиладор шуда, ман фикр кардам, ки ҳамаи ваъдаҳои

ман акнун бекор шуданд. Ман ба қароре омадам, ки супориши Худо ва розигии ман ба он ба мисли омодагии Иброҳим барои қурбонӣ кардани писари худ Исҳоқ як санҷиши ба худ хосе буд. Шояд, ман ҳамту барои омодагии худ холҳои иловагиро соҳиб мешавам, вале бо ин тарз ҳеҷ гоҳ ба ман лозим ҳам намешавад, ки ваъдаҳои худро иҷро кунам.

Вале баъд аз ин рӯъё ман дарк кардам, ки розигии ман то ҳомиладорӣ ҳоло ҳам аҳамияти худро нигоҳ хоҳад дошт.

Аммо сухан дар бораи писар чӣ маъно дорад?

Чунки дар вақти ҳомиладорӣ ман гумон мекардам, ки ман духтар таваллуд мекунам. Ҳар касе, ки ман вомехӯрдам, мегуфт, ки ман духтарча таваллуд мекунам. Ҳеҷ касе ҳатто аз эҳтимоли таваллуд шудани писар ёдовар нашуд. Ман ягона касе будам, ки соҳиби боз як писар шуданро пинҳонӣ умед мекард.

*Ман ба гӯшҳои худ бовар накарда, сар ҷунбонидам. Агар ягон чизе аз ин рост ҳам бошад ва маро лозим мешавад, ки ба модашери ба худ хос табдил ёбам, пас, албатта, боз ягон кас дигаргуниҳои наздик шудаистодаро пай мебурд. Ин рӯъё такроран боз як далели ҷиддиро талаб мекард.*

## Дар ҷустуҷӯи далел

Якчанд ҳафта сипарӣ шуд, ва ба шаҳри мо башоратдиҳандазане, ки ман хеле эҳтиром мекардам, ташриф овард. Ин имконияти ман буд! Ӯ маро ва боз як дугонаи ҳомиладорамро ба хӯроки нисфирӯзӣ таклиф кард. Дугонаи ман соҳибкор-зани муваффақе буд, ки имони мустаҳкам дошта, минтақаи худ – Осиёро бо мавъизаи Инҷил ба ларза оварда буд. Шояд ин рӯъё дар бораи модашер ба вай дахл дошт?... Ман азм кардам, ки ба таври қатъӣ ин масъаларо дар вақти хӯроки нисфирӯзӣ ба миён гузорам ва ба аксуламали вай нигоҳ кунам.

*Вақти хӯроки нисфирӯзие, ки мо доштем, ба як рӯзи зебои офтобӣ дар Winter Park дар Флорида рост омад. Пас аз он ки ҳар сеи мо дар шаҳр андаке сайругашт кардем, ниҳоят ман, дар бораи он ки чӣ тавр дар бораи модашер дар вақти сӯҳбати дӯстона ҳангоми харидкунӣ ёдрас кунам, фикр карда, худро ба сари миз нишонидам. Баъдтар вақте ки мо хӯрок мехӯрдем, барои ман чунин имконият фароҳам омад.*

*Дугонаи ман гуфт, ки вай духтар интизор аст, зани*

*башоратдиҳанда бошад, бо вай ҳамфикр шуда, аз он хурсанд шуд, ки ман низ, эҳтимол, духтар таваллуд кунам.*

- Вале агар боз як писар таваллуд шавад-чӣ? – пурсидам ман.

Вай аз он ба ҳайрат афтод, ки ман чунин гумон мекунам, бо он асос, ки ман аллакай се писар дорам ва ба Ҷон духтарча лозим аст, то ки вайро бо ғамхорӣ фаро гирад. Маҳз дар ҳамин вақт ман азм кардам, ки дар бораи хоби худ оиди модашер ва пешгӯӣ дар бораи писар нақл кунам.

Ман аз он дилпур набудам, ки ин ягон маъное дорад. Аслан, ман медонам, ки маъное надошт. Ба замми ин ман худам он қадар ба ин бовар надоштам. Ман медонистам, ки рӯъё воқеӣ буд, вале аз нороҳатии худ ман ба ҳар ҳол алоқамандии худро ба тимсоли модашер дуруст ба эътибор намегирифтам. Ман барои баён кардани ҳиссиёте, ки аз сар гузаронида будам, кӯшиш карда, нақл карданро давом додам, вале ман чӣ тавр интизор шуда метавонистам, ки маро мефаҳманд, дар ҳоле ки худам дар ҳайрат монда будам? Нутқи парокандаи ман дар симои ҳайратзадаи онҳо акс ёфт. Ман ба фаҳмиши онҳо мувофиқ наомадани суханонамро донista, зуд нақл карданро бас кардам.

Оқибати ин як фосилаи дарози ногувор буд, ки ҳангоми он зани башоратдиҳанда, бо шубҳа ба ман нигоҳ карда, пурсид:

- Тақрибан дар кадом сана ту бояд таваллуд кунӣ?
- Даҳуми октябр – ошуфтаҳолона ҷавоб додам ман, худро аз он сабук ҳис карда, ки ягон чизи маънодоре гуфта метавонам.
- Не, не, ғайриимкон аст, ки то он вақт ту модашер гардӣ.

Ман фарёд кардан мехостам: "Ман розӣ ҳастам!", аммо, худро нохуш ҳис карда, танҳо сар ҷунбонидам. Аз як тараф, ман сабукӣ ҳис кардам, аз тарафи дигар – андаке хашмгин, ошуфта ва ҳатто каме таҳқиршуда будам.

Вай бо гуфтани он ки то он вақт ман модашер гардида наметавонам, чиро дар назар дошт? Ҳанӯз баҳор буд, ва то октябр боз бештар аз панҷ моҳи дигар боқӣ монда буд. Дар ниҳояти кор, ин табдилшавӣ ба модашер чанд вақтро дар бар гирифта метавонист? Дар асл барои чӣ ман рӯъёи худро нақл кардам? Маро лозим буд, ки интизор шуда, бифаҳмам, ки оё дар ҳақиқат ман писарбача таваллуд мекунам.

Ошуфтаҳолии маро фаҳмида, зан гуфт:

- Дар ту ҳоло бисёр чизҳое ҳастанд, ки аз болояшон Худо бояд кор барад... Ва инро то октябр ба охир расонидан ғайриимкон аст.

Ана, акнун фаҳмо аст. Новобаста ба он ки ба ман ростгӯии ин зан маъқул нашуд, бо фикри ӯ розӣ шудам. Вақте ки ман хомӯш мондам ва ба фикрҳои худ иҷозат додам, ки бо ман бимонанд, сӯҳбат ба рафти мӯътадили пештараи худ баргашт. Ман бо шубҳаҳо ва дудилагиҳои худ дар соҳаҳои зиёди ҳаёт азоб мекашидам. Ҳатто шавҳари ман Ҷон ҳамеша ба ман мегуфт: “Лиза, шояд, бо ин мафкураи худ ба ту зиндагӣ кардан мушкил аст, зеро чӣ қадар нороҳатӣ ва тарс туро пур мекунад”. Вай ҳақ буд. Ва боз ҳам мушкилтар ва мушкилтар мегардид. Ман аз лоиҳаи тӯлонии барқарорсозӣ будан дилгир шуда будам.

## Дигар ҳеҷ гуна баҳонаҳо

Дар давоми бисёр солҳо ман баҳона меҷустам. Ман зане будам, ки бемории саратонро аз сар гузаронидааст, модар-соҳибхоназане бо гузаштаи ногувор, ки танҳо мехост бачаҳои томактабии худро нигоҳубин кунад. Оё имкон дошт, ки Худо барои ман нақшаи бузург дошта бошад? Наход ягон чизи пурқуввате ва ҳатто ҷасуронае дар ман бедор шуда метавонист? Шояд, далер будан ба ман муносиб буд. Ба ҳар ҳол магар ман дар ҷавонӣ таваккал карданро дӯст намедоштам? Вақтҳое буданд, ки ман дар хаёлоти худ кори ояндаамро аз одамкуши кироя то кайҳоннаворд дигаргун мекардам.

Бале, ман мехостам андаке ҳамон далериеро, ки барои мувофиқ шудан ба симои ҳамсари шубон ва масеҳии меҳрубон гум карда будам, баргардонам. Ман тайёр будам, ки каме ба ҳаракат дароям, то ки бо қувват ва зебоӣ фаро гирифта шавам. Ман дилгир аз он шуда будам, ки маро ҳамчун одами заиф ва нолишкунанда шиносанд. Ман дилгир аз он шуда будам, ки бо эҳсоси дардҳои гузаштаи худ зиндагӣ кунам. Ман ба даъват шудан тайёр будам. Ба ман маъқул буд, ки шавҳари ман масеҳии пурҳарорат ва қавӣ буд, вале ман безор аз он шуда будам, ки дар пушти ӯ пинҳон шавам. Ҳамеша дар бораи чизҳои дуюмдараҷа фикр кардан ба дилам зад. Худро дигар хел вонамуд кардан дилгирам кард. Шояд, рӯъёи модашер айнан ҳамон чизе буд, ки ман ба он эҳтиёҷ доштам!

Ба ҷои он ки меҳрубон ва эҳтиёткор бошам, ман тайёр будам, ки андаке далер ва ҳам айнан мақсаддор бошам.

Ҳамон рӯз, баъд аз хӯроки нисфирӯзӣ, ман чанбараки мошинро аз пештара маҳкамтар дошта, ба сӯи хона мерафтам. Ман қарор кардам, ки дар “хонда”-и нисбатан бехатар имтиҳон кунам, ки модашер будан чӣ гуна аст. Ман дар таҳти яке аз навтарин мусиқиҳои масеҳӣ андаке рақс карда, шишаҳои паҳлӯии автомобили худро поён фаровардам ва ба шамол, на ба кондитсионер, иҷозат додам, ки “ёли” маро ба алвонҷ орад. Ҳоло ҳамаи ин рафтори бачагонаро ба ёд меорад (илова бар ин ки модашерҳо ёл надоранд). Ба воситаи линзаҳои гурбашакли айнак ман дар оинаи паҳлӯии нишондиҳандаи ақиб мӯйҳои зебои ҷингиларо дидам... Исто, наход ман дар ин мӯйҳо зарринтобии модашери ваҳширо мебинам?

То октябр наметавонам? Э-ҳа*! Ман ҳоло кӣ буданамро нишон медиҳам! Модашер - ин ман!*

Бо ҳамин тариқ ҳамаи ин силсилаи воқеаҳои иборат аз беназокатии ман дар вақти хӯроки нисфирӯзӣ, суханони рӯирости дугонаам ва бисёр дигар лаҳзаҳои ба якдигар беробита ибтидои воқеаҳои аҷибе гардид. Чунин ба назар мерасид, ки гӯё касе маро ба ҷанги тан ба тан даъват карда бошад, ва ман ин даъватро қабул кардам.

Бо таваллуди шудани писарам Арден Кристофер (маънои номи ӯ “оташин, боҷуръат, масҳшуда” аст) чизе дар даруни ман дигар шуд. Новобаста ба он ки пайдо шудани боз як кӯдак серкории зиёдтарро ба вуҷуд меовард, ман диққати худро ба он равона кардам, ки духтар бошам. Худатон мефаҳмед, ки ба мисли ҳама модарони дигар, робитаи ман бо Худо базӯракӣ буд. Ман наздик ба он будам, ки дар ҳаёти рӯзмарра ба давуғеҷ дода шавам. Ман он қадар ба чизҳое вобаста шуда будам, ки бояд иҷро мекардам, чизҳое, ки ба назари ман хеле муҳим менамуданд ва то ба дараҷае бисёртару бисёртар мешуданд, ки ман кӣ будани худамро фаромӯш мекардам. Маро шубҳаҳо пур карданд. Ҳаёти ман ночиз, худбинона, маҳдуд, риққатовар ва бесамар буд. Ман медонистам, ки чӣ ном дорам, шавҳари ман кӣ аст, фарзандони ман киҳо мебошанд, вале ташвишҳои рӯзгор ва масъулияте, ки ман ҳамчун модар ва ҳамсар ба ӯҳда доштам, маро маҷбур карда буданд, ки духтари Худо буданамро фаромӯш кунам.

Вақте ки ман инро дарк кардам, Худо бо овози ором маро қавӣ ва бо номи дигар хонд. Барои дигарон ман номе доштам, ки ба навъи фаъолияти ман алоқаманд буд. Ман барои фарзандони

худ модар, барои шавҳарам ҳамсар, барои имондорони калисо завҷаи шубон, вале барои Худо ман ҳамту духтар будам. Вақте ки ман ба он диққати худро равона кардам, ки бо тамоми оқибатҳояш ҳамту ба Ӯ мансуб мебошам, қуввати ҳаёт рӯзҳои муқаррарии маро пур кард ва дар қалби ман оромӣ пайдо шуд. Қалби ман васеътар шуд.

Баъд аз таваллуди Арден ман аз сояи норасоиҳо, тарс, нокомиҳо, мавзеи бароҳати худ баромаданро сар кардам, то ки ба дигарон кӯмак карданро шурӯъ намоям. Дар давраи ширхӯрии Арден ман китоби аввалини худро бо номи “Ман ҳаёти худамро назорат намекунам, ва ин ба ман маъқул аст” навиштам. Навиштани ин китоб дар назди ман олами дигареро боз кард. Ногаҳон ман ба занони миллати худ, ки ташнаи самимият шуда буданд, муроҷиат кардам. Ҳамчун ҷавоб ба дард, ташнагӣ ва эҳтиёҷи онҳо барои муносибатҳои солим навиштани китобро давом медодам.

Бо гузашти вақт мо аз хонаи худ дар Флоридаи офтобӣ, тасфон ва намнок ба хонаи дигар дар Колорадои офтобӣ, сард ва хушк кӯчидем. Кӯчидан ба Колорадо оилаи моро водор кард, ки дар сари як мизи доирашакл ҷамъ шуда, вақти бисёртарро бо ҳам гузаронем. Ғайр аз ин мо маҷбур будем, ки бисёр чизҳоро дар тарзи ҳаёти худ дигар кунем. Дар даҳсолаҳои минбаъда бо қаноатмандӣ аз он ки ман дигар гурбаи хонагии тарсону шармгин набудам, ман чанд маротиба (на он қадар бисёр, ки инро мушоҳида карда шавад) ба он ки модашер номида шудам, ҳамту табассум карда мемондам. Ман фикр мекардам, ки дигаргуншавии ҳаёти шахсии ман қариб ба охир расид ва қисса бо модашер хотима ёфт.

Вале ман хато мекардам.

## Лиза, ин ба ту дахл надорад

Тирамоҳи соли 2007 модашер боз ба ҳаёти ман ташриф овард. Ман яке аз меҳмонҳои мавъизакунандаи анҷумани занона дар Зеландияи Нави хушманзара будам. Ба ин анҷуман он қадар одамони зиёд омада буданд, ки калисоҳое, ки инро ташкил карда буданд, маҷбур шуданд, ки ду анҷуманро пайдарҳам гузаронанд, то ки ҳамаи хоҳишмандонро ҷой диҳанд.

Анҷумани якум дар бинои калисо доир гардид, дуюминаш бошад дар Auckland arena. Мо анҷумани якумро ба охир

расонидем ва барои гузаронидани анҷумани дуюм дар саҳна истода будем. Ҷамъомад сар шуд. Суханварон одамони босалоҳият, дилсӯз ва вафодори Калом буданд. Вале бо кимкадом як сабаби номаълум ҳангоми танаффуси хӯроки нисфирӯзӣ ман асабонӣ шудан гирифтам. На аз он сабаб ки ба таври лозима тайёр набудам, – зеро ба ман лозим буд, ки он чизҳоеро, ки дар анҷумани якум гуфта будам, такрор кунам. Вале ба ҳар ҳол, кимчӣ хел муқобилатро ҳис карда, пеш аз мавъиза кардан зарурати дуо гуфтанро дарк намудам. Ман медонистам, ки ин на аз иштирокдорон, ки худашон ба ин қарор омада буданд, на аз суханварони дигар ва на аз калисои ташкилкунанда бармеомад. Мо ҳама як дил доштем, ва ҳамаи мо барои парастиш, мавъиза ва рӯҳбаланд кардани занон бо тайёрӣ омада будем. Вале дар он муҳит боз чизе ҳис карда мешуд. Худо мехост, ки диққати маро ба Худ ҷалб кунад. Ба ман лозим буд, ки дар танҳоӣ ҳамаи ин чизро ҳаллу фасл кунам, бинобар ин ман ба ҳуҷраи худ дар меҳмонхона, ки тирезааш ба халиҷ дар Окленд нигаронида шуда буд, баргаштам. Ман дастонамро ба сӯи халиҷ дароз карда, дар бораи роҳнамоии Худо ва идрок дуокунон дар ҳуҷра гаштугузор мекардам, ва ҳамчунин ба суруде, ки аз iPod-и худам садо медод, ҳамовозӣ менамудам: “Мо ҳамеша пирӯзмандона хитоб мекунем!”. Барои омода кардани қалби худ, барои ҳама он кори неке, ки Худо дар ҳаёти ман ба амал овард, ман ба шукргузорӣ кардани Ӯ сар кардам. Ба наздикӣ ман омодасозии охиринро барои дастхати китоби нави худ *“Қуввати* ғамхории занона” тамом карда будам, бинобар ин ба Худо арзи сипос кардам, ки ҷараёни навиштан ва таҳрир кардан ба охир расонида шуд. Барои ман навиштани китоб ба таваллуд кардан монанд аст, ана барои ҳамин дуои ман тақрибан чунин садо дод: *“Ташаккур, Худованд! Ин иҷро шуд! Ман вақтҳои наздик дигар қалам ба даст намегирам!”*

Ногаҳон ман ҳис кардам, ки Худо ба рӯҳи ман гап зад: *“Афсӯс, ки ту чунин фикр дорӣ... чунки Ман мехоҳам, ки ту аз нав навиштанро сар кунӣ”.*

Чӣ? Ман ба Худо даркор ҳастам?

Худованд сухан гуфтанро давом дод: *“Ман ба ту рост аз Осмон* дастур медиҳам. Ту онро аз Каломи ман дарёфт мекунӣ. Ту ҳамаи нишондодро ба пуррагӣ намефаҳмӣ, бинобар ин Ман ба ту онро қадам ба қадам ошкор мекунам. Ту бояд бинависӣ ва он чиро ки ман мегӯям, дар хотир дошта бошӣ, то, вақте ки

духтарони Ман ҷамъ мешаванд, шумо тасвири комилро бубинед. Агар ту ҳиссачаи муаммои худро ҷо надиҳӣ, тасвир комил намешавад".

Ногаҳон дар пеши назари ман боз модашер пайдо шуд.

Тавоноӣ ва зебоии тасхиркунандаи вайро мушоҳида карда, ман шунидам, ки Худо чӣ гуфт: *"Ман гуфтам, ки бо таваллуд шудани писар ту модашерро дар худ бедор мекунӣ. Ман нагуфтам, ки ин модашер ту ҳастӣ".*

Ногаҳон ман дарк кардам, ки мафкураи ман чӣ қадар маҳдуд, беақлона ва инсонӣ будааст. Худо сухан гуфтанро давом медод: *"Исо – Шери Яҳудо, ва вақти он расид, ки арӯси* Вай модашерро бедор кунад. Хислат ва тарзи ҳаёти модашерро биомӯз".

Сипас ман принсипи аввалро шунидам:

Модашерон якҷоя шикор мекунанд.

Ман ба ҳайрат афтодам. Он чизе, ки ман шунидам, оё ба Китоби Муқаддас мувофиқ аст? Ҳамаи ин чӣ маъно дошта метавонад? Занҳои масеҳӣ танҳо акнун ба он фикр одат карданд, ки қуввати онҳо дар назокати занонаи онҳо аст ва арзиши онҳо дар парвариш кардан мебошад, ҳоло бошад Худо мефармояд, ки ман онҳоро модашерон ном ниҳам. Чӣ тавр яке ба дигаре мувофиқ меояд?

"Эҳтимол, Худо мехоҳад, ки ягон чизи далер ва ваҳшиеро дар даруни духтарони худ бедор кунад?" – фикр кардам ман.

Дар пеши назари ман боз боби 23-юми китоби Ададҳо падид омад, ва дар он ман даъвати бархостанро ба занони масеҳӣ дидам. Айнан дар ҳамон лаҳза ман азм кардам, ки ҳаёти модашеронро омӯзам ва шабоҳатҳоро дар байни онҳо ва духтарони Худо пайдо кунам. Ду соли охирро ман бо тадқиқот, мушоҳида ва тавсифи модашерон гузаронидам. Дар аввал ман гумон мекардам, ки шабоҳати байни занон ва модашеронро танҳо ба маънои аслиаш, яъне дар бораи рӯъёе, ки Худо ба ман дод, нақл накарда, пайдо кунам, вале бо мурури вақт ман дарк кардам, ки рӯъё набояд танҳо аз они ман боқӣ монад. Модашер на барои он ба ман нишон дода шуда буд, ки ман ягон шахси соҳибимтиёз ҳастам. Ҳамчунин ман ин рӯъёро на аз барои он аз сар гузаронидам, ки набия ҳастам. Он ба ман барои он нишон дода шуд, ки Худо медонист: рӯзе ман онро ба самъи ҳама мерасонам.

Ҳар дафъа, вақте ки ман ибораи "Ту модашерро бедор мекунӣ"-ро ба забон меовардам, – ман дар ҳақиқат медидам, ки он ба занон

чӣ гуна таъсир мерасонад. Баъзан аксуламал оромона, вале бо ашкрезӣ буд, гӯё ки дар даруни онҳо чашмае кушода шуда бошад. Баъзан нафас онҳоро гулӯгир мекард, гӯё ки онҳо айнан ҳамон лаҳза кушоишеро фурӯ бурда бошанд ва дарк менамуданд, ки боназокат ва далер будан барои онҳо як чизи муқаррарӣ аст. Ман боварӣ дорам, ки аксуламал ба таври ҳайратовар мусбӣ буд, чунки дар ҳар як духтари Худо ҳам барра ва ҳам модашер ниҳон аст. Ва вақти он расидааст, ки ин модашер бедор карда шавад.

Дар бораи модашер фикр карда, чеҳраи ман аз ханда пур мешавад. Ман китфонамро васеъ ва қоматамро рост менамоям. Модашер аз ҳамаи мавҷудоти дигар ба ман бештар имкон медиҳад, ки худро ҷинси латиф эҳсос кунам, чунки қуввати вай дар зери шубҳа намемонад. Ҳамчунин зоҳиран, ғайр аз шер мавҷудоти дигаре нест, то ба мард имкон диҳад, ки аз мардонагии худ фахр кунад. Шер подшоҳи тамоми ҷонварон аст, бинобар ин саволе ба миён намеояд, ки пас малика кӣ аст.

## Мушоҳида кун... ва биомӯз

На бори аввал Худо барои нав кардани фаҳмиши мо диққати моро ба соддагии коинот ҷалб мекунад. Масалан, Исо ба мо маслиҳат медиҳад, ки ба гулҳо назар дӯзем ва биомӯзем, ки Худо дар ҳаққи мо нисбат ба онҳо бештар ғамхорӣ карда метавонад (ниг.: Матто 6:28; Луқо 12:27). Айнан ҳамин тавр Осмонҳо ҷалоли Худо ва адолати Ӯро зоҳир мекунанд (ниг.: Забур 18:2; 49:6).

> Осмонҳо адолати Ӯро баён мекунанд, ва ҳамаи қавмҳо ҷалоли Ӯро мебинанд.
>
> Забур 96:6

Зебоии аҷиб ва далеронаи махлуқот ҳамчун тирезае имкон медиҳад, ки ба Худо, ки моро офаридааст, назар афканем. Ба мо лозим аст, ки ин тирезаро кушоем ва ба зебоии бефано ва беканори Худо имкон диҳем, ки дар мо тарсу ларзи осмониро бедор кунад. Вақте ки мо бо нигоҳи фарох ба мӯъҷизаҳои офаридаҳои Ӯ нигоҳ кунем, ин дар мо ташнагиро барои Худо бедор мекунад. Рӯҳи мо аз он чизе, ки мо мебинем, муассир мегардад. Офариниш эълон мекунад: "Чизи бузургтаре ҳаст! Бузургтар аз он, ки ту мебинӣ! Бузургтар аз он, ки ту мешунавӣ! Бузургтар аз ҷисми фонӣ. Худои бефаное ҳаст, ки дар қудс менишинад.

Исои Масеҳ ҳамчун барраи забҳшуда пеш аз бунёди замин омад, вале Китоби Ваҳй инчунин ӯро ҳамчун Шер зоҳир мекунад:

> Ва яке аз он пирон ба ман гуфт: «Гирья накун; инак, шере аз сибти Яҳудо, ки решаи Довуд аст, ғолиб омад, то китобро воз кунад ва ҳафт мӯҳри онро бардорад.
>
> Ваҳй 5:5

Ӯ дар як вақт ҳам Шери мо ва ҳам Барраи мо аст. Аҷиб, оё ду образи ба ҳам муқобил бо ҳам мувофиқ меоянд? Дар Ваҳй гуфта шудааст, ки Шер аз қавми Яҳудо “(метавонад) ...ҳафт мӯҳрро бардорад”. Юҳанно, муаллифи ин китоб, вақте ки ба тамоми осмон, замин ва ҳатто олами зеризаминӣ чашм андохт, касеро пайдо накард, ки сазовори кушодани ҳафт мӯҳр бошад ва қадам ба қадам ояндаро ошкор кунад. Сипас пире дар паҳлӯи Юҳанно ӯро рӯҳбаланд кард, ки нигоҳ кунад, чунки дар Барраи мо зуҳуроти Шер буд. Танҳо Ӯ сазовори кушодани ҳафт мӯҳр буд.

> Табиат барои он офарида шудааст, ки бо рӯҳ забон як карда, моро озод кунад.
>
> – Ралф Уолдо Эмерсон

Дарронидан ва пора кардан – ин дар асл кори бераҳмона аст. Ман зуд пардаи маъбадро, ки ба ду ҳисса дарронида шуда буд, ба хотир меорам (ниг.: Марқӯс 15:38), илова бар ин аз боло ба поён. Ба ман ин писанд аст, чунки Худо ҳамеша он чизҳоеро, ки моро аз Ӯ ҷудо мекунад ё ба муносибатҳои мо бо Ӯ халал мерасонад, пора-пора мекунад. Дар Китоби пурасрори Ваҳй гуфта мешавад, ки бардоштани мӯҳрҳо аз навиштаҷоти осмонӣ тамоми заминро ба ҷунбиш овард.

Ҳатто алҳол ман эҳсос мекунам, ки Худо мехоҳад, то Худро ба мо ва дар ҳар яки мо намоён ва ошкор кунад. Агар чунин намебуд, барои чӣ ин қиссаи бузурги замони охирро менавишт, агар он ваҳйро барои ҳар яки мо дар бар намегирифт? Ман боварӣ дорам, ки Ӯ моро на ба ашку ғам даъват мекунад, балки ба он даъват мекунад, ки мо сар бардошта, ҳама чизро дар нури ҳақиқӣ бубинем.

Кушоиш ва хиради осмонҳо дар замини мо пурмавҷ садо медиҳад.

Чӣ қадар хуб аст, ки Падари Осмонии мо офаридаҳои Худро барои кушодани қалбҳои мо пешакӣ таъин кардааст. Ҳар як растанӣ, ҷонвар, ҳар як қисми манзараи табиат гӯё мегӯянд:

“Бархез ва ҳамон тавре бош, ки офарида шудаӣ”. Аз рӯи суханони Айюб, ба табиат қобилият дода шудааст, ки моро омӯзонад.

> ...Моро бештар аз ҳайвоноти рӯи замин таълим медиҳад ва бештар аз мурғони ҳаво ҳикмат мебахшад?
>
> Айюб 35:11

Бузургии муҳаббати Худо ва он чизеро, ки Худо барои рафтан ба он омода аст, то ки ба мо хиради Худро ато намояд, бо сухан ифода кардан амри маҳол аст. Вале ин набояд моро ҳайрон кунад. Зеро Ӯ Офаридгор аст, ки эълон мекунад:

> Зеро ки тамоми ҳайвоноти ҷангал аз они Ман аст, ва чорпоёне ки бар ҳазорҳо кӯҳҳо ҳастанд. Ҳамаи мурғони кӯҳсорро мешиносам, ва ҷонварони саҳро дар дасти Ман аст. Агар гурусна мемондам, ба ту намегуфтам, зеро ки дуньё ва ҳар чи дар он аст, аз они Ман аст.
>
> Забур 49:10-12

Мо худамонро аз ҳамаи мавҷудоти замин болотар мегузорем, вале Худо номи ҳамаи онҳоро медонад. Наход чунин фикр кунед, ки Ӯ комилан дар бораи офаридаҳои худ ғамхорӣ намекунад? Чунки охир Худи Ӯ ҳамаи мавҷудотро барои Худ офаридааст. Табиат дар бораи Офаридагори худ ба мо бисёр чизҳоро кушода метавонад. Китоби Масалҳо моро огоҳ мекунад: “Эй коҳил! Назди мӯрча бирав, рафтори онро бингар ва ҳикмат биомӯз” (ниг.: Масалҳо 6:6).

Ман боварӣ дорам, ки алҳол Худо мехоҳад, ки мо ба ҳамин монанд кор кунем. Ӯ мехоҳад, ки ба модашер нигоҳ карда, аз вай биомӯзем. Ӯ моро водор мекунад: *“Духтаронам, б*а модашер нигоҳ кунед. Ба ӯ бодиққатона назар дӯзед. Иҷозат диҳед, ки табиати саркаш, зебоии далерона ва қуввати бебозгашти шуморо бедор кунад*, то ки шумо тавонед бархезед ва ҳамон гуна занони боматонат гардед, ки Ман даъват кардаам”.*

Чӣ тавр қувват ва ҷасорати модашер дар занон ошкор мешавад? Ва чӣ тавр занон ба мисли модашерон бархоста метавонанд? Ҳар яки мо ба таври ба худамон хос аксуламал нишон дода метавонем, вале ин нигоҳи сатҳӣ ба сифатҳои модашер ба шумо кушоиш дода метавонад. Дар бобҳои навбатӣ мо сабабҳоеро дида мебароем, ки модашерро водор мекунад, то аз хоби роҳат дар таҳти офтоби африқоӣ бедор шавад:

Вай бармехезад, то ки қувват зам кунад.

Вай бармехезад, то ки ҳамгироӣ намояд ва дар ҳаққи дигарон ғамхорӣ кунад.

Вай бармехезад, то ки шикор кунад.

Вай бармехезад, то ки дигар модашеронро дастгирӣ кунад.

Вай бармехезад, то ки шерони ҷавонро ҳимоя кунад.

Вай бармехезад, то ба душмане, ки ба гала таҳдид мекунад, муқобилат намояд.

Вай бармехезад, то ки бо подшоҳи худ роҳ равад.

Ман ба модашер ҳамчун ба тимсоли он, ки ҳар як духтари Худо аз қувват ва ҷасорат пур шуда, дар дунёи худ дигаргуниҳо ба вуҷуд оварда метавонад, нигоҳ карданро сар кардам. Оё дар даруни ту модашер пинҳон карда шудааст? Дар бораи он дуо мекунам, то дар ҳамон вақте, ки ту хондани ин китобро тамом мекунӣ, ба ин савол ҷавоб пайдо кунӣ, то бо ин ҷавоб дар даруни ту як чизи қавӣ, зебо ва аҷибе пайдо шавад.

2

# Қуввати номаълум

Агар ягон вақт занони тамоми олам барои манфиати инсоният муттаҳид шаванд, чунон қуввате ҳосил мешавад, ки ҷаҳон то ҳол надидааст.

МЭТЮ АРНОЛД
ШОИР ВА ФАЙЛАСУФИ АНГЛИСИ АСРИ XIX

Оё чунин буда метавонад, ки мо маҳз барои ҳамин замон бедор шудаем? Ман шарафёб шуда будам, ки шоҳиди пешоҳангони ин қувваи бузург гардам. Дар кишвари дурдасти нимкураи дигари замин, дар Аврупо, ва ҳатто дар ватани худ, Амрико, ман аввалин самараҳои онро дидам, ки бешубҳа ба ҳаракати миқёсаш бузург табдил меёбад. Аз қадамҳои аввалини ин ҳаракат, ҳамчун духтарон, он зуд рушд карда, ҳамчун зан, ба камол мерасад. Оё суханоне, ки дар эпиграф оварда шудаанд, ягон чизи то ҳол нофаҳмо ва нокомилро дар умқи қалби шумо бедор карданд? Вақте ки ман бори аввал ин изҳоротро хондам, он қадар ба ҳайрат афтодам, ки бо маънои аслии сухан, нафас гулӯгирам кард.

Ба назарам, аксуламали ҷисмонии ман аксуламале ба шумораи бузурги имкониятҳои иҷронашудаи мо буд. Аз номи ин китоб шумо аллакай медонед, ки ман дар шумо ягон чизи аҷиб, хирадмандона ва мӯҳташамеро бедор кардан мехоҳам. Шуморо рӯҳбаланд мекунам, то дар бораи он ки чӣ тавр занон барои манфиатҳои дигарон муттаҳид мешаванд, андеша кунед. Агар лозим бошад, ин изҳоротро аз нав

бихон, зеро умеде, ки ба он гузошта шудааст, бешубҳа, назар ба нигоҳи сатҳӣ бештар арзанда аст; ин ҳақиқат сазовори таваҷҷӯҳи пурраи шумо аст.

Таваккал карда, аз худ бипурсед, ки оё суханони Мэтю Арнолд нисбат ба назария, суханпардозии сиёсӣ ё фарзияи умедбахш бештар аҳамиятнок буда метавонад? Оё изҳороти хирадмандонаи вай пешбинӣ, тавсия ё ҳатто нубувват буда метавонад?

> Ҳалли муаммоҳои “калонсоли” фардоина бисёртар аз он вобаста аст, ки имрӯз фарзандони шумо чӣ тавр ба воя мерасанд.
>
> – Маргарет Мид

Оё ӯ аллакай ҳамон вақт ба оянда назар дӯхт ва духтарони замони моро дида, моро ба муттаҳид шудан ташвиқ намуд? Оё ӯ медонист, ки чунин ягонагӣ дар замони вай имконнопазир буд, ва оё умед дошт, ки ин дар замони мо иҷрошаванда аст? Оё ӯ дарк карда буд, ки барои ин чӣ қадар эҳтиёҷи бузург маҳз ҳамин имрӯз пайдо мешавад? Оё ӯ ман ва туро дар ин замони оянда дар назар дошта буд?

Боварӣ дорам, ки ҷавобҳои аз ҳама дуруст ба ин саволҳо дар умқи дили ҳар як зан ҷой гирифтаанд ва беҳтар аз ҳама на бо сухан ифода ёфтаанд, балки бо он ки онҳо чӣ гуна ҳаётро интихоб мекунанд? Қобилияти иштирок кардани мо дар ин ҷавоб ба занон дар он зоҳир мегардад, ки чӣ тавр мо дар ин давра зиндагӣ мекунем. Қарорҳои мо минбаъд дар он ифода меёбанд, ки чӣ тавр мо писарон ва духтарони худро тарбия мекунем, то ки айнан ба мисли мо интихоби дуруст кунанд.

Оё занони замони мо бар фикру ақидаҳои зиёди фарҳангӣ ва динии ба онҳо муқобилаткунанда ва маҳдудкунандаи онҳо, ки бар зидди занон нигаронида шудаанд, дастболо мешаванд? Оё хоҳарони боматонати мо, ки дар тарафи дигари уқёнусҳо зиндагӣ мекунанд, бе он ки аз дигар ҷониб рӯҳбаландӣ ёбанд, ба пеш ҳаракат карда метавонанд? Оё мо сокинони олами ғарб аз чизҳои беҳуда ва дилфиреб рӯй гардонида, диққати худамонро ба чизҳои зарур ва аҳамиятнок равона мекунем?

Оё мо садоҳо ва ақидаҳои ба мо зиддеро, ки саҳми моро аҳамиятнок намеҳисобанд ва мегӯянд, ки ин ангеза аз Худо нест, бартараф карда метавонем?

Оё мо аҳамияти стратегии замони худро дарк карда,

фарқиятҳои мавҷудаеро оид ба доктринаҳо ва ақидаҳо як сӯ мегузорем, то ки ҷои худро дар саф ишғол кунем? Оё вақте ки мо дасту диламонро бо ҳам мепайвандем, фарқияти синну сол халал намерасонад? Оё мо дар имон муттаҳид мешавем? Оё мо ба он чизе, ки бовар дорем, дар ҳақиқат имони ягонаро ҳосил карда метавонем?

Ин ягонагӣ маҷбурӣ мешавад ё ҳаётан муҳим? Оё ин имон дар амалҳои мо зоҳир шуда, моро ҳамчун маъмурони ягон чизи барҷаста ва ҷаззоб, боздоштанашаванда ва аҳамиятнок нишон медиҳад?

Оё кори якҷояи мо он чизеро, ки барояш бо иштиёқ умед мебандем, ошкоро инъикос мекунад, ва исботи зиндаи он чизе мегардад, ки мо самимона бовар мекунем? Оё ин имон метавонад, ки беғаразона дасти худро барои додан дароз кунад, на барои гирифтан? Дуо мекунам, ки ин айнан ҳамин тавр бошад, чунки танҳо дар ин ҳолат ҳудудҳои шахсии мо он қадар васеъ мегардад, ки мо ба ҳаёти дигарон таъсир расонида метавонем.

Бале, ман мефаҳмам, ки он чизе, ки аз шумо талаб дорам ва барояш умед бастаам, андаке вусъатдиҳӣ мебошад, вале мо бе ин пеш рафта наметавонем. Танҳо ба он ҷое, ки ҳоло қарор дорем, нигоҳ карда истодан кифоя нест. Агар мо хоҳем, ки вусъат пайдо кунем, ба ҳама тарафҳо нигоҳ кардан лозим аст.

Ба асри XIX ба ақиб нигоҳ карда, мебинем, ки дар он замон занҳо ҳаққи овоз баланд кардан надоштанд. Ҳоло ба атрофи худ нигоҳ карда, аҳамияти овозҳои худро мефаҳмем. Ба пеш нигоҳ карда, мо дарк мекунем, ки чунон бояд суханон ва ҳаёти худро бунёд созем, то ин меросе барои оянда гардад.

Вақти он расидааст, ки доираи назари худро васеъ кунем ва барои таъсир расонидан ба тамоми соҳаҳои ҳаёт шурӯъ намоем. Машқи бадан ҳамон вақт самаранок мешавад, ки агар мушакҳо шиддат ва фишорро ҳис кунанд. Васеъкунӣ ба чандирии бадан муосидат мекунад ва ҷароҳатҳоро огоҳ менамояд.

Умедворам, вақте ки шуморо бо модашер шинос мекунам, ҳаёти шуморо камтар “васеъ” карда метавонам. Мехоҳам, ки вай тасаввуроти шуморо дар бораи худи шумо, оид ба назокат, зебоӣ, қувват, рисолат, издивоҷ, дунё ва Худо васеъ гардонад. Ба модашер иҷозат диҳед, то ба он масъала диққати шуморо ҷалб намояд, ки чӣ тавр бо мардон, дӯстон ва оила сӯҳбат мекунед ва муносибат месозед. Ҳатто модашер медонад, ки вай бояд пеш аз ҷаҳидан

машқи васеъкунии мушакҳоро иҷро кунад. Мо ба андозаи баробар аз майдонталабиҳо дар ҳаёти шахсӣ ва эҳтиёҷоти дунявӣ дар ҳоли шадид ҳастем. Ва барои ба даст даровардани ин соҳаи бузург, ба мо бинише лозим аст, ки якбора ҳам ину ҳам онро дар бар гирад.

## Озод дар қувват ва ором дар қудрат

Пеш аз давом додан, масъалаеро муҳокима кардан мехоҳам, ки баъд аз рӯъё дар ман пайдо шуд. Ман фикр кардам: "Барои чӣ модашери озод аз ояти дар боло овардашудаи Навиштаҷот, ки одамони Худоро ифода мекунад, дар чунин бераҳмии харобиовар иштирок кардааст?". Дертар ман дар бораи рӯъё ва ҳамаи он фикрҳое, ки ин ошкоршавӣ дар ман бедор кард (ва ба бедор кардан давом дода истодааст), на як бор андешаронӣ намудам. Ана ман ба чӣ гуна хулосаҳо омадам.

Худо ба ман модашерро на барои он нишон дод, ки ба вай бо сустӣ ва тарс эътино кунам. Симои вай ҷавҳари маҳдуд ва пур аз тарси маро фош ва рад кард. Ин модашер воситае гардид, ки бо ёрии он Худо чашмони маро кушод, то ки ман доираи назар ва ҳудудҳои фаъолияти худро васеътар кунам.

Ҳангоми сафарҳо ман бисёр муҷассамаҳои пурҳашаматро дидаам. Дар Копенгаген, Рим, Лондон ва Париж муҷассамаҳое ҳастанд, ки ба хотири эҳтиром гузоштан ба қаҳрамониҳои бузург ва музаффариятҳои собиқ бахри истиқлолияти ин кишварҳо бунёд карда шудаанд. Ман мафтуни назокат ва зебоии безаволи ин осори санъат гардида, онҳоро аксбардорӣ намудам.

Вале модашере, ки ман дар рӯъё дидам, на муҷассама, балки ошкоршавӣ буд.

Ошкоршавӣ дар худ ҷузъиётҳои фошсозӣ ва таҳайюрро дар бар мегирад. Модашер, бешубҳа, вақте ки ман дар назди вай ҳомиладор, пиҷама дар бар, бо тани ларзон истода будам, маро ба ҳайрат овард ва фош кард. Новобаста ба он ки модашер ягон бор ҳам наҷунбид, вай назар ба ман хеле зинда буд. Дар партави зебоӣ ва қуввати вай ман фаҳмидам, чӣ қадар чизҳоро аз даст додаам.

Тарс аз ман қувват, ҳаёт ва зебоиро дуздид. Ман мани ҳаққониро гум кардам, ва дар натиҷа, бисёр чизҳое, ки Худо барои ман муқаррар карда буд, иҷро нашуда монд.

Дар бораи он андеша мекунам, ки чӣ тавр исроилиён худро

ба малаххо ва сокинони Канъонро ба бузургҷуссаҳо монанд карданд, вале аз боби 23-юми китоби Ададҳо мо медонем, ки сокинони Канъон ба исроилиён ҳамчун ба шер ва модашери бедоршаванда нигоҳ мекарданд.

Вақте ки мо худро бо хоҳар-модашер муқоиса мекунем, ана чунин тазод дар байни тасаввурот ва воқеият ба амал кардан шурӯъ мекунад. Оё ягон вақте мо ҳамчун вай шуда метавонем? Оё ягон вақте мо занони дар қуввати худ озод ва дар қудрати худ ором гардида метавонем? Оё дар бар бар кардани зебоии худ барои мо бароҳат мешавад?

Мо бояд барои худ ин симои пурқудрат ва ҳамзамон ороми модашерро қабул кунем.

Вақте мерасад – ва модашер бармехезад. Ҳамчунин барои шумо вақте расид, ки дар асл кӣ будани худро донед. Вақти худро афшонидан, бархестан, ба ҳаракат омадан ва бедор шудан фаро расид.

Ман мушоҳида кардам, ки ибораи *“озод дар қувват ва ором дар қудрат”* зани имондорро хеле муассир ва аниқ нишон медиҳад. Азизони ман, ман ба шумо иҷозат медиҳам, ки озод дар қуввати худ ва ором дар қудрати худ бошед.

Бисёр вақт мутобиққунонии чунин мафҳумҳо ба монанди *“озод дар қувват ва ором дар қудрат”* бо гузашти вақт ба вуҷуд меояд.

Вақте ту мебинӣ, ки қувват ҳам дар ин ва ҳам дар он аст, онҳо якҷоя бо ҳам омезиш меёбанд. Чуноне ки мо дар қудсият тасаллӣ пайдо мекунем, ҳамчунин дар фаҳмиши қувват низ тасаллӣ мавҷуд ҳаст. Вақте ки мо ғам хӯрданро бас мекунем, тасаллӣ меёбем.

> «Бо тавба ва фароғат наҷот меёфтед; қуввати шумо дар оромӣ ва эътимод мебуд»...
>
> Ишаъё 30:15, муаллиф ишора кардааст

Ана ин ҷавоб аст барои мо! Аз ин беҳтар таъбирро тасаввур кардан мушкил аст. Ором шав, ба Худо такя кун – ва қувват меёбӣ. Қуввати ҳақиқии мо ҳамон вақт ошкор мешавад, ки агар мо кӯшиши бо қуввати худ иҷро кардани ҳама чизро бас кунем. Худо қувватро аз ту дареғ намедорад. Ӯ онро ба ту медиҳад.

Ман бисёр занонеро вохӯрдаам, ки бар хилофи дугона-

модашер, аз қуввати шахсии худ ба тарс афтода буданд. Вақте ки дар онҳо идеяҳо, саволҳо ва иштиёқҳои талабнокарда пайдо шаванд, онҳо тарсро эҳсос мекунанд. Аз қуввват набояд тарсид; онро қабул кардан лозим аст. Гумроҳ нашавед, хоксорӣ ин баробар ба сустӣ нест. Ин қуввати ботамкин, ё қудрати идорашаванда мебошад.

Мӯсо хоксор ва фурӯтан номида шудааст, вале ба ин нигоҳ накарда, ӯ пешвои бузург ва қувваи пешбарандаи халқи худ буд. Аз вай ибрат гирифтан мумкин аст. Ман ба фикр фурӯ рафтам, оё ин аз он сабаб чунин буд, ки вай бо Он Касе вохӯрд, ки ҳар як сухани ӯро тасдиқ мекард.

Фаҳмиши маҳдуд оид ба некӣ ва бадӣ сустии инсонии моро лабрез мекунад ва ҷавоби Илоҳиро бо зорию тавалло металабад. Бе Худо корҳои нек карда, мо худро маҳдуд месозем. Мушкилоти ҳозираи инсоният хеле бузург мебошанд, бинобар ин ҳалли бузургтарро талаб мекунанд.

Чуноне ки бо Мӯсо рух дод, ба мо низ оид ба некии Худо ошкоршавӣ лозим аст, то ки замини ба ларза омадаи мо ором карда шавад.

Бинобар ин, азизам, оё ту ба бовар кардан ҷуръат мекунӣ, ки метавонӣ як қисми ин ошкоршавӣ оид ба некӣ гардида ва аз ҳамин сабаб бо хоҳарони дигар муттаҳид шуда ва чунин нақшае тартиб диҳӣ, ки ба воситаи амалӣ гардидани он некии Худо ба воситаи мо зоҳир хоҳад шуд?

## Некӯкор ва қобилиятнок

Ман бошуурона ба мафҳуми “некӣ” калимаҳои “дилписанд” ё “бехатар”-ро алоқаманд намекунам. Дар ниҳояти кор, ин бо қувват алоқаманд аст. Бар замми ин, ман шунидаам, ки некӯкорро ҳамчун қувват тасвир мекунанд.

> Зани солеҳаро кист, ки тавонад биёбад? Баҳои вай аз ҷавоҳир гаронтар аст. Шавҳари вай аз вай дилпур аст, ва ғанимати ӯ камӣ нахоҳад кард.
>
> Масалҳо 31:10-11

Духтарони муҷаррад, гумон накунед, ки ин оят ба шумо дахл надорад, дар ёд дошта бошед, ки Исо Домоди шумо аст. Гап дар он нест, ки ин оят ба кӣ дахл дорад: он ба ҳамаи мо дахл дорад.

Гап дар сари дигар чиз аст: Оё ин супоришро ба мо бовар карда, супоридан мумкин аст? Оё мо ба ҳаёти он касоне, ки моро иҳота мекунанд, баракат меорем? Оё ба якборагӣ қобили амал ва некӯкор ҳастем? Ё Ӯ моро дар гуноҳҳои ҷудогона мебинад: баъзеҳо некӯкор, баъзеи дигарон қобили амал? Яке бе дигаре нокифоя аст. Мо ба ҷамоати бошарафонаи занони некӯкор эҳтиёҷ дорем, ки илова бар он қобили амал мебошанд. Пас мо дар чӣ қобили амал бояд бошем? Ҷавоб хеле содда аст: мо бояд духтарони қобиле бошем, ки ҳар кори зарурро иҷро кунем.

Дар давоми даҳсолаи охир ман бисёр занони хуберо вохӯрдаам, ки ба дигарон барои дарк кардани он, ки онҳо ба чӣ қобил мебошанд, ёрӣ мерасонанд. Аз сабаби он ки эҳтиёҷоти инсоният беш аз беш пуршиддаттар мешавад, занҳо бошуурона қобилиятҳои муайянро инкишоф медиҳанд ва ҷустуҷӯҳои таълимии худро барои ҷавоб пайдо кардан ба ин эҳтиёҷот равона мекунанд.

Онҳо ба таври кофӣ барои додани саволҳои муҳим, эҳтимол, бо мавқеи маҳдуди фаҳмиш зирак ҳастанд. Онҳо дар худ инкишоф додани сифатҳои заруриро ёд гирифтанд, то он гуна шахсоне гарданд, ки бояд бошанд. Ин занон боистеъдод ва бомаҳорат ҳастанд; боҷуръат, вале ҳам боодоб; барои муносибатҳои дӯстона дилкушод, вале ҳам худбовар; ҳозиразамон, вале ҳам ояндасоз; меҳрубон, вале ҳам собитқадам; самимӣ, вале на зудбовар; қавӣ, вале ҳам боназокат; оддӣ, вале бо биниши стратегӣ.

Агар нақша ва лоиҳаҳои мо заминро дигаргун накунанд, ба ҷаҳон ва ҳаёти мо беҳбудӣ наоранд, пас онҳо назарияи мурда мебошанд. Лоиҳаҳо бояд зинда шаванд. Онҳо ба шарте самаранок мегарданд, ки агар мо ба онҳо овоз, дастҳо ва пойҳо диҳем.

> Кашидани тарҳи лоиҳаҳои бузург дар коғаз кифоя нест. Ман вазифадор ҳастам, ки идеяҳои худро дар замин ба амал орам.
>
> – Эмил Перейр

Оқибатҳои бисёр қувваҳои пешбаранда дар ҷаҳони мо маълум ҳастанд. Дар давоми асрҳо замини моро офатҳои табиӣ ба мисли тӯфонҳо, сунамиҳо, муссонҳо ба таҳлука овардаанд. Қабатҳо ва қишри замин аз зилзилаҳо ба ларза омаданд. Нерӯҳои мусаллаҳ ҳам бо мақсадҳои нек ва ҳам зишт ба ҷанг мебаромаданд. Нерӯҳои мусаллаҳи бо ҳам муттаҳид дар майдонҳои муҳориба

рӯ ба рӯ мешуданд ва аз паси худ нақши харобиҳоро боқӣ мегузоштанд.

Пас, шумо дар бораи қувваи пешбарандае, ки аз қудрати худ истифода бурда, барои фишор овардан, тарсонидан ва хароб кардан кӯшиш намекунад, чӣ мегӯед? Иштирокдорони ин қувваи пешбаранда нақшҳои стратегии худро бозӣ карда метавонистанд – баъзеҳо намоён, баъзеи дигарон нонамоён, вале ҳама ба таври баробар муҳим мебошанд. Чӣ мешуд, агар ин қувваи пешбаранда дар як вақт ҳам дар мақсадҳои худ фидокор, ва ҳам дар кӯшишу ниятҳои худ оддӣ мебуд? Он чӣ хел намудор мешуд ва чӣ тавр садо медод?

Искандари Мақдунӣ гуфта буд:

> Ман аз қӯшуни шерон, ки сардораш гӯсфанд мебошад, наметарсам. Ман аз қӯшуни гӯсфандон метарсам, ки сардораш шер аст.

Чӣ қадар тасвири ҳайратбахш! Мо артиши гӯсфандон бо сардори Шер мебошем. Мо набояд ҳамчун гӯсфандони тарсон ҷанг кунем, зеро мо Шерро пайравӣ мекунем. Мо дар шогирдӣ фурӯтан ва дар ҷанг боматонат ҳастем. Агар мо инкишофи табиӣ ва таърихи инсониятро омӯзем, пас чунин тарҳро (схема) дида метавонем: баромадан ба қудрат, фасодкорӣ дар қувват, маҳрум шудан аз қудрат ва вайроншавӣ аз дарун.

Вале чӣ мешавад, агар варианти дигар бошад? Чӣ фикр доред, агар қуввати пешбарандаи то ҳол ташаккул доданашуда ва то ҳол нонамоён вуҷуд дорад?

Ман ҳоло ин китобро бо ҳарфҳои нисбатан калонтар аз он андозае, ки чоп хоҳад гардид, ҳуруфчинӣ карда истодаам, чунки аз наздик дидани ягон чизи майда ба ман мушкилтар шуда истодааст. Вале биниши ман барои аз дур дидани ягон чизи калонтар хеле беҳтар шудааст.

Дар дуродур ман ду намуди манзараи ба якдигар муқобилро мебинам: андӯҳи бузург ва ғалабаи пуршукӯҳ. Дар ҳар ҷо дар байни халқҳо ман рӯҳафтодагии чуқур ва торикро мебинам, вале ман ҳамчунин бедории пуршарафро мебинам. Ман мебинам, ки гуноҳҳои даҳшатнок ва ҳар беадолатие, ки дар ҷаҳон мавҷуд мебошад, бо нури безаволи Худо ва адолати раднопазири Ӯ ошкор ва мағлуб карда мешавад. Ман духтарони Ӯро мебинам, ки қомати худро ҳамчун модашер пеш аз ҷаҳидан рост мекунанд.

Ҳамаи инро ман дар ояндаи худамон мебинам. Боварӣ дорам, ки суханони дар боло гуфташуда барои ту ногаҳонӣ набуд. Ба мисли ту, ман ин чизҳоро на барои он мебинам, ки оиди онҳо дар рӯзномаҳо мехонам. Ман он чизҳоро аз он сабаб мебинам, ки чашмони рӯҳонӣ дорам.

Вале ман на танҳо мебинам... Ман мешунавам. Ман аз дур ва аз наздик овози гиряро шунидам. Ман тавбаи одамони ноумедро мешунавам, ки як вақтҳо дар зиндони зулмат пойбанд буданд. Ҳар рӯз бар зидди афсурдахотирии буғикунанда, ки барои пахш намудани овози онҳо кӯшиш мекунад, ва сипас боз ба пеш ҳаракат карда ва овози гиряи фарзандони онҳоро пахш кардан мехоҳад, мубориза бурда мешавад. Ягона чизе, ки онҳо барояш умед доранд, ин ояндаи беҳтар барои фарзандони худ аст. Як модари ҷавон моро тавалло кард, ки духтарчаи ҳаштсолаи ӯро бо худ гирем, зеро дар он вақт, ки он зан ба мизоҷони худ хидмат мекард, духтарча маҷбур мешуд, ки ба зери кати хоб пинҳон шавад. Худоро барои *Life Outreach*, хидматгузории Ҷеймс ва Бетти Робинсон шукр мегӯям, ки духтарбачаро наҷот доданд, гарчанде модараш ҳамчунон дар фоҳишахона пур аз тарсу ноилоҷӣ монд.

## Суханони Шамол

Бисёр вақт ман аз суханони шунидаам ба ҳайрат меафтам.

Барои чӣ? Барои он ки нашунидан ва надидан осонтар аст. Табиист, ки бисёриҳо зуд диққати худро ба ягон чизи дигар равона карда, аз ин садоҳо ва манзараҳои пуризтироб рӯ мегардонанд. Маҳз аз ҳамин сабаб туризм якҷоя бо ғуломии ҷинсӣ рушд мекунад. Ман мушоҳида кардам, ки чӣ тавр дар Таиланд хориҷиён худро чунин вонамуд мекарданд, ки он чизҳое, ки онҳо мебинанд, фақат як хушгузаронии вақт асту бас. Як соҳибкори амрикоӣ, ки бо вай ман сӯҳбат кардам, чунин мешуморад, ки бадахлоқии вай иқтисодиёти Таиландро мустаҳкам мегардонад.

> Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад!
>
> Матто 11:15

Аз он вақт, ки Исо, Писари Одамизод, ба осмон сууд кард ва ҷои комилҳуқуқи Худро ҳамчун Писари Худо ишғол кард, ин паём дигар нашудааст. Дар китоби Ваҳй Ӯ боз дар бораи зарурият ва

эҳтиёҷи бузург барои одамоне сухан меронад, ки пурра далер ҳастанд, то ки бишнаванд.

> Ҳар кӣ гӯш дорад, бишнавад, ки Рӯҳ ба калисоҳо чӣ мегӯяд...
>
> Ваҳй 2:7

Мо бояд ба саволи Ӯ ҷавоб диҳем: оё гӯшҳои мо кушодаанд?

Ҳатто чунин: оё мо мехоҳем, ки гӯшҳои мо кушода бошанд? Азизони ман, мо ҳама на танҳо дар ҷараёни шунидан истодаем, балки ҳам итоат кардан ба он чизҳое, ки шунидаем. Дар ҳоле ки ман бедор мешавам, мехостам аз ту низ бипурсам: “Оё ту низ ин садоро мешунавӣ?”

Мутассифона, ман аз он метарсам, ки мо ба арӯси хоболуде шабоҳат дорем, ки дар бистари боҳашамати худ, барои пахш кардани ҳама гуна овозе, ки вайро бедор карда метавонад, ба зери болин сар дароварда, ба ин паҳлӯ ва ба он паҳлӯ ғел мезанад. Бонги ҳушдоркунандаи замони мо то чӣ андоза бояд баландовоз бошад, то ки мо пурра бедор шавем ва бархезем?

Илова ба фарёди гӯшхароши дунёи пештараи мо садои дигаре мавҷуд мебошад, ки ба мо равона карда шудааст. Вале ин фарёд нест. Барои шунидани ин садо дар байни шӯру мағал бояд кӯшиш ба харҷ дод. Ин овози ором ва пасти Рӯҳулқудс аст. Ин овоз, то ба ҳадде ки мо ба он ҳамовозӣ мекунем, баландтар шудан мегирад.

Ба ман ибораи “Суханони Шамол” маъқул аст. Худо суханони Худро ба шамолҳо дод. Рӯҳулқудс бо шамол, бо мавҷҳои ҳаво муқоиса карда мешавад, ки суханонеро пичиррос мезанад, ки ҳаёт ва қувват меоранд. Мо шамолро дида наметавонем, вале нишонаҳои онро мебинем. Шамол қувват дорад, ки чизеро ба дунёи ту бидамад ё чизеро пароканда кунад. Қуввати вай киштиҳоро ба ҳаракат меорад ё онҳоро осон ба соҳил бароварда мепартояд. Қуввати шамол баҳрҳоро ба ларза меорад ва кӯҳҳоро чаппа мекунад. Шамолҳои мухолиф ҳастанд, ки ҳаракатро суст мекунанд, ва ҳам шамолҳои мувофиқ ҳастанд, ки барои ба пеш ҳаракат кардан ёрӣ мерасонанд. Шамол ҳамеша дар тамоми замин давр мезанад, гоҳ сахту гоҳ суст. Он пичирроси Худоро аз як ҷо ба ҷои дигар мебарад.

Аксар вақт дахолати шӯру мағали атроф қобилияти шунавоии моро ба Каломи Шамол - Рӯҳ суст мегардонад.

Боз барои қобилияти шунавоии мо монеаи дигаре ҳаст. Ин

одат кардан ба чизе мебошад, ки ту аллакай шунидаӣ. Вақте ки мо чизеро боз ва боз мешунавем, ин овозро қатъ мегардонем ва ба он дигар эътибор намедиҳем.

Агар мо чунин ҳисобем, ки ҳама он чизеро, ки ин ё он шахс мегӯяд, медонем, пас мо бедиққат гӯш мекунем. Чанд сол пеш, вақте ки Навиштаҷотро мехондам, ман инро дар худам мушоҳида кардам. Ман баъзе тарҷумаҳои Китоби Муқаддасро он қадар хуб медонистам, ки онҳоро хонда истода, медонистам, ки дар давомаш чӣ навишта шудааст. Шояд бо шумо низ ин рӯй додааст. Ин дар ман муносибати пурҳайрати бачагонаро ба Каломи Худо нест кард. Бо мақсади он ки ман ба бепарвоӣ муқобил бароям, ба чуқуртар хондани Китоби Муқаддаси оммафаҳм *The Message сар кардам.*

*Барои чӣ? Ман боз ҳайрон шудан мехостам. Аз ҳамин сабаб ман бисёр порчаҳоро аз The Message иқтибос меорам, то ки шумо низ ба ҳайрат афтед. Ман Китоби Муқаддасро бо нақл иваз намекунам – танҳо забони муосир ва маълумоти иловагиро истифода мебарам. Аммо аз хондани тарҷумаи ба худатон маъқули Китоби Муқаддас шарм накунед.*

*Ман чунин рафтор кардам, чунки ба мисли шумо низ, дар ҳақиқат шунидан мехоҳам. Вақте ки гӯшҳои мо кушодаанд, ҳамон лаҳза ки овози худро ба он мепайвандем, мо бо худамон ҳеҷ кор карда наметавонем.*

> Даҳони худро барои безабон воз кун, ва барои даъвои тамоми аҳли эҳтиёҷ. Даҳони худро барои адлу инсоф воз кун, ва барои даъвои бенаво ва мискин.
>
> Масалҳо 31:8-9

Дар ин оятҳо модари Сулаймон, Батшобаъ, ба писари худ, подшоҳ, мефармояд, ки овози боазамати худро барои онҳое, ки дар зери бори беадолатӣ пачақ гардидаанд, баланд кунад. Ин ҳамчунин дар оятҳое, ки дар бораи зани солеҳа навишта шудаанд, садо додааст (ниг.: Масалҳо 31:10-31). Оё мо ба мисли модари Сулаймон мардони ҷаҳонро рӯҳбаланд мекунем, то ки барои ҳимоят намудани онҳое, ки садояшон пахш карда шудааст, овоз баланд кунанд? Мо дар назди Худои худ подшоҳон ва коҳинон гардидем. Бинобар ин ҳатто агар дигарон хомӯш истанд, мо бояд садои худро баланд кунем.

Ҳамчун модаркалон, ман ана дар ин чиз дилпур будан

мехоҳам: он чизе, ки писарон ва духтарони ман ҳамчун мерос қабул мекунанд, ҳақиқатан ҳам муҳим хоҳад буд. Беш аз беш тадқиқотҳои ҷаҳонӣ бо як овоз ба он ишора мекунанд, ки баробарҳуқуқии ҷинсҳо он ҳиссаи гумшудае аст, ки қашшоқӣ ва ҳатто терроризмро дар тамоми ҷаҳон боздошта метавонист. Дар соли 2001 Бонки умумиҷаҳонӣ дар мавзӯи *“Инкишофи муносибатҳои байниҳамдигарии ҷинсҳо тавассути баробарӣ дар ҳуқуқ, воситаҳо ва овоз”* тадқиқот гузаронид, ки дар он аҳамияти баробарҳуқуқии ҷинсҳо дар ҳалли мушкилоти ҷаҳон зикр карда шуд. “Маблағгузорӣ барои бо таълим фаро гирифтани духтарбачагон маблағгузории аз ҳама бузургу дастрас ва судманд дар ҷаҳони мутараққӣ мебошад, – навишта буд Лоренс Саммерс, сармуҳосиби Бонки умумиҷаҳонӣ. – Гап дар он нест, ки оё онҳо ба ин маблағгузорӣ иҷозат медиҳанд, балки дар он аст, ки оё онҳо ба худ иҷозат дода метавонанд, ки шумораи боз ҳам зиёди духтарбачагон бо таълим фаро гирифта нашаванд”. Созмони Милали Муттаҳид ба чунин хулоса омад: “Васеъ кардани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон ба баланд шудани сатҳи иқтисодиёт мусоидат мекунад”.

Терроризми муосир кормандони мақомоти бехатариро ба он водор кард, ки дар бораи ҷинсҳо тадқиқоти худро гузаронанд. Ана, чиро онҳо ошкор карданд.

> Сабаби мавҷудияти бисёр гурӯҳҳои исломии террористӣ, – изҳор мекунанд онҳо, – на он қадар ба Қуръон алоқаманд аст, балки ба норасоии иштироки солими занон дар иқтисодиёт ва ҷомеаи кишварҳои исломӣ... Васеъ кардани ҳуқуқи духтарон, аз рӯи суханони баъзе ҳарбиён, террористонро аз қуввати таъсири онҳо маҳрум карда метавонад.

Ба ин тадқиқотҳои муҳим, амиқ ва васеъ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шудааст. Моро доимо ба ҳайрат мегузорад, вақте ки хиради одамон диққати моро ба он равона мекунад, ки Худо аз азал гуфта буд. Хеле пештар аз он ки муаммоҳои ҷаҳон пайдо шуданд, аллакай ҷавоби фарогирандаи ҷаҳон мавҷуд буд: зан.

> Ва Худованд Худо гуфт: «Хуб нест, ки одам танҳо бошад; пас барояш мададгоре ки ба вай мувофиқ бошад, биофарам».
>
> Ҳастӣ 2:18

Ба мард хуб набуд, ки танҳо бошад. Ҳоло низ ба мисли ҳамон вақт, иштироки занон дар муназзам гардонидани ҳаёт ба мардон, занон, бачагон ва ҷаҳон некӣ ва фоида меорад. Ҳаёт дар танҳоӣ чизеро, ки "хуб нест" ба худ мекашад. Одамон барои муносибатҳои байниҳамдигарӣ офарида шудаанд. Бо вуҷуди ин иттиҳодҳои афзоишёбанда бо иштироки танҳо мардон аз фалокати бузург гувоҳӣ медиҳанд. Аз Китоби Муқаддас ва тадқиқотҳои муосир хулоса баровардa метавонем, ки қоидаҳое, ки мардон бунёд мекунанд, аз бисёр ҷиҳат солим нестанд.

Ту барои тобеъ шудан офарида нашудаӣ; ту ворис ҳастӣ. Зан нури Худо аст. Баландтар гардидани мақоми зан имконияти бо таълим фаро гирифтани бачагонро бештар мегардонад, ба соҳаи иқтисод беҳбудӣ меорад, хавфи терроризмро кам мекунад.

Аммо ин ҷавоби занон чиро дар бар мегирад?

Вақте ки ман ҷавҳари занонаи худро фаҳмидам ва қадр кардам, дарк намудам, ки ман идеяи дуюмдараҷа набудаам. Ҳамчун духтар, ҳамсар ва модар, ман ҷавоб ҳастам. Агар ман ҷавоб бошам, пас мантиқан, хоҳароне, ки маро иҳота кардаанд, низ ҷавоб мебошанд. Мо дар назари Худо шаҳрвандони дуюмдараҷа намебошем. Дар шумо, азизам, барои ҳалли муаммоҳои инсоният қобилияти бузурге ҳаст.

Вақте ки ман сафар мекунам ва ин ҳақиқатро ба ҷавондухтарон ва занон эълон мекунам, ин дар онҳо аксуламалеро ба вуҷуд меорад, ки бо сухан баён кардан мушкил аст. Онҳо на танҳо сухани маро бо ҳаяҷон гӯш мекунанд, балки ҳамчунин бо овози баланд онро эълон менамоянд ва ба он бовар мекунанд.

"Ман ҷавоб ҳастам".

Барои онҳо ин лаҳза ҳам ошкоршавӣ, ва ҳам машқи омодагӣ мебошад. Назари онҳо ба худ дигар мешавад ва ба ҷинси худ он тавр нигоҳ карданро сар мекунанд, ки Худо ҳамеша нигоҳ мекард... яъне ҳамчун ба комилкунандаи ҳаёт.

Аммо ин фаҳмиш танҳо саршавӣ аст.

Мо, занон, бузургтар аз таъсири якҷоя ба иқтисод мебошем. Ва бо қобилиятҳои мо қарорҳо қабул кардан саволҳои навро ба вуҷуд меорад. Мо низомномаи наверо оид ба ҳуқуқҳо менависем, ки дар он занҳо дӯстони инсоният мебошанд. Мо якҷоя ҷамъ мешавем, то дунёеро ба нақша гирем, ки дар он занон ва бачагон хурсандона қабул карда мешаванд, на ин ки аз барои манфиатҳои ким-киҳо истифода бурда мешаванд.

Ана он чизе, ки ман дар бораи духтари осмон медонам:

Ӯ хеле зебо, доно ва қобил аст.

Ҳаёти вай бештар пайванд бо дигарон, на алоҳида.

Худо ӯро дӯст медорад, шайтон бад мебинад.

Вай дар тамоми ҷаҳон ошкорою пинҳонӣ дар зери фишор аст.

Вале саволе боқӣ мемонад: агар вай пуштибонӣ меёфт ва дорои стратегия мебуд, дар ҷамъият чӣ гуна буда метавонист?

## Як чизи боздоштанашавандаро бедор кунед

Ман, ҳамчун шарики *Life Outreach*, шарафёб шуда будам, ки ба Осиёи ҷанубу шарқӣ ва Ҳиндустон сафар кунам, то ки ба таври кифоя саргузаштҳои боварибахше ҷамъ намоям, то дар дилҳои одамон ҳамовозӣ пайдо кунанд. Ман, вақте ки ба Камбоҷа, Таиланд ва Мумбай сафар кардам, шоҳиди азобҳои гушнагӣ ва бадкирдориҳои ғуломии ҷинсӣ шудам. Ман ҳамчунин, вақте ки одамон бо саховатмандӣ ҷавоб мегардонанд ва ташкилотҳо ба ҳамкорӣ кардан сар мекунанд, умед ва имконияти барқарорсозиро дидам.

Дар тамоми ҷаҳон барои ҳамкорӣ кардан ва амал намудан эҳтиёҷи калон мавҷуд мебошад. Ман дар Украина будам ва дар тарабхона бо дугонаам наҳорӣ мекардам, ки ҳамин вақт як ҷавондухтари зебо даромад. Ин ягон чизи махсус набуд, чунки Украина бо духтарони зебояш шӯҳрат дорад, лекин ин ҷавондухтарро марде ҳамроҳӣ мекард, ки беш аз шаст сол дошт. Ҷавондухтар либоси кушод ва пойафзоли пошнабаланд пӯшида буд, ва зоҳиран аз ҳаждаҳсола беш набуд. Ӯро ба мизе шинониданд, ки рост дар паҳлӯи мизи мо ҷойгир шуда буд. Ман мушоҳида мекардам, ки чӣ тавр марди калонсол наҳории худро фурӯ мебурд, дар ҳоле ки ҷавондухтар қаҳваи сиёҳ нӯшида, бепарвоёна ба тарафи тиреза нигоҳ мекард. Ҷавонмарде, ки дар назди пештахтаи хизматрасонӣ истода буд, пичиррос зада ва қиқир-қиқир ханда карда, ба тарафи ҷавондухтар ишора кард. Дере нагузашта, боз як марди ду баробар калонсолтар аз ҷавондухтар ба мизи онҳо нишаст. Ман қариб гиря кардам. Ҷавондухтар он қадар танҳо ва он қадар парешонҳол буд. Равшан буд, ки вай “духтари даъватшуда”-и баландмузд буд, вале ҳама он чизе, ки мо дидем, ин духтари ба муҳаббат ташнае буд, ки ба амалаш мувофиқ либос пӯшида, дар байни ду марди

шаҳватпарасте, ки ҳаёти ӯро фурӯ мебурданд, нишаста буд.

Ман шахсан бо чанде аз хоҳарони мо, ки дар ғуломии ҷинсӣ буданд, сӯҳбат кардаам. Бале, онҳо хоҳарони мо мебошанд! Онҳо фоҳиша буданро интихоб накардаанд; онҳо ҷабрдидагон ва мубориизони боматонат барои зиндагӣ мебошанд.

Дар яке аз рӯзҳои дарози намнок дар Ҳиндустон ман қиссаҳои дилҳои шикастаро, ки ҷавондухтарон ва занони калонсолтар дар як хонаи хурдакаки ташкилоти Life Outreach нақл карданд, гӯш кардам. Ҳар як кас саргузаштҳои худро ба таври ба худ хос – баъзеҳо бо гиря, баъзеи дигарон бе ягон ҳиссиёти дидашаванда нақл карданд.

Боварӣ дорам, ки онҳо дар бораи он андеша карданд, ки чаро ман саргузашти зиндагии онҳоро гӯш кардан хостам. Оё ман ба онҳо ҳамдардӣ кардам? Оё онҳоро маҳкум намудам? Оё ман умуман онҳоро фаҳмида тавонистам? Оё барои онҳо ман ақаллан ягон ҷавоб пайдо карда метавонам?

Яке аз ин занони диловар (вайро Сэма меномам) дар бораи он ёдовар шуд, ки чӣ тавр вай духтарбачаи хурде аз деҳаи на он қадар калон дар Непал, пур аз орзуҳо ва аз модараш ранҷида буд. Боре амакаш шунид, ки онҳо бо якдигар ҷанҷол мекунанд, ва Сэмаро ба як сӯ бурд. Ӯ пешниҳод кард, ки вайро бо худ ба Мумбай мебарад ва дар он ҷо вай барои маълумот гирифтан имконияти бештар пайдо карда, орзуҳои худро амалӣ карда метавонад.

Чунин пешниҳодро рад кардан ғайриимкон буд.

Пеш аз субҳ Сэма бо амаки худ аз деҳаи кӯчакашон "ғайб заданд". Вай роҳи дароз ва хатарнокро тай намуд, то ки аз Непал ба Ҳиндустон гузарад. Бо баробари расидан ба Мумбай амакаш вайро ба меҳмонхонаи фарсуда даровард. Вақте ки духтарбачаро хоб бурд, амакаш вайро фурӯхт.

Сэмаи ошуфтаҳол дар иҳотаи одамони ношинос бедор шуд. Барои вай вақти пардохт кардани пуле, ки ба амакаш дода буданд, сар шуд.

Духтарбачаро ба фоҳишахонаи маҳаллӣ фиристоданд ва дар хонаи торик маҳкам карданд. Вай тасаввур карда наметавонист, бо вай чӣ воқеа рӯй хоҳад дод. Вай ҳатто бо забони онҳо гап зада наметавонист. Дар кушода шуд, ва мизоҷ бо он ният, ки ҳоҷати вайро бароварда мекунанд, ба хона даромад. Вақте ки духтарбача муқобилат нишон доданро сар кард, чор нафар зан ӯро қапида,

дар ҳоле ки ба номусаш таҷовуз мекарданд, вайро маҳкам дошта истоданд.

Он вақт Сэма сездаҳсола буд.

Вақт мегузашт. Сэма забонро ёд гирифт, қарзи худро соф кард ва дар давоми ҳамин вақт соҳибкорзани чаққон гардид. Вай ҷои рафтан надошт, ва ҳеҷ интихобе низ, бинобар ин вай дар ҷои кор пешрафт кард ва маъмури фоҳишахона шуд. Вай духтарчаҳои хурдсолро мехарид ва мефурӯхт, бо амри вай онҳоро нигоҳ медоштанд. Сэма ташкилоти зӯровариро роҳбарӣ мекард ва фармон медод, ки наврасонро то таслим шуданашон лату кӯб кунанд.

Нақли Сэмаро гӯш карда, ман бовар карда наметавонистам, ки ақаллан чизе аз он ҳақиқат бошад. Вай дигар хӯҷаинзани фоҳишахона набуд; вай зани миёнсоли ботамкин буд. Касе ба вай дар бораи муҳаббати Худо нақл кард, ва вай масеҳӣ шуд. Вақте имкони гурехтанро пайдо кард, Сэма ҷуръат кард, ки фоҳишахонаро тарк намояд. Ҳоло ӯ хеле заҳмат мекашад, ки ин гуна духтарбачаҳоеро, ки як вақтҳо худаш ба тобеъ шудан маҷбур мекард, озод намояд.

Вақте ки мо сӯҳбат мекардем, барои фаҳмидани он кӯшиш кардам, ки чӣ тавр умуман Сема ба хӯҷаинзани фоҳишахона шудан ҷуръат кард. Оё вай фаромӯш кард, ки духтарчаи сездаҳсолаи тарсон будан чӣ гуна аст? Ман аз ӯ пурсидам: “Сема, чӣ тавр ту тавонистӣ мушоҳида кунӣ, ки духтарчаҳои наврасро медуздиданд, таҷовуз мекарданд ва мезаданд?”

Вай сарашро аз ин тараф ба он тараф ҷунбонида, оҳ кашид: “Мо он кореро мекардем, ки бояд кунем... то ки зинда монем”.

Барои бисёриҳо зинда мондан ин ҳама чизе аст, ки боқӣ мондааст.

Ман гӯё ба кӯҳи радкунӣ афтодам. Ман дар ин кӯчаҳои пурлой бо кулбаҳои номустаҳкам ва хароб роҳ гаштам ва ҷои тааҷҷуб нест, ки онҳое, ки дар пушти ин деворҳо пинҳон шудаанд, пур аз ҳисси ноумедӣ мебошанд. Худро пардапӯш карда, ба фоҳишахонаҳо нигоҳ кардам. Дар Ғарб ман фориғболии дилтангкунандаи занони дар ҳаёт бемақсадро дидаам. Ман шоҳиди он шудам, ки чӣ қадар маблағҳо беҳуда сарф карда шудаанд, чунки онҳо фаромӯш кардаанд, ки кӣ ҳастанд. Ман мушкилотро бо чашмони худам дидам ва сахт умедворам, ки ҳалли онҳоро низ мебинам.

Дар поён аз китоби илҳомбахш ва майдонталаб бо номи

*“Ними Осмон”* даъвати ҳаяҷонбахше баён карда шудааст:

> Тараққиёти таърихӣ занонро аз мавҷудоти гаронбор ва бозичаҳои ҷинсӣ ба шахсони баркамол табдил медиҳад. Афзалияти иқтисодиёт дар фароҳам овардани ҳуқуқҳо ба занон он қадар фарох мебошанд, ки миллатҳоро барои ҳаракат кардан ба ин самт талқин менамояд. Дар ояндаи хеле наздик ғуломии ҷинсӣ, одамкушӣ “барои ҳифзи номуси оила” ва истифодаи аслиҳаи кимиёвӣ ба мисли аз нав латтапеч кардани пой падидаи маъмулӣ ҳисоб карда мешавад. Гап дар сари он аст, ки оё ин дигаргуниҳо дурудароз давом мекунад ва чӣ қадар духтарбачагон, пеш аз он ки онҳо ба охир мерасанд, ба фоҳишахонаҳо дуздида мешаванд, – ва оё ҳар яке аз мо як қисми ин ҷунбиши таърихӣ мегардад ё танҳо мушоҳидакор мемонад.

Ин савол ба ҳар яки мо дахл дорад.

Ман ҳоло навишта истодаам, то ки ба ин ошкоршавӣ шуморо пайванд созам, ва бо рашк дуо мекунам, то суханони ман ягон чизи боздоштанашавандаро, ки андаруни шумо ниҳон аст, бедор кунад. Умедворам, ки шумо бо қуввати модашер бармехезед ва ба ҳар ҷое, ки меравед, мӯъҷизаи Худоро намоён мекунед. Ва он гоҳ мо якҷоя он қуввати пешбарандае мегардем, ки ҷаҳон пештар ҳаргиз надидааст. Хонданро давом диҳед, хоҳаронам-модашерҳо, ва бедор шавед!

# 3

# Шахсони бедор ва хатарнок

Занони “қобилак” аҳёнан таърихро меофаранд.

ЛОРЕЛ ТЭТЧЕР УЛРИХ

Барои бештар донистан дар бораи модашерҳо кӯшиш намуда, ман ба хондани китобҳо, тамошои DVD, филмҳои илмӣ-оммавӣ ва ҳатто клипҳоро дар YouTube сар карда, рафтору одатҳои онҳоро дар вазъиятҳо ва давраҳои гуногуни ҳаёт мушоҳида кардам. Новобаста ба он ки боре ман дар сафарии африқоӣ будам, тасаввуроти америкоии ман оид ба модашерон хеле маҳдуд буд. Ва ҳатто ҳоло низ худро дар омӯзиши модашерон на эксперт, балки аниқтараш табиатшиноси пуршавқу завқ меҳисобам.

Дар яке аз филмҳои илмӣ-оммавӣ дар бораи кӯч кардани шер ва ду модашер ба ҳудудҳои нави Африқои ҷанубӣ нақл карда мешавад. Шер, пешбари гала, бо ёрии ин ду модашер ҳукмронии худро дар ин заминҳои нав бомуваффақият барқарор кард. Ин се нафар якҷоя дар ҳудудҳои азими паҳноҳои Африқои ҷанубӣ ҳукмрон шуданд. Барои мушоҳида кардани ҷойивазкунии гала ва ҷараёни инкишофи он, ба ин шер гарданбанди электронӣ насб карданд. Пас аз ду сол вақти ҷудо кардани гарданбанд расид, чунки дигар зарурат набуд, ки ин ҷонварон дар зери назорат бошанд. Ғайр аз ин гарданбанд ба ёли шер имкон намедод, ки бо тамоми зебоияш бисабзад, ва онро ҷудо карда гирифтан лозим буд, то ки ёли шер ғулитар шавад. (Аз рӯи андозаи ёл шерҳо ба таври визуалӣ “дараҷаи” рақибро муайян мекунанд, ва зимнан қарор менамояд, ки оё бо вай ба ҷанг даромада, бартарии худро дар ин ҳудуд исбот кардан лозим аст ё не. Агар ёли рақиб

сахт калон бошад, пас шер бо даҳони худ аз гулӯи рақиб дошта наметавонад).

Шере, ки ду сол қабл тадқиқотчиён гарданбанд пӯшонида буданд, ҳоло назар ба пештара на он қадар ҷавон, мутеъ ва тарсон буд. Акнун вай подшоҳи пурқуввати ҳайвонот буд. Вай бо ёрии модашерҳо бомуваффақият дар заминҳои нав ҷойгир шуда, галаи худро аз онҳое, ки ба бехатарии онҳо таҳдид мекарданд, муҳофизат мекард, ва маротибаҳои зиёд исбот менамуд, ки вай ҳимоятгари боэътимод аст. Акнун вайро қапидан он қадар осон набуд, зеро вай қоидаҳои ҳаёти ваҳшӣ, далерона ва озодонаро ёд гирифт. Барои аз шер ҷудо кардани гарданбанд, ба рейнҷерҳо лозим шуд, ки вайро хобонанд. Барои ин онҳо ҷои гаштугузори ҳайвонро муайян карданд ва аз масофаи барои ҳаёт бехавф найзачаро бо доруи хоб ба вай парронданд. Тири аввал фақат камтар оромии ӯро халалдор кард; вай каме рамида, ба сӯи онҳо нигоҳи шоҳонаи худро равона кард. Онҳо боз парронданд. Шер калавида ва оҳиста ба замин афтод. Рейнҷерҳо ба кор сар карданд; мошини онҳо аз буттазор гузашта, дар роҳи ноҳамвор алвонҷ хӯрда, ба сӯи ҳайвони хобида ҳаракат кард. Ниҳоят онҳо ба он ҷое, ки як ҷисми бузургҷуссаи зарринтоб хобида буд, расиданд.

Онҳо аллакай тайёр буданд, ки аз “ҷип”-и худ ҷаҳида фароянд, то ки гарданбандро аз шер кушода гиранд, вале кӣ, ба фикри шумо, дар ҳамин лаҳза пайдо шуд? Модашери аввали шери мо - ва вай ҳама нақшаҳоро вайрон кард. Бо туфайли қобилияти дар муҳити атроф аз назар пинҳон мондани вай, рейнҷерҳо то ҳамон лаҳзае, ки бо ихтиёри худаш дар пеши чашмони онҳо пайдо нашуд, вайро пайхас накарданд. Ва ин ки онҳо дар бораи ҳозир будани модашер намедонистанд, маъно надорад, ки модашер низ дар бораи ҳозир будани одамон намедонист. Ба замин афтодани шерро дида, вай ҷои пинҳонии худро тарк карда, дар доираи назари одамон пайдо мешавад. Вай ба гурӯҳи рейнҷерҳо аз худ далерона дарак дод. Модашер дар байни шери беҳаракат ва одамони ба ҳар кор омода, аз як тараф ба тарафи дигар давида, таҳдидкунон наъра мезад. Вай гӯшҳояшро ҳамчун локатор мегардонид, пашми баданаш рост хест – бо тамоми намуди худ модашер нишон медод, ки вай норозӣ аст.

Барои рейнҷерҳо вақти хеле кам боқимонда буд, ки ба назди шер рафта, пеш аз таъсири доруи хоб гум шудан, гарданбандро

аз гарданаш кушода гиранд. Вале ҳузури модашер ин корро имконнопазир мегардонид. Дар дасти одамон танҳо боз як доруи мадҳушкунанда боқӣ монда буду халос. Барои наздик шудан ба он вайро хобонидан лозим буд! Мерган туфангашро бардошта ва бо эҳтиёт ба нишон гирифт. Найзача бо доруи хоб ба тани модашер халид, ва ҳайвони ғазабнок худро ба тарафи одамон андохт, вале ҳамон замон вай бо тани худ найзачаро зер карда, ба замин афтод. Вақте ки дастаи рейнҷерҳо ба назди шер омаданд, дар фазо як шиддати ҳисшаванда ҳукмфармо буд. Ба мисли модашер, шер низ ба ҳаракат кардан қодир набуд, вале дар ҳуш буд, ва чашмони вай бодиққат ба ҳар як ҳаракати одамон назора мекард.

Яке аз рейнҷерҳо пичиррос зада, аз ақиб ба шер наздик шуд ва бо корди тез гарданбандро бурид, ва ҳамчунин аз тани ҳайвон ду найзачаи доруи хобро кашида баровард. Сипас рейнҷерҳо аз шер дур шуданд ва модашерро аз назар гузарониданд. Пеш аз як ё ин ду гурбаи бузургҷусса ба ҳуш омадан, аз он ҷо зуд дур шудан лозим буд. Модашер якпаҳлӯ мехобид, ва аз резиши ғадудҳои ширӣ маълум буд, ки вай ҳомиладор аст. Онҳо эҳтиёткорона ва оҳиста қисми ақиби бадани вайро бардошта, зуд найзачаро кашида бароварданд.

Зимнан шер наъра мезад ва кӯшиш мекард, ки аз ҷой бархезад, вале ҳоло ҳам ба бархестан қодир набуд. Рейнҷерҳо дигар ба шерҳо нигоҳ накарда, бошитоб ба мошин баргаштанд. Муҳаррики “ҷип” ба кор даромад, ва онҳо оҳи сабук кашида, ба пеш ҳаракат карданд. Роҳбалад оҳанги пуршиддатро, ки то ин дам дар овози вай ба гӯш мерасид, дур карда, гуфт: “Ҳеҷ чизи дигар даҳшатноктар аз он нест, ки дар назди шерҳои бедор истода бошӣ!”.

## Масеҳиёни хобонидашуда

Вобасташавии калимаҳои “хатарнок” ва “бедор” диққати маро ҷалб кард. Чӣ воқеа рӯй медод, агар ки мо, ба мисли шерон, хатарнок ва бедор бошем? Он гоҳ ва танҳо он гоҳ мо ба қувваҳои зулмат, ки бисёр одамон дар асорати онҳо ҳастанд, хатар эҷод карда метавонистем.

Азизони ман, дуо мекунам, то ҳамаи мо бифаҳмем, ки душмани мо аз мо сахт ҳаросон аст, аз ин рӯ вай ҳар корро ба амал меорад, ки моро боздорад. Вай медонад, ки агар мо

ҳушёр ва зиндадил бошем, вай ба мо ба таври кофӣ наздик шуда наметавонад, то ки моро дастгир ва бандубаст кунад. Барои зарба задан, ба вай лозим аст, ки моро бихобонад, то ки мо иҷро кардани он кореро, ки Худо моро ба он даъват кардааст, бас кунем. Вале мо бояд бедор шавем, бархезем ва, ҳамчун модашере, ки ман дар рӯъё дидам, дар хотир дошта бошем, ки мо кӣ ҳастем, то ки дар нур ба душмани ин ҷаҳон муқобилият кунем.

## Рӯз ба рӯз оромшавандагон

> Шуморо бовар мекунонам, ки он қадар бо ташвишу тараддудҳои ҳаррӯза банд ва хаста намешавед, то ки ғанимат донистани вақтро аз хотир бароварда, дар ғафлат монед ва Худоро фаромӯш кунед. Дере нагузашта шаб ба охир мерасад, ва субҳ наздик аст. Бедор шавед ва ба коре, ки Худо мекунад, тайёр бошед! Худо нақшаи наҷотро, ки дар вақти имон овардани мо сар карда буд, комил мегардонад. Мо ба худ раво дида наметавонем, ки ҳатто камтарин лаҳзаеро аз даст диҳем, хоболуд ва фориғбол шавем, ҷанҷол кунем ва ба ҳавасҳои чашмони худ фирефта гардида, беақлона рӯзҳои пурқиматро барои корҳои беҳуда ва қонеъ кардани ҳавасҳои шахсӣ сарф кунем. Аз бистари хоб бархезед ва либоси худро дар бар кунед! Бекорагардӣ накунед ва то лаҳзаи охирин интизор шуда, вақтро беҳуда аз даст надиҳед. Масеҳро дар бар кунед, фикру ҳуши худро ба як ҷо ҷамъ карда, тайёр бошед! (ниг.: Румиён 13:11-14)

Ба лаҳзаҳои зерини ин огоҳӣ диққат кунед: бо ташвишу тараддудҳои ҳаррӯза иштиёқманд набошед ва худро хаста накунед. Онҳо вақти шуморо дуздида метавонанд ва ниҳоятан шуморо ба хоб ғарқ мекунанд. Ин порча аз Навиштаҷот моро барои бархестан, бедор ва тайёр будан ба он коре, ки Худо мекунад, даъват менамояд. Агар ту бедор ва ба он коре, ки Худо мекунад, тайёр бошӣ, ту хоҳӣ донист, ки чӣ кор бояд бикунӣ! Он вақтҳое, ки мо умрамонро беҳуда сарф кардаем, тамом шуд. Вақти он расид, ки ақлу ҳушамонро ба як ҷо ҷамъ карда, дар ҳолати омодабош қарор ёфта бошем. Занги соат аллакай кайҳо садо додааст!

Дар вақти охирин занги телефонии дугонаам ман боз ба як

танбеҳ эҳтиёҷ доштанамро дарк кардам. Вай дар бораи он ба ман нақл кард, ки ӯ ва шавҳараш бо кашиши машҳури яҳудӣ дар вақти хӯроки нисфирӯзӣ сӯҳбат карданд. Вай аз ҳоли риққатбори ибриёни амрикоӣ сахт андӯҳгин буд ва дили худро ба онҳо холӣ кард. Ин кашиш дар куништҳо ва дар анҷуманҳо дар тамоми кишварамон, яҳудиёни амрикоиро бовар мекунонад, то дар бораи он дуо кунанд, ки масеҳиёни амрикоӣ якҷоя бархезанд ва таъсир ва нерӯи худро дарк намоянд. Вай аз он дар ташвиш аст, ки дар кишвари мо шумораи яҳудиҳо хеле кам аст, то худро ҳимоя карда тавонанд – магар ин ки онҳоро пуштибонӣ кунанд, дастгирӣ намоянд, то ки рӯҳияи зиддияҳудӣ ва зиддимасеҳӣ, ки бар муқобили мо нигаронида шудааст, боздошта шавад.

Бисёре аз мо ноумед, хомӯш ё – бадтар аз ҳама – умуман дарк намекунанд, ки ҳақиқатан дар дунё чӣ рӯй дода истодааст. Эҳтимол, сабаб дар он аст, ки вақти аз ҳад зиёд мо Инҷили худтаскиндиҳанда ва аз воқеият дур, ки фақат баъзеҳоро барои рафтан ва наҷот додани ҳалокшавандагон водор мекунад, гӯш кардаем? Шояд, норасоии ҳаракат ва машқҳои рӯҳонӣ моро ба ҳолати хоболудӣ ва карахтӣ оварда расониданд? Эҳтимол, рӯҳияи диндорӣ ва муносибати муросокорона ба гуноҳ ҳаракати моро боздоштанд ва ба он оварда расониданд, ки аксуламали мо ба воқеаҳои гирду атрофамон ва ҳиссиётҳои мо кунд шуданд? Оё имкон дорад, ки Худо моро танбеҳ додан мехоҳад, то ки мо бедор шавем ва "ҳушёр ва хатарнок" гардем". Агар ин чунин бошад, пас ин на бори аввал аст.

Фарзандони Исроил дар биёбон вақти дарозтар аз он, ки зарур буд, оворагардӣ карданд. Онҳо ба монанди тӯдаи бузурги гӯсфандон бемақсад давр заданд. Баъзан онҳо раҳгум зада, шикоят намуданд; баъзан итоаткорона рӯзона аз паси абр роҳ рафтанд ва шабона дар зери сутуни оташ хайма заданд. Онҳо гоҳе ба овози шубони худ Мӯсо итоат карданд, гоҳе зид баромаданд. Аммо вақте ки онҳо дар ҳамвориҳои Мӯоб, ки ҳамшафати замини ваъдашуда мебошад, хайма заданд, ҳузури онҳоро ҳама ҳис карданд. Ҳама халқҳои гирду атроф пайдо шудани онҳоро медонистанд. Ӯрдугоҳи қавме, ки дар биёбон сарсон мегашт ва ҷангро таълим нагирифта буд, ба назари сокинони он замин ҳамчун издиҳоми ҷанговарони тавоно намудор шуд.

Акнун ин тӯдаи ғуломони афсурда набуд. Исроилиён боз дар бораи баромади шоҳонаи худ аз Худо ваҳй гирифтанд (маънои

*“Исроил”* “амири Худо” мебошад). Пас аз солҳои зиёди оворагардӣ дар биёбон, онҳо ба ҳаёти муқимӣ тайёр шуданро сар карданд. Вале ҳоло низ фарзандони Худо он чиро дарк намекарданд, ки барои шоҳони маҳаллӣ, барои Билъоми набӣ, барои душманоне, ки дар гирду атрофи ибриён буданд, ин қадар аниқ ва равшан буд. Онҳо дигар ғарибу мусофир набуданд, балки обидону сарбозони интихобшудаи Худо буданд.

Аммо, мутаассифона, бе донистани он ки дар асл онҳо киҳо буданд, бе муносибати дуруст нисбат ба қавмҳои гирду атроф ва душманон, фарзандони Худо рӯъё ва рисолати худро гум карданд. Онҳо аз худашон худдории муқаддаси пешинаро дур карданд ва иштибоҳи ҳалокатоварро содир намуданд. Пеш аз он ки ба замини ваъдашуда дохил шаванд, онҳо аз нодонӣ чандин аҳдҳои нопок бастанд. Имрӯз иштибоҳҳои онҳо барои мо огоҳии пешакӣ аст: моро хатари ҷиддӣ интизор аст, агар, бедор шуда, фаромӯш кунем, ки кӣ ҳастем.

Содда карда гӯем, дар биёбон қавм ба фасодкорӣ дода шуд. Исроилиён бо занони мӯобӣ, ки аз ҷониби Билъоми набӣ фиристода шуда буданд, зино кардан гирифтанд (ниг.: Ададҳо 25:1-2; 31:16; Ваҳй 2:14). Занон ибриёнро даъват мекарданд, ки дар амалҳои якҷояи шаҳватпарастонаи онҳо, ки хоси маросимҳои бутпарастона буд, иштирок кунанд. Оқибати ин кор ҳалокатовар буд. Одамони Худо барои якчанд вақт ба гумроҳӣ кашида шуданд. Пеш аз он ки ҳамааш тамом шавад, вабо буд, коҳини рашкин буд, душмани қавӣ буд – мидиён. Худо ба Мӯсо амр фармуд, ки қавмро ҳисоб кунад, ва баъд аз ин қавм аз нав ташаккул дода шуд.

Новобаста ба ин душманони Исроил бар онҳо ғолиб нашуданд. Вақте ки исроилиён итоаткор буданд, онҳо пирӯз мешуданд. Аммо вақте ки аз фармонҳои Худо сар метофтанд, ҷазо мегирифтанд. Онҳо пушаймон шуданд – ва Худо бар онҳо рехтани ғазаби Худро бас кард, вале то он дам аз ғазаби Худо бисту чор ҳазор нафар ҳалок шуданд.

Аз ин воқеа чиро омӯхтан мумкин аст? Агар душмани мо моро дар ҳолати хоб нигоҳ дошта натавонад, – хомӯш, суст ва мутеъ, – пас вай моро васваса мекунад, ки дар ибодати фаҳшо ва шарирона иштирок кунем. Масеҳиёни хоболуд чӣ гунаанд? Имони онҳо дар ақидаҳои зерин ифода ёфтааст:

- “Ҷаҳон ба пастӣ ғелида меравад... Умедворам, ки Худо моро ба зудӣ ба Осмон мебарад, то ки моро аз ҳамаи ин халосӣ диҳад”.

- “Барои чӣ акнун ман ва шавҳарам наворҳои таълимиро бо саҳнаҳои маҳрамонаи ҷуфтҳои дигар набояд тамошо кунем?”
- “Ман дар ҳаросам! Бинобар ин ман чашмонамро мепӯшам (хамёза), ва акнун, ки чашмонам пӯшида аст, ман камтар хоб мекунам”.
- “Охир, Худо медонад, ки ман танҳо одам ҳастам, ва ман талаботҳои ҷинсие дорам, ки ҳамсарам қонеъ гардонида наметавонад. Ман медонам, ки ин корро набояд кунам, вале охир, дар ниҳояти кор, Худо маро аллакай бахшидааст...”
- “Ман барои ин президент овоз надодаам. Ман дар бораи вай дуо намехонам”.
- “Ғуломии ҷинсӣ ва хариду фурӯши одамон – ин фоҷиаи бузург. Лекин ин мушкилӣ проблемаи кишварҳои дигар-ку, магар ҳамин тавр не?”
- “Чӣ қадар таассуфовар аст, ки ҳамаи ин одамон дар вақти заминҷумбиҳо дар Ҳаитӣ ва дар Чилӣ ҳалок шуданд. Магар кори бузург нест, ки одамони машҳур пулҳояшонро қурбонӣ мекунанд, то ки ба ин одамон ёрӣ расонанд?”

Баъзан ман аз даҳшати он, ки мо кӣ буданамонро фаромӯш кардаем, гиря кардан мехоҳам. Мо ба худамон тааллуқ надорем, мо ба Худо тааллуқ дорем. Мо одамони муқаддасе ҳастем, ки барои Ӯ ва мақсадҳои Ӯ ҷудо карда шудаем. Мо танҳо як гурӯҳчаи парокандаи фирориёни сағирмонда ва ба гуноҳҳо мубталое нестем, ки бо мушкилиҳо мубориза мебараду бовар надорад, ки Худо вуҷуд дорад. Мо Бадани ягонаи Масеҳ ҳастем, ва, ҳамчун Бадани Ӯ, мо барои пирӯзӣ, ғалаба, мӯъҷизот ва аломот офарида шудаем. Мутаассифона, на ҳама хоҳарон дар ин бора медонанд!

## Ту ҷавоб ҳастӣ, на проблема

Дар бораи ин қувваи пешбаранда ман дар соли 2005 дар китоби *“Ҳамчун зан мубориза бар”* навиштаам. Мазмуни асосии он аз он иборат аст, ки “ту, духтар, ҷавоб ҳастӣ, на проблема”. Навиштани *“Бедоршавии модашерон”*-ро ба охир расонида истода, ман дар бораи китоби саривақтӣ ва шавқовар бо номи *“Ними Осмон”*, ки муаллифонаш ҳамчунин изҳор медоранд: “Зан на проблема, балки ҳалли он аст”, фикр карданро сар кардам. Ин китоб аз тарафи зану

шавҳар Николас Д. Кристоф ва Шерил Вуданн, барандагони ҷоизаи Пулитсерови рӯзноманигорон навишта шудааст. Мақсади он – бедор кардан ва ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ҷомеа ба проблемаи тезу тунди баробарҳуқуқии занон, дарк кардани нақши занон дар соҳаҳои маориф ва иқтисодиёт мебошад. Ин китоб, хушбахтона, аксуламали пурҷӯшу хӯрӯшро дар байни ҳунарпешагон, фаъолон, васоити ахбори умум ба амал овард.

Ман боз ин масъаларо мебардорам, зеро аз он ғамгинам, ки калисо дар ҳалли ин гуна масъалаҳо, чун нобаробарии ҷинсҳо, пешравӣ намекунад. Чунин ба назар мерасад, ки мо ба Юнус, набии Аҳди Қадим монанд ҳастем. Ӯ дар таҳхонаи киштӣ оромона хобида буд, дар ҳоле ки гурӯҳи боқимонда, ҷасорати худро ба даст гирифта, сахт кӯшиш мекард, ки бар тӯфони пурталотум ғолиб ояд. Мо бояд ҳамеша аз аввалинҳо шуда, дар саҳни болоии киштӣ дар байни онҳое бошем, ки ҳамдастии Худоро дар ҳалли беадолатии тоқатнопазир, ки низоми ҷаҳонро вайрон мекунад, ҷустуҷӯ менамоянд. Вале, бар хилофи Юнус, мо на як бор тӯфонеро аз сар мегузаронем, ки киштии ягонаро бо мавҷҳои пурталотуми уқёнус алвонҷ медиҳад. Дар ҳолати мо тамоми ҷаҳон аз офатҳои табиие, ки ба замин фурӯ мерезад, аз бӯҳронҳои молиявӣ, ки иқтисодиёти ҷаҳонро муташанниҷ мегардонад, дар изтироб аст. Беадолатӣ тамоми ҷаҳонро ба ларза овардааст. Дар ҳолати шиддатнокшавии изтироб ва хатар ҷаҳон ба масеҳиён бо чунин савол муроҷиат мекунад: “Чӣ тавр ин тавонист рӯй диҳад?” Ситамдидагон, маҷрӯҳон, гумшудагон ба мо муроҷиат мекунанд: чӣ тавр мо хобида метавонем дар он лаҳзае, ки ба Худо фарёд задан ва дуо кардан лозим аст, то Ӯ, ҳанӯз, ки сахт дер нашудааст, ба вазъият дахолат кунад. Аммо шумораи аз ҳад зиёди одамон ба вазъиятҳо имкон медиҳанд, ки онҳоро ба хоб кардан ё ба баҳсу талошҳои бемаънӣ водор кунанд.

Дар замони Юнус Худо тӯфон фиристод, то ки набиро бедор кунад ва дар бораи сокинони Нинве, ки бо роҳи шарорат равона буданд, хотиррасон намояд. Худо ҳеҷ гоҳ одамонро дар бало танҳо намемонад, аммо Юнус барои пешгирӣ кардани харобие, ки ба ин шаҳри қадим таҳдид мекард, ҳеҷ гуна хоҳише надошт. Набӣ дар таҳхонаи киштӣ пинҳон шуд ва ба самти муқобил аз он ҷое, ки Худо барояш амр карда буд, шино кард. Вақте ки Юнус ба хоб рафт, Худо чунон тӯфони сахте фиристод, ки киштие, ки дар он ин гуреза пинҳон шуда буд, қариб буд, ки пора-пора шавад. Барои чӣ Юнус гурехт? Ӯ онҳоеро, ки нолоиқ ҳисоб мекард, наҷот

додан намехост. Ба сӯҳбати Юнус бо Худо, пас аз он ки вай ва ҳам шаҳр наҷот дода шуданд, диққат кунед:

> Юнус хеле маҳзун шуд, ва қаҳраш омад. Ва сӯи Худованд дуо кард ва гуфт: “Эй Худованд! Оё сухани ман ҳамин набуд, вақте ки ҳанӯз дар диёри худ будам? Барои ҳамин ҳам ба гурехтан ба Таршиш шитоб кардам, зеро медонистам, ки Ту Худои бахшанда ва раҳим, собир ва пур аз эҳсон ҳастӣ, ва аз офат пушаймон мешавӣ!”.
>
> Юнус 4:1-2

Юнус хоҳони он буд, ки Худо шаҳрро доварӣ кунад ва ҷазо диҳад, лекин Худованд мехост, ки файзу раҳмати Худро бирезад. Юнус парво намекард, ки ба шаҳри серодам харобӣ таҳдид мекунад, вале ӯ ба ҳадди марговар аз хушк шудани ниҳоле, ки дар сояаш аз нури сӯзони офтоб пинҳон шуда менишаст, ошуфта гардид.

> Ва Худо ба Юнус гуфт: «Оё хуб аст, ки барои канадона дар қаҳр шавӣ?» Вай гуфт: «Хуб аст, ки то ба дараҷаи марг дар қаҳр шавам». Он гоҳ Худованд гуфт: «Ту канадонаро дареғ медорӣ, ки барои он меҳнат накардаӣ ва онро нарӯёнидаӣ, ки он дар як шаб пайдо шуд ва дар як шаб нобуд шуд: Ва оё Ман Нинверо — ин шаҳри бузургро — дареғ надорам, ки дар он бештар аз дувоздаҳ бевар одамоне ки дасти росту чапи худро наметавонанд фарқ кунанд, ва ҳайвоноти бисьёре низ ҳастанд?»
>
> Юнус 4:9-11

Ҳой! Магар мо низ айнан ҳамин тавр фаҳмиши онро, ки барои Худо чӣ муҳим аст, гум намекунем? Эҳтимол, мо оиди бароҳатӣ ва бехатарии худ, назар ба он ки барои Худо чӣ қиматтар аст, бештар ғамхорӣ менамоем? Худои Бузург дар Осмонҳо аз пешомадҳои харобиовар шод намешавад. Вай ҳар касеро, ки бо роҳҳои шарорат равона аст, наҷот додан мехоҳад! Биёед ҳеҷ як одамро, ки Худо наҷот додан мехоҳад, аз умед маҳрум намесозем. Ман дуо мекунам, ки шумо ба Худо барои бедор кардани модашер иҷозат диҳед, то шумо мавқеи худро пайдо намоед ва дигаронро маҳкум накарда, аз бадӣ, ки ба хароб кардани ҳаёт таҳдид мекунад, наҷот диҳед.

Вақти он расидааст, ки ба даъвати Худо итоат кунем. Ӯ ба мо кори паҳн кардани Хабари Хушро дар тамоми ҷаҳон бовар

карда, супоридааст. Ӯ фармудааст, ки мо якдигарро дӯст дорем. Ӯ ба мо бевазанон, ятимон, ғарибон ва камбағалонро бовар карда, супоридааст. Ҳатто алҳол Ӯ духтарони Худро – ҷавонон ва калонсолонро – барои ҷавоб будан ба проблемаҳои дунё рӯҳбаланд мекунад. Ӯ пешниҳод мекунад, ки фарқиятҳои худро як сӯ гузошта, барои иҷро кардани кори Худо якҷоя меҳнат кунем.

Баъзе аз моён ҳоло ҳам меҳнат карда истодаанд, ки нисбат ба якдигар некӯкор бошанд. Дигарон барои сӯгворӣ кардани талафотҳои худ сахт банд ҳастанд. Шумораи зиёди одамон аз сабаби фарқиятҳои ахмақонаи таълимотӣ, қисмҳои дигари Бадани Масеҳро айбдор карда, ҷанҷол мекунанд.

Маҳбубонам, ман намехоҳам, ки нархи даъвати мо барои бедорӣ он бошад, ки мо ҳамчун Юнус ба баҳр андохта шавем, ё ҳамчун халқи Исроил дар биёбон саргардон шавем! Биёед ба бадкориҳое, ки дар дунё рӯй дода истодааст, чашмони худро воз мекунем, ва ба ин падида имкон медиҳем, моро биларзонад ва бедор созад. Дар рӯҳи худ ман мебинам, ки чӣ тавр одамони пурҳарорат ва барои дигаргун кардани дунёи худ омода бархоста истодаанд.

## Намунаи шахсии шумо

Дар ҷараёни навиштани ин китоб муҳаррирони ман маро водор карданд, ки дар бораи заноне мисол биёрам, ки комилан аз хоб бедор шудаанд, то шумо бубинед, ки зани бедор ба кадом корҳо қодир аст. Вале бо ин мисолҳое, ки мо аллакай дидем, маҳдуд мондан намехоҳам, чунки саргузашти “шахсони бедор ва хатарнок” ҳоло ҳам навишта шуда истодааст. Ман боварӣ дорам, ки ҷаҳон ҳоло боз мебинад, ки ҳаракати занони масеҳӣ чиро дар худ касб мекунад, яъне онҳое, ки ҳама якҷоя бедориро ихтиёр кардаанд ва ба қувваҳои бадӣ таҳдид мекунанд.

Худо ду маротиба ба ман бо супориши сар кардани ҷараёни бедорӣ дар байни занони масеҳӣ муроҷиат кард. Ман тасаввуроте надорам, ки ҳангоми пурра бедор шудани мо чӣ воқеа рӯй медиҳад, вале медонам, ки ин барои торикӣ хатарнок ва дар партави рӯз пуршараф мешавад. Дар бораи ин фикру хаёл карданро давом дода, ман ба хулосае меоям, ки монандшавии зани масеҳӣ ба модашери далер ва ваҳшӣ ҳоло дар зинаи ташаккулёбӣ аст.

Ман ҳамчунин фаҳмидам, ки агар ба одамон гӯянд, ки чӣ кор кардан лозим аст, ин ба онҳо маъқул мешавад. Вале маслиҳатҳои

қадам ба қадам оиди чӣ тавр ва чӣ кор кардан моро аз бисёр мӯъҷизаҳои то ҳол ноаёни Худо маҳрум месозад, бинобар ин паёми ман ба саволи “чӣ тавр” ҷавоб намедиҳад. Ман мехоҳам, ки шумо бедор шавед – дар даруни худ модашерро бедор кунед ва беҳамто будани худро зоҳир карда, умр ба сар баред. Танҳо Худо ва шумо муайян карда метавонед, ки модашер чӣ гуна хоҳад буд, агар он дар даруни шумо пурра бедор шавад.

Ба наздикӣ ман аз кормандони дафтари мо хоҳиш кардам, ки он калима ва шабоҳатҳое, ки дар онҳо хоси модашер аст, номбар кунанд. Ман тамоман ҳайрон нашудам, вақте ки онҳо дар баробари *“хашмгинӣ”* ва *“далерӣ”* сифатҳои дигарро ба мисли *“малоҳат”* ва *“назокат”* ба ҷавоб дохил карданд. Бинед, ки таъсири ин бедорӣ чӣ қадар гуногунранг ва фарох буда метавонад.

Навиштаҷотро тадқиқ карда, ман дарёфт намудам, ки Худо бидуни шарҳи аниқи оқибатҳо ба одамони Худ ва паёмбарони Худ ба он ҷо рафтан, ин корро кардан, инро гуфтан барин чизҳоро амр мекунад. Масалан, Элишоъ ба бевазан гуфт: «Рафта, барои худ аз берун, аз ҳамаи ҳамсояҳоят зарфҳо бипурс, зарфҳои холӣ, ки кам набошад; Ва омада, дарро аз пушти худат ва писаронат биканд, ва дар ҳамаи ин зарфҳо бирез, ва он чи пур шавад, ба каноре бимон» (4 Подшоҳон 4:3-4). Ин суханон мушаххас нестанд. Қарздиҳанда ба бевазан таҳдид мекард, ки барои напардохтани қарз бачагонашро ба худ мегирад. Чӣ тавр ин суханон барои ҳалли ин масъала ёрӣ расонида метавонанд? Аммо вақте ки бевазан ба ин суханон итоат кард, ва ба назди набӣ баргашт, набӣ ба ӯ гуфт: «Рафта, равғанро бифрӯш ва қарзҳоятро адо намо, ва аз он чи боқӣ бимонад, ту ва писаронат зиндагӣ хоҳед кард» (4 Подшоҳон 4:7).

Аҷиб аст, ки мо аз сабаби он ки қадами дуюм, сеюм ва чорумро донистан мехоҳем, чӣ қадар чизҳоро аз таъминоти мӯъҷизавӣ аз даст медиҳем. Бинобар ин ба ин китоб ҳамчун ба он чизе муносибат кунед, ки “хондан, дуо кардан ва ба Худо барои пур кардани зарфҳое, ки шумо дар назди Ӯ гузоштед, иҷозат додан” лозим аст. Аз Худо дархост кунед, то симои модашерро (хислат, шакл, олами ботинии вайро), ки барои рӯҳбаланд кардани шумо истифода бурдан мехоҳад, дар хотири шумо нақш бандонад.

Аз муқоиса кардани худ бо модашер, ва Исоро бо шер, натарсед! Ин ба симои Исо, ҳамчун шубони мо, ва ба муносибати

Ӯ ба мо, ҳамчун ба гӯсфандони Худ, мухолиф нест. Оё мо бо маънои аслӣ гӯсфандони Ӯ ҳастем, ё Худо мехоҳад, ки мо, ҳамчун гӯсфандон, Ӯро пайравӣ кунем ва ба Ӯ эътимод намоем? Шабеҳи ин, Исо – Домоди мо, ва ҳамаи мо арӯси Ӯ ҳастем. Ин симои маҷозӣ аст. Исо – Чӯпони мо, Подшоҳ, Худо, Одам, Домод, Бародар, Шер, Барра, ва ҳамчунин айнан Ибтидо ва Интиҳо. Оё шумо дар ҳайрат ҳастед, ки Ӯ, шояд, тасаввуроти моро дар бораи Худ васеъ кардан мехоҳад? Ман мехостам, ки шумо ба ин китоб бо фаҳмиш, қувват ва таъсири шахсӣ муносибат кунед.

## Вазифаи бедор кардан

Вақте ки ман дар донишгоҳ таҳсил мекардам, дар хобгоҳи занонаи мо айвони хоб мавҷуд буд. Намедонам, барои чӣ онро “айвон” ном ниҳоданд, зеро он дар дохили бино ҷойгир шуда буд ва он аз тарафи кӯча даромадгоҳи алоҳида надошт. Ин ҳуҷраи дарозу торик бо катҳои дуқабата дар қабати дуюм ҷойгир шуда буд. Баъзе катҳо дар назди девор меистоданд, дигарҳояш – дар қатори тирезаҳои сиёҳтоби амудӣ.

Аз сабаби он ки дар як ҳуҷра бисёр одамон зиндагӣ мекарданд, ба мо истифода бурдани соати зангӣ иҷозат дода намешуд. Ба ҷои ин мо барои иҷрои кардани кори барои ман аз ҳама номаъқул ва дилнохоҳ – бедор кардани дигарон навбатдорӣ мекардаем. Пеш аз хоб рафтан, хоҳарон ҷадвалҳоро бо сабти номи худашон гирифта, онҳоро ба чашмакҳои (ячейка) махсус, ки вақти бедор кардан дар он нишон дода мешуд, мегузоштанд. Ин навбатдорро вазифадор мекард, ки дар куҷо хоб кардани ҳар як хоҳарро бидонад. Дар шаби навбатдории худ шахси масъул барои бедоркунӣ дар ҳуҷраи алоҳида хоб мекард, яъне дар ҷое, ки истифода бурдани соати зангӣ мумкин буд.

Вақте ки навбати ман фаро мерасид, ман занги соатро сӣ дақиқа пештар аз вақти бедоркунии шахси аввал муқаррар мекардам, то ки барои шустушӯи бадан дер намонам. Ин ягона афзалияти навбатдор буд – бенавбат шустушӯ кардани бадан.

Вақте ки вақти аз хоб хестан фаро мерасид, ман давр зада, дар давоми ду-се соат бо фосилаи 15-20 дақиқа духтаронро бедор мекардам. Ҳамин тавр ба айвони хоб бо нӯги пой равубиё мекардам ва дар байни ин кӯшиш менамудам, ки либос пӯшам ва наҳорӣ кунам. Боз ва боз оҳистаякак ба айвон номаълум медаромадам, дарро мепӯшидам, дар торикӣ нодида роҳ

мерафтам, катҳои хобро шуморида, бо эҳтиёт аз байни онҳо мегузаштам, то ки нохост хоҳарони хобидаро бедор накунам. Ниҳоят хоҳар ё хоҳарони даркориро ёфта, навозишкорона, вале бо истодагарӣ онҳоро бедор мекардам.

Навбатдор масъулияти калонро ба ӯҳда дошт, чунки ҳар як хоҳар нигарони он буд, ки вайро бедор мекунанд ё не. Онҳо бояд ба машғулиятҳо шитоб мекарданд, санҷишу имтиҳонҳоро месупориданд – ва, ҳам албатта, ҳеҷ кас хоҳони он набуд, ки вохӯриро бо ҷавони худ аз даст диҳад.

Боре ман дар навбатдории худ ҳамаро дар ҳолати ногувор мондам, чунки аз ҳад зиёд мулоим, аз ҳад зиёд эҳиёткор будам, ва баъзан аз бедор кардани ҳоҳари аз ман калонсолтар метарсидам. Вай дар ҷавоб ғурунг- ғурунг карда метавонист, ва ман фикр мекардам, ки вай бедор шуд, дар ҳоле ки вай ҳамту дар хобаш гап мезад. Дертар, ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ ин хоҳар ба ман норозигӣ баён менамуд, ки бемасъулиятии ман ба вай беҳад қимат афтод. Хатогиҳое ҳастанд, ки на шумо ва на ман содир кардан намехоҳем. Бинобар ин ман сабақ омӯхтам, ки баъзе аз хоҳаронро дурустакак ҷунбонидан лозим аст, то ки бедор шавад, ба дигарон бошад як ламси навозишкорона кифоя аст, вале саввумиҳо ҳамон лаҳза бедор мешуданд, фақат кифоя буд, ки ба гӯшашон пичиррос занам. Баъзе хоҳарон ба ман раҳмат мегуфтанд, дигарон хоболудона дод мезаданд ва маро бадар меронданд.

Бадтар аз ҳама он вақт буд, ки гӯё хоҳар бедор мешуд ва ҳатто мегуфт, ки “хуб, хуб, ман бедор шудам”, вале баъди рафтани ту сахт ба хоб мерафт. Ба ман дарс шуд, ки бо ин гуна одамон то вақти аз кат бархестанашон дар паҳлӯяшон бояд истод.

Хавфи дигаре низ мавҷуд буд: нохост хоҳари дигарро бедор кардан мумкин буд. Гарчанде ман бо тамоми қувват кӯшиш мекардам, ки бемағал ва эҳтиёткор бошам, бо вуҷуди ин нохост хоҳари дигарро дар қабати дуюм ё кати дар паҳлӯ ҷойгиршуда бедор мекардам. Вай аз ҷо бархеста, ва дасти маро медошт, ки ин маро ба даҳшат меовард, ва пичиррос мезад: “Ҳой, ман бедор шудам! Метавонӣ номи маро аз рӯйхат хат занӣ ва дигар ба ман даст нарасонӣ”.

Иқрор шудан шармовар аст, вале, вақте ки маро бедор мекарданд, ман худ ҳамон гуна будам, ки дод мезад ва бедор кардан душвор буд. Қариб ҳама вақт маро дубора бедор кардан

лозим буд. Аз он сабаб ки ман худ вазифаи навбатдориро иҷро мекардам, қоидаро нағз медонистам. Агар туро ду бор бедор мекарданд ва ту бедор намешудӣ, он гоҳ дафъаи сеюм ҳоҷат надошт. Аз ин сабаб дар кӯшиши дуюм ту ҷиддитар муносибат мекардӣ, зеро медонистӣ, ки ин бори охирин аст. Ҳамон лаҳза ки хоҳарони ман бедор мешуданд ва фаъолона ба сарҷамъ шудан шурӯъ мекарданд, ман дигар барои онҳо ӯҳдадор набудам. Ман онҳоро ба ҳаракат меовардам, ва акнун лозим буд, ки худро ба тартиб биёрам.

Вале Худои саховатманд қоидаҳои хобгоҳи донишҷӯии маро риоя намекунад. Ӯ хушнуд мешавад, ки то лаҳзаи охирин бедор кардани моро давом диҳад, бо вуҷуди ин эҳсоси таъҷилӣ ва зарур будан моро набояд тарк кунад. Ман ҳис мекунам, ки ҳатто ҳозир баъзе аз хоҳарон ба даъвати бедор шудан, ки барои занони дар атрофи онҳо хобида садо медиҳад, ҷавоб медиҳанд.

## Далериро бедор карда

Ба назарам, аҷиб аст, ки ҳоло ҳам, дар ин давраи ҳаёт, ман боз ҳам навбатдориро ба ӯҳда дорам ва дигаронро бедор мекунам, вале ҳоло дар майдон чизҳои боз ҳам ҷиддитар ҳастанд. Баъзан ман ҳис мекунам, ки дар хонаи торик дар байни катҳо роҳ меравам ва босаброна бедор шудани хоҳаронро интизор шуда, навозишкорона онҳоро бедор мекунам, вале баъзан – агар бахтам омад кунад – ҳамту номи онҳоро пичиррос мезанам, ва онҳо бедор мешаванд ва бармехезанд.

Медонам, ки ман ягона касе нестам, ки вазифаи аз хоб бедор кардани дигаронро иҷро мекунад, зеро ҳар як духтари Худоро бо усулҳо, роҳҳо ва омилҳои гуногун бедор кардан мумкин аст. Ба ман, масалан, супориш дода шудааст, ки дар назди шумо кимкадом принсипҳои хавфнок ва симоҳои аҷоибро ошкор намоям.

Ман дуо мекунам, ки ин ошкоршавии азамат ва қуввати бемисол дар даруни шумо далериро бедор кунад, то ки пурра бедор шуда, бидонед, ки шумо чӣ кор бояд кунед.

Ҷаҳон ба ту эҳтиёҷ дорад, хоҳар-модашери дилрабо, ҷаҳон на танҳо ба бедоршавии ту ниёзманд аст, балки боз дар зоҳир шудани далерие, ки Худо ба ту додааст. Барои зани имондор далер будан чӣ маъно дорад? Оё ин маънои баланд доду фарёд задан, харошидан ва лагад заданро дорад? Барои ин кор низ фурсат ҳаст. Ман медонам, ки агар ягон кас ба фарзандони

ман ва наберагонам таҳдид мекард, он гоҳ ин дар ман чунин аксуламалеро ҳосил мекард, ва шояд аз ин бадтарашро низ. Воқеан, Худо аксуламали модар-модахирс ва модашерро дар китоби Ҳушаъ мисол меорад ва онро бо Худ муқоиса мекунад.

> Мисли хирсе ки аз бачаҳояш маҳрум шуда бошад, ба онҳо ҳамла хоҳам кард, ва сандуқи синаи онҳоро хоҳам дарид, ва мисли шер онҳоро дар он ҷо хоҳам хӯрд; ҳайвоноти саҳро онҳоро хоҳанд дарид.
>
> Ҳушаъ 13:8

Оҳо! Ин оят айнан ҷиҳати бераҳмона ва бешафқатонаи калимаи далериро нишон медиҳад, вале дар ин калимаи пурқувват маънои бисёртар ниҳода шудааст. Калимаҳои дигаре, ки калимаи *“далерӣ”* –ро пурра мекунанд, инҳо *“боисрор”, “қавӣ”, “пурзӯр”, “пуршӯр”, “фаъол”, “пурҳарорат” ва “таҷовузкор*” мебошанд. Ман дигар калимаҳоеро интихоб карда наметавонам, ки он ҳиссиётҳоеро, ки дар даруни ман ҷӯш мезанад, он қадар аниқ ифода карда тавонанд. Бешубҳа, дар даруни ман як чизи пуршӯр бедор шуд, ки бо худ ҳамчун тӯфоне, ки тамоми қувваташро ба як ҷо ҷамъ кардааст, боз ҳам бештар равшанӣ ва тавоноӣ овард.

Ин қувват дар ҳаёт ошуфтагӣ ба бор намеорад, вале барои тамаркуз кардан ёрӣ мерасонад. Аниқ тамаркуз карда, ман ошкор намудам, ки дар муносибат ба чизҳое, ки пештар пайхас намекардам, боз ҳам пурҳароратгар шуда истодаам.

Бисёре аз ин лаҳзаҳои бедорӣ маро қариб дар ғафлат мемонданд. Боре чунин лаҳза дар охири октябр ё аввали ноябри соли 2007 фаро расид. Дар ҳаммомхона истода (боз дар куҷо!) ман маҷалла мехондам, ман варақро гардонида, бори аввал дар бораи ғуломии даҳшатбори ҷинсӣ хабардор шудам. Хондани мақоларо тамом карда, ман боз баъзе сархатҳои онро такроран хонда баромадам, дар ҳоле ки ба он чизе, ки мехондам, бовар карда наметавонистам. Наход одамон ҳамин қадар бераҳм буда метавонанд? Наход ҳамаи ин воқеа шуда истодааст, вале ман дар бораи ин ҳеҷ чиз намедонистам? Ман ба гиря кардан (дар ҳаммомхона, боз дар куҷо!), сипас ба дуо сар кардам: “Худоё, агар ман алоқамандона ба ин мушкилӣ ақаллан ягон кор карда ё гуфта метавониста бошам, пас ман тайёрам”. Бо ин дуо ман бедор шудам, ва чизе дар ҳаёти ман ба рӯй додан сар кард.

Чанд ҳафта гузашт, ва ба ман аз ташкилоти *Life Outreach* занг заданд: “Лиза, мо гурӯҳеро ҷамъ карда истодаем, ки ба Таиланд сафар мекунад, то ки маблағ дарёфт кунад ва диққати ҷомеаро ба проблемаи хариду фурӯши одам ва ғуломии ҷинсӣ ҷалб намояд”. Пас аз се моҳ ман ҳамчун қисми лоиҳаи аввалини ташкилоти *Life Outreach* оид ба мубориза бар зидди хариду фурӯши одам ба Таиланд сафар кардам.

Чӣ мешуд, агар ман он рӯз дуо намекардам? Чӣ мешуд, агар ман гиря карда, сарамро ҷунбонида ва варақгардон кардани маҷалларо давом медодам? Ман дар бораи муваффақиятҳои охирини соҳаи косметология, дар бораи навигариҳои мӯд, асрори харобшавӣ хонданро сар карда метавонистам. Агар ман ба ҷои дуо ҳамту хонданро давом медодам, пас дар гумон аст, ки ҳамон рӯз, пеш аз рафтан ба хоб, овози худро ба осмон баланд мекардам. Ва вақте ки ман дубора дар бораи ин проблема мешунидам, ман шояд мегуфтам: “Бале, дар ин бора ман шунидаам... Дар маҷалла хондаам... чӣ қадар ин таассуфовар аст!”

Аммо вақте ки ту бедор шудаӣ, ту аҳамият надода наметавонӣ. Ду мафҳумро, яъне бедор будан ва мушавваш буданро бо якдигар омехта накун. Агар туро ягон чиз мушавваш кунад, пас ту барои як лаҳза инро ҳис карда метавонӣ, вале ҳисси ошуфтагӣ дар бораи чизе туро аз варақгардон кардани маҷалла боздошта наметавонад. Ту метавонӣ ошуфта шавӣ, вале бедор намешавӣ. Вале ту наметавонӣ пурра бедор шуда, дар бораи проблемаҳои мавҷудаи ҷаҳон донӣ ва ҳеҷ як аксуламале нишон надиҳӣ. Ана барои чӣ, вақте ки ман дар бораи духтарбачаҳое, ки медузданд ва ба фоҳишахонаҳо мефурӯшанд, хондам, ман бояд дуо мехондам, бояд ба Худо мегуфтам, ки ман ҳама кореро, ки Ӯ мехоҳад, мекунам, то ки ба ин бераҳмӣ ҷавоб диҳам. Дуои ман ба ман имкон дод, ки имкониятро, вақте ки он пайдо шуд, аз даст надиҳам.

## Худо туро на барои он наҷот додааст, ки маҳдуд кунад

Худо Худро ба мо на барои он ҳамчун Худои номаҳдуд нишон медиҳад, ки баъд моро маҳдуд кунад. Баръакс, Ӯ мехоҳад, ки қалби Худро ба мо ҷо кунад. Дугонаи ман Кристин хеле хуб гуфтааст: “Худо туро на барои он наҷот додааст, ки маҳдуд кунад”.

Худо одамонеро намеҷӯяд, ки ҳамчун масеҳӣ рафтор

мекунанд. Ӯ мехоҳад, ки мо масеҳӣ бошем! Калимаи *“масеҳӣ”* маънои “масҳшуда, ё монанд ба Исо”-ро дорад. Исо на барои он ба ҷаҳон омадааст, ки ҳамту “одами нағз” бошад. Ӯ барои “кори нек кардан” ва озод кардани ситамдидагон омадааст. Ба чӣ Ӯ шуморо тадҳин кардааст?

> «Рӯҳи Худованд бар Ман аст; зеро ки Ӯ Маро тадҳин намудааст, то ки ба мискинон башорат диҳам, ва Маро фиристодааст, то ки шикастадилонро шифо бахшам, озодиро ба асирон ва биноиро ба кӯрон мавъиза намоям, мазлумонро озод кунам. Ва соли таваҷҷӯҳи Худовандро мавъиза намоям!
>
> Луқо 4:18-19,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Агар Рӯҳи Худованд барои он дар Исо буд, ки ҳамаи ин корро иҷро кунад, пас мо, ки аз ин Рӯҳ таваллуд шудаем, бояд ҳамин тавр рафтор кунем:ба мискинон башорат диҳем, мазлумонро озод кунем, “соли таваҷҷӯҳи Худованд”-ро эълон намоем! Боварӣ дорам, ки ҳар сол – ин соли баракатдодаи Худо барои он аст, ки амал кунем, ва Ӯ то даме, ки аз номи Вай амал карданро сар накунем, интизор мешавад.

Дар партави ин супориш Ба Худо дастаи “хонашини” духтарон лозим нест, ки тамоми рӯзҳо барои пухтупаз ва омӯзиши рафтори хуб машғул шаванд. Дар пухтупаз ягон чизи бад нест, вале агар ҳамаи он корҳое, ки мо мекунем, аз ҳамин иборат бошад, Худо наметавонад, ки моро барои дигар кардани рафти таърих истифода барад.

Ман медонам, ки ин иқтибос метавонад аз ҳамаи мо даъват ба амал орад. Вақте ки ман бори аввал онро хондам, он аз ман даъват ба амал овард. Ин насиҳате барои рафтори бад кардан нест, балки даъвате барои фаҳмидани он аст, ки вақте мо ба ҳолати муқаррарии чизҳо майдонталабӣ мекунем, аксар вақт дигаргуниҳо ба вуқӯъ меоянд.

Аз нигоҳи фарҳанги “ҷанубӣ”-и худ ва ширкати автобус Роза Паркс, ба ҷойҳои ақиби барои одамони “ғайри сафедпӯст” таъиншуда нишастанро рад карда, бенуқсон рафтор намекард. Интихоби як зан барои нигоҳ доштани ақидаҳои худ ва ҷойи худро тарк накардани ӯ назари тамоми миллатро ба ҷудоиандозии нажодӣ дигар кард. Шубҳа дорам, ки вай дар он

лаҳза дарк намуд, ки бо ин рафтораш таърихро меофарад. Шояд, Роза ҳамту аз он хаста шуд, ки шарафи инсонии худододи ӯро таҳқир ва поймол менамуданд.

> Занони “қобилак” аҳёнан таърихро меофаранд
>
> – Лорел Тэтчер Улрих

Алоқамандона ба Деборӯ, Ёил, Томор, Эстер, Батшобаъ, Абиҷайл, Роҳоб ва ҳатто Марям чӣ метавон гуфт? (Ин фақат мисолҳои библиявӣ мебошанд, гарчанде онҳо хеле зиёданд.)

Оё Деборӯ, ки одамонро бар зидди ҳоким-диктатор даъват намуд ва якҷоя бо мардон ҷанг кард, қобилак буд? Пешвоёни замони ӯ чунин намешумориданд. Артиши бузург ба муқобили вай баромад, вале ба ҳар ҳол ғолиб омада натавонист. Вақте ки марди интихобкардаи Худо Бороқ шубҳа кард, Деборӯ ба роҳнамоии Худо содиқ монд ва ҳар коре, ки аз дасташ омад, иҷро кард.

Дар бораи Ёил чӣ фикр доред. Оё ба ӯ зарур буд, ки бо ёрии болға душмани худро кушад? Магар вай ӯро, вақте ки хоб буд, ба дасти ҳукуматдорон супорида наметавонист? Шояд метавонист, вале ин тавр накард. Ва Худо интихоби ӯро қабул кард, ва ба шарафи ӯ сурудеро эҷод карданд, то ки ҷасорати ӯро дар ҳама ҷо эълон кунанд.

Томорро низ ба хотир оред. Зане, ки ду бор бева монда буд, либоси фоҳишаҳоро пӯшида, бо падарарӯси худ, патриарх Яҳудо, хоб кард. Рафтори ӯ аз ҳар ҷиҳат ҳайратовар аст. Ҳеҷ асосе барои гумон кардани он мавҷуд нест, ки кардани ин корро Худо фармуда бошад. Вай худ иҷрои ин амалро интихоб кард. Вале писари ин зани якрав ба насабномаи Масеҳ дохил шуд, худи он зан бошад, росткор номида шуд.

Эстер ба фармони подшоҳ оид ба он ки танҳо дар сурати даъват кардан ба назди ӯ даромадан мумкин буд, итоат накард. Аз сабаби беитоатии худ Ваштии малика, ҳамсари аввали Аҳашверӯш, аз даргоҳи подшоҳӣ бадарға карда шуда буд. Эстер дар бораи ин ҳодиса аз дигарон беҳтар хабардор буд! Вале интихоби ин зани боматонат халқи ибриёнро аз ҳалокат наҷот дод.

Батшобаъ аҳди заношавҳариро вайрон кард, вале ӯ модари подшоҳи хирадмандтарин Сулаймон гардид. Роҳоб фоҳиша буд, вай подшоҳи худро фиреб дода, ҷосусонро аз тарафи душман дар хонаи худ пинҳон карда буд. Аммо рафтори вай дар вақти хароб шудани Ериҳӯ на танҳо оилаи худро наҷот дод, балки писари ин

зан ба насабномаи шоҳ Довуд ва Исои Масеҳ дохил шуд. Абиҷайл шавҳари худро фиреб дод. Вале ин тавр рафтор карда, хонадони худро наҷот дод ва дили подшоҳи оянда Довудро тасхир кард.

Марям мебоист фарзанди “бе никоҳ зоидашударо” гирифта мегашт ва Писари Худоро таваллуд мекард. Чӣ мешуд, агар вай мегуфт: ҳомиладори беникоҳ – ин даҳшатнок ба назар хоҳад расид! Оё Худо интизор шуда метавонад, ки ман ба шавҳар бароям, то дар назари одамон шоиста бошам.

Танҳо таърих интихоби ин занонро дуруст мешуморад. Дили онҳо бедор ва пуроташ буд.

Ту ҳамчун хатарнок ва бедор чӣ гуна эътино мекунӣ? Кадом таърихро меофарӣ? Оё ба модашери далер, ки аз хоб бедор шуда, ба ҳимояи оилаи худ, ҷомеаи худ ва ҷаҳон бармехезад, монанд мешавӣ? Оё ту бедор шудаӣ? Айни ҳол дар дили ту чӣ фурӯзон аст?

4

# Тарс ва ҳайрат

...ба таври хеле аҷоиб офарида шудаам: аъмоли Ту аҷоиб аст...

ЗАБУР 138:14

Модашерҳо қавӣ ва наҷиб мебошанд. Ҳаракатҳои онҳо бомаром, мушакҳояшон таранг аст, онҳо хеле хуб медонанд, ки ҳаёти худи онҳо ва бачаҳои онҳо пурра ба маҷмӯи қобилият ва қуввати онҳо вобаста аст. Пӯсти онҳо ҳангоми роҳ рафтан ҷило медиҳад. Бар хилофи мо, онҳо ташвиш намекашанд, ки оё пӯсти онҳо пажмурда аст ё думи онҳо беҳад дароз. Онҳоро ҳатто он воқеият, ки ба якдигар монанданд, ба ташвиш намеорад. Намуди зоҳириашон онҳоро пурра қонеъ мекунад.

Модашерҳо ҳайратоваранд!

Онҳоро дар озодӣ мушоҳида карда, ман ба хулоса омадам, ки онҳо, моҳиятан, дар ин бора медонанд. Агар одамон ва модашерон сӯҳбат карда метавонистанд, пас мо тазоди байни онро, ки мо чӣ тавр ба худ муносибат мекунем ва онҳо чӣ тавр худро қабул мекунанд, мушоҳида карда метавонистем. Биёед як лаҳза, гуфтугӯро бо модашер ба худ тасаввур мекунем.

- Модашер ту ҳайратбахшӣ!
- Ман медонам. Оё мехоҳӣ, ки ба чӣ қодир буданамро нишон диҳам?
- Бале, бале, - ҷавоб медиҳем мо кунҷковона.
- Ба панҷаи пои ман нигоҳ кун, - пешкаш мекунад вай. –

Бодиққат нигоҳ кун.

Мо чӣ тавр модашер аз панҷаи ба боло бардоштаи худ баровардани нохунҳояшро дида, ба ҳайрат меафтаем.

- Ман бо ин панҷаам ғизолро зада аз пой меафтонам, то ки бачаҳои худ ва галаро сер кунам. Ана акнун нигоҳ кун! – Вай нохунҳои худро боз пинҳон мекунад, ва панҷаи ӯ боз ҳамчун бахмал мулоим мегардад: – Ман бо панҷаи худ бо шербачаҳо бозӣ мекунам ва ба онҳо қавӣ буданро ёд медиҳам.

Мо ба нохунҳои худ, ки кайҳо локаш кафидааст, нигоҳ карда, бо розигӣ сари худро меҷунбонем.

- Дар бораи дандонҳои ман чӣ мегӯӣ? – давом медиҳад модашер.

Бо тарс аз дандонҳои тези вай мо ба ақиб меравем.

- Ба туфайли дандонҳоям ман ҳимоя карда, кушта ва хӯрда метавонам, ва ҳам дар айни ҳол бо ин дандонҳо ман бачаҳои худро, бе он ки ба онҳо ягон осебе расонам, аз як ҷо ба ҷои дигар бурда метавонам.

  Мо дар ҷавоб ба ин тазоди тааҷҷубовар сар меҷунбонем.

  Ва ин лаҳза модашери мо, аз он ки вай хеле зебо аст, хулосабарорӣ карда, қаноатмандона, оҳ мекашад:

- Ман хеле ҳайратбахш офарида шудаам!

  Ва, дар ҳақиқат, мо розӣ шуда метавонем: вай ҳам тарсро ва ҳам ҳайратро ба вуҷуд меорад.

  Вале як лаҳза диққат кунед... ту низ ҳамчунин ҳастӣ.

> ...ба таври хеле аҷоиб офарида шудаам: аъмоли Ту аҷоиб аст...
>
> Забур 138:14

Дар контексти он ки ҳоло мо дар бораи модашер фаҳмидем, ман туро даъват мекунам, ки инро бо овози баланд ифода кунӣ. Ба ман бовар кун, азизам, ту офаридаи аҷоиби Худо ҳастӣ, ончунон ки мардон ва заноне, ки дар иҳотаи ту ҳастанд. Фақат шумораи аз ҳад зиёди одамон фаромӯш карданд, ки ин аҷибӣ, вақте ки аз батни модар берун меоем, тамом намешавад.

Кай ту, ақаллан каме наздиктар ба ин мусоҳиба бо модашер, бори охирин бо зане сӯҳбат карда будӣ?

Аз ҳама аниқтараш, сӯҳбати ду зан бо ин тарз ҷараён гирифта метавонист:

- Ту зебоӣ!
- Ташаккур, аммо, росташро гӯям, ман ҳоло он вазни зиёдатие, ки ҳангоми ҳомиладории охиринам ба худ зам кардам, тарк накардам.

Ҳар яке аз мо, ки ақаллан як бор кӯдак таваллуд кардаем (ё таваллуд кардани зани дигарро мушоҳида кардаем), бояд дарк кунад, ки ба таври аҷоибу ғароиб офарида шудаем. Аз чӣ бошад мо дар ин бора фаромӯш кардаем, вале модашер фаромӯш намекунад. Вай медонад, ки назокати вай дар қуввати вай ифода меёбад. Он дар имкониятҳои бадани вай зоҳир мешавад, на танҳо дар он, ки чӣ гуна метобад. Ҷозибанокии вай ҷои баҳс надорад, зеро қуввати шубҳаро ба бор намеорад. Вай қобилиятҳои аҷоиби бадани худро медонад ва аз ин ҳаловат мебарад. Ҳаловати модашер ба Офаридгори вай ҷалол меорад. Қавӣ ва доно, вай шерҳои ҷавони галаи худро меомӯзад, ки чунин бошанд.

Барои мо хеле муҳим аст, ки зебоии қувват ва амалро дар ёд дошта бошем. Ман ҳоло на дар бораи он мегӯям, ки аз лиҳози ҷисмонӣ хушқадду қомат мебояд буд. Ман дар бораи он мегӯям, ки ҳам ҷисмонан ва рӯҳан огоҳ ва бофаросат, яъне бодиққат мебояд буд, ва дар натиҷа, омода ба ҳама супорише, ки Худо барои мо дорад. Ва агар мо хоҳем, ки модашерони ҳақиқӣ бошем, мо бояд қавӣ бошем. Хеле ба наздикӣ ман фаҳмидам, ки мо чӣ тавр осон он қувватеро, ки ба мо ато шудааст, ба эътибор нагирифта метавонем.

## “Фишор”-и хато

Дар бораи он нақл мекунам, ки чӣ тавр хатои то ба як ҳафта тӯлкашидаи ман сар шуд? Ман баъд аз хидматгузорӣ дар Австралия хеле хаста шуда будам. Панҷ ҷамъомад ба охир расид, рӯзи якшанбе буд, рӯз ба поён мерасид. Маро таклиф карданд, ки бо гурӯҳи роҳбарон вақт гузаронам. Онҳо барои хуб гузаштани анҷуман хеле заҳмат кашиданд. Мо ҳама ҳазлу шӯхибозӣ мекардем ва аз фараҳ пур шуда будем, ки дар маҷмӯи якчанд омилҳо ҳаяҷонбахш ифода меёфт: норасоии хоб, миқдори зиёди хӯрок ва файзи Худо.

Дар ин ҳолати хастагӣ яке аз роҳбарон ба ман хулосаҳо ва ошкоршавиҳои худро нақл кард: “Ту медонӣ, ҳама мегӯянд, ки ман баъзе чизҳоро дуруст қайд карда метавонам. Ва имрӯз

саҳарӣ дар вақти ҷамъомади якшанбегӣ ман моҳирона муайян кардам, ки ту ба кӣ шабоҳат дорӣ".

- Ба кӣ? – пурсидам ман

Бе дудилагӣ вай зуд ҷавоб дод:

- Ту тамоман ба Сара Коннор монанд ҳастӣ.

Дар ҳоле ки ман ба ҳазм кардани чизи шунидаам, кӯшиш мекардам, фосилаи дурударозе ба вуҷуд омад.

- Исто... магар ӯ малламӯй нест? – эътироз баён кардам ман, чунки ин барои ман боварибахш набуд.
- Бале, бале, вале ман мӯйҳои ӯро дар назар надорам. – Вай сарашро ҷунбонид ва дастонашро афшонд. – Ман дар бораи шакли рӯй, қадду қомати ӯ... чӣ хел фаҳмонам... қадду қомати барҷастаи ӯ мегӯям, – дар фазо симои ӯро кашида ва қомати ҳайбатноки ӯро тасвир карда, фаҳмонид вай.

  Вай оё ба ростӣ ҳозир дар бораи "қадду қомати барҷаста" гап зад?

  Оҳ, сухан ҳатто на дар бораи дунёи воқеӣ, балки дар бораи филм мерафт, вале он тамоми диққати маро ба худ ҷалб намуд. Ва, новобаста ба он ки шабоҳатдиҳӣ хеле муболиғаомез буд, акнун ман ҳамчун Сара Коннор ба назар намудор шудан мехостам! Ман бо аломати ризо, бидуни рад кардани худи ақида ё симои касеро, ки маро дар нақши зани сермушак намоён мекард, сар ҷунбонидам. Ман бо афкори худ дар танҳоӣ мондам, ва вақте ки ба Амрико баргаштам, қарор додам, ки ба ин зани барҷастақомат аз филми "Терминатор" нигоҳ кунам.

  Боре ман ба писари худ Алеки медиа-нобиға супориш додам.

- Оё ту ба ман нишон дода метавонӣ, ки Сара Коннор чӣ гуна метобад? Ман бояд ӯро бубинам. Одамон мегӯянд, ки ман ба вай шабоҳат дорам, – гуфтам ман.

Вай шубҳа кард, вале баъд сурати Сара Конорро ёфт, ки майка пӯшида, бо айнаки доирашакли на он қадар калони офтобӣ, дар даст автомат дошта меистод. Хеле боварибахш! Вай бераҳм, барҷаста, машққарда метобид. Гуфта наметавонам, ки хислатҳои модарии вай зуд ба назар расид. (Ин барои ман муҳим буд, чунки ман дар мавзӯи тарбияи фарзандон ва ҳисси модарӣ мавъиза мекардам.) Вале боз ҳам, магар эҳсоси модарӣ дар вазъиятҳои мухталиф ба таври гуногун намудор намешавад?

Дар ҳоле ки моҳияти ҳаёти ту ҳимоя кардани фарзанди худ аз роботи одамкуш аст, магар аз қавӣ, барҷаста, дорои аслиҳа будан дида, чизи бештаре барои ифода кардани "ҳисси модарӣ" мавҷуд ҳаст?

Алек ҳамчунин ба ман маҷмӯи видеоклипҳоро омода кард. Метарсам, ки ин наворҳои маъруфи солҳои 1980-ум маро аз худ бехуд кард! Ин лавҳаҳо аз савори дучарха будани Сара Коннор, дар як даст аслиҳаи пур аз тир, ё дар ҳуҷраи шифохонаи касалиҳои рӯҳӣ ба кати пояҳояш ба боло чаппа кардашуда машқ кардани ӯ иборат буданд. Дар он лаҳза аллакай ман худро бо вай як ҳис мекардам.

Ман метавонистам ҳамон лаҳза ба ин чизҳои аз ақл берун нуқта гузорам, агар ба худ саволи оддӣ медодам: *"Лиза, магар ту ягон бор* дар ҳаёти худ чунин машқро иҷро кардаӣ?*"*.

Не охир! Ба ҷои ин ман ба тасаввуроти худ иҷозат додам, ки бозӣ кунад. Вақте ман дидам, ки Сара Коннор чӣ тавр машқ мекунад, ман тасаввур кардам, ки дастони ман низ пурқувватанд, ва ин имони маро ба он бедор кард, ки ба мисли ӯ ман ҳам чунин машқро иҷро карда метавонам. Табиист, ки дар тасаввуроти худ ман аллакай амалан ба мисли ӯ "қавӣ" будам. Ман тамоман он ҳақиқатро куллан фаромӯш кардам, ки ҳатто ҳангоми имтиҳони хатмкунӣ дар мактаб оид ба тарбияи ҷисмонӣ, дар ҳолати хуби ҷисмонӣ буда, базӯр як маротиба турник кашида метавонистам. (Ман ба туфайли он дар болочӯб овезон шуда метавонистам, ки ба худ тасаввур кардам, ки гӯё дар зери ман тимсоҳҳо ҳастанд.)

Аз чӣ бошад, ман тамоман фаромӯш кардам, ки ду китфи ман осеб дида буданд – бори аввал ҳангоми лижаронӣ, дафъаи дуюм бошад, аз сабаби кори беақлонае, ки гуфтан мушкил аст.

Як фикр кунед, ман боре ҳам турник накашида будам! Вале ҳамаи ин аҳамият надошт! Дар он лаҳза ман чунин мешуморидам: агар Сара тавониста бошад, ман ҳам метавонам.

Ва акнун на танҳо ҳамчун вай намудор шудан мехостам, балки ҳамчун вай рафтор кардан низ. Барои чӣ рафтори аввалини супермен-зан бомуваффақият буд? Вақте ки соати амал кардани ӯ фаро расид, вай барои наҷот додани писари худ қавӣ ва омода буд. Оҳо! Ба ман заноне, ки лаҳзаҳои мушкили ҳаёти худро барои қувват ёфтан истифода мебаранд, маъқул мебошанд. Сара ва ман? Барои чӣ не будаст, чунки мо охир қариб хоҳарон будем!

Дар давоми ҳамаи ин васваса ман коре кардам, ки пештар

накарда будам: ба толори варзишии (фитнес-клуб) *Gold's Gym* занг задам.

Дар хотир дорам, ки ба ман дар бораи мураббии (тренер) моҳире нақл карданд, ва ман номи ӯро пурсидам. Котиби толори варзишӣ маро бо ӯ пайваст кард.

Худро аз хурсандӣ гум карда, ман Робертро пурсон шудам, ки оё ӯ айнан ҳамин рӯз вақти холӣ дорад ё не. Ман аллакай чанд машғулият ва машқҳои хусусиро тасаввур кардам. Се, хуб, шояд, чор машғулият – ва мо бо Сара хоҳарон-дугоникҳо мешавем. Бале, дугоникҳо... бо ранги гуногуни мӯйҳо, чунки ман ба худ қарор кардам, ки малламӯй намешавам, вале ман тайёр будам, ки аз болои худ кор кунам, то ки дастони сермушаки барҷастаи мо оинаи инъикоскунандаи якдигар бошанд.

Роберт розӣ шуд, ки барои баҳо додани қобилиятҳоям бо ман пас аз чанд соат вохӯрад.

Ибораи баҳо додан бояд маро ҳушёр мекард, вале чунин нашуд. Ман бардамона ва хурсандона гӯшаки телефонро гузоштам, ва аз Алек хоҳиш кардам, ки барои ман маҷмӯи сурудҳои мавзунро омода кунад. Вақте ки ӯ ин корро кард. Ман эълон кардам: "Ман ба толори варзишӣ меравам. Кӣ бо ман меравад?".

Ду писари ба ҳайрат афтодаи ман ин пешниҳодро қабул карданд, ва мо ба толори варзишӣ раҳсипор шудем. Бо маҷмӯи мусиқиҳои ба қарибӣ дар IPod пурбор кардашуда ман гӯё парвоз мекардам. Эҳтимол, дафъаи оянда ман майка мепӯшам, то ки ба мураббӣ осон шавад, ки дар ман Сара Коннорро бинад!

Бо чунин кайфияти баланд ман каме барвақттар аз вақти таъиншуда ба толори варзишӣ омадам ва аз дур мураббииояндаи худро дидам. Вақте ки вай бо шогирди нави худ шинос мешавад, хеле хурсанд мегардад. Бешубҳа, касеро, ки аллакай ба мақсад наздик аст, машқ дода, худи вай аз хурсандӣ ба қабати ҳафтуми осмон парвоз мекунад.

Ҳадди ақал, ман инро ба худ чунин тасаввур мекардам!

Роберт бо шогирди худ машғул буд ва аз дур ба ман сӯи пайроҳаи давиш ишора кард, то ки ман мушакҳоямро омода кунам. Пайроҳаи давиш дар кунҷ истода буд, ва ман дида метавонистам, ки мизоҷи мураббии ман зани тахминан бо ман ҳамсол буд. Ва ҳамаи он чизеро, ки ман то ин дам дар бораи худ тасаввур мекардам... ман онро дар вай дидам!

Вай на танҳо сермушак, балки гандумгун буд. Вай бо майка ва шалвори камфуляжранги худ Сараи навбатӣ метобид. Дар ҳамин лаҳза дар ман аввалин бор яке аз ҳиссиётҳои ногувор пайдо шуд. Ман баҳогузорона ба дастони худ дар рӯшноии рӯзонаи толори варзишӣ нигоҳ кардам ва пай бурдам, ки онҳо пажмурда, рангпарида ва ҳатто каме сабзтоб менамоянд.

Вале як лаҳза! Ман ба тарс роҳ додан намехоҳам!

Агар ҷадвали рӯзонаи ман озодтар мебуд, ман низ гандумгун мебудам.

Дар ҷавоб ба ин майдонталабӣ ман суръати ҳаракатро дар пайроҳаи давиш ба як чанд дараҷа баланд кардам. Ҷисми сермушаки ман он қадар аз ман дур набуд, ва ана-мана нагуфта бояд пайдо мешуд. Як-ду машғулият, камтар дар таҳти офтоб – ва ман ба ҳамон зан табдил меёбам! Ниҳоятан, магар Сара, дар ҳуҷраи шифохона дар ҳабс нишаста, машқ кардааст?

Ман нигоҳи худамро ба дигар тараф гардонида, IPod-и худро ба кор даровардам ва бо муносибати хеле ҷиддӣ ба қадам задан сар кардам.

Ба зудӣ мураббӣ наздик омад, ба таври рӯҳбаландкунанда ба ман табассум кард ва гуфт: “Боз понздаҳ дақиқаи дигар давом диҳед, ва сипас мо вомехӯрем ва вазифаҳои худро муҳокима мекунем. То он вақт ман машғулиятро бо мизоҷам тамом мекунам”.

Понздаҳ дақиқа? Чӣ, вай ҷиддӣ мегӯяд? Ба ёдам омад, ки ман дар ким-куҷое хонда будам, ҳашт дақиқа пурра басанда аст. Вале ман намехостам, ки мураббии худро дар худи рӯзи аввал ноумед ё ислоҳ кунам, бинобар ин ханда карда, машқро давом додам.

Пас аз понздаҳ дақиқа ман аз пайроҳаи давиш фаромада, ба хонаи либосивазкунии занона раҳсипор шудам, то ки тарозуро пайдо кунам. (Ман фаромӯш карда будам, ки вазни худро санҷам, охир ин маълумот ба тренери ман лозим шуда метавонист.) Ин чунин маъно дошт, ки ман бояд аз паҳлӯи ин зани дар ҳақиқат сермушак мегузаштам. Ва вақте ки ман аз паҳлӯи ӯ мегузаштам, вай вазнин нафас кашида, аз ман пурсид:

- Эй, ту ҳам бо Роберт машқ мекунӣ?

Ман фориғболона як қулт аз зарфи худ об нӯшида, сарамро ҷунбонидам.

- Вай маро то марг азоб дод! – бо душворӣ нафас кашида, вай қадам заданро дар таҷҳизоти машққунӣ, ки ба баромадан

ба зинаҳо монанд буд, давом медод – Ман ба сарбориҳо одат кардам, лекин Роберт – ин тамоман сатҳи дигар.

Ман бозистодам.

- Вале ту қавӣ ва сермушак ҳастӣ...

Вай гӯё барои ҷавоб додан дигар қувват надошта бошад, сарашро ҷунбонид.

Роберт аз гӯшаи дигари толор фарёд кард ва бо даст ишора намуд, то ки ман ба дафтари кории вай дароям. Ман аллакай бо боварии камтар наздик омадам, назар ба он ки ба толори варзишӣ дохил шуда будам.

- Ман фақат хостам, ки вазнамро бисанҷам, – нимғурма ҷавоб додам ман.

Вале вай тамоман ба вазни ман аҳамият надод. Роберт мехост донад, ки ман то чӣ андоза қавӣ ҳастам.

- Ту бо худ сачоқ гирифтӣ? – пурсид ӯ.
- Не, – ҷавоб додам ман ва фаҳмонидам, ки дар вақти машқҳо кам дар кам арақ мекунам. Ҳозир, ин сӯҳбатро ба хотир оварда, ман мефаҳмам, ки дурусттараш бояд мегуфтам, ки ман гоҳ-гоҳ ба таври ҳаққонӣ ба варзиш машғул мешавам.

## Фарбеҳи лоғар

Ман ҳоло ҳамаи ин ҷараёни таҳқиромезро аниқ дар ёд надорам, вале кӯшиш мекунам, ки он воқеаҳоро аз нав ба хотир биёрам. Мураббӣ маро рост ба маркази толор роҳнамоӣ кард, гарчанде ман фикр карда будам, ки санҷиши ман дар ким-кадом як ҳуҷраи алоҳида гузаронида мешавад. Вақте ки мо ҷои озод пайдо кардем, Роберт аз ман хоҳиш кард, ки "даҳ" бор иҷро кунам.

Ман фаҳмидам, ки гап дар бораи даҳ маротиба машқ бо дастон (отжимания) меравад, вале дилпур набудам, ки чӣ тавр онро мебояд иҷро кард.

- Шумо тарзи иҷро кардани ин машқро, ки ба духтарон хос аст, дар назар доред, яъне аз харак, дуруст гуфтам?
- Не, намуди маъмулиашро – планшеташро бо қаламаш таҳдидомез ба ман рост карда, ҷавоб дод ӯ хунсардона.

Ман ба фарш дароз кашидам ва даҳ маротиба, машқро суст, заифона, каҷу килеб иҷро кардам.

Дар худи ҳамон лаҳза бе ягон нафасросткунӣ ё таҳсин ба мисли "Офарин, Лиза!" вай илова кард:

- Акнун бисту панҷ маротиба ҷаҳиш бо чапакзанӣ.

Ман безобита шудам. Ман медонистам, ки ҷаҳиш бо чапакзанӣ машқи душвор нест, вале ман онро дар хотир надоштам.

- Вале ман кай бояд болои сар чапак занам? – пурсидам ман.

Роберт ҷавоб надод.

Ман аз рӯи фаҳмиши худ ба ҷаҳидану чапак задан сар кардам. Лавандона ҷаҳида, ман мушоҳида кардам, ки диққати тамоми одамон дар толори варзишӣ оҳиста ба ман равона карда шуд. Ҳатто писарони ман, сарашонро ҷунбонда, ба тарафи ман нигоҳ карда, хандиданд.

- Акнун ба фарш ва боз даҳ маротиба, – гуфт Роберт

Нафасгардон шуда ва ба вақтро дароз кардан кӯшиш карда, ман пурсидам:

- Шумо машқро бо дастҳо дар назар доред, ё ҷаҳишро, ё ягон чизи дигарро?
- Машқро бо дастҳо – хушк ҷавоб дод ӯ.
- Ман ба фарш паҳн шудам, вале ин бор ба ман боз ҳам вазнинтар буд. Дастони ман меларзиданд. Вақте ки ман бо тамоми қувват ба боло бардоштани ҷисми худ ва ба поён фаровардани он кӯшиш мекардам, ин як манзараи ғамангез буд.

Роберт луқма партофт:

- Боз бисту панҷ маротиба ҷаҳиш бо чапакзанӣ.

Ин дафъа ман мехостам, ки ҳамаашро дуруст иҷро кунам, бинобар ин боз пурсидам:

- Ман болои сар чапак занам?

Нохост барои худи ман овози ман шиддатнок садо дод.

- Ин муҳим нест... ба пеш! – фармон дод ӯ.

Вале ин барои ман муҳим буд. Ва ин барои писарони ман, ки аз шарм ба зери замин фурӯ рафтан мехостанд, муҳим буд, дар ҳоле ки модари онҳо дар назари ҳамаи одамон бо ҷаҳишу чапакзанӣ шарманда шуд.

Вале ин ҳоло ибтидои ҷонкании ман буд. Маро боз ба як ҷои серодам фиристоданд, ки дар он ҷо ман дар ҳолати нишастагӣ бояд пойҳоямро мебардоштам. Ин дафъа ман медонистам, ки чӣ тавр инро бояд ба амал овард.

Ман ба дастгоҳи машқкунӣ баромадам ва нишондодро интизор шудам.

- Понздаҳ маротиба бардоштани пой.

Ман бо фикри он ки қадду қомати ман шоёни таҳсин аст, зонуҳои худро то сатҳи камар бардоштам.

- Не, ин тавр не! – гуфт Роберт. Пойҳои шумо бояд рост карда шавад... ва онҳоро то ин баландӣ бардоштан даркор аст. (Ӯ баландиеро нишон дод, ки болотар аз камари ман буд.)

Ман ғайрат карда, пойҳоямро бо тамоми қувват, чи қадаре ки тавонистам, бардоштам, вале то дасти вай бардоштан муяссар нашуд.

- Баландтар – қувват дод ӯ.

Ин шӯхӣ буд? Понздаҳ? Ман ҳатто як маротиба ҳам иҷро карда натавонистам. Ман ҳамагӣ ду маротиба то дасти ӯ бардоштам – оҳ, шояд сифр маротиба! – вале ба назарам, вай ҳама вақт дасти худро болотар мебардошт!

Ба фикрам, баъди ин гантелбардорӣ бояд сар мешуд, вале дар ёди ман ин ҳама хотираҳо хира ва ноаниқ мебошанд.

То он лаҳза ки Роберт гантелҳоро интихоб мекард, ман ба харак нишастам. Вай бо як ҷуфт гантелҳои якунимкилограммӣ баргашт. Ман табассум кардам. Ин маротиба ман бо қуввати худ вайро ҳайрон мекунам.

- Роберт, одатан ман гантелҳои шашкилограммиро мебардорам, – фаҳмонидам ман.
- Биё дар аввал инҳоро месанҷем, – гуфт дар ҷавоб ӯ.

Ман бо дастони намнок ва ларзони худ гантелҳоро фишурдам.

- Онҳоро ин тавр бардор.

Ман медонистагӣ барин сар ҷунбонидам.

Ман ба осонӣ онҳоро бардоштам.

- Не, ин тавр не. Ана ин тавр лозим – гуфт ӯ ва дастони маро камтар ба таври дигар равона кард. – Онҳоро ба боло бардошта ва ба поён фаровард, дар ҳамин ҳолат нигоҳ дор.

Чизе нодуруст буд! Ман ин гантелҳоро бештар аз чанд сантиметр бардошта наметавонистам! Эҳтимол, ҳамааш айби машқ бо дастҳо буд, чунки дастони ман ҳаракат намекарданд. Ман ба даҳшат афтода, ба Роберт нигоҳ кардам, вале вай ба тарафи дигар гашт, то ки гантелҳои сабуктарро пайдо кунад. Аниқтараш, аз ҳама сабуктарро, ки дар ин толор буда метавонист. Чаро ин хел шуд?

- Ба ростӣ, ман одатан гантелҳои шашкилограммиро

мебардорам... ҳатто баъзе вақт ҳафткилограммиро, – ғурунгос задам ман.

- Ту инро нодуруст мекардӣ, – хулоса баровард ӯ.

Вақте ки азобҳои ман ниҳоят тамом шуданд, Роберт боз маро ба дафтари кориаш даъват кард. Қафаси синаи ман меларзид, пойҳоям такон мехӯрд, ва тасаввуроти ман дар барои худ, оид ба Сара Коннор, тамоман нобуд шуд!

Ман ягон машқи санҷиширо иҷро карда натавонистам.

Роберт малулона гуфтугӯ карданро сар кард. Вай пурсид, ки ман чӣ қадар вазн дорам, сипас рақамҳоро навишт. Пурсҷӯ кард, ки оё дар ман ҷароҳатҳо буданд ё не, ва дар сутуни “фигура” – “унисекс” навишт. Ман фаҳмонидам, ки ман бо зонуи рост ва китфи чап мушкилиҳо доштам. Ҷароҳатҳои ман дар анкета қайд карда шуданд. Сипас ӯ ба ман душмани ашаддии ман – асбоби дастӣ, ки ҳамчун дастаки (джойстик) *Nintendo* беайб метобид, дароз кард.

Инро дар пешорӯи худ бо дастонат нигоҳ дошта ист – дастур дод Роберт. – Он ба бадани ту қувваи электрикӣ равона карда, фоизи аниқи чарбуро муайян мекунад.

Вай тугмачаи “пуск”- ро пахш кард, ва пеш аз он ки дар экрани электронӣ рақамҳо пайдо шаванд, камтар фосила ба вуҷуд омад.

Ман ин қадар аз натиҷа ҳайрон нашудам, вале Роберт аз он ба ҳайрат афтод, ки нишондиҳандаи чарбу дар бадани ман чӣ қадар зиёд будааст.

- Шояд ман асбобро нодуруст дошта истодам, – гуфтам ман.

Мо ҷараёни санҷишро такрор кардем, ва аз чӣ бошад, нишондиҳанда боз як воҳид зиёд шуд.

Ва маҳз дар ҳамин вақт ба офис писари ман Алек даромад.

- Оё мумкин аст, ки ман ҳам бисанҷам? – пурсид ӯ

Гум*!* Нишондоди чарбуи вай танҳо 5.2% буд.

- Аз они ту чанд буд, модар?

Ҳеҷ ҷавобе надода, ба вай даст афшондам, то ки ӯ аз офис бароядд.

Роберт, сарашро ҷунбонида, варақеро ба даст гирифт, ки дар он ду расм намоён буд. Ин ба буриши кӯндаланги бифштекс монанд буд. Якумаш хароб буд, дуюмаш не. Ман он дуюмаш будам.

- Шумо аз ҷумлаи он касонед, ки мо навозишкорона “фарбеҳҳои лоғар” меномем, – гуфт ӯ.

Ин маро ба даҳшат овард, ва ман эътироз баён карданӣ шудам, ки гарчанде одами сахт серкор бошам ҳам, тарзи ҳаёти фаъолонаро ба сар мебарам. Ман дар ин мизи пластмассӣ дар офиси толори варзишӣ нишастан намехостам ва иҷозат додан ҳам намехостам, ки ба ман тамғаи танбал-хонашинро часпонанд!

Роберт вазъиятро фаҳмида, сарашро ҷунбонид.

- Аз сабаби он ки шумо фаъол ҳастед ва ҳама вақт серҳаракат, шояд шумо протеини лозимаеро, ки барои қувватнокии бадан зарур аст, гирифта наметавонед. Бинобар ин бадани шумо, ба ҷои он ки барои гирифтани қувватнокии лозима чарбуро сӯзонад, мушакҳоятонро об карда истодааст.

Ҳайроншавии маро дида, ӯ давом дод:

- Ин ба бифштекс хӯрдани одамон монанд аст. Одатан шумо чӣ кор мекунед? Чарбуро мебуред, ва баъд гӯштро мехӯред. Бо бадан низ чунин ҳодиса рӯй медиҳад. Он гӯштро мехӯрад, яъне маҳз мушакро; ва вақте ки шумо мушакро гум мекунед – қувватро гум мекунед. Ягона роҳи баргардонидани ин машқҳои доимӣ аст, ки мушакҳоро аз нав барқарор месозад.

Вай ба баъзе занҳо дар толор, ки аз ман фарбеҳтар буданд, ишора карда, гуфт, ки гарчанде онҳо чунин менамоянд, ки нишондоди чарбуяшон назар ба аз они ман зиёдтар аст, пурра имкон дорад, ки дар воқеият тамоман баръакс бошад! Вай бо ин суханон ба ҷароҳатҳои ман намак пошид. Ҳамчунин ӯ муайян кард, ки қисми зиёди чарбуи ман (дар ин ҷо ман тамоман зиқ шудам!) на дар атрофи камар ё рон, балки дар дастони ман ҷойгир шудааст!

Чӣ қадар ғамангез аст, ки он узвҳои бадан, ки ман бештар сермушак меҳисобидам, аз ҳама узвҳои камқувваттарини ман будаанд!

Тамоми тасаввуроти ман оиди он, ки Сара Коннор ва ман якҷоя турник мекашем, ғоиб шуда рафтанд! Акнун дар назди ман интихоби ҳаққонӣ меистод. Оё ман сӯзондани мушакҳои худро давом медодам ва бо ин тарз қобилият ва қуввати ояндаи худро хароб мекардам? Оё ман бо лақаби “фарбеҳи лоғар” ё “мушакҳои қалбакӣ” хушбахт хоҳам буд, ё барои дар ҳақиқат қавӣ шудан қарор қабул мекунам? Ин ҳама шармандагӣ ва хиҷолатро аз сар гузаронида, ман қарор қабул кардам, ки қавӣ бошам! Барои ман ин фақат маънои бо либос зебо намуданро надошт. Чунки ман ҳамчун “фарбеҳи лоғар” аллакай ба ин мақсад ноил шуда будам.

Вале аниқтараш ин маънои онро дошт, ки ман бояд ҷойҳои сусти худро муайян мекардам ва қисмҳои аз ҳама заифтарини баданамро бояд ба чашмаи ғайрат ва қувват табдил медодам.

Ба ман лозим набуд, ки вазни худро камтар кунам, ман бояд қувват пайдо мекардам.

Ман дарк кардам, ки чӣ қадар вазн доштани ман ҳоло низом ва саломатии организми маро нишон намедиҳад. Ман аз чӣ сохта шуда будам? Ҳангоми ларзиши сахт оё ман қуввати кифоя доштам, ки дар вақти санҷиш истодагарӣ карда тавонам? Ман ба масофаҳои кӯтоҳ медавидам, агар барои ба теппача давидан эҳтиёҷ намебуд. Вале агар масофаи иловагӣ зам мешуд ё ягон муқобилат пайдо мегардид, он гоҳ ман таслим мешудам. Барои чӣ? Чунки барои тоб овардан ба сарбории иловагӣ хеле заиф будам.

Ман танҳо вазни камакакро бардошта метавонистам ва на дар ҳар ҳолат. Ана барои чӣ, вақте ки Роберт ҳолати одатии бадани маро дигар кард, ман гантелҳоро бардошта натавонистам.

Вақте ки сарборӣ ба он мушакҳое афтод, ки заиф ва хеле осебпазир буданд, қуввати ман маро дар ҳолати ногувор монд, чунки хеле кам кор фармуда шуда буданд.

Дар ҳолати ман ҳама чиз чунон ба таври қатъӣ дигар шуд, ки ҳатто ҳозир, ҳангоми навиштани ин китоб, ман бо хоҳиши машқ кардан бояд амалан мубориза барам. Ман ба толори варзишӣ барои он рафтам, то боварӣ ҳосил намоям, ки ман қавӣ ва сермушак ҳастам, аммо на барои шунидани он, ки ман "сустакак" мебошам. Вале донистани ҳақиқат дар бораи худ ва иҷозат додан ба он чӣ қадар хуб аст, то он дар ҳаёт чунон амал кунад, ки тарафҳои суст қавӣ гарданд! Ва акнун аллакай як ҳиссае аз ман мавҷуд мебошад, ки ҷиҳатҳои сустамро ошкор кардан мехоҳад, то ки ман қавӣ шавам.

Ман мустақилона ин чиҳатҳои сусти худамро муайян карда наметавонам. Ба ман кӯмаки мураббӣ зарур аст, ва ин чунин маъно дорад, ки маблағи калон сарф кардан лозим аст ва ин ба таври кофӣ дарднок мебошад.

## Одамони мағлубнашаванда

Баъд аз ин вохӯрӣ ман дар бораи он фикрронӣ кардам, ки дар атрофи мо чӣ қадар ин гуна "фарбеҳҳои лоғар" ҳастанд – на аз лиҳози ҷисмонӣ, балки аз лиҳози рӯҳонӣ. Зоҳиран мо бардам

менамоем, вале агар каме сарборӣ ба ҳаёти мо илова карда шавад, онро бардошта наметавонем. Вақте ки дар роҳи ҳамвор бо қадамҳои мавзун оромона роҳ меравем, ҳоли мо хуб аст. Вале ҳаёт ин пайроҳаи давиш нест, ки идора карда тавонем. Мо бо Худо ҳамсафар ҳастем, ва ман ҳис мекунам, ки чӣ тавр нишебӣ ва суръат зиёдтар шуда истодааст.

Барои чӣ ман ҳамаи инро ба шумо нақл карда истодаам? Зеро ман бовар дорам, ки бадани Масеҳ қариб дар қуллаи дигаргуншавии худ истодааст ва беист ба боло меравад. Вале инро ман фикр карда набаромадаам. Худо мегӯяд:

> Бархез ва поймол кун, эй духтари Сион! Зеро ки Ман шохатро оҳанин, ва сумҳоятро мисин хоҳам гардонид, ва ту қавмҳои бисьёрро торумор хоҳӣ кард, ва ғанимати онҳоро барои Худованд, ва сарвати онҳоро барои Молики тамоми замин вақф хоҳӣ кард.
>
> Мико 4:13

Диққат диҳед, ки Худо “нонамоён хоҳӣ буд” нагуфтааст. Ӯ гуфтааст, ки “торумор хоҳӣ кард”! Духтарони Ӯ бояд дар замин қавӣ бошанд. Кай ту бори охирин худро мағлубнопазир ҳис карда будӣ?

Шояд ин хеле пештар бошад, вақте ки ту духтарчае будию шӯхию бозӣ мекардӣ. Ту барои он офарида нашудаӣ, ки бо умеди гурехтан дар торикӣ руст шавӣ. Ту барои паҳн кардани нур ва умед офарида шудаӣ. Ту ҳамчун духтари мағлубнашаванда, шикастнопазир ва устувори Сион офарида шудаӣ. Ҳатто ҳоло ман ин суханонро мешунавам: “Бархез, духтари Сион, бар пойҳои худ биист! Худо мехоҳад, ки туро мағлубнопазир кунад”.

Дар аксар ҳолатҳо, вақте ки моро аз ғалбер мегузаронанд ва мекӯбанд, мо қувваи рӯҳонии худро инкишоф медиҳем. Боби чоруми китоби Мико ба мо барои фаҳмидани он ёрӣ мерасонад, ки ин фишор ба чӣ монанд аст:

> ...Дар он ҷо Худованд туро аз дасти душманонат халосӣ хоҳад дод. Ва алҳол халқҳои бисьёр бар зидди ту ҷамъ омада, мегӯянд: «Сион палид хоҳад шуд, ва чашмони мо инро хоҳад дид!» Вале онҳо фикрҳои Худовандро намедонанд, ва рои Ӯро намефаҳманд, зеро ки Ӯ онҳоро мисли бандҳо дар хирмангоҳ ҷамъ кардааст.
>
> Мико 4:10-12

Ба ман ин ваъда маъқул аст. Вақте ки ту рӯҳафтодаӣ, вақте чунин ба назар мерасад, ки душмани ту наздик аст, то ки туро бикушад, Худо туро ҳамчун тилло тоза намуда, амал мекунад. Худо озмоишро ҳамчун катализатор истифода мебарад, то ки фарзандони Худро пок, пурқимат ва устувор гардонад.

Вақте васоити ахбори умум ва ё шахсони алоҳида масеҳиёнро танқид мекунанд, дар гуфтаҳои онҳо ҳиссае аз ҳақиқат ҳам мавҷуд аст. Мо бояд ба ин танқидҳо ба таври асоснок муносибат намоем ва таҳлил кунем, ки дар онҳо чӣ рост аст. Агар касе гӯяд, ки мо дағал, айбҷӯ ҳастем, дӯст дошта наметавонем, пас ба ҷои он ки ба фикри дигарон бепарвоёна даст афшонем, мо бояд дар партави Каломи Худо ба худ назар кунем. Мо бояд худро тафтиш кунем ва агар лозим бошад, узр пурсем.

Вале, ғайр аз ин, айбдоркуниҳои таҳқиромези душмани мо, шайтон, вуҷуд дорад. Баъзан ҳамлаҳои вай дурӯғи кушоду равшан мебошанд (масалан, вақте ки ба Худованди мо куфр мегӯянд). Дар вақти дигар ин бадкории рӯйрост аст, масалан вақте ки фарзандони Худоро водор мекунанд, ки аз Худованд рӯй гардонанд, вагарна онҳоро ба марг месупоранд (танҳо давраҳои инквизатсияро ба хотир оред). Чунин ҳамлаҳои шайтонро таҳлил кардан нашояд, онҳоро бояд ҷасурона бо эълон кардани ростӣ ва садоқати Худо бартараф кард. Мисоли инро мо дар китоби Ваҳй мебинем:

> Онҳо бар вай ба василаи хуни Барра ва каломи шаҳодати худ ғолиб омаданд ва ҷони худро то ба ҳадди мамот гиромӣ надоштанд.
>
> Ваҳй 12:11

Китоби Микои набӣ 4:13-ро хонда истода, ман гӯё шунидам, ки чӣ тавр Худо фарёд кард: “Бас аст! Ту фикр кардӣ, ки халқи Маро нобуд кардӣ, вале ин тавр нест. Ба ҷои ин ту онҳоро тайёр кардӣ!” Исроил барои мо намуна аст. Вақте ки исроилиён аз роҳи рост берун шуданд, душманон бар зидди онҳо бо қувват баромаданд, вале ин озмоиши сахт онҳоро тоза кард. Ва дар ҳамон лаҳза, вақте ки душман аллакай ғалабаро ҷашн мегирифт, Худо халқи Худро озод кард – халқи покиза ва ғолибро.

## Аз серкорӣ кӯршудагон

Пас, аз чӣ сар кунем, то ки қувват ёбем? Биёед аз самимона баҳогузорӣ кардани ҳолати рӯҳонии умумӣ ва инфиродии мо сар мекунем. Ибораи *“фарбеҳи лоғар”* дар муқоиса бо суханони Мураббии мо – Исо хеле саҳл садо медиҳад. Оё ту баҳои Ӯро дар Китоби Ваҳй хондаӣ? Аз ҳафт калисо танҳо дутояшон имтиҳони ӯро гузаштанд. Мана чандин огоҳӣ барои онҳое, ки аз санҷиш гузашта натавонистанд:

> Ман корҳои туро бакуллӣ мебинам; ҳама дар атроф фикр мекунанд, ки ту боғайрат ва гарм ҳастӣ, вале ту мурда, тамоман мурда ҳастӣ. Бархез, нафаси чуқур бикаш, шояд, дар ту ҳоло ҳаёт бошад. Вале Ман онро аз сабаби серкории ту дида наметавонам, охир кори Худо ҳаргиз тамом намешавад. Ту дар ҳолати ноумедӣ ҳастӣ. Ба хотир ор, ки боре ба дастони ту он Нома дода шуда буд, ки гӯшҳои ту шунида буданд,-онро аз нав эҳё кун ва ба назди Худо баргард.
>
> Ваҳй 3:1-3, тарҷумаи Message

Айнан ҳамон тавре ки фаъолияти ҷисмонӣ мушакҳои маро ба ҷои он ки қавӣ гардонанд, заиф карданд, серкории рӯҳонӣ қуввати рӯҳониро инкишоф намедиҳад. Он моро аз кори Худо дур карда, қуввати моро суст мегардонад. Ва боз ҳам, Исо ба рушди калисо баҳо медиҳад:

> Аъмоли туро медонам; ту на сард ҳастӣ на гарм; о, кошки ту сард ё гарм мебудӣ! Лекин азбаски ту ширгарм ҳастӣ, яъне на гарм ва на сард, бинобар ин туро аз даҳони Худ қай хоҳам кард. Зеро ки ту мегӯӣ: «Ман сарватдор ҳастам, сарват ғун кардаам ва ба ҳеҷ чиз эҳтиёҷ надорам»; аммо намедонӣ, ки ту бадбахт ва ҳақир ва мискин ва нобино ва бараҳна ҳастӣ.
>
> Ваҳй 3:15-17

Боз ин чӣ аст? Худо одамони зиндаро мурда меномад, сарватмандонро – мискин ва ҳақир? Ҳардуи ин гурӯҳҳо худро ба таври дигар мешинохтанд, вале Исо онҳоро бо кушоише дар бораи ҳолати ҳақиқии онҳо ба ҳайрат овард. Барои чӣ Чӯпони неки мо чунин... дағал буд? Худи Ӯ ба ин савол ҷавоб медиҳад:

> Ҳар киро Ман дӯст дорам, мазаммат мекунам ва ҷазо медиҳам. Пас ғаюр бош ва тавба кун.
>
> Ваҳй 3:19

Худо алоқамандона ба ҳолати рӯҳонии мо бо мо ростгӯ аст, чунки Ӯ моро дӯст медорад. Ӯ моро машқ медиҳад, то ки мо дар сатҳи баланд зиндагӣ кунем. Барои ин дигаргуниро ба амал овардан, Исо тайёр аст, ки ҳолати аслии чизҳоро нишон дода, моро ба ҳайрат орад. Ба ин огоҳӣ бо ҳисси шарм, айбдорӣ ё маҳкумкунӣ ҷавоб додан лозим нест. Баръакс, биёед бармехезем, ба пеш рӯ меорем ва аз паси Худо сахт медавем.

## Сарбориро ба низом даровarда

Ман пештар ёдовар шудам, ки китфи чап ва зонуи ростам солим набуд. Ҳангоми азсанҷишгузаронӣ ман сабаби инро фаҳмидам: ҳар дафъа, ман ба сафар баромада, ҳамеша сумкаҳоямро ба китфи чап кашол дода, мебурдам, ва сарборӣ ба қисми чапи бадани ман мефаромад. Ба туфайли истироҳат китфи чап ва зонуям шифо меёфтанд, ба туфайли машқ бошад – тарафи чапи ман пурқувват мешуд. Барои бардошта бурдани сумкаҳо ва компютер ҳарду китфамро истифода бурда, ман боз бадани худро ба ҳолати муназзам овардам.Чӣ қадаре аз мо аз лиҳози рӯҳонӣ касал мебошанд, чунки бағоч ва борҳои вазнинро танҳо ба як тарафи бадани худ мегузорем? Ин на танҳо эҳтиёҷи Бадани Масеҳро ҳам ба мардон ҳам ба занон ҳамчун ба ду тарафҳо тасвир мекунад, то ки бор бо китфҳо бурда шавад, балки инчунин чӣ тавр мо, шахсони алоҳида низ, бояд худро дар рӯҳ, ҷон ва тан мустаҳкам кунем. Вақти он расидааст, ки навозиш кардани ҷароҳатҳои кӯҳнаи худро бас кунем ва аз паси Худо рафтанро давом диҳем!

Дар Забур 143 Худо дар бораи он, ки чӣ тавр аз лиҳози рӯҳонӣ писарону духтарони Ӯ кадом-як боре, вазниниеро якҷоя бар дӯш мебаранд, манзараи аҷоиберо тасвир мекунад.

> То ки писарони мо дар ҷавонии худ мисли ниҳолҳо нашъунамо ёбанд; духтарони мо мисли сутунгӯшаҳои кандакории кӯшкҳо зебо бошанд.
>
> Забур 143:12

Тарҷумаи Китоби Муқаддас *New Living Translation* мегӯяд:

“Бигзор писарони мо дар ҷавонии худ гул-гул бишукуфанд (аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст). Як ба худ насли шукуфони писаронро тасаввур карда бинед, яъне ин чунин маъно дорад, ки дар ҷавонӣ онҳо мустаҳкам мешаванд, муваффақият меёбанд, мавсими нашъунаморо аз сар мегузаронанд ва ҳатто бо файзи Худо ифтихор мекунанд. Чӣ тавр ин баръакси чизҳое аст, ки мо ба мушоҳида кардан одат кардаем: мардон дар овони наврасӣ ва навҷавонӣ қувват ва ғайрати ҷавонии худро беақлона сарф мекунанд.

Духтарон дар ин ҷо ба сутунҳо монанд карда шудаанд. Ман ба таърифи калимаи *“сутун”* нигоҳ кардам ва фаҳмидам, ки он ду маънои асосӣ дорад: *“ёрмандӣ”* (масалан, қатор, бурҷ, такягоҳ, тиргак); дуввумӣ ба “роҳбар” ишора мекунад. Ва ин мафҳум ҳамаи он чизҳои дар боло зикршударо дар бар мегирад.

Ман боварӣ дорам, ки Худо дар ин порча лавҳаи меъмории хонаи Худро тасвир кардааст. Оё мо, занон, омодаем, ки моро барои чизи бузургтаре назар ба ороиш сафарбар кунанд? Оё мо тайёр ҳастем, ки боми хонаи Худоро нигоҳ дорем?

Ин саволҳо моро баргардонида, боз ба машқ ва афзунгардонии қувват, ки барои расидан ба мақсад зарур мебошанд, раҳнамун мекунанд.

Пас, бидавед, то ки ғолиб оед! Ҳамаи варзишгарони хуб сахт машқ мекунанд. Онҳо ин корро ба хотири медали тилло, ки хира ва камнур мешавад, иҷро мекунанд. Шумо инро ба хотири мукофоте, ки аз тиллои абадӣ иборат аст, ба амал меоваред.

> Оё намедонед, ки давандагони майдони мусобиқа ҳама медаванд, аммо фақат як нафар мукофот мегирад? Ҳамин тавр бидавед, то ки соҳиби он гардед. Ҳамаи риёзаткашон аз ҳар чиз худдорӣ мекунанд: онҳо барои гирифтани тоҷи фонӣ, лекин мо барои гирифтани тоҷи ғайрифонӣ. Бинобар ин ман медавам на он тавре ки бар абас бошад, ва мушт мезанам на он тавре ки фақат барои задани ҳаво бошад; Балки ҷисми худро азоб медиҳам ва ғулом мегардонам, то ки ба дигарон мавъиза намуда, худам маҳрум набошам.
>
> 1 Қӯринтиён 9:24-27

## Маҳдудиятҳои пештараро дур андохта

Ман ҳеҷ гоҳ варзишгари хуб набудам. Дар синфҳои болоӣ ман ба шиноварӣ машғул будам, чунки обро, хазида баромаданро, шабнишиниҳоро дӯст медоштам. Вале ман ягон бор ба хотири ғалаба мусобиқа накардаам. Ман барои ба марра расидан шино кардаам. Ман аз гирифтани ҷои сеюм ё чорум қаноатманд будам. Фақат ин ки охирин набошам бас буд. Ман он қадар мусобиқаи шинавариро бад медидам, ки пеш аз ҳар як ин гуна рӯйдод касал мешудам. Барои он ки худро як илоҷе карда ба даст гирам, ба худ мегуфтам: *“Ту бояд ғайратмандона як дақиқа шино кунӣ. Сипас ҳамааш тамом мешавад, ва ту метавонӣ ба назди дӯстони худ баргардӣ”.*

Мутаассифона, ман ҳеҷ гоҳ дарк намекардам, ки дастаи ман ба ман эҳтиёҷ дорад. Ман фақат дар бораи худам фикр мекардам – дар бораи тарсҳои худ, камбудии қувват. Аз сабаби он ки ман нисбат ба аъзои дастаи худ бепарво будам, худро ҳеҷ гоҳ ба пеш тела намекардам. Ман ҳеҷ гоҳ ба сӯи ғалаба намешитобидам, бинобар ин ғалаба ҳам намекардам. Ман барои даста бозингари арзанда набудам; ман ба сари онҳо бор будам. Он рӯзҳоро ба ёд оварда, фикр мекунам, ки назар ба бохт аз ғалаба бештар метарсидам, чунки як бор ғалаба карда, ман маҷбур мешудам, ки доимо ғалаба кунам, вале ман бошам нарх супоридан намехостам. Ман чунон метарсидам, ки агар тамоми имкониятамро сарф карда, ба ҳар ҳол натиҷаи хуб нишон надиҳам, ин барои ман хеле дарднок хоҳад буд, бинобар ин ман 70-80% имконияти худро истифода мебурдам, на зиёдтар аз ин. Ман аниқ намедонам, ки барои чӣ чунин рафтор мекардам, вале ҳозир аниқ медонам, ки беҳавсалагӣ дигар барои ман қобили қабул нест – хусусан аз лиҳози рӯҳонӣ. Вақте ки ман бедор шудам ва фаҳмидам, ки ҳаёт танҳо дар гирди як мани маҳбуб чарх намезанад, ман ба пеш андохтани худ ва қувват ба харҷ доданро сар кардам, то ки монеаҳои пештараро бартараф кунам.

Барои дар худ бедор кардани модашер, ту низ ҳамин тавр бояд кунӣ. Эҳтимол ҳангоми кӯшишҳои аввал ту комёб намешавӣ, вале ин танҳо қисми ҷараёни машқ мебошад. Ман ягон шахсеро намедонам, ки аз дафъаи аввал кадом-як трюкро бекаму кост иҷро карда бошад.

Номаи дуюми Петрус 3:1,7 мегӯяд:

> Ин номаи дуюм аст, ки ба шумо, эй маҳбубон, менависам; дар онҳо бо роҳи ёдоварӣ фикри поки шуморо таҳрик медиҳам... Аммо осмон ва замини ҳозира низ бо ҳамон калом барои оташ нигоҳ дошта шудаанд ва то рӯзи доварӣ ва ҳалокати мардуми осӣ саришта карда мешаванд.

Диққат бидеҳ, ин масъулияти ту - ақли худро дар ҳолати омодагӣ нигоҳ доштан. Ҳар рӯз ту интихоб дорӣ: бодиққат будан ва тамаркуз кардан ба мақсад ё заиф ва парешон будан. Ин вақте аст, ки мо бояд бо тайёрии пурра истода бошем, чунки Худованди мо тайёр аст. Ӯ аллакай омода аст, ки ҳар чизе, ки дар ин дунё нодуруст аст, ислоҳ кунад. Ӯ мехоҳад аланга занад ва ғалаба кунад. Вақте ки Худои бузург бонг занад, оё ту ҳамчун модашер қавӣ, чолок ва ба ҳамла кардан омода мешавӣ?

Ба Рӯҳи Муқаддас иҷозат деҳ, ки қуввати туро дар партави Каломи Худо имтиҳон кунад, аз озмоишҳо гузашта мағлубнопазир шудани худро дониста, ба озмоишҳо имкон деҳ, ки туро машқ диҳанд. Ба сарбориҳои Каломи Худо, ба обутоб ёфтан ва машқи Рӯҳи Муқаддас иҷозат деҳ, ки соҳаҳои заиф ва осебдидаи ҳаёти туро инкишоф диҳад. Диққати худро аз он ки зоҳиран чӣ гуна метобӣ, гирифта, ба он, ки дар ботин ту чӣ гуна ҳастӣ, равона кун. Зиёда аз ин, аз қуввати худ натарс! Ҳамчун модашер Худоро бо ин ҷалол деҳ. Дар ёд дошта бош, дар ҳоле ки тамоми замин аз тарсу ларз пур шудааст, Худои замину осмон, Офаридгори тамоми махлуқот туро даъват мекунад, ки азамати бошукӯҳи Ӯро ба ҳама намоён кунӣ.

Оё ту ба ин бовар дорӣ? Ту оё ягон чизе дорӣ, ки дигаронро ба ҳайрат меорад? Оё дили ту ҳассос аст? Оё ту нақшаи муфассалро тартиб дода метавонӣ? Оё ту аз идеяҳо ва эҷодкорӣ пур ҳастӣ? Ту модар ҳастӣ ё омӯзгор? Оё ту метавонӣ семинар ташкил кунӣ ё оилаҳои вайроншударо пайванд созӣ? Оё ту метавонӣ ҳуҷраеро, ки бетартиб аст, ба ягон чизи зебое табдил диҳӣ? Ё, ту саҳифаи тозае ҳастӣ, ки интизор шуда нишастааст, ки кай пур мекунанд?

То он даме, ки мо худро ҳамчун шахси ба дигарон қувватбахшанда дарк накунем, ҳеҷ касе аз мо орзуҳои худро ба ҳаёт татбиқ карда наметавонад. Хоҳар-модашери маҳбуб ба мо қуввати диловаронаи ту лозим аст! Он дар ҳақиқат зебо ва болатофат аст!

5

# Қувват барои хидмат

Ҳар яке аз мо бигзор толиби роҳати ёри худ бошад дар он чи бар нафъи вай ва барои тақвияти вай аст.

РУМИЁН 15:2

Дар дунёи ваҳшии модашерҳо оромии ҳайратбахше ҳукмфармо аст, ки дар ягон ҷои дигар мушоҳида кардан ғайриимкон мебошад. Ман дар бораи ин ҳамон вақт ба хотир овардам, ки филми илмӣ-оммавӣ тамошо мекардам. Дар он дар бораи он нақл карда мешавад, ки чӣ тавр гурбаҳои ваҳширо бо ҳудудҳои нав шинос мекунанд ва ба минтақаҳои ҷанубии Африқо мекӯчонанд. Дар оғози филм шореҳ дар бораи ду гурӯҳи шерҳо, ки бо ҳудуди мамнӯъгоҳ шинос карданд, ба таври умумӣ нақл намуд. Гурӯҳи аввал аз ду модашери ҷавон ва як шери ҷавон иборат буд.

Ин се ҳайвон пештар дар як майдончаи хурди маҳкаме зиндагӣ мекарданд, ки бо ҳудуди васеи мамнӯъгоҳ ҳамшафат буд ва муваққатан гирдогирдаш бо панҷараи электрикӣ иҳота карда шуда буд. Посбонҳои мамнӯъгоҳ як қисми панҷараро гирифта, барои шерҳо ҳудуди васеъ, тадқиқнашуда ва барои онҳо номаълумро боз карданд. Шерҳои аз дигаргунии ногаҳонӣ ҳаросон намедонистанд, ки чӣ кор кунанд.

Посбонҳо чунин аксуламалро пешбинӣ карда, усулеро кор карда бароманд, ки чӣ тавр шерҳои ҷавонро барои ишғол кардани ҳудудҳои нави барои онҳо бозшуда водор кунанд. Онҳо қарор доданд, ки ба шерон чанд рӯз хӯрок надиҳанд, то ки иштиҳои онҳоро аз ҷои одатӣ ба хонаи нави онҳо ҷалб кунад.

Ман бо шавқ нигоҳ кардам, ки чӣ тавр рейнҷерҳои ин мамнӯъгоҳ аз мошини боркашони худ ҷисми ғизоли калонсолро

гирифта, ба беруни “хонаи шерон”, ба заминҳои барои шерон нав партофтанд. Даррандаҳо сар бардошта, бодиққат ин воқеаро мушоҳида карданд ва бӯи ғизоли кушташударо ҳис карданд. Гарчанде шерони ҷавон гурусна буданд, эҳтиёткориро риоя мекарданд. Шер ҷои бехатари худро тарк накард ва ба буттазори африқоӣ раҳсипор нашуд. Дар ҳоле ки вай назора мекард, ду модашер ба гузаргоҳи панҷара наздик омада, ба якдигар дучор шуданд ва нобоварона пешу ақиб роҳ мерафтанд. Онҳо ҳаво ва заминро бӯй кашида, ба даруни панҷара ақиб мерафтанд, ва боз баргашта, дар назди гузаргоҳ таваққуф мекарданд. Аз афташ, онҳо барои фаҳмидани он кӯшиш мекарданд, ки чаро якбора чунин шуд, барои чӣ дар рӯ ба рӯи онҳо ин гузаргоҳ пайдо шуд? Шояд, ин ягон дом бошад?

Ниҳоятан, яке аз модашерон қарор қабул кард. Гуруснагӣ бар шубҳаҳои ӯ дастболо шуд. Вай боқатъият хатро гузашт ва ба назди ҷасади ғизол омад. Дар ними роҳ вай гӯё хоҳари худро низ барои бо вай ҳамроҳ шудан даъват карда истода бошад, то ки вай низ аз панҷара берун бароянд, нигоҳ кард. Модашери дуюм як лаҳзае беҳаракат истод, ва сипас аз ақиби хоҳари худ давида рафт. Онҳо якҷоя дар гирди ғизол чарх зада, вайро бӯй карданд, то ки боварӣ ҳосил намоянд, ки оё ҳама чиз хуб аст. Вале шер дар ҷои худ истод. Дар ҳоле ки вай назора мекард, модашерон оҳиста ба чашидани гӯшт сар карданд. Тӯъма бомаза, тоза буд, вале ба ҷои он ки онҳо худро ба хӯрдани хӯрок андозанд, онҳо як кори аҷибе карданд. Модашерон бо чанголи худ ғизолро аз гарданаш дошта, онро дукаса ба ҳудуди маҳкам кашида оварданд, то ки шер низ якҷоя бо онҳо лаззат барад. Рафтори онҳо маро ба фикрронӣ кардан водор кард. Хоҳиши онҳо барои ба дастархон ҳамроҳ кардани шери шубҳа кардаистода ба ман таассуроти фаромӯшнашавандаро боқӣ гузошт. Ба ман маъқул шуд, ки онҳо бе вай зиёфатхӯрӣ кардан нахостанд.

> Хеле хуб аст, агар занон медонанд, ки чӣ тавр рафтор бояд кард!

## Рӯҳбаланд кардани шубҳакунандагон

Оё мо ба мисоли олиҳимматонаи хоҳар-модашер иҷозат медиҳем, ки моро ба ин гуна рафтор, муносибат, аксуламали ҷавобӣ рӯҳбаланд кунад? Оё мо он заноне мешавем, ки барои бо дигарон тақсим кардани баракатҳое, ки дар ҳудудҳои нав Худо

ба духтарони Худ ато намудааст, вақт ҷудо мекунанд ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд?

Бале, ман мефаҳмам, ки вақте ту бармегардӣ, то дигаронро мунтазир шавӣ, ин суръати туро суст мекунад – вале фақат дар аввал. Вақте ки ту бошуурона некӣ, саховат ва хирадро бо худ мебарӣ, ин дар ниҳояти кор ба пирӯзӣ оварда мерасонад. Вақте ки Худо ҳаёти тоза ва озодиро ба фарзандонаш мебахшад, онҳо инро бо шодӣ ва умед қабул мекунанд, дигарон шубҳа мекунанд, интизор мешаванд ва мушоҳида менамоянд, ки минбаъд чӣ мешавад. Онҳое низ ҳастанд, ки ба ин зид мебароянд.

Ман умед мекунам ва дуо мехонам, ки ҳамаи духтарони Худо бархезанд ва ба озодӣ ва таъиноте, ки аз тарафи Падарамон ба мо муҳайё карда шудааст, дохил шаванд. То ки онҳое, ки қавитар, озодтар, дар ростӣ мустаҳкамтар ҳастанд, онҳоеро, ки ба гузоштани қадами навбатӣ ҷуръат намекунанд, дастгирӣ ва барои ҳаракат кардан рӯҳбаланд намоянд.

Ба ман маъқул аст он чиз, ки дар нома ба Румиён навишта шудааст:

> Ва мо, ки тавоно ҳастем, бояд сустиҳои нотавононро бардорем ва толиби роҳати худ набошем: ҳар яке аз мо бигзор толиби роҳати ёри худ бошад дар он чи бар нафъи вай ва барои тақвияти вай аст.
>
> Румиён 15:1-2,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Шахсони қавӣ ва қобилиятнок бояд онҳоеро, ки суст ҳастанд, дастгирӣ кунанд, ва ба онҳо ёрӣ расонанд, ба калавандагон, ба касоне, ки ба худ боварӣ надоранд, ба касони камҷуръат ва тарсон дасти худро дароз кунанд. Он қадар бисёр занони ҷавон ва калонсоле ҳастанд, ки дар қалби худ як чизи бузургтареро эҳсос мекунанд. Онҳо ба пеш ҳаракат кардан ва ҳудудҳои навро забт намудан мехоҳанд. Онҳо дар остонаи чизҳои нав истодаанд, ба сӯи чизҳои номаълуме менигаранд, ки Худо барояшон даъват кардааст, вале шубҳаҳои худро мағлуб карда наметавонанд.

Ба наздикӣ баъд аз ҷамъомад ба назди ман як ҷавондухтари зебо ва самимие омад. Орзуи Худо дар даруни ин ҷавондухтар он қадар бузург буд, ки дар муддати кӯтоҳи вохӯрии мо ӯ барои нақл кардани ҳар чизе, ки дар дил дошт, муяссар нашуд. Бинобар ин, вай ба хона омада, ба ман номаи муфассали электроние навишта

фиристод, ки ҳаҷман ба як достон баробар буда, тамоми эҳсосоти дарунии ӯро ифода мекард. (Баъдтар вай худро ногувор ҳис кард, лекин дар ин бора вай намебоист ташвиш кашад.) Мактубро хонда, ман ноороми ӯро дарк мекардам. Бо ҳайрат аз он, ки то чӣ андоза азсаргузарониҳои вай бо эҳсосе, ки ман дар чунин давраҳои инкишоф аз сар гузаронида будам, ҳамоҳанг аст, ба вай дар ин бора нақл кардам.

Баъзан донистан кифоя аст, ки дигарон аллакай ин кӯпрукро гузаштаанд ва амну амон ба тарафи дигар расидаанд. Баъзан он касоне, ки шубҳа мекунанд, фақат як назар бо хоҳари дигаре, ки аллакай ба ҷои лозима рафта расидааст, вохӯрдан кифоя аст. Ин нигоҳ мегӯяд: “Эй хоҳар! Ман аллакай дар ин ҷо ҳастам, ва ин ҷо на танҳо бехавф аст... дар ин ҷо будан хеле зӯр аст!”.

## Бори диндориро аз худ дур кун

Аксар вақт занонро камҷуръатӣ бозмедорад. Ва гарчанде беш аз беш хоҳарон ба озодие, ки Худо барои мо тайёр кардааст, дохил мешаванд, вале баъзеҳо дар зери бори диндорӣ меафтанд. Танҳо дар даҳ соли охир занонро барои мавъиза кардан дар назди хоҳарон ва бародарон ба даъват кардан сар карданд. Ба бисёр занон қабул кардани ин озодӣ ҳоло ҳам мушкил аст.

Ман дар назди духтарони Худо далерона мавъиза мекардам, вале ҳамин ки ба шунавандагони ман як ҷуфт мардон илова мешуданд, аз ҳаяҷон маро бо маънои аслӣ арақ пахш мекард. Аз хато кардан тарсида, ман то он даме асабонӣ мешудам, ки боре вақти саҳар шубоне, ки маро барои мавъиза кардан дар калисои онҳо даъват карда буд, ва яке аз дугонаҳои ҷасури ман барои аз худ дур кардани ин тарс ба ман кӯмак накарданд.

- Барои чӣ ту ҳангоми мавъиза кардан дар назди мардон низ худро ба даст гирифта наметавонӣ, чунон ки дар назди занон? – ба ман даъво карданд онҳо.
- Росташро гӯям, ман намедонам... – самимона гуфтам ман.
- Оё ту метавонӣ, ки ба зудӣ ҳаллу фасл кунӣ, ки сабаб дар чист? Моро лозим аст, ки ту ин қадар ба худ нобовар буданро бас кунӣ!

Суханони онҳо маро якбора моту мабҳут карданд. Ман боварӣ дорам, ки барои солим будани калисо дар он ҳам овози мардона ва ҳам занона садо бояд диҳад. Шубҳаҳои ман, моҳиятан, ин

бовариро аз байн мебурд! Ман садои худро бо қувват баланд намекардам. Баръакс, ман дар бораи Навиштаҷот фикр накарда, балки дар бораи он ки ман зан ҳастам, гӯё дар назди мардон худро сафед мекардам. Вале ҳамон лаҳза ки ба дилнохоҳамии ман барои дигар кардани ин чиз ишора карданд, ман ҳамон замон ба рахна задани ин қалъа шурӯъ намудам. Ман то ин дам ба занон мавъиза карданро афзал медонам, вале агар аз ман хоҳиш кунанд, ки ба мардон хизмат кунам, дигар не намегӯям. Аз таҷрибаи худ хулоса бароварда, мегӯям, агар мард аз шумо сухан гуфтанро хоҳиш кунад, пас вай мехоҳад, ки шумо сад дар сад кӯшиш кунед. Ва вақте ки онҳо шуморо таърифу таҳсин менамоянд, ислоҳ мекунанд ва ба амал кардан водор месозанд, шумо мефаҳмед, ки онҳо дӯстони ҳаққонии шумо мебошанд. Афсӯс, ки аксар вақт баръакси ин рӯй медиҳад.

> Борҳои гарон ва душворро баста, бар дӯши мардум мегузоранд, лекин худашон намехоҳанд онҳоро ҳатто бо як ангушт ҳаракат диҳанд.
>
> Матто 23:4

Дар замони Исо пешвоёни дин дар зери бори расму қоидаҳои онҳо хам шудани дигаронро дида, хурсанд мешуданд. Ба фикри шумо онҳо чаро ин тавр рафтор мекарданд? Ман фикр мекунам, ки онҳо бартарияти худро бар онҳое ҳис мекарданд, ки аз вазнинии қоидаҳое, ки худи ҳамин пешвоёни дин фикр карда бароварда буданд, азоб мекашиданд. Ин ба онҳо имкон медод, ки худро ҳамчун шахсони одил ва наздик ба Худо ҳисоб кунанд.

Аз ояте, ки иқтибос оварда шуд, як хулосаи муҳимеро баровардан мумкин аст. Шариати Худо бояд зиёфат мебуд, на бори вазнин. Хӯрок қувват мебахшад, вале меҳнати сахт хаста месозад. Мо барои он даъват шудаем, ки Худоро дар замин муаррифӣ кунем; ҳар коре, ки Ӯ иҷро мекунад, ва ҳар чизе, ки Ӯ пешниҳод мекунад, ин зиёфате аст, ки ҳар кас дар он иштирок карда метавонад. Мо ба дигарон бояд аз фаровонии некии Худо хизмат кунем. Барои ин мо бояд аз бори вазнини диндорӣ, ки ба дӯши писарон ва духтарони Худо гузошта шудааст, халос шавем.

Эҳтимол, ту фикр мекунӣ, ки ҳатто агар ман мард ё зани муҷаррад бошам ҳам, хидмат ва мавъиза карда метавонам? Бале! Биё ҳама гуна бори нодаркорро аз худ дур мекунем. Ба ту лозим нест, ки барои хидмат кардан дар Бадани Масеҳ шавҳардор

ё зандор бошӣ. Павлус зандор набуд. Биё ин ҷомадонҳоро, ки моро ба чунин фикр кардан водор месозад, ки ба занон бо бачаҳо кор бурданро бовар кардан мумкин асту вале на бо калонсолон, боз мекунем. (Магар моро дигар набояд ба ташвиш орад, ки кӣ фарзандони моро таълим медиҳад?) Оё мо метавонем ин дурӯғро ошкор намоем, ки ҷор мезанад, ки мо пеш аз ҳуқуқ пайдо кардан барои эълон намудани ваъдаҳои Худо бояд бенуқсон шавем? Касе аз мо комил нест. Бас аст дигар росткории рӯякӣ! Биёед ба хатоҳои худ иқрор мешавем, аз онҳо ёд мегирем ва Исоро ҷалол дода, ба пеш ҳаракат мекунем!

Оё мо тайёр ҳастем, ки озодии худро барои сарнагун кардани вазниние, ки дин беасос ба гардани мо бор кардааст, истифода барем? Вақте ки Худо моро ба ягон чизи нав, яъне, масалан, ба забт кардани ҳудудҳои дигар ё қадам гузоштан ба заминҳои ношинос даъват мекунад, мо ба пешпо хӯрдан ва афтидан сар мекунем. Дар даҳ соли охир калисо дар бисёр чиз ба сатҳи нав баромадааст, ва ин шодӣ мебахшад, вале ҳоло ҳеҷ кас ба нуқтаи лозима нарасидааст. Ба ҳар ҳол Худо амал карда, дарҳои пештар пӯшидашударо мекушояд ва дар дили одамон ташнагиро зиёд мекунад, то ки онҳо тарсро мағлуб карда, ба пеш ҳаракат кунанд.

Ба наздикӣ ман аз як зане e-mail гирифтам, ки чор сол пеш мавъизаи маро дар бораи он шунида буд, ки зани фидокор ва тадҳиншуда дар хонаи Худо овоз дошта метавонад ва бояд дошта бошад. Ин фикр дар аввал ин занро ба изтироб овард, чунки ин хилофи ҳама он чизе буд, ки пештар мешунид.

Вай баъди шунидани мавъизаи ман музтариб ва парешон шуда, ба хонааш рафт. Бо гузашти вақт, вай Каломро омӯхт ва дуо кард, ва Худо дар назди ӯ дарҳои навро кушода, дар қалби ӯ мустаҳкам кардани ин ҳақиқатро шурӯъ намуд. Вай дар ҳамон лаҳза ҳис кард, ки муборизае, ки баъд аз шунидани мавъизаи ман дар даруни худ ӯ ҳис намуд, аз Худо буд. Ин ноҳатӣ далели он буд, ки Худо оиди ин масъала ба вай муроҷиат намуд. Суханоне, ки ман он вақт ба забон овардам, дар ҳаёти ин зан тухмие гардиданд, ки айнан ҳозир меваҳои нахустини худро ба бор овард.

Мо ба он даъват шудаем, ки ҳақиқатро бо муҳаббат баён кунем ва чунон бояд зиндагӣ кунем, ки ҳаёти мо барои ҳамроҳ шудан ба ин саёҳат ба дигарон даъватномае бошад. Аз хоб бархеста, мо ҳақ надорем, ки заиф ва гурусна бимонем.

Дар Китоби Ҳизқиёл 19:2 ин масъала бардошта шудааст:

“Модарат чӣ модашере буд! Дар миёни шерон мехобид, андаруни шерони ҷавон бачаҳояшро мепарварид...”.

Аввалин бор ин оятро хонда, ман фикр кардам: *“Ин чӣ маъно дошта бошад?”.* Дар ҷустуҷӯи кушоиш ман ба контексти боби 19-уми Китоби Ҳизқиёли набӣ нигоҳ кардам. Дар ин ҷо модашере тасвир карда шудааст, ки ду шербачаро ба воя мерасонад, то ки онҳо шерони пурқувват ва тавоно шаванд. Ман фикр кардам*: “Ман дар байни шерон модашер буданро омӯхтан мехоҳам!”*. Кӣ чунин зан будан намехоҳад, ки ҳаёт ва ҳадафаш барои парвариш кардани духтарон ва писарони боқувват дорои қувват мебошад! Барои ман шараф аст, ки бисёр занон маро хурсандона маъқул медонанд, вале ман саҳми худро ҳам ба ҳаёти мардоне гузоштан мехоҳам, ки ин ҳаётро бо ҳам мебинем. Ман мехоҳам, ки ҳамаи тарсуҳо, заифон ё ба фалокат афтодагонро бархезонам. Ва оё медонед, ки чӣ? Шумо низ метавонед барои ин хоҳиш дошта бошед. Худо матои духтарони Худро аз ресмони хоҳиши рӯҳбаланд кардани дигарон бофтааст.

## Умед барои ноумедон

Баъзан дасти ёрӣ дароз кардан ба онҳое, ки пешпо хӯрдаанд, ба ҳадя кардани умед баробар аст. Ҳангоми сафари охиринам ба Камбоҷа бо ташкилоти *Life Outreach* ман вақти шом дар кӯчаҳо сайругашт мекардам ва бо духтароне, ки ба фоҳишагӣ машғул буданд, гуфтугӯ менамудам. Ҳар вақте ки ман ба ин “парвонаҳо” наздик мешудам, онҳоро посбонӣ мекарданд ва агар онҳо бо ман сӯҳбат карданӣ шаванд, бо маънои аслӣ онҳоро таҳқир менамуданд. Ҳар маротибае, ки ман ба назди ҷавондухтаре ё гурӯҳе наздик мешудам, ҳамаш аз рӯи ҳамон як сенария давом мекард, бо писханди бисёр. Ба саволҳои ман онҳо кӯтоҳ, мухтасар ва бо ҳамдигар хандида ҷавоб медоданд. Бовар дорам, онҳо фаҳмида наметавонистанд, ки чаро сафедпӯстзани миёнасоли амрикоӣ барои сӯҳбат кардан бо онҳо кӯшиш мекунад. Вале агар сӯҳбат давом кунад, ман аз онҳо мепурсидам, ки дар бораи чӣ онҳо орзу мекунанд.

- Дар зиндагӣ ту ба чӣ муваффақ шудан мехоҳӣ? Агар ту он касе шуда метавонистӣ, ки будан мехоҳӣ, ҳар коре, ки мехостӣ, бикунӣ, пас ин чӣ буда метавонист?

Дар ҳамон лаҳза ки онҳо барои орзу кардан ва умед бастан ба он, ки ҳаёти онҳо назар ба ҳозира як чизи бештаре гардида

метавонад, даъват карда мешуданд, тарҳи рӯи онҳо дигаргун мешуд. Наход ки дар байни ин даҳшати шабона касе пайдо шуд, ки ба онҳо орзу карданро пешниҳод мекунад? Ногаҳон ба сӯи ман саволҳо пош мехӯрданд, ва ман ба онҳо ба қадри он ки тарҷумонам имкон дошт, зуд ҷавоб медодам.

- Ман мӯйҳоро оро додан мехоҳам!
- Ман бошам – тарабхонаи худро доштан мехоҳам.
- Ман дар маркази савдо дӯкони худро доштан мехоҳам, ки дар он ҳама гуна чизҳои зебо фурӯхта метавонам.
- Ман тайёрам, ки ҳама гуна корро иҷро кунам, фақат ин ки одамон дигар маро таҳқир накунанд.
- Ман мехоҳам, ки пули бисёр кор кунам, то ки ба азизони худ ба хона бифиристам.

Духтаронро боздоштан имкон надошт. Онҳо рафтори васвасакоронаи худро дур карданд ва барои як лаҳза ба наврасдухтароне, ки онҳо ҳақиқатан ҳам чунин буданд, монанд шуданд. Ин духтарон медонистанд, ки дарҳои қафаси онҳо кушода шавад, чӣ кор хоҳанд кард! Бо баробари имконияти нахустин мо ба онҳо пешниҳод мекардем, ки аз “зиндон” гурезанд, ва баъзеи онҳо кӯмаки моро қабул мекарданд. Вале танҳо он касоне, ки шармандагии худро аз сар гузаронида метавонистанд, барои ба пеш ҳаракат кардан қобил буданд. Ҳисси гунаҳкорӣ ва шарм низ ба мисли занҷаллобони онҳо бисёре аз ин духтаронро дар ғуломӣ нигоҳ медошт.

Дар чунин ҳолати ноумедӣ истода, дар бораи чизе фақат орзу кардан кифоя нест. Дар ҳолатҳои бисёр, ҳатто ки агар дар рӯ ба рӯяш дар васеъ кушода шавад ҳам, одами шикаста ва фиребхӯрда дар даруни зиндони худ пинҳон шуда менишинад.

Бинобар ин ба ғайр аз он ки мо ба ин духтарон аз фоҳишагарӣ озод шуданро пешниҳод мекардем, мо ба онҳо некии Худоро мерасонидем. Мо онҳоро бо Исо шинос менамудем, ва нақл мекардем, ки Ӯ дар тарафи онҳо мебошад, ва танҳо Ӯ барои ноумедон умед аст.

Оё онҳо Ӯро ба қалбу зиндагии худ даъват мекунанд? Ин интихоби онҳо буд. Мо ва ту метавонем бо одамони дигар ҳампаҳлӯ равем, барои ба пеш ҳаракат кардан рӯҳбаланд ва дастгирӣ кунем, вале, маълум аст, ки дар ниҳояти кор интихоб аз они онҳост.

## Ҳақиқати модашер

Биёед як лаҳза ба модашерҳо аз филми илмӣ-оммавӣ бармегардем, ки дар борааш ман дар аввали ин боб ёдрас кардам. Барои чӣ онҳо ҷасади ғизолро ба назди шер кашола карда оварданд, то ки якҷоя бихӯранд, зеро онҳо илоҷҳои дигар низ доштанд-ку? Барои онҳо кашола карда бурдани ин "таом"-и азим ба ақиб ба майдончаи бо панҷара иҳота кардашуда, ки дар он ҷо шер метавонист ба хӯроки идона ҳамроҳ шавад, мушкил буд. Як қисми боқимондаро ба шер вогузор карда, ҳиссаи худро хӯрдан хеле қулайтар мебуд, агар худи вай барои ба берун баромадан ихтиёр мекард. Ё онҳо метавонистанд, ки шикамашонро дурустакак сер карда, пасмондаҳояшро ба шер тақдим кунанд. Як қисми ғизолро кашола карда овардан осонтар мебуд аз он, ки ҳамаашро биёранд. Рафтори онҳо ба тасаввуротҳои мо оид ба қонунҳои ҷангал мухолифанд. Агар салтанати ҳайвонот танҳо бо қонуни мубориза барои ҳаёт идора карда шавад, пас барои чӣ модашерон ин қадар саховатманд ҳастанд? Дар ниҳояти кор, бо шери гурусна тақсим кардани хӯрок маънои онро дорад, ки ба худи онҳо камтар хӯрок боқӣ мемонад.

Шояд, ин модашерон чизеро медонистанд, ки мо фаромӯш кардаем. Ва гарчанде онҳо ҷавон ва камтаҷриба буданд, онҳо ба таври инстинктӣ ҳис мекарданд, ки оянда ва мавҷудияти бачаҳои онҳо бевосита аз муносибати онҳо ба шер вобаста мебошад. Онҳо чунин рафтор карданд, то ки шер дар дар оянда, вақте ки давраи нави ҳаёти вай фаро мерасад, ва ӯ сардори гала мешавад, инро дар хотир дошта бошад. Онҳо ҳамон шери тавоноеро, ки рӯзе чунин хоҳад буд, эҳтиром мекарданд, гарчанде ҳоло ба пушти буттазор пинҳон шуда буд. Рӯзе мерасад – ва вай шери далеру тавоно мегардад. Вай онро дар хотир нигоҳ хоҳад дошт, ки вақте барои талаб намудани чизе, ки ҳаққонӣ ба вай тааллуқ дошт, ҳоло ҷавон ва тарсон буд, модашерон ба вай хӯрок оварда буданд. Рӯзе фаро мерасад ва шер хоҳад донист, ки ба ин модашерон бовар кардан ва бо онҳо ҳаёти худро бунёд намудан мумкин аст. Ғаризаи ин модашерон тамоми галаро кӯмак карда ва вобастагии сардори онро таъмин намуда метавонад.

Кӣ аз мо чунин рафторро намоён мекунад?

Ё мо қонунҳои на он қадар наҷибонаи мубориза барои ҳаётро пайравӣ мекунем? Оё мавқеи мо чунин аст: "Эҳ, афсӯс

барои шумо, ақибмондагон! Ин ҷо дар назди мо корҳои аҷоиб рӯй дода истодааст! Худо ба духтарони Худ зиёфати ҳаққонӣ муҳайё мекунад. Ва агар ту ба мо ҳамроҳ шудан нахоҳӣ, пас дар паноҳгоҳи худ бимон, ин хоҳиши ту аст!”?

Оё ба қадри кофӣ хирадманд буда метавонем, то ки як ҳақиқатро дар ёд дошта бошем: агар ту ҳоло кам бигирӣ, пас ин маънои онро надорад, ки дар оянда низ кам хоҳӣ гирифт. Муносибати боҳурмат ба ҳама ва дар ҳар забон фаҳмо аст.

Қувват ба мо барои хидмат кардан дода шудааст, на барои мақом (ниг.: Румиён 15:2). Аҷиб, агар ҳар кас ин принсипро медонист ва онро риоя мекард, чӣ қадар проблемаҳоро дар ин ҷаҳон пешгирӣ кардан мумкин буд. Чӣ мешуд, агар мо медонистем, ки қувват ба мо барои он дода шудааст, ки ба заифон, тарсандаҳо, камҷуръатон хидмат кунем? Ҳамааш хуб мешуд! Ман бовар дорам, ки дар охири ҳаёти худ ҳамаи мо суханони Исоро мешунидем: “Офарин, ғуломи нек ва бовафо”.

## Ба хидмати аъло бархез

Мазмуни калимаи *“хидмат”* ҳар хел фаҳмида мешавад. Он ҳам феъл ва ҳам исм буда метавонад. Феъли англисии “хидмат кардан” маънои “таъмир кардан, санҷидан, соз кардан, аз санҷиш гузаронидан”-ро дорад. Исо тавассути фидокории Худ ба дараҷаи аъло “хидмат” кард ва моро барои истодан дар назди Худои Пок арзанда гардонид. Мо он тавр зиндагӣ мекунем, то хидматгузориеро, ки ба мо дар ҳаёт дода шудааст, инъикос кунем. Калимаи *“хидмат”* ҳамчун исм маънои “маросим, оин, ибодат”-ро дорад. Баъзан ман аз он ба даҳшат меафтам, ки мо фаромӯш мекунем: мақсади хидматгузории калисо ин ба Худо ва ба якдигар хидмат кардан аст. Шумораи аз ҳад зиёди масеҳиён бо умедвориҳои нодуруст якҷоя ҷамъ мешаванд. Онҳо барои шунидани он меоянд, ки чӣ тавр Худо ба онҳо хизмат мекунад. Биёед ба хотири дастрас кардани онҳое ҷамъ мешавем, ки дар даруни ҷамоатҳои мо ва берун аз маросимҳои муқаддасонаи мо пешпо мехӯранд.

Ваъдаи озодӣ, некӯӣ ва имкониятҳои навро, ки дар назди мо ошкор мешаванд, бо худ дошта, биёед дар он ба пеш ҳаракат мекунем, ки Худо барои мо муҳайё кардаст ва мушоҳида кунем, ки ҳеҷ кас дар ақиб намонад. Ба ман ин супориш маъқул аст:

> Пас, ҳар кас бояд моро ходимони Масеҳ ва мубаккалони асрори Худо ҳисоб кунад; Аз мубаккалон талаб карда мешавад, ки ҳар яке амин барояд.
>
> 1 Қӯринтиён 4:1-2

Мо бояд роҳнамо бошем, на хидмати амниятӣ. Мо бояд дигаронро ба Подшоҳии Худо даъват кунем, на ин ки ба донистани асрори Худо халал расонида, онҳоро боздорем. Мо бояд роҳбаладони боэътимоде бошем, ки дониши ҳақиқӣ доранд. Пеш аз даромадан ба дарҳои кушодаи Худо, биёед бозистода, агар зарур бошад, барои овардани онҳое, ки дар ақиб монданд, бармегардем.

Ҳамчун духтарони Худо мо бо одамон бояд саховатмандона ва наҷибона муносибат кунем. Ҳаёте, ки Худо додааст, озод мекунад, вале шариат бори гарон аст. Шуморо аз нигоҳ кардан ба масеҳият ҳамчун "чашм бар ивази чашм" ва дандон бар ивази дандон" озод кардаанд. Вале ба ҳар ҳол дар Бадани Масеҳ ҳоло низ имондорони қисман "кӯр" ва "бедандон" бисёранд.

Ҳеҷ гоҳ фаромӯш накун, ки ту қавӣ, пурзӯр, далер, пурҳарорат, боэътимод, ботамкин, ором ҳастӣ. Худо бисёр маротиба қуввати фарзандони шоҳонаи Худро бо иқтидори шерон ва модашерон муқоиса кардааст.

> Монанди шери нар ва монанди шери мода чӯкида, дар камин хобидааст, кист, ки ӯро бархезонад?
>
> Ададҳо 24:9

Агар ту табиати пурҳарорат ва далеронаи худро фаромӯш кунӣ, пас ҳар касе, ки аз ту ҳимоят ва роҳнамоиро умедворанд, дар хатар хоҳанд буд. Бадани Масеҳ аз ҳимоятгарони наҷиб ва қавие иборат аст, ки бедор шудаанд ва дарк кардаанд, ки Худо барои онҳо ҳудудҳои азимро кушодааст. Хоҳарони азиз, модашерон ва дугонаҳо...

> Даҳони мо, эй қӯринтиён, сӯи шумо кушода шудааст, дили мо фарох аст. Барои шумо дар мо ҷой танг нест, лекин андаруни худатон ҷой танг аст. Дар ивази ин, — чун ба фарзандони худ мегӯям, — шумо низ бояд фарохдил бошед.
>
> 2 Қӯринтиён 6:11-13

Оё шумо ин суханонро мешунавед? Мо ба паҳноҳои кушодаи аҷиби Худо даъват шудаем. Ин даъватест барои зистан бо ҳаёти саховатмандона дар ин ҷо ва ҳоло. Интизор шудан лозим нест, ки кай ба Осмонҳо дохил мешавед, то ки қувввати Осмонҳоро дар ин ҷо, дар замин бубинед. Худо намехоҳад, ки шуморо дар ҷои хилват нигоҳ дорад.

Вале модашерон то вақте, ки ҳисси гуруснагӣ хоҳиши онҳоро барои мондан дар ҷои бехавф бартараф накард, аз паноҳгоҳи худ берун набаромаданд. Айнан ҳамин тавр норасоии биниш ё набудани гуруснагӣ ба ягон чизи аҳамиятнок моро аз қадам гузоштан ба сӯи чизҳои аҷиб ва ноозмуда бозмедорад ва маҳдуд месозад. Тасаввуротҳои мо дар бораи худамон, ҷаҳон ва Худо ё ба мо қувват мебахшад ва ё моро банд месозад. Дунёи "дар ким-куҷо" моро ба тарс водор мекунад, агар мо онро ҳамчун ҷои торик ва воҳиманок тасаввур кунем.

Чашмонатро кушо ва ба ёд овар, ки ту чароғи тиллоие ҳастӣ, ки қодир аст торикиро, дар ҳар ҷое, ки пайдо шавад, пароканда кунад. *"Ӯ, ки дар шумост, аз он ки дар ҷаҳон аст, бузургтар аст"* (1 Юҳанно 4:4). Рӯҳе, ки андаруни туст, аз қуввати он муқобилияте, ки ба он дар ин ҷаҳон дучор мешавӣ, чандин маротиба бартар аст! Худои бузург туро даъват мекунад, ки аз ҷои сарбастаи худ берун ойӣ. Ӯ Писари Худро дар салиб қурбон кард, то ки ту аз марг ба ҳаёт гузарӣ, аз зиндони ин ҷаҳон ба паҳноҳои васеи абадӣ бароӣ. Ҳанӯз пеш аз он, ки ту аввалин бор нафас кашидӣ, Ӯ ҳама корро кард, ки то ки туро аз ғуломӣ озод кунад. Ӯ Худро бо дунёи хурди пургуноҳи мо маҳдуд кард, то ки ту ба Ӯ бо пуррагии озодӣ дар Подшоҳии Ӯ ҳамроҳ шавӣ. Айнан ҳозир Ӯ ҳар яки моро даъват мекунад: "Хатро убур кун ва ба назди Ман биё!".

# 6

# Мо як рисолат дорем

Ҳар дафъа, занеро озод карда, мо мардеро озод мекунем.

МАРГАРЕТ МИД

Дар олами шерон дар масъалаи ҷинсҳо бесарусомонӣ вуҷуд надорад. Шерон кӯшиш намекунанд, ки модашер бошанд, модашерон бошанд, кӯшиш намекунанд, ки шер бошанд. Намояндагони ҷинсҳои гуногун ба он кӯшиш намекунанд, ки ба якдигар монанд бошанд ё вазифаи якдигарро дар гала иҷро кунанд. Ҳам инҳо ва ҳам онҳо аз мансуб будан ба ин ё он ҷинс худро бароҳат ҳис мекунанд ва аз ҷиҳатҳои нотакрор ва пурқуввате, ки ба ҷинсашон хос аст, ифтихор менамоянд. Илова ба ҷинсҳои мардона ва занона дар гала ҳамчунин алфа-нарина, ё шери калонӣ, ва алфа-модина, ё модашери калонӣ мавҷуд мебошанд, вале ин бартарият, ҳамчун қоида, танҳо дар вақти хӯрокхӯрӣ зоҳир мешавад.

Шерон намояндагони ягонаи оилаи гурбашаклҳо ҳастанд, ки фарқиятҳои аниқи байни ҷинсҳоро доро мебошанд. Диморфизми ҷинсӣ – ана ин аст истилоҳе, ки бо он чунин фарқият муайян карда мешавад. Содда карда гӯем, шерҳо фақат як нишонаи муайян кардани ҷинсро доро мебошанд.

Шер ёли дарозе дорад, ки гардан ва қиёфаи ӯро мепечонад. Ин ёл нақши муҳимеро, ки шер дар гала мебозад, таъкид месозад, ва ба шоҳи ҳайвонот дар саваннаи африқоӣ намуди воҳимаангез мебахшад. Набудани ёли модашер якбора иваз

нашудани ранги вайро таъмин мекунад, ки ин ҳангоми ба сайд наздик омадан, ба вай барои қариб ноаён будан ёрӣ мерасонад. Аз сабаби он ки вай вазни иловагӣ, яъне ёл надорад, ҳангоми ҷойивазкуниҳои тӯлонӣ аз гала ақиб намемонад ва қуввати худро гум намекунад.

Шер ва модашерони солим медонанд, ки онҳо ба якдигар эҳтиёҷ доранд. Онҳо ҳеҷ гоҳ фикр карданро ба худ раво дида наметавонистанд, ки бе якдигар ҳаёт гузаронда метавонанд. Дар дунёи онҳо қуввати як нафар аз нафари дигар камтар аҳамиятнок нест. Шер муҳофизат мекунад, модашер таъмин менамояд. Ин тавозуни ҳаётан муҳим маънои онро дорад, ки алфа-наринаҳои солим ва қавӣ кӯшиш намекунанд, ки ҳаёти худро бе гурӯҳи пурқуввати модашерон бунёд кунанд. Дар дунёи шерон наринаҳо барои ҷалб кардани диққати модашерон мубориза мебаранд ва бо ин тариқ ба ҳудуди онҳо роҳ меёбанд. Барои чӣ? Бо модашерон муттаҳид шуда, онҳо ҳамон мавзеъро идора мекунанд. Иттиҳоди шерони нар, ки галаро аз паси худ мебаранд, дар ду-се сол дигар мешавад, дар ҳоле ки гурӯҳи модашерон бетағйир мемонад.

Алфа-нарина медонад, ки, агар хоҳони нашъунамо бошад (на ҳамту вуҷуд дошта бошад), вай бояд худро ба чашми модашер қавӣ нишон диҳад. Ва агар вай хоҳад, ки наслаш ҳудудҳои галаро бо худ нигоҳ дорад, ба вай ёрдами модашерони пурқувват ва қобилиятнок лозим мешавад. Вай худро бо модинаҳои сусту заиф иҳота намекунад, то ки онҳоро ба тобеъ шудан маҷбур кунад. Вай гурӯҳи қобилиятнок ва ба ҳамкорӣ кардан тайёри модашеронро меҷӯяд.

Вай бо хурсандӣ кӯмаки онҳоро қабул мекунад ва ба таври махсус онҳоеро интихоб мекунад, ки тобоварӣ, маҳорати шикор кардан ва ҳимоя намудани тифлаконро исбот намудаанд – ва бо ин тариқ ҳудудҳои худро ҳимоя ва васеъ мекунад. Вай онҳоеро меҷӯяд, ки қуввати худро намоён мекунанд, зеро медонад, ки ниҳоятан аз онҳо таъминкунандагони беҳтарин барои тамоми гала ва модароне, ки барои тарбия кардани наслҳои вай қобил ҳастанд, пайдо мешаванд. (Ва ҳаргиз гап дар сари он нест, ки шерон-наринаҳо чунин ғамхор ҳастанд; онҳо асло чунин нестанд.) Бартарияти иловагӣ дар он аст, ки модашерони солим ва қавӣ бо майлу рағбати бузург дар ҷараёни афзоиш иштирок мекунанд, ва ин ба нарина имкон медиҳад, ки бо онҳо ҷуфтӣ шуда, насли хеле қавиро ба дунё биёрад.

Агар модашер тарс дошта бошад, ки бачаҳояшро бо ҳама чизи зарурӣ таъмин ё онҳоро аз душманон муҳофизат карда наметавонад, ҷуфтӣ намешавад. Бинобар ин модинаҳо ба алфа-наринаҳои қавӣ моил мешаванд, на ба алфа-наринаҳои заиф. Шери асосӣ ё шерҳои асосӣ (бисёр вақт ин гурӯҳи бародарон мебошанд) бояд ба ҳаққи ҳаловат бурдан аз он таъминот, аз он қувват ва аз он ғамхорие, ки модашерон барои гала муҳайё мекунанд, сазовор бошанд. Ин афзалиятҳоро онҳо ба воситаи нишон додани қуввати бартариятноки худ бар гурӯҳи дигари шерон соҳиб мешаванд.

Вақте ки шерони бештар қавӣ шерони бештар заифро меронанд, қувваозмоӣ ба охир мерасад. Баъзан алфа-шер он шереро, ки майдонталабӣ мекунад, мекушад. Агар шери заифтар зинда монад, вайро аз гала ва ҳам аз ҳудудҳои гала бадар меронанд. Ин маънои онро дорад, ки ӯ аз ҳуқуқи дар навбати аввал шикор кардан маҳрум мешавад. Вай ё дар ҷустуҷӯи модашерони дигар овора мешавад ё бо лоша ё пасмондаҳои хӯрок қаноат мекунад.

Модашерон аз мавқеи тамошобинон истода, қувваозмоии шеронро мушоҳида мекунанд. Онҳо мехоҳанд, ки шери аз ҳама пурқувваттарин падари бачаҳои онҳо гардад ва галаро аз ҳамлаҳои душманон ҳимоя кунад. Ҳолатҳое маълуманд, ки онҳо ҳатто як шерро ба дигаре ҷанг меандохтанд, то боварӣ ҳосил намоянд, ки аз ҳама пурқувваттаринаш дар муҳориба ғолиб меояд, ва фақат баъд аз ин ғолибро ба назди худ роҳ медоданд. Шер дар муҳориба ғолиб омада, исбот мекунад, ки генҳои вай сазовортаранд ва наслҳояш бо эҳтимолияти бештар метавонанд ба сахтиҳои ҳаёт дар саванна тоб биёранд.

Вақте ки бартарият муайян карда мешавад, чун мукофот шер ҳусни таваҷҷӯҳи модашеронро пайдо мекунад. Вай метавонад тамоми наринаҳоро аз гала биронад. Алфа-нарина тайёр аст, ки мушоракатро бо онҳо тарк кунад, вале бе ҳеҷ ваҷҳ вай "духтараконӣ" худро тарк намекунад. Маҳз онҳо вайро бо хӯрок ва ҷамъияти гуворо таъмин месозанд. Чи қадаре ки гурӯҳи модашерон қавӣ ва мӯҳташам бошанд, ҳамон қадар шер, шоҳи бузурги ҷонварон, қавитару далертар аст.

Вақте ки онҳое, ки туро иҳота кардаанд, медонанд, ки ту ҳама корро барои ҳимоя кардани онҳо карда метавонӣ, ба ҳукмфармоӣ кардан ҳоҷат намемонад. Пурқувватии шер

маънои онро дорад, ки ҳам модашерон ва ҳам наслҳои онҳо дар бехатарӣ хоҳанд буд. Танҳо онҳое, ки ба қуввати худ бовар надоранд, барои ҳукмронӣ кардан аз болои дигарон кӯшиш мекунанд.

Дар мавқеи худ маротибае устувор шуда, бо нишон додани қуввати худ шери пурқувват зарурати фишор овардан ба модашеронро эҳсос намекунад. Вай боз чиро бояд исбот кунад? Вай ғалаба кардааст. Кӣ гуфта метавонад, ки назар ба вай дорои мақоми баландтар мебошад? Ҳамчунин Подшоҳи мо – Шер аз қавми Яҳудо – дигаронро ба танг намеорад; Ӯ одамонро болобардор мекунад.

## Мо як рисолат дорем

Шер модашерро даъват мекунад, ки дар зери ҳимояи ӯ фароғат кунад, ва модашер вайро ба он даъват мекунад, ки аз илтифоти ӯ ҳаловат барад ва аз наслҳое, ки ӯ ба дунё меорад, шод шавад.

Як лаҳза дар бораи калимаи *"итоат"* фикр кунед. Чӣ гуна фикрҳо дар шумо зуҳур мекунад? Эҳтимол, Нома ба Эфсӯсиён 5:22, ки дар он гуфта мешавад, ки ҳамсарон ба шавҳарони худ итоат кунанд? Аҷибаш он аст, ки бисёр масеҳиён маънои ин оятро маҳдуд карда, онро нодуруст маънидод мекунанд. Ба назарам, калимаи *"итоат"*-ро то он дараҷа таҳриф мекунанд, ки он маънои аввалаи аз тарафи Худо муайян кардашударо гум кардааст. Бисёр занони масеҳӣ бовар доранд, ки арзиши асосии онҳо аз хизмат кардан ба мардон иборат аст. Онҳо дарк намекунанд, ки қобилияти онҳо барои ба калисоҳо муроҷиат кардан, бо эҳтиром фикрҳои худро баён намудан, ё масъулият ба дӯш доштан – ҳамин аст хидматгузорӣ.

Боре ман таърифи калимаи *"тобеият"*-ро (муродифи калимаи *"итоат"*) шунидам, ки маънои он мувофиқи нақшаи Худо барои ҳамаи масеҳиён, на танҳо барои ҷуфтҳои оилавӣ, шарҳ ва тавсиф дода шудааст. Мо таркиби ин калимаро санҷида ба хулоса омада метавонем, ки калимаи *"тобеият"* ин "дар зери як вазифа ё як рисолат буданро" мефаҳмонад. Масалан, мо бо Ҷон дар як рисолат муттаҳид шудаем. Мо ба он бахшида шудаем, ки фарзандони росткорро тарбия кунем ва оилаи солиму издивоҷи комил бунёд намоем. Дар калисо рисолати мо аз он иборат аст, ки шубонҳоро дастгирӣ ва одамонро устувор гардонем.

Вале дар ин бора андеша кунед. Магар ҳамаи мо сафирони оштӣ – фиристодагони Худо барои гумшудагон нестем? Ду ояти навбатӣ бо тамоми пуррагӣ моҳияти рисолати моро ҳамчун сафирон-мардон в сафирон-занон тасвир мекунад:

> Чунки Худо дар Масеҳ буда, аҳли ҷаҳонро бо Худ мусолиҳа дод, ҷиноятҳои онҳоро ба ҳисобашон надаровард ва каломи мусолиҳаро ба мо супурд. Пас, мо элчиёни Масеҳ ҳастем, гӯё ки Худо ба воситаи мо хоҳишманд аст. Мо аз тарафи Масеҳ илтимос мекунем: бо Худо мусолиҳа намоед.
>
> 2 Қӯринтиён 5:19-20,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Хулоса: агар мо якдигарро дӯст дорем ва бо якдигар ҳамкорӣ кунем, одамон хоҳанд донист, ки Исо Худои ҳақиқӣ аст. Ин бояд мақсади якҷояи тамоми мардон ва занон, яъне муҷаррадҳо ё оиладорон, роҳбарон ё имондорони оддӣ бояд гардад. Қуввати гуноҳ шикаста шудааст. Омурзиши Худо ба таври муфт ба ҳама пешкаш карда шудааст. Эҳтиёҷ ба маҳкумкунӣ куллан вуҷуд надорад. Фидокории Ӯ ҳамаи моро беайб гардонидааст. Худо мехоҳад, ки ҳамаи мо – мардон ва занон – ба ҳама нақл кунем, ки Ӯ чӣ кор мекунад. Вале мо бошем, сахт ба он банд ҳастем, ки ба якдигар мегӯем, яъне барои иҷро кардани ин ё он амал ҳақ дорем ё не.

Ӯ мехоҳад, ки мо ҳама якҷоя кор кунем, талқин кунем ва таъсир расонем, мардон ва занонро барои бас кардани муноқишаҳо (сарфи назар аз он ки аз чӣ иборат мебошанд) ва барои ҳамроҳ шудан ба кори Худо рӯҳбаланд кунем ва водор созем. Ин вазифа – ҳал кардани муноқишаҳо – бояд ба тамоми соҳаҳои муносибат ва ҳамкории байни одамон дахл дошта бошад. Ва ин на танҳо масъалаи ҷинс, балки ҳам масъалаи инкишоф дар чаҳорчӯбаи мансубияти нажодӣ ва миллӣ, мақоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва оилавӣ, калисо ва ҷаҳони фаъол мебошад. Худо барои ҳамаи мо сулҳу оштиро хоҳон аст!

> Пас, касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст, ва инак ҳама чиз нав шудааст. Ва ҳама чиз аз ҷониби Худост, ки моро ба воситаи Исои Масеҳ бо Худ мусолиҳа дод ва хизмати мусолиҳаро ба мо супурд.
>
> 2 Қӯринтиён 5:17-18

Калимаи “касе”, ки дар ин оят истифода бурда шудааст, маънои “ҳар кас”-ро дорад. Ҳар як мард, ҳар як зан, ҳар як бача, ки бо Худо пайванд мешавад, ҳаёти навро сар мекунад. Ҳаёти кӯҳна дар ақиб мемонад. Дар ояти дар боло овардашуда ибораи “нав шудан” истифода бурда шудааст, ки гулҳои баҳориро ба хотир меорад. Онҳо аз зери барф сар боло мекунанд, зиёд мешаванд, зуд месабзанд ва дар он ҷое, ки пештар сармозада, як пораи замини бесамар буд, мешукуфанд. Ҳаёти нави мо дар Масеҳ – бештар аз як фарзияи ивазшавии яке бар дигаре мебошад. Ин ҳаёте аст, ки аз дарун афзоиш меёбад ва ба ҳар як одам дастрас аст.

Охир, шерон ва модашерон бо якдигар мувосо карданд-ку. Модашерон мефаҳманд, ки онҳо бо шерон ҳамон як рисолат доранд. Рисолати онҳо аз чӣ иборат аст? Ба воя расонидани насли нави шерон, ки мерос ва қувватро соҳиб мешаванд. Барои муваффақ шудан ба ин, онҳо бачаҳои худро ҳамаҷониба парвариш, ҳимоя ва бо ҳар чизи зарурӣ таъмин мекунанд. Онҳо ҳар ду – шер ва модашер – дар ин рисолат вазифаи худро доранд, ва ҳеҷ кадоме ба вазифаи дигар бадқасдӣ намекунанд.

Ман мисолҳои зиёди онро дидаам, ки он чизҳое, ки бояд низоми табиӣ дошта бошанд, яктарафа ҳаллу фасл карда мешаванд. Аз як тараф, занонро ба хотири тобеият паст мезананд. Аз тарафи дигар – баъзе занон ҷинсияти худро то ба ҳадди илоҳият баланд бардоштаанд. Дар бораи ин мо ба таври мухтасар баъдтар сӯҳбат хоҳем кард. Вале дар аввал ман мисолеро нишон додан мехоҳам, ки мафҳуми тобеият чӣ тавр таҳриф карда мешавад.

## Таҳриф дар TWITTER

Шумо, эҳтимол, шакли хеле мухтасари алоқаи электрониро таҳти номи *Twitter* истифода бурдаед ё дар бораи он шунидаед. Ин намуди алоқа барои мубодилаи маълумотҳои кӯтоҳ мувофиқ аст ва агар аз тарафи хубаш нигоҳ кунем, дар бораи ҳаёт ва равиши фикри нависандааш танҳо тасаввуроти ҷудогона медиҳад.

Боре ман дар *Twitter* нуқтаи назари мухтасареро навиштам, ки ба таври муфассалтар дар китоби “Ҳамчун зан мубориза бар” баррасӣ кардаам. Ин сухане дар бораи роҳбарӣ буд: “Ҷинс худ аз худ мардро барои роҳбарӣ қобил намесозад, монанд ба он ки

барои ноқобил ҳисоб кардани зан барои роҳбарӣ чизе набояд асос шуморида шавад. Некӯкорӣ ҳам мардон ва ҳам занонро ба роҳбарӣ лоиқ мегардонад". Лутфан, диққат диҳед, ки ман ин ақидаро танҳо ба масъалаи роҳбарӣ дар калисо истифода набурдам ва фаъолияти ӯро фақат дар доираи издивоҷ маҳдуд накардам. Ман фақат қайд кардам, ки барои ҳар як роҳбар некӯкорӣ сифати зарурӣ аст, новобаста аз он ки ин мард ё зан аст.

Ман инро дар *Twitter* навиштам, ва мувофиқ ба мувофиқгардонии ман (настройка) ин ақида дар саҳифаи ман дар *Facebook* пайдо шуд. Баъд аз ин ман ба корҳои худ машғул шудам, ва интизор набудам, ки навиштаи ман муҳокимарониро ба вуҷуд меорад. Ман инро як чизи худ аз худ фаҳмидашаванда ҳисоб кардам ва тасаввур карда наметавонистам, ки ин изҳороти ман чӣ гуна талотумро ба бор меорад.

Бештар аз сад шарҳу эзоҳҳоро гирифта, ман фаҳмидам, ки суханони ман ба онҳо сахт расиданд. Замоне ки ман ба корҳои худ машғул будам, дар *Facebook* баҳсу мунозираҳо сар шуданд. Якчанд занони масеҳӣ ба ғазаб омаданд.

"Чӣ тавр шумо ҷуръат карда гуфтед, ки агар зан некӯкор бошад, барои шавҳари худ роҳбар буда метавонад?" – навишт як зан.

Оҳо!.. Магар ман ин тавр гуфтам?

Дигарон маро айбдор карданд, ки ман оятеро аз Навиштаҷот, ки дар он танҳо мард пири калисо буда метавонад гуфта шудааст, рад кардаам. Магар ман дар бораи пирони калисо ягон чиз гуфтам? Сипас дар бораи чунин роҳбарӣ муҳокимаронӣ сар шуд. Баъзе занон ба пайгирикунандагони ман дар *Facebook* фаҳмониданд, ки зан ҳаргиз барои роҳбар будан таъин карда нашудааст.

Як ҷавондухтари самимӣ ба масъала равшанӣ андохтанӣ шуда, савол дод: "Яъне шумо мегӯед, ки ҳамсари шубони калон роҳбар нест? Дар ҷавоб ҳамчун раъд садо дод: "Не, вай роҳбар нест! Вай танҳо барои кӯмак кардан ба шавҳари худ бартарият дорад".

Ман тамоман гаранг шудам! Андешаҳо ҳамчун дарё ҷорӣ мешуданд, ва мусоҳиба оҳиста ба мавзӯи тобеият гузашт. Баъзеҳо тасдиқ мекарданд, ки ман роҳбар ҳастам; дигарон мегуфтанд, ки ман роҳбар намебошам, чунки ман зан ҳастам. Сипас ба ман тахфиф карданд: аз сабаби он ки ман дар тобеияти шавҳари худ қарор дорам, ман дар таҳти назари ӯ роҳбар мебошам.

Биёед бозмеистем ва якҷоя фикр мекунем. Барои чӣ, вақте ки

дар бораи ҷинсҳо сӯҳбат меравад, дар охир ҳама ба масъалаи итоат кардани занон ба мардон такя мекунанд? Агар ман роҳбар бошам, сабаб он аст, ки Худо чунин хостааст. Ҳамааш хеле осон аст: роҳбар касе аст, ки пайравони худро дорад. Баъзе аз мо, новобаста аз он ки барои роҳбарӣ номнавис шудаанд ё не, роҳбар ҳастем. Бинобар ин бигзор Худо бо намунаи худ барои роҳнамоӣ кардани одамон ба мо кӯмак кунад. Барои он ки ин масъаларо ҳаллу фасл кунем, биёед мехонем, ки дар бораи талаботҳо оид ба роҳбарӣ Павлус дар Нома ба Тимотиюс чӣ навиштааст:

> Аммо усқуф бояд беайб, соҳиби як зан, ҳушёр, боисмат, боодоб, меҳмоннавоз ва омӯзгор бошад; На моили шаробнӯшӣ, на ҷангара, на тамаъкор, балки сокит ва сулҳҷӯ, на зарпараст; Хонаву ҷои худро ба хубӣ идора кунад, фарзандонашро бо камоли ҳалолкорӣ дар итоат нигоҳ дорад; Зеро, кас агар хонаву ҷои худро идора карда натавонад, оё вай дар бораи Калисои Худо ғамхорӣ карда метавонад? Аз ҷумлаи навимонон набошад, мабодо мағрур шуда, зери ҳукми иблис афтад. Ва ҳамчунин аз ҷониби онҳое ки дар берунанд, ӯ бояд шаҳодати нек дошта бошад, то ки ба мазаммат ва доми иблис гирифтор нашавад. Лозим аст, ки дяконҳо низ ҳалолкор бошанд, на дузабон, на шавқманди шаробнӯшӣ, на тамаъкор, балки сирри имонро дар виҷдони пок нигоҳ доранд. Валекин онҳо ҳам бигзор аввал озмуда шаванд ва баъд, агар беайб бошанд, хизмат кунанд.
>
> 1 Тимотиюс 3:2-10

Дар ин оятҳо Павлус талаботҳоро нисбат ба мардон-роҳбарон номбар мекунад. Ва сипас ӯ мегӯяд:

> Ҳамчунин занонашон бояд ҳалолкор бошанд, на ғайбаткунанда, балки ҳушёр ва аз ҳар ҷиҳат мӯътамад. Дяконҳо бояд соҳиби як зан бошанд, фарзандон ва хонаву ҷои худро ба хубӣ идора кунанд; Зеро онҳое ки нағз хизмат карда бошанд, барои худ мартабаи олӣ ва ҷуръати азим дар имоне ки дар Исои Масеҳ аст, муҳайё мекунанд.
>
> 1 Тимотиюс 3:11-13,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Барои чӣ ба Павлус лозим аст, ки як қатор талаботҳоро нисбат ба занҳо мисол орад, дар ҳоле ки ҷинс онҳоро аллакай аз ҳуқуқи роҳбар будан маҳрум кардааст? Вақте ки мо бо Ҷон барои дафтари кориамон коргаронро интихоб мекунем, мо рӯйхати талаботҳоро тартиб медиҳем. Агар номзадҳо ба талаботҳои мо ҷавобгӯ набошанд, мо онҳоро ба кор намегирем – новобаста аз он ки вай мард аст ё зан. Павлус нагуфтааст, ки одамро, агар вай мард набошад, ба мақоми роҳбарикунанда таъин кардан мумкин нест. Ӯ гуфтааст, ки агар мард ё зан ба талаботҳои муайян ҷавобгӯ набошад, онҳоро ба роҳбарӣ таъин кардан дуруст нест. Павлус ба рӯйхати талаботҳои худ ишора кардааст. Ӯ гуфтааст, ки барои занон ҳеҷ гуна истисно мавҷуд нест; онҳо ба айни ҳамон талаботҳо бояд мувофиқ бошанд. Эҳтимол, шумо мепурсед: “Агар ин тавр бошад, дар бораи нишондоди аниқ оид ба он ки пири калисо бояд як зан дошта бошад, чӣ фикр доред?” Хеле осон: Он вақтҳо занҳо якбора ба якчанд мардон ба шавҳар намебаромаданд, вале мардон якбора бо якчанд занон оиладор мешуданд, аз ин рӯ ин талабот фақат ба мардон дахл дошт.

Дар Номаи 1-ум ба Тимотиюс 3:11-13 Павлус ба Тимотиюс дар бораи он дастур дод, ки ба занон-роҳбарон чӣ гуна талаботҳоро пешкаш кунад, ва баъдтар сухан дар бораи занон-ходимон, ё дяконҳо дар калисо меравад. Ман инро аз куҷо медонам? Биёед оятҳои 1 ва 2-ро мехонем ва мебинем, ки Павлус пеш аз номбар кардани талаботҳои мушаххас ба мардон-роҳбарон, ба таври аниқ чӣ гуфт.

> Чунин сухан амин аст, ки агар касе усқуфиро орзу кунад, кори хубе орзу мекунад. Аммо усқуф бояд...
>
> 1 Тимотиюс 3:1-2

Ибораи “агар касе”-ро мебинед? Дар баъзе тарҷумаҳо “ягон кас”, дар баъзеи дигараш, ҳатто “ҳар кас”навишта шудааст. Ба ҳар ҳол ин оят “агар мард...” намегӯяд.

Барои чӣ занон дар ҳар ҷои дигар роҳбар буда метавонанду дар калисо не? Агар Худо занонро, пеш аз гуноҳи Одам дар боғи Адан ва баъд аз он, ба мақоми роҳбарӣ бардошта бошад, барои чӣ мо ин имкониятро ба онҳо баъд аз наҷотёбӣ бо дилнохоҳамӣ медиҳем?

Дар кадом як лаҳза баҳсу мунозираҳо дар *Facebook* дар байни занон он қадар пуршиддат шуд, ки марде ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд,

ва пурсид: “Барои чӣ, шумо занҳо, байни худ баҳс мекунед? Ба мо саҳми шумо даркор аст, шумо бошед, яке дигареро бозмедоред!” Он чизе, ки вай гуфт, дар ҳақиқат рост аст. Ба ҷои он ки ба хотири кори Масеҳ якдигарро дастгирию рӯҳбаланд кунем, мо танҳо якдигарро ба танг меорем ва таҳқир мекунем, ва дар натиҷа мо ҳамчун занон ва ҳамчун имондорон ба он коре, ки даъват шудаем, ноқобил мегардем.

Ин воқеаи ғайричашмдошт дар шабакаи иҷтимоӣ маро водор кард, ки масъалаи ҷинсҳо на танҳо дар оила, балки дар калисо низ бояд дида баромада шавад. Дунёе, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, эҳтиёҷ ба он дорад, ки дили ҳақиқии Худо ва нақшаи азалии Ӯро дар мисоли ҳар як соҳаи ҳаёт ва роҳбарии писарон ва духтарони Худо бубинад.

## Тамоюлоти ҷинсӣ

Гумон кардан мехостам, ки дар бораи тамоюлоти ҷинсӣ дар калисоҳои амрикоӣ акнун сухан гуфтан лозим нест. Бале, ман дар ин бобат кишвари худамро дидаю дониста қайд кардан мехоҳам. Имконияти сафар кардан ба тамоми ҷаҳон ва дидани маданиятҳои гуногунро доро буда, ман мушоҳида кардам, ки усули анъанавии мо – бе иштироки занон ӯҳда кардан – дар кишварҳои дигар маъмул нест. Агар занон намешуданд, дар баъзе аз ин кишварҳо тамоман калисоҳо намебуданд.

> Зеро ки ҳар офаридаи Худо хуб аст, ва ҳеҷ чиз набояд рад карда шавад, агар онро бо шукргузорӣ бихӯранд, чунки он бо каломи Худо ва бо дуо тақдис мегардад.
>
> 1 Тимотиюс 4:4-5,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Агар ҳар офаридаи Худо хуб аст ва истифода бурда мешавад, писандида ва бо шукргузорӣ қабул карда мешавад, пас чӣ қадар зиёдтар мо бояд ҳама одамонро қабул кунем? Ҳам мардон ва ҳам занон баробар хуб ҳастанд.

Агар ягон чизе аз тарафи Худо офарида шуда бошад, мо набояд онро рад кунем ва партоем. *“Рад кардан”* маънои “нисбат ба чизе нафрат кардан, истеҳзо кардан, нисбат ба он ҳавобаландона муносибат кардан”-ро дорад. Ҳамаи ин амалҳо одам ё чизро, ҳамчунин вазифа ва саҳми онҳоро беқимат мекунад. Мутаассифона, маҳз ҳамин падида алоқамандона ба

занон дар калисоҳо рӯй медиҳад. Онҳоро аз худ дур мекунанд ва қабул намедоранд, бинобар ин ба ҷои овозҳо, арзишҳо ва саҳми онҳо дар калисо холигие боқӣ мемонад. Намояндагони ҳар ду ҷинс ба хотири тобеият ба ҳамаи ин роҳ медиҳанд.

Оқибат, натиҷае, ки бо он мардон ва занон рӯ ба рӯ мешаванд, ин аз рӯи фарогири худ зарари бузург, яъне гум шудани арзиш мебошад. Табиист, ки мардон мавқеъҳои роҳбарикунандаро дар калисо хеле бештар аз занон ишғол мекунанд, вале баъзан онҳо танҳо барои он ба кӯчаи сарбаста омада мемонанд, ки аз маслиҳатҳои хирадмандонаи занон баҳра бурда наметавонанд. Вале оё мо ҳамчунин мардонро қадр мекунем? Оё мо онҳоро, чуноне ки Худо хуб мешуморад, ҳамон тавр мебинем?

Ё мо ба рафтори онҳо бо истеҳзо нигоҳ мекунем? Ман на дар бораи он мегӯям, ки аз рӯи некӣ якҷоя хандидан мумкин нест. Вале нохандидан имконнопазир аст, дар ҳоле ки одамон ҳамин қадар аҷоиб ҳастанд. Худи мавҷудияти мо исбот мекунад, ки Худо ҳисси баланди шӯхтабъӣ дорад. Вале дар ин ҳолат ман ба шумо мегӯям, ки аз писхандзаниҳо ва гуфтани суханони масхараомез нисбати ягон ҷинс худдорӣ кунед. Ман баҳс карда метавонам, ки ин гуна амалҳо аз он дараҷае, ки шумо гумон мекунед, зиёдтар ба амал меоянд. Индустрияи вақтхушгузаронӣ ҳамеша мардонро таҳқир мекунад ва занонро ҳамчун воситаи амалҳои шаҳвонӣ пешкаш менамояд.

Мо ба зуҳуроти шаҳватпарастӣ имкон додем, то моро ба дараҷае биёварад, ки занҳо худро беарзиш ҳис карда, ба бад дидани мардон сар мекунанд. Акнун мо бояд чӣ кор кунем? Мутаассифона, баъзе занон ба иштибоҳи даҳшатнок афтоданд.

## Илоҳияти занона

Вақте ки ман ин китобро менавиштам, нохост дар сайти Amazon ду китоберо вохӯрдам, ки дар паҳлӯи феҳрасти яке аз китобҳои пештараи ман ҷойгир шуда буданд. Ҳар ду ин китоб аз ҷониби тарафдорони теологияи "илоҳияти занона" – боварӣ ба илоҳияти ҷинси зан ё худбаамалбарории занон ҳамчун маъбуда навишта шуда буданд. Ман шунидам, ки Худо чӣ тавр ба ман пичиррос зад: "Ин китобҳоро бихар ва бидон, ки мо чӣ тавр овозҳои онҳоро гум кардем".

Ин китобҳоро варақгардон карда ва фикру мулоҳизаҳои дар он овардашударо хонда, ман дар онҳо овози дард ва дили шикастаро

шунидам. Муаллифони он ду зани обрӯманд ва соҳиби эҳтиром буданд, ки онҳоро дар калисо сахт ранҷонида ва маҷрӯҳ карда буданд. Ман аз он зор-зор гиря кардан хостам, ки қобилиятҳои бузурги онҳо барои Бадани Масеҳ аз даст рафта буданд.

Барои чӣ онҳо ба қароре омаданд, ки ғайр аз баромад кардан бо ақидаи парастиш намудани кадом-як олиҳа, берун аз хонаи Худо, дигар илоҷе надоранд?

Оё саволҳои онҳо ин қадар нозук ё рӯйрост буданд, ки бар зидди анъанаҳои калисо бо даъво баромад карданд? Ё ин занон он қадар доно буданд, ки ин дар қалби роҳбарони калисо ҳасудро ба амал овард? Оё овози онҳо аз сабаби яктарафа ҳаллу фасл кардани принсипи тобеият ё аз сабаби пурра нафаҳмидани он, ки кафорат чӣ аст, хомӯш карда шудааст?

Ман бовар дорам, ки ин занон ҳамту бо саволҳои худ ҳам мардон ва ҳам занонро ба тарс оварданд.

Эҳтимол, шумо ҳеҷ гоҳ азобҳои ҷустуҷӯ ва ноумедиҳоеро, ки онҳо эҳсос карданд, аз сар нагузаронидаед, лекин ман дар ҳаёти худ ҳам ин ва ҳам онро аз сар гузаронидаам. Ва медонам, ки фақат ман чунин нестам. Ба ман бисёр вақт мактубҳо, e-mailҳо ва саволҳо меоянд, ки дар онҳо такрор ба такрор садо медиҳанд: “Ба ман бори дигар фаҳмонед, барои чӣ ман, ҳамчун духтари Худо, арзиш дорам”.

Ман дар ин ҷо аз китоби Сю Монк Кидд *“Рақси духтари дигарандеш”* мисоле меорам. Бо суханони худ ӯ ба ҳиссиётҳои ба мо ошнои заноне, ки дар калисоҳои инҷилӣ ба воя расидаанд, равшанӣ меорад.

> Аввал зан гуноҳ кард, аммо вай дуюмин офарида шуда буд”, – гуфт вай. Сипас вай дар бораи Ҳавво сухан гуфтанро идома дода, оид ба он гап зад, ки чӣ тавр вай барои мард офарида шуда буд ва вай ягон некиро сазовор нест, чунки ба Худо беитоатӣ карда, ба Одам меваи барои хӯрдан манъшударо дод... Дили ман танг шуд. Агар ман ҳиссиётҳои худро бо сухан ифода карда метавонистам, он гоҳ ман мегуфтам: “Худо, чӣ тавр Ту инро раво дидӣ?”.

Дар идомаи суханаш муаллиф мегӯяд, ки барои вай аз нуқтаи назари Калисо тасаввуроти худро оид ба Худо мувофиқ кунонидан мушкил буд.

Ман бо вай розӣ ҳастам. Худо ҳеҷ гоҳ дар бораи мо, хоҳ мард

бошад ё хоҳ зан, чунин хулосаҳои беасос ва ба таври чоранопазир ноумедкунандаро изҳор намекард.

Агар мо гӯем, ки аз боиси он ки Ҳавво ва духтарони ӯро гумроҳ кардан осон аст, занҳоро набояд ба роҳбарӣ иҷозат диҳем, пас мо дарҳои имкониятро барои роҳбарӣ кардан аз паси Одам ва писарони ӯ низ бояд бубандем. Зеро вай дидаю дониста гуноҳ кард ва боварии Худоро барбод дод.

Фарқияти байни рафтори Одам ва Ҳавворо бо фарқияти байни ҷинояте, ки дар ҳолати бехудӣ содир карда шудааст ва одамкушии барқасдона муқоиса кардан мумкин аст. Ҳавво дар ғафлат монда, гуноҳ содир карда буд; вале Одам медонист, ки оқибати амали вай ба чӣ оварда мерасонад.

> Худро ба ин дуньё ҳамшакл насозед, балки ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред, то дарк кунед, ки иродаи нек, писандида ва комили Худо чист.
>
> Румиён 12:2

Агар ҷӯяндагони донои ҳақиқат дар саҳнҳои мо ҷавобҳои худро пайдо карда наметавонанд, пас мо чӣ гуна дунёчаи динпарастонаро барои худ бунёд кардаем? Агар мо ба даъвоҳои онҳо беэътиноӣ мекунем ва ба саволҳои онҳо ҷавоб намедиҳем, бо духтарони мо, ки барои додани чунин саволҳо ҷуръат мекунанд, чӣ рӯй медиҳад?

Ва, Худоё, мардонро дар паноҳат нигоҳ дор, агар бо ҳамин рӯҳия давом медиҳем! Мардон ба туфайли хомӯш мондани занон солим ва қавӣ намегарданд. Мардон дар ҳоле қавӣ мешаванд, ки агар мо овозҳои худро бо овозҳои онҳо пайванд мекунем, чунки саволҳое, ки духтарон медиҳанд, мардонро ба сатҳи баландтар мебарорад ва озодтар мегардонад. Ақидаҳои занон мардонро обутоб медиҳад ва пок мегардонад, айнан ҳамон тавре, ки барои зан муҳитеро меофарад, ки дар вай онҳо метавонанд бишукуфанд.

Ҳеҷ яке аз саволҳои муаллифони фалсафаи “илоҳияти занона” барои ман ногаҳонӣ набуд. Вақте ки ман ҷавобҳои хушкеро, ки онҳо аз калисоҳо мегирифтанд, мехондам, дилам ба танг меомад.

Ҳис мекардам, ки моро баҳри ашкҳои занона ҷудо месозад. Ман онҳоро дар соҳили дур мебинам, ва маро ғам фаро мегирад. Ин занон худро дигарандеш ва олиҳа меноманд, вале ман бо ифтихори бузургтар онҳоро дугонаҳо ва духтарони Худои Бузург

меномидам. Вале айбдоркуниҳои онҳо дар гӯшам баланд садо медиҳанд, зеро ман дар шикоятҳои онҳо назар ба ҷавобҳое, ки калисоҳо ба онҳо доданд, ҳақиқати бештарро пайдо кардам.

Дар саҳифаҳои ин китоб ман бисёр саргузаштҳои талхро хондам. Яке аз онҳоро момодоя-духтури касалиҳои занона нақл мекард. Аз рӯи суханонаш вай чандин бор шоҳид шуда буд, ки чӣ тавр занон ба сабаби духтар таваллуд кардан аз шавҳарони худ узр мепурсиданд. Барои ман, ҳамчун модари чор писар, чунин муносибат аз ақл берун метобад. Ман аз он хушбахтам, ки шавҳаре дорам, ки занонро ҳурмат мекунад. Гарчанде ӯ аз таваллуд шудани ҳар як писарамон шод мешуд, вай интизор буд, ки рӯзе вай духтардор мешавад. Вақте ки ин саргузаштро ба вай гуфта додам, вай ба ҳайрат афтод. Агар мо духтар таваллуд мекардем, вай барои мо хеле ширину дилпазир буда метавонист!

Ин духтарони Худо, дар саҳнҳои дин ҷавобҳо, арзишҳо ва ҷои худро пайдо накарда, барои худ соҳаеро ва воситаи ибодатро берун аз он, ки дар рӯ ба рӯяшон ҳамчун қалъаи ҳукмронии патриархалӣ пайдо шуд, ҷустуҷӯ карданд. Онҳо ба бешазорон ва ба соҳили дарёҳое рафтанд, ки ҳамчун шоҳигарии то андозае самимӣ, то андозае дилчаспи занон, маликаҳо ва олиҳаҳо медонистанд.

Ором бошед! Ман шуморо даъват намекунам, ки аз онҳо ибрат гиред. Ман на маликаи онҳо, на подшоҳи бадхашмро, ки дин тасвир мекунад, интихоб намекунам. Ман Офаридгорамон, Худои Бузургро интихоб мекунам.

## Ҷустуҷӯи таъиноти азалии Худо

Ба ин даъвати бебокона, ки дар китоби *"Арзиши зан"*, ки аз ҷониби ҳомии фалсафаи "илоҳияти зан" Мэриэнн Вилямсон навишта шудааст, диққат кунед:

> Вақте ман мегӯям: "Бирав, бо Марям сӯҳбат кун", ман айнан ҳаминро дар назар медорам: ба калисо рав, шамъча фурӯзон кун, ба курсии калисо бишин ва хеле ҷиддӣ ба ин муносибат кун. Ба вай бигӯ: "Марям, ман мехоҳам бидонам, ки ҳамчун зан, модар ё духтар кӣ ҳастам. Ман зане будан мехоҳам, ки бояд бошам. Ман мехоҳам, ки ба мисли ту покиза, беайб ва дорои ваҳйи аъло бошам. Ва бигзор ҷавҳари занонаи ман назар ба "ман"-и ман, ки аз берун намудор аст, равшантар шавад.

Дар бораи он дуо кардан, ки зане бошед, ки бояд бошед, - дар ин ҳеҷ иштибоҳе мавҷуд нест. Гар дар сари он аст, ки вай киро пешниҳод мекунад, то мо ба вай дуо кунем. Вилямсон барои онҳое, ки дар қолаби мазҳаби католикӣ худро нороҳат ҳис мекунанд, шарҳу тавзеҳ пешкаш кардааст:

> Агар ту ба Марям муроҷиат карда истода худро нороҳат ҳис кунӣ, ҳеҷ боке нест! Барои худ олиҳаи юнонӣ ё аватари ҳиндӣ, ки вайро бо худ шабеҳ медонӣ, ё ягон тимсоли дигари илоҳияти занонаро пайдо кун, ва бо вай муносибат сохтанро шурӯъ намо.

Муносибат бо вай? Зуд баъд аз ин маслиҳат вай дар бораи сабабҳои хашми худ нақл мекунад:

> Дунёе, ки туро иҳота кардааст, ба ҷинси латиф будани ту коре надорад. Туро ҷинси заиф меҳисобад, нисбат ба ту ҳамчун ба объекти шаҳват муносибат мекунад. Ту ба ғайр аз фарзанд зоидан дигар ба ҳеҷ чиз қодир нестӣ. Ҷавонии ту дараҷаи арзиши ту аст, пиронсолагии ту бошад, дараҷаи корношоямии ту мебошад. Дар дунё на дастгирӣ, на шахсияти худро ҳамчун зан ҷустуҷӯ накун, чунки дар он ҷо ту онро намеёбӣ. Дунё туро бад мебинад. Худо туро дӯст медорад!

Ман аз вай хеле миннатдорам, ки суханони худро бо ҳақиқате оиди он, ки Худо моро дӯст медорад, ба охир мерасонад. Вале дарди вайро эҳсос накардан номумкин аст. Вай ба ғояи муносибат сохтан бо кадом-як тимсоли илоҳияти зан даст мезанад. Вай чунон сахт ба иштибоҳ фурӯ меравад, ки ба мо маслиҳат медиҳад, то ба олиҳаи юнонӣ муроҷиат кунем. Ӯ изҳор медорад, ки ба олиҳаи зебоӣ ва қувват дуо карда, вай он чизеро, ки дар муносибатиҳои мо ин қадар сахт дастнорас аст, ёфта метавонад. Ман дуо мекунам, то ки вай он ҳақиқатеро, ки меҷӯяд, биёбад.

Ҳамчун пайрави собиқи мазҳаби католикӣ, ман мефаҳмам, ки мазмуни ҷумла чӣ аст. Ман ҳаргиз парастиши Марямро тарафдорӣ намекунам, аммо, вақте ки мӯътақидони равияи протестантӣ парастиши Марямро ҳамчун олиҳа (дар асл олиҳа нест!) аз байн бурданд, онҳо ҳамчунин мисоли ибратбахши ӯро, ки занон ба он тақлид карда метавонистанд, барҳам доданд.

Марям олиҳа нест, вале ӯ зани худотарс буд. Вай муҷассамае нест, ки барояш шамъча даргирондан лозим аст, вале вай

зане мебошад, ки мисоли зиндагии ӯ роҳи моро мунаввар мегардонад. Вай саромади он чизе аст, ки бояд меомад, – яъне духтарон дар ҳамкорӣ бо Худо амал мекунанд ва бо ҳаёти худ Исоро намоён месозанд.

Ман оё – Исо – гуфтам? Фикри аҷоиб! Китоби *"Арзиши зан"*-ро варақгардон карда, ман дар он тамоман ёдовариро дар бораи Исо, Писари Марям, пайдо накардам. Марям бе Исо чӣ арзише дошта метавонист? Пас моҳияти ҳаққонии ин даъват аз чӣ иборат аст?

Он ба маънои аслӣ на дар Марям, Атино ё Афродито мебошад. Гар дар бораи рӯҳи беноме меравад, ки худамон фикр карда баромадаем!

Ҳомиёни "илоҳияти зан" дар бораи Худо ва олиҳаҳо, дин ва мардҳо бисёр гап мезананд, вале хеле кам – дар бораи Наҷоткор, Писари Худо Исои Масеҳ. Онҳо дар бораи маликаҳо, занони сеҳргар ва модарон гап мезананд, вале на дар бораи Худое, ки аз мурдагон бархостааст. Барои чӣ модарон бояд аз ваҳй дар бораи Писар канораҷӯӣ кунанд? Онҳо гӯё дар атрофи шахсияти Исо чарх мезананд, ҳатто суханони Ӯро истифода мебаранд, вале бо вуҷуди ин номи Ӯро ба забон намегиранд.

Гарчанде, албатта, дар ин ҳеҷ чизи ҳайратоваре нест! Агар ман худамро то дараҷаи илоҳият болобардор кунам, Наҷотбахш ба ман чӣ лозим аст?

Мавқеи олиҳа на танҳо мавқеи тавоноӣ аст; вай нигарони парастиш мебошад. Вале мо набояд мардон, занон ё ягон махлуқи дигарро парастиш кунем. Мо бояд танҳо Худоро парастиш кунем. Агар дар калисо ҳақиқат дар бораи занон ва нақшаи азали Худо дар бобати нақши онҳо дар ҷамъият мавъиза карда шавад, ҳеҷ кас барои сохтани илоҳияти занона, ки занҳоро арзишмандтар гардонда тавонад, эҳтиёҷ пайдо нахоҳад кард.

Худои замину осмон, Худованди Бузург вазифа ва арзиши занро дар нақшаи наҷоти Худ ошкоро эълон кардааст. Худо Писари Худро бе иштироки тухми мард ба дунё овард. Ба Юсуф танҳо фармоиш шуда буд, ки Марям ва Тифли Муқаддасро, ки вай месабзонд, муҳофизат кунад.

Рӯҳи Худо дар батни ҷавондухтари каме ҳаросони ибрӣ ҳаёт офарид. Вай сурудҳои динӣ насароид ва ба ҳама атрофиёнаш нагуфт, ки ӯ олиҳа аст. Марям ба хотири Худо ба ҳама чиз тайёр буд, фақат камтар аз он хавотир шуд, ки оё рисолатеро, ки ба дӯш дорад, иҷро карда метавонад ё не! Биёед ба суханони ӯ ҳамовозӣ мекунем

ва онҳоро аз они худ мегардонем. «Падари Осмонӣ, бигзор ҳама чиз аз рӯи суханони Ту шавад; мо бовар дорем, ки ҳар ваъдаеро, ки Ту додӣ, ба амал меорӣ. Ситамдидагони заминро баланд кун ва ба воситаи ҳаёти мо Писари Худро намоён кун».

Агар мо бо умеди дар даруни худ ошкор кардани олиҳа худро аз мардон баланд гирем, ҷустуҷӯҳои мо барои ёфтани таъиноти азалии Худо комёб намешаванд. Мардон ҳеҷ гоҳ бо роҳи ҳукмронӣ кардан бар занон қувват ва озодии ҳақиқиро дарёфт карда натавонистаанд. Ва занон, вақте ки ба қуввати худ иҷозат медиҳанд, ки ба хидмати таълимотҳои таҳрифкорона ва яктарафа бархезанд, самараноктар намешаванд. Ҳар ду ҷинс иттифоқчӣ ва ҳомии якдигар мебошанд, на душманон ва худоён.

Хоҳиш барои объекти парастиш гардидан имтиҳонест барои ҳар яки мо. Иблис аз ӯҳдаи супоридани маҳз ҳамин имтиҳон набаромад. Хоҳиш барои қудрат доштан гуноҳ нест; ба ҳар яки мо (ҳам ба мардон ва ҳам ба занон) ба дараҷаи муайян имон, қудрат ва нуфуз дода шудааст.

Одамон аз ӯҳдаи қудрати мутлақ баромада наметавонанд. Аз ӯҳдаи ин вазифа ё масъулият баромадан ҳатто барои фариштагон сахт мушкил аст, ва Худи Исо, Писари Худо, барои истифода бурдани баробарии Худ бо Худо ба хотири манфиатҳои Худ ҷуръат накард. Дар Номаи худ ба Филиппиён Павлус маслиҳат медиҳад, ки мо набояд нисбат ба қудрат чунон муносибат кунем, ки ғайрияҳудиён мекунанд:

> Зеро дар шумо низ бояд айни ҳамон ҳиссиёт бошад, ки дар Исои Масеҳ буд, ки Ӯ, бо вуҷуди он ки дар сурати Худо буд, бо Худо баробар буданро ҳарисона барои Худ нигоҳ надошт. Балки Худро кам дониста, ба сурати ғулом даромад ва ба одамон монандӣ пайдо карда, ба зоҳир мисли одамизод шуд, ва Худро фурӯтан сохта, то вақти мамот, то дами мавти салиб фармонбардор буд. Бинобар ин Худо низ Ӯро сарафроз кард ва ба Ӯ номе дод, ки аз ҳар ном болотар аст, то ки ба исми Исо ҳар зонуе ки дар осмон ва бар замин ва зери замин аст, хам шавад, ва ҳар забон зътироф намояд, ки Исои Масеҳ Худованд аст барои ҷалоли Худои Падар.
>
> Филиппиён 2:5-11,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Ҷаҳон ба хидматгорон эҳтиёҷ дорад. Ба ман тасаввур кардан мушкил аст, ки Исо – Он, ки зону зад, то дигаронро сарфароз

гардонад, ба мисли баъзе аз моён ин қадар серталаб бошад. Афсӯс, ки баъзан вақт мо Подшоҳи худро нодуруст намоён мекунем. Вагарна чаро дар суханони баъзе пешвоёне, ки ҳаракатҳои сулҳхоҳонаро сарварӣ кардаанд, ин қадар ҳақиқат бисёр аст: "Агар масеҳиён намебуданд, ман масеҳӣ мешудам", ё, чуноне ки Маҳатма Ганди[6] гуфта буд: Ба ман Масеҳи шумо писанд аст, вале ба ман масеҳиёни шумо маъқул нест. Онҳо ба Масеҳи шумо монанд нестанд".

Оё шумо ин даъват ва эҳтиёҷи сахтро барои он, ки ҳамчун ҷӯяндагони далери ҳақиқат бархезед, шунида истодаед? Мо бояд ба таври мақсаднок дастони худро берун аз бенавоии худ ба сӯи гумшудагон ва мӯҳтоҷон дароз карда, муҳаббат нишон диҳем.

Агар калисо ба шумо чунин имконият надиҳад, муҳаббати Худоро гиред ва онро ба ҳама роҳу пайроҳаҳо бубаред. Берун аз деворҳои калисо одамони эҳтиёҷманд бо дилҳои шикаста хеле зиёд мебошанд ва онҳо хурсанд аз он мешаванд, ки шумо сустӣ накунед. Ба ҷамоатҳои худ, ба бехонаҳо, ба ҳамкасбон, ба системаи маорифи худ... дасти кӯмаки худро дароз кунед. Бигзор ҳаёти шумо он қадар бузург ва пурнур бошад, ки комилан нотакрор гардад!

Вақти он расидааст, ки намунаи ибрат гардем, то одамон моро пайравӣ карда тавонанд.

Пас чӣ кор бояд кунем? Оё дар бораи он, ки Худо аллакай муқаррар кардааст, баҳс карданро давом диҳем? Оё мо мафкураи худро чунон ба тартиб оварда метавонем, ки аз нигоҳи яктарафа ба масъалаи тобеият ва "илоҳияти занона" худдорӣ кунем? Оё мо ба ҳурмат кардани мардон шурӯъ карда метавонем? Биёед ба мисоли шер ва модашер пайравӣ мекунем ва якҷоя бо мардон бармехезем, на ҳамчун махлуқоти сусти хушомадгӯ ё олиҳаҳои бадхашм.

## Арзиши занони қавӣ

Вақте ки ман китоб менависам, дар *Twitter* ё *Facebook* фикр баён мекунам, ба занон муроҷиат менамоям – новобаста аз он ки ин дар куҷо рӯй дода истодааст (дар ҷамъомад ё дар Интернет), ҳама вақт ман ҳама гуна имконияти мавҷударо барои эълон кардани арзиши занон ба кор меандозам. Ман бошуурона ба онҳо ёдрас мекунам, ки ҷаҳон ба овози онҳо, ба саҳми онҳо дар калисо, берун аз калисо, дар миқёси маҳаллӣ ва дунявӣ эҳтиёҷ дорад. Ман

дар бораи он дуо мекунам, ки онҳо на фақат ба ин бовар кунанд ва онро қабул намоянд, балки бо ин зиндагӣ ҳам кунанд.

Пас аз мавъизаҳои худ ман ҳамеша чунин саволро мешунавам: “Оё шумо айни ҳамин суханонро ба мардон низ гуфта метавонед?” Онҳо ин суханонро пичирросзанон мегӯянд, гӯё ки ба онҳо хатаре таҳдид карда истода бошад, дар ҳоле ки агар касе гуфтугӯи моро шунида ва дониста бошад, ки онҳо чӣ тавр ҷуръат карда, ба ман ошкор дар бораи ин гап заданро пешниҳод намуданд.

Пештар ман фикр мекардам, ки танҳо занонро рӯҳбаланд кардан кифоя аст. Ман имкони ба занон муроҷиат карданро дар муҳити бароҳат ва бехатар беҳад қимат медонам. Вале аз рӯи инкишофи ҳаракати духтарони Худо, ман фаҳмидам, ки бо чунин рӯҳбаландкунӣ танҳо ба занон муроҷиат кардан кифоя нест – айнан ба мисли он ки агар як тарафи танга зарар дида бошад, пас вай арзиши маҳдуд дошта метавонад.

Дар ду соли охир доираи фаъолияти ман васеътар шуд, ва одамон садои маро дар бисёр ҷамъомадҳои саҳарии якшанбегӣ дар калисоҳои гуногун шунида тавонистанд. Ва, ҳам албатта, онро мардон шуниданд. Вақте ки ман дар ҷамъомадҳое, ки намояндагони ҳар ду ҷинс иштирок доранд, овози худро баланд мекунам, ман эълон мекунам, ки занҳо бошукӯҳанд. Ман кам мушоҳида мекунам, ки ба ин суханон мардон эътироз баён кунанд. Ман дидаю дониста ба онҳо мегӯям, ки мардон низ бошукӯҳанд! Дар давоми чанд соли охир ман бисёр вақт дар чашмони мардон ҷорӣ шудани ашкро мебинам. Ман мушоҳида менамоям, ки занон ва шавҳарон, мусобиқа карданро бас намуда, якдигарро қабул мекунанд. Вақте ки онҳо аз якдигар барои муборизаҳои аҳмақона бо мақсади ба даст гирифтани қудрат бахшиш мепурсанд, он чизе, ки рӯй медиҳад, ба ман хеле писанд аст.

Хоҳар-модашери азиз, проблемаи мо на мардон мебошанд. Проблема решаи чуқуртар дорад. Фиребгар ва душмани мо шайтон аст, ки шарафи ҳар ду ҷинсро поймол мекунад. Новобаста ба он ки мардон қисми проблема нестанд, онҳо метавонанд, ки қисми ҳалли проблема бошанд ва бояд ҳам чунин бошанд. Вақте ки мардон як қисми борро ба дӯши худ гиранд ва якҷоя бо занон ба тамоми инсоният арзиш ва қувватро баргардонанд, чизи ҳайратоваре рӯй медиҳад.

Баъзан агар ба он муваффақ шавӣ, ки туро бишнаванд, ин аллакай нисфи кор аст. Мардоне, ки дар атрофи ту ҳастанд, бояд имкони гӯш кардани суханони туро дошта бошанд, ҳамчунин онҳо бояд одамони дигареро бишнаванд, ки мардон ва занонро барои бедор шудан ва якҷоя бархестан рӯҳбаланд мекунанд. Барои он ки дар ҷамъияти мо дигаргуниҳо сар шаванд, мо бояд айни як суханро гӯем. Биёед мавқеи Худоро дар бобати инсоният бо ҳамовозӣ эълон мекунем.

Барои он ки ин корро кунем, ман мехоҳам, ки мо бодиққатона боби 11-уми Номаи 1-ум ба Қӯринтиёнро дида бароем. Ман онро ба якчанд қисмҳои алоҳида тақсим мекунам, ки ҳар яки онҳо фикри аниқро ифода мекунанд, ва сипас ман натиҷаи умумиро ҷамъбаст мекунам.

> Бинобар ин зан бояд бар сараш нишонаи ихтиёрро ба хотири фариштагон дошта бошад.
>
> ояти 10

Суханони Павлус барои он касоне, ки фарқияти байни марду занро аз ҳад зиёд муболиға намекунанд ва ба онҳо аҳамияти зиёд зам наменамоянд, ҳамчун дастгирӣ хидмат мекунад. Бале, фарқиятҳо дар байни мо мавҷуд мебошанд, вале онҳо набояд моро аз ҳам ҷудо кунанд. Онҳо барои он вуҷуд доранд, ки моро муттаҳид созанд.

> Лекин дар Худованд на мард бе зан аст, на зан бе мард аст.
>
> ояти 11

Бо ин изҳорот вай робитаи байниҳамдигарии ҷинсҳоро эълон мекунад. Агар вобастагии дутарафа мавҷуд бошад, пас на ба мард ва на ба зан бартарӣ дода намешавад.

> Мард аввал ҳамчун шабоҳати бошукӯҳ ва пурҷилои Худо офарида шуда буд – ин ҳақиқат аст! Вале дар зебоӣ ва пурнурӣ зан аз шавҳари худ авлотар аст.
>
> ояти 11, тарҷума аз Message

Мард ҳамчун шабоҳати Худо офарида шуда буд – ин ҳақиқат аст! Аммо баъд аз ин якто “вале” ҳаст. Зебоии зан зебоии шавҳарашро хира мегардонад. Диққат кунед, ки дар ин ҷо маҳз дар бораи шавҳар ва зан гуфта шудааст.

> Зеро, чунон ки зан аз мард аст, ончунон мард низ ба воситаи зан аст; ва ҳамаи ин аз Худост.
>
> ояти 12

Ва боз ҳам ин ҳақиқат аст, ки зани аввал аз мард, яъне аз Одам пайдо шуда буд. Аммо Павлус боз пайвандаки “ончунон”-ро истифода бурда мефаҳмонад, ки аз ҳамон давра инҷониб мардон аз занон пайдо мешаванд.

> Аз сабаби он ки ҳамаи ин аз Худост, биёед бо мусобиқаи беохири “кӣ аввал аст” халқавор давр заданро бас мекунем.
>
> ояти 12, тарҷума аз Message

Ва инак вақте ки ду паҳлӯи тарозу баробар аст, Павлус ба сатҳи ҷанҷоли гендерӣ мебарояд ва нуқтаи назари Худоро баён мекунад: ҳамааш аз ҷониби Худо аст, пас дар бораи бартарият баҳс карданро бас кунед! Ин бояд бисёр масъалаҳоро ҳал кунад. Танҳо Худо нахустин аст. Танҳо Ӯ – қудсият, адолат, муҳаббат, ростӣ, роҳ, ҳаёт, ибтидо ва интиҳо.

Ҳеҷ гоҳ фикр накунед, ки Худо аз рӯи нишондодҳои равияҳои мо кор мекунад. Ӯ ба низомнома ва шаҳодати имон ё ба он чизе, ки мо иҷозат медиҳем ё намедиҳем, кордор нест. Худо дар замин ҳаракат мекунад ва амал менамояд, ва вақте ки Ӯ одамонеро мебинад, ки бо ҳамдигар муносибатҳои дуруст доранд ва дар таҳти роҳнамоии Ӯ амал мекунанд, Ӯ онҳоро баракат медиҳад.

> Инак, чӣ хуш аст ва чӣ дилпазир, ки бародарон дар як ҷой ҳамнишин бошанд... зеро ки дар он ҷо Худованд баракатро амр фармудааст; ва ҳаётро то абад.
>
> Забур 132:1,3

Дар давоми тамоми таърихи худ Калисо оид ба ин масъала ҷудо шуда буд, вале шахсан ман намехоҳам, ки дар оянда низ ин тавр давом кунад. Аммо фикрҳо ва эҳсосоти ман – дар муқоиса бо аҳкоми Худо оид ба он, ки ин чӣ тавр рӯй хоҳад дод, ҳеҷ аст. Ҳама чиз дигар мешавад.

> Ва дар рӯзҳои охир, мегӯяд Худо, чунин хоҳам кард: Рӯҳи Худро бар тамоми башар хоҳам рехт, ва писарону духтарони шумо нубувват хоҳанд кард, ва ҷавонони шумо рӯъёҳо ва пирони шумо хобҳо хоҳанд дид; Ва

> ҳатто бар ғуломону канизони Худ дар он рӯзҳо Рӯҳи Худро хоҳам рехт, ва онҳо нубувват хоҳанд кард; Ва аз боло дар осмон мӯъҷизот ва аз поён дар замин аломот: хун ва оташ ва бухороти дуд ба зуҳур ҳоҳам овард...
>
> Аъмол 2:17-19

Дар рӯзҳои охир Худо сухани Худро мегӯяд. Ин тимсоли хун, оташ ва бухороти дуд ба маъбади қадим монанд аст, ки дар он ибриён қурбонӣ мекарданд. Ин ҷое буд, ки одамон барои тақдим кардани чизе, ки Худои Бузург қабул мекард, ҷамъ мешуданд. Қурбониҳои онҳо дар оташ месӯхтанд ва бо якҷоягии дуд ба Осмонҳо баланд мешуданд.

Дар ин намунае, ки дар замони аҳди ҷадид рӯй медиҳад, дар бораи гӯсфандон, гӯсолаҳо ё барзаговон, ки дар маъбад забҳ карда мешуданд, сухан намеравад. Ба ҷои ин мо мебинем, ки чӣ тавр писарону духтарон, калонсолон ва ҷавонон – хирадмандон, хидматгорони Худо, ки атои нубувват доранд, овози худро баланд мекунанд. Оташ акнун на дар қурбонгоҳи парастиши Худо фурӯзон мешавад. Оташ дар даруни мо фурӯзон мешавад, вақте моро Рӯҳи Ӯ пур мекунад ва ҳидоят менамояд.

Пештар ман аз ошкоро гуфтугӯ кардан дар бораи проблемаҳои ҷинсҳо метарсидам. Вале акнун, агар лозим шавад, ман тайёр ҳастам, ки аз чаҳорчӯбаи муқаррарӣ берун бароям. Шавҳарам аз қуввати ман наметарсад – ӯ маро қабул мекунад. Писарони маро симоҳои занони суст, бесадо, ситамдида ба худ ҷалб намекунад. Вале оё дуруст аст, ки ман чунин кӯмак дорам, вале дигарон не? Ҷаҳони мо ба заноне мӯҳтоҷ аст, ки дар ҳар ҷо овози ситамдидагонро баланд мекунанд. Ин чунин маъно дорад, ки мо набояд аз он чизе, ки барояш офарида шудаем, шарм дорем, балки дар ҳамкорӣ бо якдигар иҷро кунем.

Вақти он расидааст, ки фарқиятҳои ҷинсҳоро як тараф монем ва ба ифрот дода нашавем, ки моро беқувввват мегардонад. Вақти он расидааст, ки бедор шавем ва мувофиқ ба даъвати Худо – пурқувват дар Ӯ, мададгор ба мардон, овози наҷот барои гумшудагон ва мӯҳтоҷон дар тамоми ҷаҳон гардем.

7

# Салому алек ва парасторӣ

Барои нигоҳ доштани зебоии лабҳо, суханони хуб гӯед. Барои нигоҳ доштани зебоии чашмон, дар одамон чизи некро биҷӯед. Барои нигоҳ доштани қадду қомати зебо, хӯрокро бо гуруснагон тақсим кунед. Барои нигоҳ доштани зебоии мӯйҳо, ба кӯдак иҷозат диҳед, ки ақаллан дар як рӯз як бор мӯятонро парешон кунад. Барои нигоҳ доштани зебоии андом, дилпурона қадам занед, ки шумо танҳо нестед.

СЭМ ЛЕВЕНСОН

Вақте ки модашерон якдигарро мелесанд, ин гӯё як қисми салому алек аст. Зоҳиршавии чунин навозиш дар онҳо аз давраи таваллуд сар мешавад. Аз лаҳзаи пайдошавии навзод вай аз бӯсаҳои ҳатмии модар гурехта наметавонад. Ягон шербача нолесида намемонад. Ман инро ба худ чунин тасаввур мекунам: пас аз шикоркунии шавқовари шерони калонсолро мушоҳида кардан, шербачаҳо боз ба муҳити хонаводагии гала бармегарданд. Ногаҳон яке аз онҳо як лаҳза дудилагиро ҳис карда, фикр мекунад: *"Оҳ,* не! Ана холаи ман наздик меояд! Вай боз мехоҳад, ки маро билесад ва бо оби даҳони худ рӯяки маро олуда кунад!". Ба ростӣ, ин ҳолатеро ба ёд меорад, ки хешбачаҳо ба ҳуҷрае даромада мемонанд, ки аз холаҳо-итолиёизанҳое пур аст, ки ба меҳмонӣ омадаанд.

Чунин салому алеки наздик – фук бар фук – на танҳо барои шербачаҳо таъин карда шудааст. Ин боз дар ҳамон вақт рӯй медиҳад, ки як модашер дигар модашерро воxӯрад. Чунин оини салому алек имкон медиҳад, ки якдигарро бишносанд. Ба назари мо ҳама модашерон якхела метобанд – ба худи модашерон низ

айнан чунин менамояд. Бинобар ин бӯй – ин усули ягонаест барои он, ки чӣ тавр як модашер боварӣ ҳосил мекунад, ки модашери дигар узви галаи вай аст, на ин ки бегона. Мо медонем, ки намуди зоҳирӣ назарфиреб буда метавонад, вале бӯй одатан рост гап мезанад.

Дар абрӯи ҳар як модашер, рост дар болои чашмаш ғадудҳо ҷойгир шудаанд, ки бӯи галаро аз худ паҳн мекунанд. Вақте ки модашерон ҳайати гурӯҳро дигар мекунанд, дар байни онҳо алоқаи хеле наздик рӯй медиҳад – онҳо рухсораҳои худро ба якдигар соиш медиҳанд ва бо навозиш сарҳои худро бо ҳам мегузоранд. Ин салому алек аз шиносоии оддӣ чизи бештар аст. Шиносоӣ – ин вохӯрии аввалинест, ки мефаҳмонад: “Ана ман кистам. Аммо ту кӣ ҳастӣ?”. Вале салому алеки модашерон пайванди байниҳамдигариро мустаҳкам мегардонад, ба мувофиқа расидани аҳдро тасдиқ мекунад ва бегонаҳоро дар гала ошкор месозад.

Модашерон аввал бӯй мекашанд, баъд мешиносанд. Одамон аввал мешиносанд, ва баъд бӯй мекашанд. Мисоле аз ҳаёт: ба наздикӣ шавҳарам маро дар фурудгоҳ пешвоз гирифт. Ман дидам, ки чӣ тавр мошини вай наздик меояд ва ман ба ӯ даст афшондам, вале ман бӯи ӯро то он даме, ки аз мошин набаромад ва маро ба оғӯш нагирифт, ҳис накардам. “Ту хеле хӯшбӯ ҳастӣ” – гуфтам ман, вақте ки бӯи атри ӯро ҳис кардам.

Ман ба худ тасаввур карда наметавонам, ки чӣ тавр ман ӯро ба таври баръакс шинохта метавонистам: яъне ман мардеро мебинам, ки аз мошин мебарояд ва ба сӯи ман меояд. Ман наздиктар мешавам, ки то ки ӯро бӯй кунам, муайян мекунам, ки вай ҳамчун шавҳари ман бӯй дорад, ва танҳо пас аз он ӯро одами худӣ меҳисобам.

Шинохтани бӯй ба модашерон барои чанд мақсад хидмат мекунад. Оини салому алек-парасторӣ ба онҳо ба таври табиӣ имкон медиҳад, ки ба гала ҳамроҳ шудани касе ё чизи дилнохоҳамеро муайян кунанд. Ғайр аз ин вақте ки модашерон якдигарро мелесанд ва мушоракат мекунанд (парасторӣ), онҳо ҳисси қаробат ва ягонагиро намоён месозанд. Мо, ҳамчун духтарони Худо, бояд ба наздикони худ ҳамин тавр муносибат кунем.

## Бо фарзандони худ мушоракат кунед ва онҳоро “парасторӣ” намоед

Вақте ки модашер ҳангоми вохӯрӣ навзоди худро мелесад, вай гӯё изҳор мекунад: “Ту узви гурӯҳи мо ҳастӣ. Ту дар ин ҷо метавонӣ амният пайдо кунӣ, тарафҳои қавии худро ошкор намоӣ ва дар байни мо ба камол расӣ. Дар ин ҷо, дар байни гала, ту ба таъминот ва бехатарӣ умед баста метавонӣ”. Ҳамчунин вай салому алек – парасториро барои он истифода мебарад, ки дар куҷо гаштугузор кардани шербачаро муайян кунад. Рӯи худро ба вай ҷафс карда, муайян мекунад, ки навзод дар куҷо буд, то бипурсад: “Барои чӣ аз ту бӯи шағол меояд?”.

Вақте ки писарони навраси ман шомгоҳон ба сайругашт мерафтанд, ман аз онҳо хоҳиш мекардам, ки ҳангоми баргаштан ба назди ман биёянд ва пеш аз хоб маро бибӯсанд. Ин бӯсаи пеш аз хоб чанд ҳадаф дошт. Пеш аз ҳама, ман бӯсидани писарони худро дӯст медорам. Дуввум, ба ман лозим набуд, ки бедор нишинам, то вақти ба хона баргаштани онҳоро муайян кунам. Сеюм, ин ба ман имкон медод, ки онҳоро бӯй кунам.

Ҳамкорӣ бо ин тариқ ба амал меомад. Агар писар, ба хона баргашта, ягон чизро аз ман пинҳон доштан хоҳад, вай дари ҳуҷраи хоби маро кушода, мегуфт: “Ман омадам! Модар, хоби хуш!”

Вай маро хоб гумон карда, дарро зуд мепӯшид. Вале ман мегуфтам: “Вақтат хуб гузашт? Даро, маро бибӯс”.

Агар вай дудилагӣ зоҳир мекард, ман ба шубҳа кардан шурӯъ менамудам.

Агар вай наздиктар меомад ва ман бӯи тези сақичро ҳис мекардам, мефаҳмидам, ки ба кори тамоман ношояме машғул шудааст. Вақте ки вай наздиктар меомад, ман бархеста ӯро ба сӯи худ мекашидам, то он бӯеро, ки вай номаълум кардан мехост, бифаҳмам. Дар ниҳояти кор, ҳар як модар медонад, ки фарзандони вай чӣ гуна бӯй доранд.

Агар аз аввал салому алеки ҳаррӯзаро ҳамчун тарзи ҳаёт дар хонаи мо барқарор намекардем, ба роҳ мондани чунин тафтиши шомгоҳӣ барои писаронамон хеле ногувор мебуд. Мо ҳар субҳ якдигарро оғӯш мекунем. Мо якдигарро дар давоми рӯз ва шабона пеш аз хоб ба оғӯш мекашем ва мебӯсем. Мо доимо ба таври ҷисмонӣ бо якдигар робита мекунем: ин метавонад мусобиқаи хурд оид ба гӯштин дар байни бародарон, теладиҳӣ

дар ошхона ҳангоми рӯбучин ё ба оғӯш кашиданҳо ҳангоми ба хона омадан ё ба ҷое рафтан бошад. Чунин амали мушоракат ҳанӯз дар вақти кӯдак будани писаронам сар шуда буд ва то ҳол давом мекунад. Бо шумо баҳс карда метавонам, ки дар хонаи шумо низ айнан ҳамин чизҳо рӯй медиҳанд: шумо пеш аз хоб якдигарро мебӯсед, ҳангоми рӯ ба рӯ шудан оғӯш мекунед, китфи якдигарро оҳиста мекӯбед, мӯи якдигарро меҷӯлонед, дар диван нишаста, ба якдигар ҷафс мешавед...

Баъдтар, вақте ки писари калонии ман оиладор шуд ва алоҳида зиндагӣ карданро сар кард, ман дар бораи корҳои ношоистаи ӯ, ки пештар намедонистам, нақлҳо шунидам. Ман аз ӯ мепурсидам: "Кай ту ин корро карда будӣ? Чӣ тавр ман аз ин бехабар мондам?". Бо шарм табассум карда, вай ҷавоб медод: "Ин ҳамон шабе рӯй дода буд, ки ту дар шаҳр набудӣ" ё "Ин ҳамон вақте ки ман дар хонаи дӯстам хоб карда будам, рӯй дода буд".

Агар ман дар хона мебудам, ман ҳис мекардам, ки вай чӣ кори ношоиста кардааст! Салому алек ба модарон барои ҳис кардани он имконият медиҳад, ки оё фарзандон ягон алоқаҳои номатлуб доштанд ё не. Ин ба мо барои фаҳмидани он ёрдам медиҳад, ки кай бо меҳрубонӣ муносибат кардан лозим асту кай – сахтгирона ва ҳатто кай ҷазо додан лозим аст. Агар дар оилаи шумо ба таври доимӣ бо якдигар салому алек накунанд, ман ташвиқ мекунам, ки инро сар кунед. Оғӯши шумо на танҳо ба фарзанди шумо муҳаббати шуморо намоён мекунад, балки ҳамчунин ба шумо барои фаҳмидани бӯе имкон медиҳад, ки дар хонаи шумо мавҷуд намебошад. Модарон, агар фарзанди шумо, ки пештар шуморо ба оғӯш мекашид, аз оғӯш кашидан канораҷӯӣ кунад, сабабашро ошкор кунед. Ба фарзандони худ иҷозат надиҳед, ки ба фосилаи ҷисмонӣ одат кунанд.

Вақте ки фарзандони шумо ба воя мерасанд, ба оғӯш кашидану бӯидани онҳоро давом диҳед. Пайванди ҷисмонии шумо барои хотиррасон кардани он хизмат мекунад, ки онҳо узви хонаводаи шумо боқӣ мемонанд. Ин ба онҳо кӯмак мекунад, ки худро ҳангоми гузаштан ба давраи калонсолӣ ва бунёди оилаҳои шахсӣ дар амният ҳис кунанд.

## Бо якдигар салому алек кунед

Вақте ки модашерон бо якдигар салому алек мекунанд, онҳо мегӯянд: Мо бо ту – як оила. Аз ту бӯи шиноси хоҳарони ман ба димоғ мерасад. Ман ҳама вақт тайёр ҳастам, ки туро дастгирӣ

кунам, ва ман медонам, ки ту ҳамеша маро дастгирӣ мекунӣ”.

Мо дар ин маврид аз хоҳарон-модашерон на он қадар сахт фарқ мекунем. Аз тарафи дигарон хуш пазирой шудан чунин маъно дорад: “Бо мо бинишин. Хуш омадӣ, мо ба ту бовар мекунем!”. Вохӯрии расмӣ ва худдорона мегӯяд: “Мақоми ту дар муносибат бо мо ҳоло дар зинаи ҳаллу фасл қарор дорад. Мо то даме, ки дар бораи ту беҳтар маълумот пайдо накунем, аз ягон изҳорот худдорӣ менамоем”. Дар ин гуна вазъиятҳо ҳам касе, ки салом арз мекунад ва ҳам касе, ки алек мегирад, дар ҳолати ногувор мемонад. Агар салому алек куллан мавҷуд набошад, пас маънои ин – “ташрифоваранда, эҳтиёт бош!” – гуфтан аст.

Бихонед, ки чӣ тавр ҳавворӣ Павлус салом арз намуданро ба қӯринтиён таълим медиҳад:

> Ба якдигар бо бӯсаи муқаддас салом расонед. Ҳамаи муқаддасон ба шумо салом мерасонанд. Файзи Исои Масеҳи Худованд, ва муҳаббати Худо, ва ширкати Рӯҳулқудс бо ҳамаатон бод. Омин.
>
> 2 Қӯринтиён 13:12-13

Вақте ки ба хоҳар салом мегӯед, ӯро ҳамчун хоҳар ба оғӯш гиред. Агар ту бо роҳбар сӯҳбат дорӣ, ба ӯ салом арз кун ва ӯро ба оғӯш гир, то бо ин васила нишон диҳӣ, ки вайро қадр мекунӣ. Ба хоҳари ранҷдида салом арз карда истода, бо навозишкорӣ ӯро ба оғӯш гир. Баъзан ҳатто сухан ҳам лозим нест. Ман дар давоми солҳо ёд гирифтам, ки ҳамту аз калимаи “салом” дида, оғӯш гирифтанҳо бештар тасаллӣ меоранд.

Павлус дар номаҳояш ба калисоҳое, ки дар зери парастории ӯ буданд, арзи саломро моҳирона ифода мекунад. Агар барои Павлус дар номаҳо навиштани арзи салом чунин муҳим бошад, пас алалхусус барои мо чунин рафтор кардан дар амал хеле муҳимтар бояд бошад.

Биёед арзи саломи ӯро ба калисои Қӯринтӯс дида мебароем:

> Ин суханонро на аз барои он навиштаам, ки шуморо хиҷил кунам, балки шуморо чун фарзандони маҳбуби худ насиҳат медиҳам. Зеро, агарчи шумо ҳазорон носеҳон дар Масеҳ доред, лекин падарони бисёр надоред: ман шуморо дар Исои Масеҳ ба воситаи Инҷил ба дунё овардаам.
>
> 1 Қӯринтиён 4:14-15,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Павлус сухани худро аз он сар кард, ки номаи вай чӣ асту чӣ не. Ӯ онҳоро танбеҳ надод, то ки хиҷолат накунад, балки аниқтараш муносибати худро ба онҳо, яъне кӣ будани онҳоро нисбат ба худаш муайян кард. Ӯ падар буд, ва онҳо фарзандон. Сипас Павлус фаҳмонид, ки гарчанде бисёриҳо мушоҳида мекунанд ва интизор мешаванд, ки кай имондорони Қӯринтӯс пешпо мехӯранд, вай ҳамчун падар худро барои он бахшид, ки онҳо комёб шаванд. Саломи ӯ изҳороте дар бораи он буд, ки вай нисбат ба қабулкунандагони нома кӣ асту онҳо барои ӯ кӣ ҳастанд; ӯ чӣ мегӯяд ва чаро мегӯяд, ва барои чӣ онҳо ба ӯ бояд гӯш диҳанд. Ҳанӯз то ба мазмуни асосии Нома гузаштани ӯ, ҳамаи ин чизҳо маълум мешаванд.

## Якдигарро навозиш ва “парасторӣ” кунед

Агар оини салому алеки модашерон бомуваффақият гузарад, онҳо зуд ба меҳрубонию парастории якдигар сар мекунанд. Ин ғамхории байниҳамдигарӣ дар байни модашерон ва шерони наврас алоқаи мустаҳкамро ба вуҷуд меорад, ки дар гала барои нигоҳ доштани пуррагӣ ва алоқаҳои наздик ёрӣ мерасонад.

Модашерон бисёртар аз ҳама сару гардани якдигарро мелесанд, яъне он ҷойҳоеро, ки барои ҷонвар мустақилона дастрас кардан душвор аст. Бо сатҳи шахшӯли забони худ модашерон пашми якдигарро аз хун ва чиркинӣ, ва ҳам аз кана ва ҳашаротҳои муфтхӯр тоза мекунанд. Вақте ки чизе хун ва моддаҳои серғизоро аз тани ту ҷаббида мегирад, ин оҳиста, вале бомаром аз ту ҳаётро медуздад. Хуб аст, вақте ки аз тани ту хун ва чиркиниро дур месозанд, ва ҳам Худоро шукр барои холаҳо ва хоҳароне, ки ҳамчунин канаҳо ва ҳашаротҳои муфтхӯрро нобуд мекунанд!

Феъли англисии «парасторӣ» маънои «тоза кардан, ба тартиб овардан, омода намудан, шона кардан ё бо чӯтка пок кардан, оростан, зиннат ёфтан, шона задан», ва ҳамчунин «дастур додан, машқ кунонидан ва таълим додан»-ро дорад. Дар алоқамандӣ бо ин таъриф, бале, ман шахсан метавонам барои дандонҳои худ, барои ошхонаи худамон ва фарзандони худ ғамхорӣ кунам, вақте ки онҳо ба дарси ҳисоб машғуланд.

Агар ҷараёни парасториро ба зинаҳо ҷудо кунем, пас зинаи аввал ҳамчун “тоза кардан” муайян карда мешавад. Исо бо Петрус сӯҳбате дошт, ки дар ҷараёни он “парасторӣ” дар намуди тақдискунӣ зоҳир шуд. Исо мехост, ки пои Петрусро шӯяд, аммо

вай рад кард. Бинобар ин Исо ба шогирд фаҳмонид, ки агар барои шустани пои худ иҷозат надиҳад, пас вай дар корҳои Исо иштирок карда наметавонад. Бо умеди он ки хатои аввалаашро ҷуброн кунад, Петрус андаке аз ҳад гузаронида, аз Исо хоҳиш кард, ки на танҳо пойҳояшро, балки тамоми бадани ӯро – аз сар то ба по бишӯяд. Исои ҳайратангези мо сипас ба масъалаи асосӣ мегузарад.

> Исо ба вай гуфт: «Касе ки ғусл кардааст, фақат ба шустани пойҳояш эҳтиёҷ дорад, чунки вай тамоман пок аст; ва шумо пок ҳастед...
>
> Юҳанно 13:10

Бинобар он ки мо ба Исо мансуб мебошем, пок ҳастем. Вале, ба ин нигоҳ накарда, дар давоми рӯз пойҳои мо чиркин шуда метавонанд, ва баъзан, вобаста ба он ки дар куҷо будем ё чӣ кор кардем ё чизеро кашондем, пойҳои мо ҳатто бӯи бад пайдо карда метавонанд. Дар пайроҳаи ҳаёт қадам зада, мо ба ҷойҳои фасод афтода метавонем – ҳадди ақал, ман чунин хавф дорам. Ва дар охири рӯз ҳамаи чангеро, ки дар роҳ часпида буд, мебояд шуст.

Ана барои чӣ Исо дар идомаи суханаш мегӯяд:

> Пас, агар Ман, ки Устод ва Худованд ҳастам, пойҳои шуморо шустаам, шумо ҳам бояд пойҳои якдигарро бишӯед*: Зеро ба шумо намунае нишон додам, то, чунон ки Ман бо шумо кардам, шумо низ бикунед*. Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ғулом бузургтар аз оғои худ нест, ва расул бузургтар аз фиристандаи худ нест. Ҳар гоҳ инро донистед, хушо шумо, агар инро ба амал оваред.
>
> Юҳанно 13:14-17,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Исо пойҳои шогирдони Худро шуст ва даъват мекунад, ки мо низ пойҳои якдигарро шӯем. Ман фикр намекунам, ки Вай бо маънои аслиаш дар назар дошт, то шавҳари ман дар поёни ҳар рӯз пойҳои маро бишӯяд ва нохунҳои пои маро оро диҳад (гарчанде ин хеле дилпазир мебуд, азизам!). Аммо, эҳтимол, ин тимсоли он аст, ки чӣ тавр мо якдигарро тару тоза ва хуштароват гардонида метавонем, махсусан агар аз сабаби чангу ғубори роҳҳои зиндагӣ, ки аз онҳо мегузарем, чиркин шавем.

Ман дар якчанд “ҷамъомадҳои шустушӯи пойҳо” иштирок кардаам, махсусан дар ҳамон вақтҳое, ки пӯшидани пойҷомаҳо

(колготки) барои дохил шудан ба хидматгузорӣ шарти ҳатмӣ набуд. Вале, дар замони Исо, вақте ки одамон ба хонаи шумо медаромаданд, айнан ба мисли оғӯш кардану бӯсидан дар замони мо, шустани пойҳо як қисми табиии саломуалеки онҳо буд.

Ман пешниҳод намекунам, ки пойшӯӣ аз нав эҳё карда шавад. Мо дар замони пойафзолҳои маҳкам ва кӯчаҳои мумфарш зиндагӣ дорем, вале шогирдони Исо бо шиппакҳо (сандали) дар роҳҳои пурчанг сафар мекарданд. Ман пешниҳод мекунам, ки ба остонаи хонаи дӯст ё ибодатхона қадам гузошта, чангу ғубореро, ки тамоми рӯз ба мо часпидааст, афшонем, ва худро барои бунёди муносибатҳо тақдим намоем.

Ҳамчун модашерон, мо ба якдигар мӯҳтоҷем, то ки аз ҳаёти худ чиркинӣ, канаҳо ва ҳашаротҳои муфтхӯрро дур кунем.

> Насле ҳастанд, ки дар назари худ пок мебошанд, ва ҳол он ки аз наҷосати худ шуста нашудаанд. Насле ҳастанд, ки — оҳ, чашмонашон чӣ гуна ҳавобаландона аст, ва мижгонашон чӣ гуна барафрошта! Насле ҳастанд, ки дандонҳошон шамшерҳост, ва дандонҳои осиёашон — кордҳо, то ки бенавоёнро аз рӯи замин ва мискинонро аз миёни одамон бихӯранд. Шуллук ду духтар дорад: «Бидеҳ, бидеҳ!» Инак се чизе ки сер намешаванд, ва чор чизе ки намегӯянд: «Бас!»
>
> Масалҳо 30:12-15

“Деҳ” ва “бидеҳ-бидеҳ” – ҳашаротҳои муфтхӯре мебошанд, ки моддаҳои серғизои бадани моро мехӯранд ва ҳаёти моро медузданд. Чашмгуруснагӣ ва ба ҳавасҳои худ тағофул кардан мисли хунхӯрҳо (вампирҳо) мебошанд. Вақте ки мо узви гурӯҳе ҳастем, ки “лесидани” якдигар расм шудааст, мо ба ҳамдигар барои тозаю покиза нигоҳ доштани ҳаёт ёрӣ мерасонем.

Ба наздикӣ ман бояд ба қароре меомадам, ки оё ман бо ягон тарзе ба ҳаёти як ҷавоне, ки қобилиятҳои ҷиддии роҳбариро намоён мекарду ман вайро хеле ҳурмат мекардам, таъсир расонида метавонам ё не. Азбаски дар ҳаёти вай ман кӯшишеро барои ҳифз кардани даъвати Худо медидам, ман ба вай пешниҳод кардан мехостам, ки ӯ дар ҳаёти худ чизеро ислоҳ кунад. Вале пеш аз ин корро кардан, ман бояд муайян мекардам, ки дар байни вай ва ман кадом намуди муносибат мавҷуд аст, то бифаҳмам, ки оё вай ба ман гӯш медиҳад ё не. Бинобар ин аз вай пурсидам: “Ту маро дар калисо кӣ меҳисобӣ?”

Бе ягон дудилагӣ ӯ гуфт: “Ман туро роҳбар ҳисоб мекунам”.

Аксуламали ӯ гувоҳӣ дод, ки ман барои таъсир гузоштан ба ҳаёти ӯ ҳақ дорам ва ҳар чизеро, ки ман ба вай мегӯям, дуруст қабул мекунад. Агар ӯ дигар хел ҷавоб медод, ман аз маслиҳат додан ба ӯ худдорӣ мекардам.

Чунин тарзи шустани пойҳо дар ҳар ду самт кор мекунад. Мо на танҳо бояд ба дигарон таъсир расонем, балки ҳамчунин дарҳоро барои саҳмгузорӣ аз тарафи дигарон кушоем. Ман як дугонаи наздике дорам, ки барои муттаҳид кардани духтарони Худо таҷрибаи калон дорад. Мо аллакай дер боз дугона ҳастем, ва ӯ ҳам тарафҳои қавӣ ва ҳам нозуки маро медонад.

Ба наздикӣ ман фаҳмидам, ки ба ман зарур аст, то аз вай ба таври мақсаднок хоҳиш кунам, ки дар ҷараёни “парасторӣ” дар ҳаёти ман иштирок кунад. Дар вақти қаҳванӯшӣ ман ба вай гуфтам: “Ман мехоҳам, ки ту маро ислоҳ кунӣ. Агар ту бубинӣ ё бишнавӣ, ки ман кори аҳмақонае содир мекунам ё аҳмақона сухан мегӯям, илтимос дар ин бора ба ман гап зан. Ман гумон намекунам, ки аз ҷиҳати рӯҳонӣ аллакай ба қуллаи Олимп баромадаам ё ин ки ман аз ислоҳ шуданҳо болотар меистам, вале ба ман як шахси бисёр салоҳиятдор лозим аст, ки ҳаёти маро хирадмандона роҳнамоӣ кунад”.

Вай бо мамнуният барои “парасторӣ” кардани ман бо роҳи “лесидани” он соҳаҳои ҳаёти ман, ки безеб ба назар расида метавонанд, розӣ шуд. Вале барои он, ки ин дар ҳақиқат ба амал ояд, ман бо ӯ бояд муносибати наздик дошта бошам. Ман ба таври махсус бо ӯ робитаамро нигоҳ медорам ва китобҳои ӯро хонда ва маслиҳатҳояшро шунида, аз вай панду ҳикмат мегирам. (Ба вай лозим нест, ки дар бораи он чизҳое, ки ба самъи ҳамагон возеҳона изҳор кардааст, ба таври махсус барои ман такрор кунад.) Вай хоҳиши назорат кардани маро надорад – фақат пайгирӣ мекунад, то ки обрӯи худро нарезонам! Як қисми инкишофи иҷтимоии “парасторӣ” гардида, мо ба фаҳмидан сар мекунем: ифлосии як нафар дар тамоми хоҳарон акс меёбад.

Агар, ба остонаи хонаи парастиш қадам гузошта, шумо бо салому алек рӯ ба рӯ намешавед ва барои сохтани муносибатҳои наздик имкон намеёбед, ман ба шумо пайдо кардани калисоеро маслиҳат медиҳам, ки дар он сӯҳбат ва дастгирии байниҳамдигарӣ бошад. Муносибатҳои дӯстона ва калисое, ки дар онҳо алоқаҳои наздик ва ҳамкориҳо мавҷуд нест, туро барои мақсадҳои Худо

тайёр намекунад. Вақте ки ба мо сеанси “лесолесӣ” лозим аст, ин маълум мегардад. Ман аз дугонаам-шубон хоҳиш кардам, ки маро ислоҳ кунад, чунки ман дарк намудам, ки чунин “парасторӣ” ба ман лозим аст. Ман худро барканоршуда ва бехабар ҳис кардам. Инҳо лавозимоти он қадар хуб нестанд, ва ман медонистам, ки ба ман кӯмаки ҷиддӣ лозим аст, то ки онҳоро аз ҳаёти худ барканам ва дур андозам.

Ин ҷараёни “парасторӣ” барои мо нуқтаи асосии муносибат шуда метавонад. Аз афташ, дӯстони бузургҷуссаи гурбашакли мо аз рӯи ғаризаи табиӣ он чиро фаҳмида метавонанд, ки мо, одамон, барои ин баъзан нархи калонро супорида, дарк мекунем: худро тоза кардан хатарнок буда метавонад.

## Қудсият, на тозагии бадан

Шумо дар хотир доред, ки чӣ тавр Петрус бар зидди шустани пойҳо эътироз кард, сипас, то даме ки Исо нафаҳмонид, ки майдакор нашавад, вай шустушӯи пурраи баданро талаб намуд. Исо ба вай гуфт:

> “Касе ки ғусл кардааст, фақат ба шустани пойҳояш эҳтиёҷ дорад, чунки вай тамоман пок аст; ва шумо пок ҳастед, лекин на ҳама”.
>
> Юҳанно 13:10

Ғамхории Исо бояд ғамхории мо бошад – қудсият, на тозагии бадан.

Дар ниҳояти кор маҳз ҳамин чиз масъулияти мо ҳисоб меёбад. Вақте ки маркази диққати мо худи мо ҳастем, он гоҳ тамаъкорӣ ва тағофул кардан ба сустиҳои худ занҷиргусаста мешаванд. Баъзе масеҳиҳо ба он мубтало шудаанд, ки ҳамчун шахси муқаддас ба назар намоянд, дар ҳоле ки дигаронро ба нопокӣ айбдор мекунанд. Маҳз дар ҳамин бора Исо гуфтааст:

> ...беруни пиёла ва табақро тоза мекунед, дар сурате ки даруни онҳо аз дуздӣ ва ифроткорӣ пур аст.
>
> Матто 23:25

Хеле муҳим аст, ки дар ҳамаи ин чизи асосиро аз даст надиҳем: қудсият маҳсули тозагии бадан нест, балки маҳсули тозагии қалби мо аст. Ҳаёти ҳаррӯзаи мо дасту пои моро чиркин

мегардонад, вале он наметавонад он чизеро, ки танҳо Худо пок карда метавонад, олуда гардонад. Танҳо Ӯ – Худованд Худо моро пок мегардонад!

Бесарусомонӣ ҳамон вақт рӯй медиҳад, ки агар мо бештар барои аз бадӣ канораҷӯӣ кардан диққат диҳем, на барои он, ки некӣ кунем. Дар ин ҳолат хавфе мавҷуд аст, ки ҳаёти холии мо аз тарафи дарранда ва ғаламусҳои нохонда ишғол карда мешаванд. Исо некӣ мекард, на танҳо аз бадӣ канораҷӯӣ менамуд. Некӯкорӣ мухолифи гуноҳ аст.

Некӣ бадиро мағлуб мекунад. Бадиро бо ёрии қоидаҳо ва бо кӯшиши пинҳон шудан аз он нобуд кардан ғайриимкон аст. Бале, мо бояд сарҳадҳои худро дошта бошем, ва ба мо хирад лозим аст. Бале, мо набояд дар корҳои зулмот иштирок кунем. Вале оё мо кӯшиш бар он намекунем, ки он чиро ки шустан лозим нест, бишӯем? Биёед, кӯшиш намекунем, ки худро ва дигаронро аз чизҳои нолозима тоза гардонем.

Барои пок шудан аз чашмгуруснагӣ ва тағофул кардан нисбати сустиҳои худ Исо чунин маслиҳат додааст:

> Беҳтар аст, ки аз он чи доред, садақа диҳед: он гоҳ ҳама чиз барои шумо тоза хоҳад буд.
>
> Луқо 11:41

Худо ба тозагии дарунии мо ғамхорӣ мекунад. Вай маро рӯҳбаланд мекунад, ки ба Бадани Ӯ – Калисо мавъиза кунам, ки барои кӯмак кардан ба одамон берун аз хонаҳои фавқуттозаи худ вақти чиркин кардани дастҳо ва доғдор кардани либос расидааст.

Ин дарсе буд, ки Шимъӯни фарисӣ мебоист аз худ мекард.

## Олитарин амали тозашавӣ

Исоро барои хӯроки нисфирӯзӣ ба хонаи Шимъӯни фарисӣ даъват карданд. То даме ки фоҳишаи таҳҷой ба хона надаромад, ин ҷамъомади “шахсони пок” буд. Он зан вақте шунид, ки Исо дар он ҷо аст, омад. Ва гӯё ки як худи пайдо шудани ӯ барои вайрон кардани базм нокифоя буд, вай боз бо худ як зарфи пур аз атри гаронбаҳо оварда, дар назди Исо зону зад ва бо ашкфишонӣ атрро ба пои Ӯ рехт! Шимъӯни бечора! Вай фақат мехост барои Исо ва дӯстони Ӯ як зиёфати арзанда ташкил кунад, аммо бинед, ки аҳвол чӣ шуд! Ҳамаи ин чизро дида, Шимъӯн худ ба худ гуфт:

“Агар Ӯ набӣ мебуд, медонист, ки вай кист ва чӣ гуна зан аст, ки Ӯро ламс мекунад, зеро ки вай гуноҳкор аст” (Луқо 7:39).

Он гоҳ Исо ба Шимъӯн савол дод. Вай фаҳмидан мехост, ки бештар кӣ аз бахшида шудани қарзаш миннатдор мешавад: он касе, ки камтар қарздор аст, ё он касе, ки қарзи бисёр дорад. Шимъӯн дуруст ҷавоб дод: он кас бештар миннатдор мешавад, ки бисёртар бахшида шудааст.

Ногаҳон Исо ба тарафи фоҳиша, ки ҳама вайро бошиддат сарфи назар кардан мехостанд, рӯ овард:

> *Ва ба тарафи зан рӯ гардонда,* ба Шимъӯн гуфт: «Оё ин занро мебинӣ? Ман ба хонаи ту омадам, ва ту об барои пойҳоям надодӣ; аммо вай пойҳои Маро бо ашкаш шуста, бо мӯйҳои сараш хушконид. Ту Маро бӯса накардӣ; аммо вай, аз вақти омаданам ин ҷониб, бӯсидани пойҳои Маро бас намекунад. Ту сари Маро бо равғани зайтун тадҳин накардӣ; аммо вай пойҳои Маро бо равғани атрафшон тадҳин кард. Бинобар ин ба ту мегӯям: гуноҳҳои бисёри вай омурзида шудааст барои он ки вай муҳаббати бисёре зоҳир намуд; вале касе ки кам омурзида шуда бошад, муҳаббати кам зоҳир намудааст».
>
> Луқо 7:43-47,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Ин оятҳо – сабти суханоне аст, ки дар ҳузури уламои динӣ Исо дар бораи он зан гуфт, вале боз ҳам аҳамиятноктар он суханоне мебошанд, ки Ӯ бо онҳо ба ин зан муроҷиат кард.

> Ва Ӯ ба вай гуфт: «Гуноҳҳоят омурзида шудааст». Онҳое ки бо Ӯ назди суфра нишаста буданд, дар дили худ гуфтанд: «Ин кист, ки гуноҳҳоро низ меомурзад?» Ӯ ба он зан гуфт: «Имонат туро наҷот дод; ба саломатӣ бирав».
>
> Луқо 7:48-50

Қайд кардан ҷоиз аст, ки Исо ин раҳо бахшидан аз гуноҳҳоро танҳо барои як шахсе, ки ба зиёфат таклиф нашуда буд, фароҳам овард. Барои чӣ? Чунки, бар хилофи Шимъӯн, ин зан ба Исо эҳтиром нишон дод ва пои Ӯро шуст. Вале Шимъӯн худро баланд гирифт, ва дар назди Исо фурӯтан нашуд, – аммо ин зан чунин рафтор накард.

Оё Шимъӯн низ бахшоиши гуноҳҳои худро гирифта метавонист? Албатта! Онро ҳамаи ҳозирбудагон гирифта метавонистанд. Исо дар масале, ки нақл кард, бисёр чизҳоро фаҳмонид, аммо Шимъӯн дар он лаҳза эҳтиёҷи худро барои пок гардонидани қалб, ки Исо ба амал оварда метавонист, дарк нанамуд ё эътироф кардан нахост.

Вақте ки мо худро болотар аз он медонем, ки қалбамонро пок бояд кунем, мо ба айбдор кардани дигарон сар мекунем. Дигаронро маҳкум карда, онҳоро аз он чизе, ки худи мо барояш мӯҳтоҷ ҳастем, маҳрум менамоем. Маҳз ҳамин чиз бо Шимъӯн рӯй дод. Ӯ ба шустани пойҳо эҳтиёҷ дошт. Ӯ ба муносибат сохтан мӯҳтоҷ буд. Ӯ ба шифое, ки аз тадҳин ҷорӣ мешуд, эҳтиёҷ дошт. Вале азбаски худро болотар аз ин мӯҳтоҷиҳо донист, ягонтои ин оинҳои салому алек ва парасториро ба меҳмонони худ пешниҳод накард.

## Ҷои фахрӣ

Вақте ки ман ин сатрҳоро менависам, дар ман суоле пайдо мешавад, ки оё ҳоло Исо, якбора ба роҳбарон-қоидапарастони замони мо муроҷиат карда, рӯи Худро ба сӯи занон намегардонад: “Шумо чунин меҳисобед, ки занон сазовори эътироф нестанд, чунки гуноҳи онҳо хеле бузург аст, бинобар ин шумо онҳоро сарфи назар мекунед. Шумо чунин меҳисобед, ки супориши Ман – эълон кардани Инҷил ба онҳо хеле кам дахл дорад. Вале дар мисоли ин зан Ман ҳама гуна ҳукмро аз тамоми занон бардоштам. Шумо чунин меҳисобед, ки гуноҳи Ҳавво аз гуноҳи Одам вазнинтар буд, бинобар ин шумо ба духтарони ӯ иҷозат намедиҳед, ки дар базми Ман иштирок кунанд, вале фаромӯш накунед – он касоне, ки бештар бахшида шудаанд, бештар шукргузор ҳастанд. Барои ин духтарон ҷои фахрӣ муҳайё карда мешавад, ҳатто агар онҳо ба зиёфат бо роҳи шустан ва равған молидани пойҳои Ман дохил мегарданд”.

Модашерони зебо, вақти он расид, ки мо боз бояд ба Худои мо имкон диҳем, ки аз мо ифтихор кунад. Ва барои он ки ин амалӣ шавад, ман мехоҳам пойҳои касеро бишӯям ва ба шустани пойҳои худ иҷозат диҳам. Биёед барои иҷро кардани ҳар кор, барои рафтан ба ҳар ҷо тайёр мешавем, фақат ин ки ба сӯи мо нигоҳ карда, Исо аз мо фахр кунад. Шимъӯн гумон кард, ки ин зани сабукпой ба Исо “часпида”, ӯро нороҳат кард, – вале Худи Исо

кӯшиши ноқулайи вайро кори аъло ҳисобид. Агар дар дафъаҳои аввал кӯшишҳои шумо моҳирона нашавад, зиқ нашавед. Танҳо барои шурӯъ кардан худро бахшед. Биёед ҳама якҷоя дар қалби Исо таассуроте ба вуҷуд меорем, то ки Вай гуфта тавонад: "Ман аз муҳаббате, ки онҳо ба Ман зоҳир карданд, дар ҳайрат ҳастам".

Биёед барои Худованди мо ягон кори хеле аҳамиятнокро иҷро мекунем. Вақте ки мо бо саховат муҳаббат медиҳем, парасторӣ мекунем, ва дигаронро қабул мекунем, мо Ӯро аз муҳаббати худ саршор мегардонем. Биёед якдигарро пеш аз баргаштани Ӯ ва эҳёи худ тадҳин кунем. Биёед пойҳои якдигарро ҳатто бо оби дида мешӯем. Бигзор онҳо то ба қадри кифоя ҷамъ шудан ошкоро ҷорӣ шаванд, то ки чангу ғубор аз пойҳои Калисо шуста гардад. Биёед барои гуноҳҳои худ ва барои он беадолатие, ки нисбат ба занон ва бачагон дар дунё ба амал оварда мешавад, гиряву нола кунем. Агар раҳму шафқате, ки нисбат ба шумо зоҳир гардидааст, нокифоя бошад, то ки аз чашмони шумо ашкро ҷорӣ созад, пас бигзор инро ночории аҳволе, ки бисёр духтарони асир ба он афтода мондаанд, ба амал орад. Ашкони шумо пойҳои дигаронро мешӯянд ва Худованди моро боло мебардоранд.

Салому алек ва парастории модашерон тимсоли он аст, ки чӣ тавр мо қабул кардан ва мансуби якдигар буданро нишон медиҳем. Салому алеки мо нишон медиҳад, ки мо якдигарро чӣ гуна мешиносем (ҳамчун роҳбарони худ, дӯстон ё шогирдони худ). Чӣ тавр шинохта шудани ту муайян мекунад, ки чӣ тавр туро "парасторӣ" мекунанд. Мисоли модашерон дар бораи он мегӯяд, ки касеро парасторӣ карда, мо арзиши ӯро эътироф мекунем. Бо ин эътирофкунӣ мо ҳамчунин фурӯтанӣ ва эҳтиромро намоён мекунем. Салому алеки мо бояд гӯяд: "Ман туро медонам. Ман туро қадр мекунам. Аммо дар мавриди чиркиние, ки баъд аз гузаштан аз он водӣ боқӣ мондааст, иҷозат деҳ, ки барои шустани он ба ту кӯмак кунам".

Ман худи ҳозир аз вохӯрии дурӯза бо "модашерон" баргаштам. Дар ин гуна вохӯриҳо ман ба таври ҳамешагӣ иштирок мекунам. Вохӯрӣ карда, мо якдигарро ба оғӯш мекашем. Дар ҳузури якдигар мо бароҳат ва ором ҳастем. Шашкаса мо ду ҳуҷраро дар меҳмонхона банд кардем. Мо якҷоя хоб кардем ва бедор шудем. Дар давоми рӯз мо якдигарро бо қаҳва ва хӯрок меҳмон кардем. Вақти шом, пиҷамаҳоро пӯшида, барои сӯҳбат кардан ва "парасторӣ" намудани якдигар ҷамъ шудем.

Мо дилкушод будан ва озодона қалбҳои худро ба якдигар холӣ карданро ёд гирифтем. Дар байни ҳамаи ин дугонаҳои меҳрубон модарони дилшикаста ҳастанд; модароне, ки то ҳол барои худ паноҳгоҳ наёфта, мусофир ҳастанд; ҷанговари хасташуда ва орзупарвари боғайрат.

Шоми аввалро мо бо салому алек гузаронидем ("Ман туро дӯст медорам! Ман туро пазмон шуда будам!"). Аз рӯзи оянда мо ҷараёни "парасториро" ("Ту чӣ хел?") сар кардем. Мо ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи якдигарро медонем. Мо мефаҳмем, ки баъзан онҳо айни ҳамон як чиз мебошанд. Мо ба якдигар саволҳои мураккаб медиҳем. Якҷоя механдем, гиря мекунем, дуо мегӯем ва тарсҳо, гуноҳҳо ва сустиҳои худро эътироф менамоем. Мо вохӯриро бо дуо барои якдигар, барои фарзандонамон ва барои ояндаамон тамом мекунем. Ман бо хастагӣ бармегардам, вале хурсанд ҳастам: канаҳо дур карда шудаанд, чиркиниҳо тоза карда шудаанд, пойҳо шуста шудаанд.

Ман аз ҷараёни "парасторӣ" лаззат бурданро ёд гирифтам, чунки медонам: ин хоҳарон-модашерон маро дӯст медоранд ва доимо дастгирӣ мекунанд. Ман медонам, ки онҳо барои ман чӣ қадар пурқиматанд, ва онҳо медонанд, ки ман барои онҳо чӣ қадар пурқимат ҳастам. Баъзе вақт дар мо гуногунандешӣ аст, вале ин маъно надорад, ки робитаҳоямонро меканем.

Кӣ ҳастанд онҳо – он заноне, ки дар ҳаёт ту бояд онҳоро салому табрик гӯӣ? Ба кадоме аз одамон, ки дар атрофи ту ҳастанд, "парастории" ту кӯмак мекунад? Ва оё касе ҳаст, ки ту аз ӯ дар ҷараёни "парастории" худ иштирок карданашро талаб карда метавонӣ?

# 8

# Модашерон ба таври стратегӣ фикр ва амал мекунанд

Ва рӯҳи адлу инсоф барои онҳое ки бар курсии доварӣ менишинанд, ва қудрат барои онҳое ки ҷангро сӯи дарвоза бармегардонанд.

ИШАЪЁ 28:6

Модашерон – на аз ҳама қавитарин ҳайвонот дар саванна мебошанд, вале камбудии қуввати худро бо стратегия ва дил ҷуброн мекунанд. Хоҳарон-модашерони мо ҳамчун гурӯҳи хешовандоне, ки ба як дастаи стратегӣ муттаҳид шудаанд, бо якдигар ҳамкорӣ мекунанд. Гала аз хоҳарон, холаҳо, модарон, духтарон, амакзодаҳо иборат аст. Ҳамаи онҳо алоқаҳои хешу таборӣ доранд ва бинобар ин ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи якдигарро хуб медонанд. Дар ҷараёни шикор, ҷустуҷӯи навзоди гумшуда ё тарбия ва муҳофизати насли ҷавон ҳар як модашер дар гала нақши худро мебозад ва саҳми худро мегузорад.

Биёед дар аввал раванди шикорро дида мебароем. Ҳангоми шикори модашерон се омили муҳим эътибор пайдо мекунанд: ба ҳисоб гирифтани вақт, пинҳонӣ амал кардан ва масофа. Барои модашер ба ҳисоб гирифтани вақт на танҳо нақши асосӣ дорад – он ҳама чизро ҳал мекунад. Вай таҷрибае андӯхтааст, ки мо низ бояд ёд гирем: вақтро иттифоқчии худ гардонем. Барои муайян кардани вақти мусоид барои шикор, модашер омили вақт ва равшаниро бо ҳам мувофиқ месозад. Вай дар он соат, ки ҳолати муҳити атроф барои вай бештар аз ҳама мусоидтар, яъне дар нимторикӣ, пеш аз

ғуруби офтоб ё тулӯи он, шикор мекунад. Ҳеҷ кас ғуруби офтобро тезтар карда ё тулӯи офтобро мавқуф гузошта наметавонад, бинобар ин модашер босаброна ва мақсаднок интизор мешавад. Нимторикӣ пинҳонӣ амал карданро осон мекунад ва барои ниҳоят дараҷа наздик шудан ба сайд ёрӣ мерасонад. Дар нимторикӣ қобилияти биноии аксар ҳайвоноти саваннаи африқоӣ суст мешавад, дар ҳоле ки биниши модашерон чун пештара тез мемонад (баъдтар дар ин бора бештар гап мезанем).

Вақте ки рӯшноӣ барои шикор мусоид мегардад, вай ба мақсади худ омилҳои фурсати муносиб барои ҳамла ва камингоҳро илова мекунад.

Дар бисёр ҳолатҳо модашерон дар маҳалли кушод пинҳон мешаванд. Онҳо гӯё ки ҳеҷ чиз рӯй надода бошад, дар тарафи шамолпанаҳ аз сайди худ ҷойгир шуда, дар равшании рӯз пайдо мешаванд. Барои худ ҷои беҳтаринро муайян карда, модашер ба замин дароз мекашад.

Акнун тӯдаи ҷонварон аз пайдо шудани модашер безобита мешаванд. Ҳузури вай дар водӣ ҳамаи зиндаҳоро ба ларза меорад, ва онҳое, ки дар наздиктари вай ҷойгир ҳастанд, ба воҳима меафтанд ва шитобон пароканда мешаванд. Ҷонварони ҳаросон баргашта нигоҳ мекунанд, ки оё модашер онҳоро таъқиб мекунад ё не. Вале модашер аз ҷой намеҷунбад. Ҳоло фурсат нарасидааст. Вай дар алафи зарринтоб қариб ноаён ва беҳаракат аст. Вай ҳатто дар вақти интизорӣ пинак рафта метавонад, вале хоби вай чуқур нест. Вай ҳамту дар интизории фурсати қулай қувват зам мекунад, то ки ба амал кардан шурӯъ намояд.

Тӯдаи ҷонварони ҳаросон ором мешаванд, ва модашерро фаромӯш мекунанд. Онҳо боз сарашонро хам карда, ба хӯрдани алаф давом медиҳанд. Модашери беҳаракат айнан бо намуди манзара ҳамранг мешавад, ва тӯъмаи ояндаи вай ба ҳузури модашер одат мекунад ва бепарво мешавад, бехабар аз он ки чунин ҳамсоягӣ чӣ қадар хавфнок аст. Модашер барои ба вуҷуд овардани ҳолати фориғболона дар тӯъмаи худ, яъне ба он нияте, ки дошт, муваффақ шуд. Акнун модашер ба амал кардан мегузарад.

Вақте ки нимторикӣ фаро мерасад, модашер ба замин часпида оҳиста мехазад. Панҷаҳои калони вай қариб бесадо ҳаракат мекунанд. Пеш аз ноҷунбон шудан вай сарашро ба замин хам мекунад, то ки масофаро то тӯъма баҳо диҳад. Ҳамлаи ногаҳонӣ ва аниқ будан барои ҷаҳиши

муваффақиятнок ҳалкунанда мебошанд, чунки вай бо ғизоли тездав аз ҷиҳати суръати давиш баробар шуда наметавонад.

Ногаҳон модашер аз камингоҳ хез мезанад. Ғизол ба даҳшат афтода, аз ҷояш рамида мегурезад; пойҳои ақиби вай аз дандонҳои модашер, ки тӯъмаро газида, ғасб кардан мехоҳанд, базӯр раҳо мешаванд. Таъқиб давом мекунад. Ғизол дар ғафлат монда, аз тарс намефаҳмад, ки вай рост ба он ҷое медавад, ки вайро дом интизор аст. Дар сари роҳи вай модашери дигар пайдо мешавад. Ғизол тоб мехӯрад, то ки аз дарранда раҳо шавад, вале дар рӯ ба рӯи вай боз як даррандаи дигар намоён мешавад. Қатл зуд ва қариб беозор иҷро карда мешавад.

Оё модашери аввал хато кард? Шояд, ҳа, ҳам шояд, не, вале ба як чиз ҷои шубҳа нест – вай як қисми нақшаи хеле пухтакоронаи стратегӣ буд. Модашерон аз оилаи гурбашаклҳо ягона даррандагоне мебошанд, ки ҳамчун дастаи бонизом ба шикор кардан қобил ҳастанд. Палангҳо, леопардҳо, пантераҳо, гепардҳо дар танҳоӣ шикор мекунанд, ва танҳо модашерон – якҷоя. Онҳо шикорчиёни хеле моҳир мебошанд. Ҳар як модашер мавқеи худро ишғол мекунад ва маҳорати шикорчигиашро дар шарокати хоҳарони худ аз гала ривоҷ медиҳад. Шерон бо он машҳуранд, ки онҳо фикр нокарда, бо нияти ба даст даровардани аввалин тӯъмае, ки рӯ ба рӯ мешавад, ба тӯда ҳамла мекунанд. Дар ниҳояти кор, шер қотили даҳшатнок аст. Вале модашерон шитоб намекунанд... онҳо мерақсанд. Шикори хуб ба нақша гирифтаи онҳо касро мафтун мекунад. Ана барои ҳамин модашер таҷассуми шуҷоати сайёдӣ ба шумор меравад.

## Шуҷоат

Ба ман калимаи “шуҷоат” маъқул аст. Ба ман ҳиссиёте, ки аз талаффуз кардани он маро фаро мегирад, маъқул аст. Биё, кӯшиш карда бин... Шуҷоооааат!

Дер боз ман бо одамон сӯҳбат карда истода, калимаи *“шуҷоат”*-ро истифода мебарам. Ва ҳама вақт ин калима ҳайратро ба вуҷуд меорад. *“Шуҷоат”* – калимаи фишурданашуда аст, ва то ҳол барои фишурдан ва зудудани маънои аввалаи он муваффақ нашудаанд. Ба мисли модашер шуҷоат аз баъзе ҷиҳатҳо иззату икромро ба вуҷуд меорад: ин ҳарфҳо бо як қуввати пурасрор фаро гирифта шудаанд.

Ҷавонзаноне, ки бо ман сафар мекунанд, ин калимаро бо калимаҳои дигар якҷоя карда, истифода мебаранд, то бубинанд, ки

кадом ибораҳо самаранок мешаванд.Онҳо дар бораи шуҷоате гап мезананд, ки барои сайёҳон зарур аст; дар бораи шуҷоате, ки ҳар як одам ҳангоми чизҳои худро ба бағоч супоридан зоҳир мекунад; дар бораи шуҷоатмандона борпеч кардани чизҳои худ; дар бораи шуҷоатмандӣ дар дуо ва шуҷоатмандӣ дар мавъиза кардан. Мо мехоҳем, ки калимаи "шуҷоат" калимаи нави серистеъмол гардад.

Агар ҷиддӣ карда гӯем, баъзе ҷиҳатҳои маънои калимаи "шуҷоат" мавҷуд мебошад, ки занон бояд аз худ кунанд ва дар ҳаёти худ ифода намоянд, – ҳадди ақал, ман хеле мехостам, ки онҳо ин корро ба амал биёранд. Ғайр аз якҷоякунии "шуҷоат" бо калимаи "шикор" (ҳамчун, мисол, вақте мо мегӯем, ки модашер мисоли хуби шикорчии шуҷоатманд аст), ман боз мехостам, ки бисёртар ибораҳоро ба мисли *"шуҷоати боздоштанашаванда", "шуҷоати стратегӣ", "шуҷоати инноватсионӣ", "шуҷоат дар тарбия кардани бачаҳо", "шуҷоат дар тарзи кору зиндагӣ", "шуҷоат дар сӯҳбат"* вохӯрам.

Вариантҳои имконпазир бисёранд. Вале модашер дар бораи шуҷоат гап намезанад – худи вай шуҷоат аст.

Агар шуҷоат шакли худро медошт, пас он гурбашакл мебуд. Гарчанде ман сагҳоро хеле дӯст медорам, ба ман муяссар намешавад, ки истилоҳи "шуҷоат"-ро бо саги зотии йоркширкии худ мувофиқ кунам. Агар шуҷоат ранг медошт, ман гумон мекунам, ки он тиллоранг мебуд. Таркиб? Пашми мавҷнок. Шуҷоат гашти мақсаднок дорад ва, аз рӯи зарурат, на он қадар лағжиши намоён. Шуҷоатро базӯракӣ аз худ фишурда баровардан ё инъикос кардан номумкин аст, вале онро инкишоф додан мумкин ва зарур аст. Агар он дар ту мавҷуд бошад, пас ту онро дошта метавонӣ. Шуҷоат ин хислатест, ки модашерро қавӣ мегардонад. Вай аз қуввати худ наметарсад. Баръакс, ин қувват ӯро ба худ дилпур мегардонад.

Мутобиқи луғати *Encarta*, ки дар компютери ман ҷойгир карда шудааст, *"шуҷоат"* (англ. *prowess*), бо чунин мафҳумҳо, ба монанди "чолокӣ, маҳорат, далерӣ, салоҳиятдор, тавоноӣ, чобукӣ" алоқаманд аст. Ба ғайр аз ин, ба ман ду таърифи калимаи *prowess* маъқул аст: "1) қобилият, маҳорат ва тавоноии дараҷаи баланд; 2) ҷасорат ва мардонагии фавқулодда".

Ҳамчун модашер ту низ шуҷоат дорӣ. Ин қуввату ҷасорат ва қобилияти фавқулодда аст, ки дар ҳаёти ту лаҳзаи озодшавиро интизор аст. Эҳтимол, вай нуҳуфта аст ва танҳо суханони рӯҳбаландкунандаро интизор аст, то ки ба ошкор шудан сар кунад,

вале ҳеҷ гоҳ дар бораи он шубҳа накун, ки он дар даруни туст. Худо қобилият ва истеъдодҳои бузургро чуқур дар ботини ҳар яки мо ҷойгир кардааст. Ва вазифаи мо онро ошкор кардан ва инкишоф додан аст. Шуҷоат гуфта метавонад: "Ман ҳама чизро намедонам ва ҳама корро иҷро карда наметавонам, вале он чиро ки ман медонам, кӯшиш мекунам, ки ба дараҷаи аъло иҷро кунам". Аксар вақт шуҷоат ҳангоми бозӣ намоён мешавад – вақте ки мо ба ягон бозӣ ё варзиш машғул мешавем ва ё шӯхикунон ягон нақшҳоро иҷро мекунем. Оё дар дохили ту чизе ҳаст, ки ба берун баромада, дар пеши назари ҳама намудор шудан мехоҳад. Эҳтимол, ин маҳз тухмии шуҷоат мебошад, ки андаруни ту садо мебарорад, вақте ки ту модашеронро мебинӣ, ки далерона ба сӯи мақсадҳои худ мешитобанд. Онҳо хоҳ шикор мекунанд, навзодони худро ҳимоя менамоянд ё машқ медиҳанд – ҳар корро хуб иҷро мекунанд.

Барои чӣ модашерон таҷассуми шикорчии шуҷоатманд ба ҳисоб мераванд? Онҳо ба якдигар рақобат накарда ва барои мавқеъ ва мақом қувваозмоӣ нанамуда, якҷоя шикор мекунанд. Саҳм ва ҳиссаи ҳар як зан ба таври баробар аҳамиятноканд. Ту танҳо бояд қадру қимати худро бидонӣ! Тақлид кардан ба истеъдодҳои дигарон ба ҳеҷ кас фоидае намеорад, ва махсусан барои худи ту. Нотакрор будан дар натиҷаи муқоиса, тақлид ё рақобат кардан ба вуҷуд намеояд. Ҳар як модашер тавоноии шахсии худро мукаммал мегардонад. Агар мо ин намунаро пайравӣ кунем, хуб мешавад.

> Ҳамчунин мо, ки бисёрем, як баданро дар Масеҳ ташкил мекунем, аммо ҳар яке ба танҳоӣ андоми якдигарем; Ва ба ҳасби файзе ки ба мо дода шудааст, атоҳои гуногун дорем: агар атои нубувват дошта бошӣ, ба андозаи имон нубувват кун;
>
> Румиён 12:5-6,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Ман дар анҷуманҳое иштирок мекунам, ки суханварони баландистеъдод мавъиза мекунанд. Баъд аз онҳо баромад карда истода, ман худро дилпур ҳис намекардам. Бо воситаи кӯшишҳо ва хатоҳо ман фаҳмидам, ки илоҷи ягона ин версияи аз ҳама беҳтарини худ будан аст. Дар ёд дошта бош, ҳеҷ кас туро барои он даъват намекунад, ки ягон каси дигарро инъикос кунӣ. Ба онҳо ту даркор ҳастӣ.

Вақте ки ман дар ояти дар боло зикршуда дар бораи он ки "мо

ҳама як баданро дар Масеҳ ташкил мекунем" мехонам, он гоҳ истилоҳи "шуҷоат"-ро ба хотир меорам ва дар бораи он андеша мекунам, ки худ як офарида шудани ту бо мафҳумҳои иззату икром ва мӯъҷиза пайванд аст. Зеро ки Худо ба ту на рӯҳи тарсу ҳаросро, балки рӯҳи қувват ва муҳаббат ва парҳезгорӣ додааст (ниг: 2 Тимотиюс 1:7) . Ту ба таври аҷиб офарида шудаӣ (дар бисёр тарҷумаҳои англисӣ – "бо эҳтиром, бо тарсу ларз офарида шудаӣ"), ва ҳаргиз тарсону ҳаросон офарида нашудаӣ. Ту, хоҳараки азизи ман, ту дар ин ҷаҳон дар замоне пайдо шудаӣ, ки дар ҳама ҷо тарс ҳукмрон аст, ва мақсади офариниши ту он аст, ки чӣ қадар некӯ будани Худои моро намоён кунӣ. Ту барои он даъват карда шудаӣ, ки "қисми ба таври аҷоиб амалкунанда" бошӣ, ки , ба андешаи ман, боз як ифодаи шуҷоат мебошад.

Худо ҳар яки моро дар алоҳидагӣ ва якҷоя барои ишғол кардани мавқеъҳои худ даъват мекунад, чуноне ки модашерон ин тавр мекунанд – ҳар яке дар ҷои худ, ҳар яке бо қуввати худ.

Афзалияти модашерон дар шикор дар бисёр маданиятҳои африқоӣ акси худро ёфтааст. Сарбозон ё шикорчиёни машҳур бо унвони "писари модашер" мушарраф гардонида мешаванд. Диққат кунед, ки маҳз модашер ба шербачаҳо – ҳам наринаҳо ва ҳам модинаҳо – тарзи шикор карданро ёд медиҳад. Ин ҷараён ҳатто дар Китоби Муқаддас баён карда мешавад:

> Модарат чӣ модашере буд! Дар миёни шерон мехобид, андаруни шерони ҷавон бачаҳояшро мепарварид. Ва яке аз бачаҳояшро калон кард, ки вай шери ҷавон шуд, ва даридани нахҷирро ёд гирифт; одамонро мехӯрд.
>
> Ҳизқиёл 19:2-3

Вале ташвиши модашерон фақат бо навзодон тамом намешавад; дигар ҷонварон низ айни ҳамин корро мекунанд. Аммо модашерон бо он машҳуранд, ки барои модашерони калонсол ва маҷрӯҳ низ ғамхорӣ карданро давом медиҳанд. Онҳо ба мисли ширеш галаро бо ҳам пайваст мекунанд ва бо ин васила имкон фароҳам меоранд, ки гала ҳамчун воҳиди ягона амал кунад.

Шерон симоҳои барҷастае мебошанд, ки аз зоҳир кардани худ тарсе надоранд. Вале қуввати модашерон, баръакс, дар он аст, ки онҳо барои қариб пурра аз мадди назар ғоиб шудан қодир мебошанд. Онҳо дар вақти шикор ҳузури худро маълум намекунанд, чунки ин ба мақсади онҳо мувофиқ намеояд. Вақте

ки гап дар бораи таъминоти зурриёт меравад, пинҳон амал кардан гарави муваффақият мебошад. Вале агар ба шербачаҳо хатар таҳдид кунад, пас ин масъалаи тамоман дигар аст!

> Оё ту нахҷирро барои шери мода сайд менамоӣ, ва иштиҳои шерҳои ҷавонро қонеъ мегардонӣ, вақте ки онҳо дар лонаҳо мехобанд, ё дар беша нишаста, камин мегиранд?
>
> Айюб 38:39-40

Ин порча аз гуфтугӯи Худо ва Айюб мебошад. Он ба мо ошкор мекунад, ки маҳз Худо ба модашер шикор кардан, тӯъмаро таъқиб намудан ва шербачаҳоро, ки бозгашти вайро интизоранд, бо хӯрок таъмин карданро ёд медиҳад. Аҷиб, он чӣ тавр рӯй медиҳад? Оё Худои аҷиби мо модашеронро барои иҷро кардани ягон амале водор ё ташвиқ мекунад, ки он ба вай барои сайқал додани маҳорату малакаҳояш кӯмак мерасонад? Ё ҷузъиётҳои офариниш, ки бо нафаси Худо тавлид шудаанд, ба модашерон шикор кардану парвариш карданро таълим медиҳанд, чуноне ки мӯъҷизаи офариниш ҳамчунин дар мо хоҳиши ҷустани Худо ва дӯст доштани якдигарро бедор мекунад?

## Таъқибкунии ваҳшиёна

Ман фаҳмиши туро оид ба калимаи “шикор” аз маънои маҳдуди “куштан ва баъд хӯрдан” васеътар кардан мехоҳам. Калимаи *“шикор”* дар забони англисӣ инчунин маънои таъқиб кардан, ҷустуҷӯҳо ва ҳатто амали наҷотбахширо ифода мекунад. Феъли “шикор кардан” маънои *“*дунболагирӣ кардан, таъқиб намудан, қапидан, ба даст афтондан”-ро дорад. Ба ман аҷиб намуд, ки чунин феълҳо барои тасвири амалҳои худоҷӯёнаи мо истифода бурда мешаванд.

> Худовандо, Худои ман! Ба Ту паноҳ мебарам; маро аз ҳамаи таъқибкунандагонам наҷот деҳ ва халос кун.
>
> Забур 7:2

Чунин шикор шавқовар аст! Ба ман ғояи “таъқибкунии ваҳшиёна аз паси Худо”, ки тамоман ба ҳолати ба ҳамаи мо маълуми нимхобу нимбедори “вақти ором бо Худо” монанд намебошад, писанд аст. “Таъқибкунии ваҳшиёна” фаврӣ будан,

босуръатӣ ва ҷустуҷӯи мақсаднокро дар назар дорад. Ин оятро ҳамчунин аз дигар паҳлӯ, ҳамчун мисоли фирор аз ягон чизи ваҳшӣ ё хавфнок, ё убур карда гурехтан аз ҷои ваҳшатнок ва душманона ба сӯи Худо дида баромадан мумкин аст. Ба ман ҳар ду вариант маъқул аст. Ҳар ду вариант шавқовар мебошанд, гарчанде ман ғояи таъқибкунии ваҳшиёна ва хатарнокро аз паси Худо афзалтар медонам. Ман ҳамчунин он фикреро меписандам, ки Худованд бо чунин суръати ваҳшиёна аз паси ман таъқиб карда метавонад. Баъзан, ба силсилаи кӯҳҳое, ки аз тирезаи ман намудор ҳастанд, нигоҳ карда, ман пичиррос мезанам: “Худо, Ту кистӣ? Ман худамро дар партави қудрат ва қуввати Ту шинохтан мехоҳам!”.

Албатта, ман дар назар надорам, ки шикор карда, Худоро ба даст даровардан мумкин аст. Дар ин бора ҳатто фикр кардан нашояд. Вале ба мо баъзан муяссар мешавад, ки нури пурҷалоли Ӯро дошта тавонем. Дар Ӯ ҳар чизе, ки ман меҷӯям, ниҳон аст. Азизи ман, ман ҳоло ҳеҷ гоҳ чунин даъвати бебозгаштро барои шикор кардан эҳсос накарда будам. Ҳозир айни ҳамон вақте аст, ки аз паси Худо мебояд давид.

Чуноне ки модашер дар интизорӣ оромӣ меёбад, интизории муваққатӣ як қисми дунболагирии мо аз паси Худо мебошад. Сарояндаи Забур навиштааст:

> Ба суханонам, эй Худованд, гӯш андоз, андешаҳоямро бифаҳм.
>
> Забур 5:2

“Шикор кардан” ҳамчунин маънои “ҷустан”-ро дорад. Ин маънои калима ҳама чиро ки мо аллакай гуфтем, инъикос мекунад.

Ҳамчун духтарони Худои Бузург, мо ҷавобҳо, хирад ва қувватро меҷӯем. Мо аз қафои Худо медавем, то ки Ӯ моро дошта тавонад; ва вақте ки Вай моро медорад, мо инъикоси равшанӣ ва ҳаёти Ӯ барои дигар одамон мегардем.

> Пас, некӯӣ ва эҳсон тамоми айёми умрам бо ман ҳамроҳӣ хоҳанд кард, ва ман муддати дуру дароз дар хонаи Худованд сокин хоҳам буд.
>
> Забур 22:6

Хирад ва машваратро дар ҷамъияти заноне, ки на танҳо худ аз паси Худо давидаанд, балки дунболагирии Ӯро аз паси худ аз сар гузаронидаанд, пайдо кардан мумкин аст. Ҳар яке аз ин

занон, ки чунин бедории ғайриоддиро аз сар гузаронидаанд, як ҳиссаи муҳаббат ва дилсӯзии Худоро ба дигарон тақсим карда метавонанд. Замин интизор ба он мешавад, ки вақте зебоӣ ва муҳаббати Худо ҷамъияти занонро на танҳо фаро мегирад, балки сафарбар мекунад, чӣ рӯй медиҳад. Ту, азизи ман, як қисми роҳпаймоӣ аз паси ҳақиқат ва ошкоршавӣ оид ба он ҳастӣ, ки ба ин ҷаҳон чӣ гуна ҷавобҳо лозим мебошанд. Дар роҳпаймоӣ, ки дар он мо хоҳарон-ҳамкорони худ ва вохӯриҳоеро, ки Худо ба нақша гирифтааст, пайдо мекунем, мо танҳо бо ошкоршавӣ оид ба Шери мо – Исо раҳсипор мешавем. Саволҳое ҳастанд, ки танҳо занон ба таври дуруст пурсида метавонанд. Масъалаҳое ҳастанд, ки ба ҷаҳон маълум кардани онҳоро Худо маҳз ба мо супурдааст. Барои ба амал баровардани ин мақсад, мо якҷоя ҷамъ мешавем.

Пеш аз он ки хоҳарон-модшерони мо шикор карданро сар мекунанд, онҳо якҷоя ҷамъ мешаванд. Якҷоя истироҳат мекунанд, гурусна мешаванд, хамёза мекашанд ва бармехезанд. Онҳо якҷоя мавқеи худро барои шикор кардан ишғол мекунанд, ва баъд аз ҳама чиз бошад, якҷоя зиёфат мехӯранд. Сипас ин доираи амалҳо боз такрор мешавад. Мавқеъҳо дигар шуда метавонанд, вале модашерон ба ҳар ҳол якҷоя боқӣ мемонанд!

Маргарет Мид, маданиятшинос ва антропологи бисёр хуб, пас аз солҳои зиёди омӯзиши маданиятҳои гуногун ба хулосаи зерин омад: “Муносибатҳои хоҳарон, шояд, дар байни ҳама гуна муносибатҳои оилавӣ аз ҳама рақобатнок бошанд. Аммо вақте ки хоҳарон ба воя мерасанд ва калонсол мешаванд, ин муносибатҳо ба муносибатҳои аз ҳама мустаҳкамтарин табдил меёбанд”.

Ин суханонро хонда, ман дарҳол фикр кардам: “Ана дар асл чӣ рӯй дода истодааст! Мо калон мешавем ва ба камол мерасем!”.

Барои китоби худ *“Қуввати ғамхории занона”* мавод ҷамъ карда истода, ман мушоҳида кардам, ки аз нигоҳи фаҳмишҳои стратегии мақсадҳои Худо мисолҳои библиявии занон дар бобати якҷоя бунёд кардани ҳаёти худ қариб мавҷуд нестанд. Ман андешакунон ҳатто каме зиқ шудам, ки чӣ тавр мисоли занонеро, ки яке ба дигарашон дугонаҳо ва шахсони боэътимод бошанд, пайдо кунам. Ман сахт фаҳмидан мехостам, ки кадом мисолро пайравӣ намоям. Бубинед, ки мо ба монанди модашерон, то даме ки Рӯҳулқудс моро аз ҷараёни муайян нагузаронад, барнамехезем.

Дар ҳоле ки ман аз паи дарёфти мисол Навиштаҷотро таҳқиқ мекардам, ман ҳис кардам, ки Рӯҳулқудс ба ман пичиррос зад:

“Корнома дар бораи духтарон айни ҳозир навишта мешавад. Ба духтарони Ман бигӯ, ки ин достонро онҳо бо таври аъло бинависанд!”.

Ман туро оид ба он, ки саҳми ту чӣ қадар асоситарин ва ҷудонашавандатарин қисми ҳалли масъала шуда метавонад, дар ғафлат гузошта, таваккал кардан намехоҳам. Оё ту мефаҳмӣ, ки ин чӣ маъно дорад? Ҳар яки мо шахсан ва ҳама дар якҷоягӣ достони духтарони Худоро менависем, ки бо риштаҳои хешутабории гурӯҳи хоҳарон пайванд мебошад. Онҳо якҷоя ҷамъ мешаванд, то ки достони зиндагии худро ба таври аъло бинависанд ва ҳеҷ як сухан, ҳеҷ як амал ва ҳеҷ як қарорро беҳуда сарф намекунанд. Ман мебинам, ки чӣ тавр дар ин гуна ҷамъомад модашерони Худо бо қуввати шикастнопазир, бо зебоӣ ва чобукӣ бармехезанд.

## Саъю кӯшиш ба адолат

Мо на танҳо барои кӯшиши шинохтани Худо ва ҷавобҳои Ӯ муттаҳид мешавем – барои мо ҳамчунин вақти он расидааст, ки баҳри ҳимояи адолат бархезем. Барои ин маълумоти ҳуқуқшиносӣ доштан ҳатмӣ нест. Адолат бояд тарзи ҳаётгузаронӣ гардад. Кишвари мо ҳамчун паноҳгоҳ аз оқибатҳои харобиовари беадолатӣ бунёд карда шуда буд. Системаи ҳуқуқии мо судҳоро ба ҳайси даргоҳҳои муқаддасе барқарор кардааст, ки бояд дар он ҳақиқат ҳимоя карда шавад. Вале қарорҳои судие, ки ба наздикӣ овоза пахн карданд, ба фикр кардан водор мекунанд, ки оё онҳо барои ҳуқуқшиносҳои фиребгар ба як саҳнаи нақшбозӣ табдил наёфтааст.

> Ва рӯҳи адлу инсоф барои онҳое ки бар курсии доварӣ менишинанд, ва қудрат барои онҳое ки ҷангро сӯи дарвоза бармегардонанд.
>
> Ишаъё 28:6

Ин оят кушоиши аҷиберо дар бар мегирад. Адолат ин як чизи бузургтаре нисбат ба иҷро кардани маҷмӯи қонунҳо мебошад. Он аз фикррони ва амал иборат аст. Ба мо кушоиши хирад лозим аст, то ки доварон ва вакилони маҳкамаи суд чунин ҳукмномаҳоро ба тасвиб расонанд, ки халқ ва рафтори онро аз беадолатӣ дуртар баранд, яъне барои ба амал баровардани адолат ҳидоят

кунанд. Поягузории адолати ҳақиқӣ ба ҳимоятгарони қавӣ ва аввалиндараҷа ниёз дорад.

Вақтҳое буданд, ки калимаи “адолат” ҳамчун нишонаи махсуси кишвари мо истифода бурда мешуд. Шиори яке аз қаҳрамонони солҳои бачагии ман чунин буд: “Ҳақиқат, адолат ва роҳи амрикоӣ”.

> Зеро ки доварӣ сӯи адолат хоҳад баргашт, ва ҳамаи ростдилон онро пайравӣ хоҳанд кард.
>
> Забур 93:15

Мо бояд адолатро эҳё кунем. Метарсам, ки системаи ҳуқуқии мо эҳсоси суди одилонаро гум кардааст. Одамони покдил баҳри адолат кӯшиш мекунанд. Вақте ки дили ту рост аст, беадолатӣ кароҳиятро ба вуҷуд меорад. Ман ҳоло на танҳо дар бораи системаи судӣ сухан меронам – ин бояд ба ҳар як соҳаи ҳаёт дахл дошта бошад. То даме ки мо интизори он мешавем, ки давлат, калисо ё ягон каси дигар адолатро дар ҷаҳон барқарор месозад, занон ва кӯдакон мемиранд. Фикр мекунам, ҳамаи мо, ҳадди ақал дар бораи он ҳамфикр мешавем, ки кӯшиш барои адолат наҷоти кӯдаконро аз ҳар чизе, ки ба онҳо зарар мерасонад, дар бар мегирад.

Модашерон маҳорат ва шуҷоати худро истифода бурда, ба таври дастаӣ амал мекунанд ва шербачагони галаро муҳофизат менамоянд. Агар ба шербачагон хатар таҳдид кунад, модашер сарбозе мегардад, ки дорои стратегия аст. Ман филмеро дар бораи он тамошо кардам, ки чӣ тавр мори айнакдор (кобра) муваффақ шуд, ки ба галаи шерон роҳ ёбад. Гарчанде душмани қаттол дар байни онҳо буд, модашерон ором буданд. Аксуламали онҳо оромона, мураттаб ва “таҳлияи” таъхирнопазири шербачагон ба ҷои бехавф буд. Ҳар як модашер аз пушти гардани шербачаи наздиктарин гирифт ва онро зуд аз мори заҳрафкан дуртар буд. Як модашер бо шербачагон боқӣ монд, дар ҳоле ки хоҳарони вай баргашта ба назди онҳое рафтанд, ки дар макони аввала монда буданд, то ки ҷойивазкунии морро назорат кунанд.

Ман ҳайрон шудам, ки то даме ки шербачаҳо дар наздик истода буданд, хиради модашерон кофӣ буд, ки бо мор ҷангро сар накунанд. Вагарна навзодон на танҳо дар хатар мемонданд, балки ҳам халал мерасониданд. Онҳоро аз хавф раҳо карда, модашерон акнун барои дафъ ё нобуд кардани мор кӯшиш

карда метавонистанд. Дар аксуламали табиии онҳо фаҳмиши чуқури тактика ва стратегия намоён шуд.

Модашер омода аст, ки фидокорона ҳамаи навзодони галаи худро муҳофизат кунад. Вай на шербачаи худаш ва на бегонаро ба хатар ҳавола намекунад. Модинаҳо на танҳо якҷоя шикор мекунанд, балки бачаҳои худро якҷоя тарбия ҳам мекунанд. Ба ҳамин тариқ мо низ бояд ба он машғул бошем, ки кӯдакони тамоми ҷаҳонро аз хавфу хатарҳое, ки ҳаёт ва саломатии онҳо таҳдид мекунад, эмин гардонем. Танҳо дар бораи фарзандони худ ғамхорӣ кардан кифоя нест. Мо ҳам дар хона ва ҳам берун аз он ҷанг мекунем. Биёед барои ҳимояи онҳое, ки дар паҳлӯямон ҳастанд ва барои онҳое, ки аз мо дур мебошанд, бармехезем.

Модашерон барои ҳимоя кардан он қадар саъю кӯшиши сахт доранд, ки онҳо ҳанӯз пеш аз бордор шудан ба он тайёрӣ мебинанд. Ба туфайли тартиби Худо дар табиат модашерон имкон доранд, ки ҷараёни репродуктивии худро бо ҳамдигар мувофиқ кунанд. Бо ин тарз, онҳо дар як вақт бордор мешаванд ва таваллуд мекунанд.

Бо ҳамин тариқ, моҳиятан, тамоми гала дар як вақт ҳомиладор мешавад. Модашерон медонанд, ки шербачаҳои як синну сол ба туфайли дастрасии баробар ба хӯрок ва таълим барои зинда мондан имкони бисёртар доранд. Агар дар ҳама ҷо ин навзодони зарринтоб ғел мезананд, пас дар дар бобати модарони ғизодиҳанда низ камбудӣ мавҷуд нест. Азбаски гала аз модинаҳои хешу табор иборат аст, модашерон бачаҳои якдигарро мехӯронанд ва тарбия мекунанд. Афзалияти бузурге дар он мавҷуд мебошад, ки шербача дар гала якҷоя бо бародарону хоҳарони ҳамсинну сол ва баробарҷусса калон мешавад. Ин ҳолат дар сабку услуби қувваозмоиҳои таълимӣ, ғизодиҳӣ, истироҳат ва бозӣ шабоҳатро ба вуҷуд меорад, ки ба таври автоматикӣ ба инкишофи маҳорату тавоноии таҳкимбахши якдигар мусоидат мекунад, ва ҳамчунин на танҳо зинда мондани танҳо худи шербачаро, балки ҳам галаи ояндаи ӯро таъмин месозад.

Модашерон намунаи рафтори дурустро нишон дода, навзодонро тарбия мекунанд. Дар табиати ваҳшӣ ҳаққи хатогӣ содир кардан қариб ки мавҷуд нест. Агар шербача маҷмӯи муайяни малакаҳоро аз худ накунад, вай ҳам ҳаёти худашро ва ҳам тақдири галаро дар зери хатар мегузорад.

Модашерони ҷавон бозикунон шикор карданро ёд мегиранд. Ҳанӯз дар овони наврасӣ онҳо ҷузъиётҳои шикорро аз худ мекунанд. Модар-модашер дароз мекашад, ва шербачаҳоеро, ки дар наздаш ҷастухез ва бозӣ мекунанд, мушоҳида мекунад. Модарон ба бозии онҳо ҳамроҳ шуда метавонанд. Модашерон на танҳо бо навзодон, балки бо якдигар ҳам зӯрозмоӣ мекунанд. Онҳо ба шербачаҳо иҷозат медиҳанд, ки қуввати онҳоро ҳис кунанд, дар ҳоле ки онҳо меафтанд, ба якдигар кашмакаш мекунанд ва ғел мезананд. Агар бозӣ аз ҳад гузарад, модар-модашер ҳамеша дар назди онҳо аст, то бо як наъра задан ё бо як зарбаи сабук шербачаи гузароро ором кунад.

Ин вақтхушиҳо мақсади муайян доранд – барои намоён шудани ҷиҳатҳои қавии ҳар як аъзои гала кӯмак кардан. Вақте ки мо механдем ва ба бозиҳои хушҳолкунанда (рекреатсионӣ) машғул мешавем, ин ба Худо писанд аст. Худи калимаи “рекреатсия”-ро, ки истироҳати фаъол ва барқарорсозии қувватро ифода мекунад, ҳамчун “аз нав офарида шудан” тафсир кардан мумкин аст – мо то як дараҷа ба ҷараёни офариниш ҷалб мешавем.

> Зеро ки Ту мададгори ман будӣ, ва дар сояи болҳои Ту шодӣ хоҳам кард.
>
> Забур 62:8

Вақте ки ман бори аввал фаҳмидам, ки модашерон баробар ҳомиладор мешаванд ва таваллуд мекунанд, то ки навзодонро якҷоя калон кунанд ва таълим диҳанд, ман пичирроси Рӯҳулқудсро шунидам: “Лиза, ҳар як кӯдак барои зиндагӣ кардан ҳуқуқи баробар дорад. Ҳар як кӯдак ба ҳимоя, ғизодиҳӣ, таълим ва таъминот мӯҳтоҷ аст”. Некӯаҳволии кӯдакон рисолати мо аст. Мо барои ҳалли проблемаҳои беадолатӣ бояд ба таври стратегӣ наздик шавем.

## Ҷавоби зӯр

Чӣ қадар зиёдтар модар аз ҷинси *Homo sapiens* бояд дар ҳаққи кӯдаконе, ки аз они вай нестанд, ғамхорӣ кунад ва наҷот диҳад!

> Оё зан бачаи ширмаки худро фаромӯш карда, ба писари батни худ раҳмаш намеояд? Ва инҳо фаромӯш кунанд ҳам, Ман туро фаромӯш нахоҳам кард.
>
> Ишаъё 49:15,

из тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Фикр дар бораи он, ки модар бачаи худро тарк карда метавонад, он қадар тасаввурнопазир аст, ки Худо гуфтааст: “Ва инҳо фаромӯш кунанд ҳам...”. Ин оят таъкид мекунад, ки модар аз рӯи табиати худ кӯдаки худро тарк карда ё ранҷонида наметавонад. Мутаассифона, мо дар айёме зиндагӣ дорем, ки чизи тасаввурнашаванда воқеӣ гардид. Беш аз беш мо дар навигариҳои рӯз дар бораи модароне мешунавем, ки бар ивази маводи нашъаовар, машруботи спиртӣ ё пул саломатӣ ва некӯаҳволии фарзандони худро дар зери хатар мегузоранд.

Хеле ба наздикӣ дар матбуот дар бораи ду духтарбачае, ки (новобаста аз якдигар) аз тарафи ҷуфтҳои оилавӣ duздида шуда буданд, мақолае пайдо шуд. Яке аз онҳоро дар ҷои дарбаста ҳаждаҳ сол нигоҳ доштанд, ва дар ин муддат вай ду духтарча таваллуд карда, парвариш намуд. Духтарбачаи дигарро аз хонаи худаш дуздиданд ва нӯҳ моҳ пинҳон карданд. Ҳар ду духтарбача аз ҷониби одамоне, ки аз даррандагони бадкин дида, дигар хел номидан мумкин нест, таҷовуз ва бераҳмона таҳқир карда шуданд. Дар ҳар ду ҳолат ин занони бефарзанд барои шарик будан дар ҷинояткории шавҳарони худ айбдор дониста шуданд.

Вақте ки писари ман Алек фаҳмид, ки дар ин ҷиноятҳо занон низ иштирок доштанд, вай ба ҳайрат афтод. “Барои чӣ занҳо он ду духтарбачаро халос накарданд? – дунёеро, ки дар он занон наҷот додани кӯдаконро рад мекунанд, тасаввур карда натавониста, ҳайрон шуд вай.

Ягона ҷавоби ман он буд, ки ин ду зан солим набуданд. Онҳо илоҷ доштанд, вале бефарқ монданро интихоб карданд. Бо ким-кадом сабабе дили модаронаи онҳо дар ҳеҷ яке аз онҳо бедор нашуд.

Мо фикр мекунем, ки мардон ба занҳо зулм мекунанд, вале ин на ҳама вақт ин тавр аст. Он занон медонистанд, ки дар хонаи онҳо чӣ рӯй дода истодааст, вале ҳеҷ коре накарданд. Бо ин амалашон онҳо зӯровариро бар духтарбачагон таҳсин карданд.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳар ду таҷовузгар, барои фиреб додани занони худ ва духтарбачагон, ақидаи аз ҳадди ифрот гузаронидашудаи тобеиятро истифода бурда, Навиштаҷотро таҳриф карданд. Тамоми мамлакат аз он, ки занон барои писанд омадан ба шавҳарони худ иштирокчии ин ҷиноят гардиданд, ба изтироб афтод.

Вале модашер, баръакс, навзодонро бо худ пӯшонида аз ҳар хатар нигоҳ медорад. Ба ман ҳолатҳое шинос ҳастанд, ки модашерон бар зидди наринаҳо муттаҳид мешуданд, вақте медиданд, ки ҳаракатҳои онҳо ба шербачагон таҳдид мекунанд.

Дар ин давраҳои хеле муҳим мо бояд бештар аз пештара занони солиме бошем, ки Каломи Худоро "дуруст мавъиза мекунад" (ниг.: 2 Тимотиюс 2:15) ва мутобиқи он зиндагӣ менамоянд. Мо ба чунин чизҳо, амсоли масъалаҳои ҷинсӣ, тобеият ва итоати бечуну чаро бояд бо назари оқилона ва солим нигоҳ кунем. Нақшаҳои Худо аз он иборат набуд, ки истифода бурдани кадоме аз ин принсипҳо дигар одамонро дар зери хатар гузорад. Мақсади онҳо саломатӣ ва некӯаҳволӣ аст.

Ҳимоя кардани ҷавонон ва дилшикастагон масъулияти мо мебошад. Ба мисли модашерон, мо бояд ҳамеша роҳҳои наҷоти бачагонро ҷустуҷӯ намоем. Ба туфайли ғаризае, ки Худо ба онҳо бахшидааст, модашерон он чиро ки баъзе занон фаромӯш кардаанд, мефаҳманд: модар вазифадор аст, ки кӯдакро, ҳатто агар ҳамхуни худаш набошад ҳам, наҷот диҳад.

Маълум аст, ки танҳо таваллуд кардани кӯдак туро модар намегардонад. Чанд моҳ пештар тамоми Амрико аз шунидани воқеае дар бораи духтарчаи зебояку ширинаки панҷсола, ки модараш ба ғуломии ҷинсӣ фурӯхта буд, ба даҳшат афтод. Ҷасади духтарча дар бешазори наздик ба роҳи деҳа дар иёлати Каролинаи шимолӣ ёфт шуд. Ман аз андешаи он ба даҳшат меафтам, ки то нашр шудани ин китоб мо ҳоло боз чӣ қадар хабарҳои мудҳишро мешунавем.

Худоро шукр, ки барои аксари моён чунин аз кор мондани рефлекси модарона ҳоло ҳам як чизи қабулнопазир менамояд. Навиштаҷот пешгӯӣ мекунад, ки замонҳои душвор меоянд, ва муртадҳо маънои одам буданро фаромӯш менамоянд (ниг.: Румиён 1:26). Одам будан ба Худо шабоҳат доштан аст ва дар ниҳоди худ дорои виҷдон ва талаботҳое будан аст, ки ба дили Ӯ мувофиқ мебошад. Худованд аз он дар ғазаб аст, ки ҳаёт беқадр шуда истодааст, бачагон, ки ба сурат ва шабоҳати Худо офарида шудаанд, ба зӯроварии ҷинсӣ гирифтор гашта истодаанд. Муносибати Худоро фаҳмида истода, мо низ бояд ба проблема ғайратмандона ва бо муҳаббат ҷавоб диҳем. Ба кадоме аз мо зарур аст, ки дари хонаи худро кушояд ва бачагони радшуда ё ба хатар афтодаро писархонд кунад. Мо бояд саховатманд бошем ва интизор нашавем, ки давлат

ҳар чизи ба назари мо нодурустро ислоҳ кунад. Биёед ба наздикони худ дар амал муҳаббат нишон медиҳем!

Агар дар ҷавоб ба беадолатӣ ва зулм мо хомӯш монем, ин рӯзе ҳамчун балое ба сари мо низ меояд. Ман бо иштиёқ дидан мехоҳам, ки чӣ тавр калисо барои адолат ва оид ба масъалаҳои хариду фурӯши одамон ва ғуломии ҷинсӣ ба мубориза бармехезад. Ин ду проблема ҳамеша дар ёди ман ҳастанд ва аксар вақт – дар забонам ҳам. Ба наздикӣ ман ба зане, ки дар ҳавопаймо дар паҳлӯи ман менишаст, дар бораи хоҳиши худ барои иштирок кардан дар сафарбаркунии занони тамоми ҷаҳон ба амалҳое, ки барои ҳалли ин проблемаҳо кӯмак мерасонад, нақл кардам. Вай ба ман рӯ овард ва дағалона гуфт: “Аммо ба шумо кӣ ҳуқуқ дод, ки дар бораи ин мавзӯъ гап занед?”

Оҳанги исроркоронаи сухан, ки бо он савол дода шуд, маро ҳайрон кард. Бо тааҷҷуб, ман як лаҳза гапамро гум кардам, вале баъд ҷавоб додам: “Барои чӣ бояд хомӯш бимонам?”

Каме оҳанги суханро паст карда, вай ба фаҳмонидан кӯшиш кард, ки ӯ мехост бидонад, ки оё ман ягон маълумот оиди ин соҳа ё таҷрибаи касбӣ дорам. Ман рост ба чашми вай нигоҳ карда гуфтам, ки аввалан, чуноне ки ба ман маълум аст, қонуне мавҷуд нест, ки бар зидди беадолатӣ мубориза бурданро манъ кунад, дуюмаш, дар асоси мушоҳидаҳоям, ман бо боварӣ гуфта метавонам, ки дар мавқеи ким-кадом “касб” истода, ин масъаларо ҳал кардан номумкин аст. Миқёси ин ҷиноятҳо ончунон бузург аст, ки фаъолияти намояндагони касбу кори гуногунро талаб мекунад.

Кӯдаконро аз иффат маҳрум кардан ва ғуломи ҳавасҳои шаҳватпарастони калонсолон гардонидан беадолатии гӯшхарошкунанда мебошад! Чӣ тавр ким-кадоме аз мо бефарқиро ихтиёр мекунад, дар ҳоле ки чӣ қадар кӯдакон қурбони бераҳмӣ мегарданд?

Чӣ тавр мо дар бораи ин проблема фарёдназанем? Боз чанд маротиба мо бояд чунин суханонро бишнавем: “Ҳама чизе, ки бадиро бар некӣ ғолиб мегардонад, он аст, ки одамони хуб бепарвоӣ зоҳир мекунанд”. Ба ин суханон на танҳо бовар кардан лозим аст, балки бархеста, дар ин самт ягон кореро иҷро мебояд кард. Вақте ки ман ба хориҷа сафар мекунам ва ба ҷойҳое меравам, ки қашшоқии даҳшатнок ҳукмфармо аст, ман ба чашмони модарон менигарам ва тасаввур мекунам, ки онҳо дар

бораи чӣ фикр доранд. Оё онҳо суол медиҳанд: “Наход кӯдаки ман нисбат ба аз они вай дида бадтар аст?”.

Худо аз он нигаҳ дорад, ки мо ба онҳо иҷозат диҳем, то чунин фикр кунанд. Вақте ки ман дар Осиёи ҷанубӣ-шарқӣ будам, ду маротиба модарон кӯдакони худро ба ман пешкаш карданд. Яке аз онҳо ҳатто кӯдаки худро ба рӯи дастони ман гузошт. Дар ҳоле ки ман вайро дошта меистодам, он зан ба ман нигоҳ карда, бо имову ишора ва забони нофаҳамо гап мезад. Баъд аз он ки ман ба модари дигар дар бораи он ки кӯдаки вай чӣ қадар зебояк аст, ширинсуханӣ кардам, вай ба воситаи тарҷумон аз ман пурсид, ки оё ман кӯдаки ӯро ба худ гирифтан мехоҳам. Оё шумо ба худ ғаму ғуссаи онҳоро тасаввур карда метавонед. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки кӯдакони худро ба ман диҳанд, ба шахси тамоман ношинос, ҳатто ба касе, ки забони онҳоро намедонад. Шояд онҳо пул гирифтан хостанд, вале ман бовар дорам, ки онҳо хоҳони чизи бузургтар буданд – то ки фарзандони онҳо умед пайдо кунанд. Фурӯхтани фарзанд дар маданияти мо кори номумкин аст, вале агар шумо дар ҳолате қарор доред, ки ба кӯдаки худ ягон чизе дода наметавонад, чӣ кор мекардед?

Оё мо фарзандонамонро чунон тарбия мекунем, то онҳо дарк намоянд, ки онҳо ҷаҳон ва захираҳои онро бо кӯдакони ин занҳо тақсим мекунанд? Ман бовар дорам, ки Худо мехоҳад, то ки мо айнан ҳамин корро кунем, ва онро ба оилаҳои худ расонем.

## Наҷоти кӯдакон

Бале, дар кишварҳое, ки мӯҳтоҷӣ қалби одамиро урён мекунад, андӯҳи тоқатфарсо ҳукмронӣ менамояд, вале мо бояд диққати худро ба он низ равона кунем, ки дар хонаи мо чӣ воқеа рӯй дода истодааст. Вақте ки ман ин китобро менавиштам, воқеаи аҷибе рӯй дод. Ба ман як лаҳза дидани он муяссар шуд, ки чӣ тавр “шуҷоати ба таври стратегӣ фикркунанда” ба назар расида метавонад, агар он дар системаи маорифи маҳаллии мо истифода бурда шавад. Ман барои он “як лаҳза” мегӯям, ки иштироки ман дар ҷараён бо як ташриф маҳдуд гардида буд, ва ман ба ҳамаи он одамони зиёде, ки ҳушёрона ва фаъолона ба кори соҳаи маорифи мо ҷалб шудаанд, арзи эҳтироми худро расонидан мехоҳам. Ман Худоро барои омӯзгорон ва маъмурон-методистҳое шукр мегӯям, ки доимо заҳмат мекашанд, то ки таълиму тарбияи босифатро дар чаҳорчӯбаи буҷаи нокифоя таъмин кунанд. Ана барои чӣ гоҳо ба онҳо ёрдами мо лозим мешавад.

Боре ба писари хурдии ман Арден аз фанни адабиёт, як китоберо хонда, тайёр кардани вазифаи хонагӣ лозим буд. Азбаски вай баъд аз тамрин (тренировка) оид ба баскетбол хаста шуда буд, ӯ аз ман хоҳиш кард, ки ба вай бо овози шунаво хонда диҳам. Вай метарсид, ки агар худаш мустақилона ин корро кунад, хобаш мебарад. Аъзои дигари оила дар ҳуҷраи калон бозии футбол тамошо мекарданд, аз ин рӯ мо ба ҳуҷраи хоби ман баромадем.

Ҳар қадаре ки ман бештар мехондам, мазмуни ин китоб ҳамон қадар дар ман нороҳатиро ба вуҷуд меовард. Дар он ба мавзӯъҳои худкушии наврасон, вандализм, муносибати бераҳмона ба ҳамсар ва кӯдакон, зӯроварӣ, истеъмоли машруботи спиртӣ аз тарафи ноболиғон ва майпарастӣ, даст кашидан аз ҳуқуқи волидайн ва дуздӣ дахл карда шуда буд. Ва ман фикр кардам, акнун аз ҳама бадтаринаш ин аст, ки чӣ тавр мо ба саҳнаи комилан ошкорои хусусияти ҷинсӣ дошта гузаштаем.

Писарам ба ман рӯ овард ва гуфт, ки дигар ин китобро хондан намехоҳад. Сипас вай ба ман гуфт, ки дар он боз ба ҳамин монанд ҷойҳои дигари бешармона буданд. Мушкилӣ аз он иборат буд, ки ин китоб аз рӯи фанни адабиётшиносӣ барои хонандагони синфи нӯҳум ба барномаи ҳатмии таълимӣ дохил карда шуда буд. Ман қарор кардам, ки фардо ба мактаб занг зада, илтимос мекунам, ки ба Арден барои хондани китоби дигар иҷозат диҳанд. Субҳи дигар ман бо муаллим гуфтугӯ кардам, ва дар бораи ҳама чиз ба мувофиқа расидем. Ман бо фикри он ки масъала ҳал шуд, гӯшаки телефонро гузоштам, вале баъдтар маълум шуд, ки чораҳои дигар зарур мебошанд. Чуноне ки маълум шуд, мутобиқи қоидаҳои мактаб аз сабаби мазмуни баҳснок доштани ин китоб барои аз тарафи бачагон хондани он иҷозати волидайн лозим будааст. Ман дарк кардам, ки волидайни дигар тасаввуроте надоштанд, ки дар ин китоб чӣ навишта шудааст. Зеро ман ҳам дар ин бобат пурра тасодуфан фаҳмидам. Агар хоҳиши Арден намебуд, ман низ бехабар мемондам.

Оё аз мазмуни ин китоб танҳо писари худро ҳимоя кардан дуруст мебуд? Ин роман кадом андешаҳоро оид ба порнография, алоқаи ҷинсӣ, муносибат бо волидайн, машруботи спиртӣ, дуздӣ, зӯроварӣ ва худкушӣ дар тафаккури бачаҳои дигари синф ташаккул медиҳад? Чӣ қадар хатарнок будани ин китобро дониста, оё ман хомӯш монда метавонистам? Магар ин масъулияти ман набуд, ки бачаҳои дигар ва волидайни онҳоро ҳимоя кунам?

Ба воситаи блоги худ аҳли ҷомеаро аз мазмуни ин китоб хабардор кардам ва бо ҳамин тариқ гурӯҳи ҷонибдоронро ҷамъ намудам, то ки ба роҳбарияти мактаб он ҳақиқатро бирасонам, ки на танҳо ман ягона аз мазмуни ин китоб дар ташвиш ҳастам. Дар муддати камтар аз як шабонарӯз бештар аз панҷсад нафар (бисёре аз онҳо омӯзгорон) ҳамовозӣ карданд, ки онҳо низ мазмуни ин китобро қабул надоранд. Дар байни онҳо модароне буданд, ки барои дар шароити хонагӣ таълим додани фарзандони худ қарор қабул карда буданд; онҳо изҳор доштанд, ки маҳз аз ҳамин сабаб онҳо фарзандони худро аз мактабҳои умумӣ гирифтаанд. Ман ҳуқуқи муаллифро дар навиштани ин китоб зери шубҳа нагузоштам. Нороҳатии маро он факт ба вуҷуд овард, ки хондани китоб барои наврасони 14-сола ҳатмӣ буд. Ин китоб порнографияро талқин мекард. Решаи ғуломии ҷинсӣ ин порнография аст. Саҳнаҳои пур аз фисқу фуҷур тасаввуроти ҷавононро оид ба занон то ҳадди аз ақл берун вайрон карда метавонад. Дар китобе, ки роҷеъ ба он гап мезанем, порнография дар якҷоягӣ бо мастурбатсия ҳамчун машғулиятҳои муқаррарии бачагони чордаҳсола баён карда мешуданд. Порнография қодир аст, ки тарзи тафаккуреро ташаккул диҳад, ки дар он ғуломгардонии одамон (ҳам занон ва ҳам мардон) бо мақсадҳои ҷинсӣ чизи муқаррарӣ мегардад. Чунин мудохила ба ақлу ҳуши наврасон метавонад ба алоқаҳои ҷинсииояндаи онҳо занбадбинӣ, канораҷӯии равонӣ ва ҷинсӣ, ва ҳамчунин шаҳватпарастиро ворид созад – ҳамаи ин бароиривоҷу равнақи индустрияи ғуломии ҷинсӣ замина фароҳам меорад.

Ман медонам, ки соҳаи маорифи маҳаллии мо кӯшиш бар он дорад, то наврасон ва ҷавондухтаронро дар рӯҳияи баланди ахлоқи ҳамида тарбия кунад. Барои муваффақ шудан ба ин мақсад аллакай қоидаҳои муайян даровarda шуда буданд, вале ин китоб бо кадом тарзе аз мадди назари аҳли ҷомеа берун мондааст. Ман бо сарвари мактаб дар бораи вохӯрӣ аҳд кардем, то далелҳои вайрон карда шудани қоидаҳои мавҷударо ба самъи ӯ расонам. Ман ташвишу изтироби худро оиди он ки занон дар барномаи таълимии мактаб ҳамчун объекти муносибатҳои ҷинсӣ нишон дода шудаанд, баён кардам, зеро бо оқибатҳои хариду фурӯши одам на фақат аз рӯи шунидан хабардор ҳастам.

Дар давоми ҳафта он китоб аз барнома гирифта шуд. Маъмурияти мактаб хурсанд буд, ки иштибоҳе, ки дар ҷараёни интихоби адабиётҳо роҳ дода шуда буд, ислоҳ карда шуд, ва ба

қоидаҳои интихоб дигаргунӣ даровард, то ки дар оянда чунин ҳолатҳо дигар такрор нашаванд.

Дар мактабҳои умумӣ одамоне кор мекунанд, ки ҳаёти худро ба таълиму тарбияи бачагон бахшидаанд. Ба мисли мо, онҳо низ дар мулоҳизаҳои худ хатоҳо ва иштибоҳҳо мекунанд. Ба ҷои он ки ба онҳо ҳамла кунем, оё беҳтар намешавад, ки агар мо ҳамчун иттифоқчиён ба онҳо дар раванди таълим кӯмаки худро пешниҳод кунем ва якҷоя бо онҳо на танҳо ба хотири фарзандони худ, балки ҳам ба хотири ояндаи тамоми фарзандон меҳнат кунем?

Пас аз он ки ман нороҳатии худро изҳор кардам, маълум шуд, ки ин китоб ба барномаи таълимии ҳамаи хонандагони синфи нӯҳум дохил шудааст, ва синфи писари ман тамоман тасодуфӣ дар аввали ин рӯйхат ҷойгир шудааст. Азбаски ман дар вақташ бонги хатар бардоштам, ва мактаб андешаи волидайнро дастгирӣ кард, бисёр бачагон аз хондани маводи бадахлоқона халос карда шуданд.

Дар рафти ин воқеа ман ёдрас накардам, ки ман масеҳӣ ҳастам. Ман бо муаллимон ё маъмурияти мактаб ҷанҷол накардам. Ман дар асоси қоидаҳое, ки худи онҳо муқаррар кардаанд, муроҷиат кардам. Ғайр аз ин, ман на танҳо ба проблема ишора намудам, балки ҳамчунин ҳалли оқилонаро пешниҳод кардам. Ман ба онҳо фаҳмонидам, ки ман бо азми қатъӣ тайёр ҳастам, то ин равандро бо ғалаба ба анҷом бирасонам. Ҳар яке аз мо низ ба ин гуна кор қодир ҳастанд.

## Вақти шикор кардан

Худо ман ва туро даъват мекунад, ки дар шикор иштирок кунем. Дар ҷустуҷӯи Худо ва пайгирии Ӯ мо хирад ва ҷавобҳои барои худ зарурро пайдо мекунем. Дар дунёе, ки бо талоқ ва ҷудошавиҳои пуршиддат ба қисмҳо пора-пора мешавад, мо ба муносибатҳои дӯстонае ниёзмандем, ки дар онҳо нафаси осмонҳо эҳсос карда мешавад, ва ҳам ба робитаҳои стратегие эҳтиёҷ дорем, ки ба мо дар таълиму тарбия ва муҳофизат кардани фарзандонамон кӯмак мерасонанд. Барои наҷот додани кӯдакони гумшуда ва мазлуми ҷаҳон мо бояд стратегия ва чораҳои ҳалкунандаеро, ки аз рӯи илҳоми Худост, ба ҳаёт татбиқ кунем. Ҳеҷ яке аз мо ҳақ надорад, дар канор бимонад ва чунин наҳисобад, ки ин ба ӯ дахл надорад. Ин ба ҳамаи мо дахл дорад. Аз сабаби ин ҷараёни инкишоф он коре, ки ту мекунӣ ба ман таъсир расонида метавонад ва он коре, ки ман мекунам, ба ту

таъсир расонида метавонад. Қуввати худро муттаҳид карда, мо дар оилаҳои худ, калисо ва ҷомеа рафти маъмулии воқеаҳоро ба 180 дараҷа тоб дода метавонем. Интихоб аз мост, ки ин робитаҳоро истифода мебарем ё не.

Ба омӯхтани рафтори модашерон сар карда, ман ҳатто гумон намекардам, ки шерҳо намуди ягонаи гурбашаклҳо мебошанд, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд. Дар ҳоле ки як модашер суст аст, дигараш қавӣ мебошад. Дар он ҷое, ки яке пешпо мехӯрад, дигараш муваффақият меёбад, ва ин ҳама қувваи ёрирасону тақвиятбахшандаи байниҳамдигарӣ дар таҳти пуштибонии шери тавоно амалӣ мегардад.

Агар ба ин бо ҳамин тарз нигоҳ кунем, қисмати гурбаҳо, ки танҳо сайругашт мекунанд, хеле ногувор ба назар мерасад. На пантераҳо, на леопардҳо, на гепардҳо бо ҳамдигар чунин иттиҳоду боварӣ надоранд. Ҳар дафъа, вақте ки модинаҳои ин ҳайвонот дар ҷустуҷӯи хӯрок ба шикор мераванд, ба лонаҳои худ ноком шуда бармегарданд. Дар хотираи ман як лаҳзае аз филми илмӣ-оммавӣ нақш бастааст: оҳу войи аламноки гепарди модина, ки ба лонаи худ баргашта, мебинад, ки бачаҳояш гум шудаанд. Вай бачаҳояшро тамоми шаб бо нолаю фарёд ҷеғ мезанад, бо умеди он ки ақаллан яке аз онҳо аз бало раҳо шуда бошад.

На ту, на ман барои танҳоӣ офарида нашудаем. Ман бо сухан ифода карда наметавонам, ки шиносоӣ бо одамоне, ки узви оилаи мо набуда, омодагии худро барои ғамхорӣ зоҳир кардан ба фарзандони мо изҳор медоранд, ба ман чӣ гуна эҳсоси оромӣ овард. Мо аз одамоне, ки дар ҳузури Худо истода, дар ҳаққи оилаҳои мо дуо мекунанд, баракат меёбем. Дар бораи мо одамоне дуо карда буданд, ки ман ҳатто бо онҳо шинос набудам, – мо дар ин бора фақат дертар хабардор шудем. Бисёриҳо барои паҳн кардани Инҷил ва наҷоти асирон, ки онҳо ҳеҷ гоҳ вонахӯрдаанд, саховатмандона хайр мекарданд. Бигзор Худо бо фаровонӣ онҳоеро, ки дар ҳаққи оилаҳои дигар ғамхорӣ мекунанд, баракат диҳад!

## Нафаси душманро бандед

Вақте ки модашер тӯъмаи худро пайдо мекунад (вай дар ин кор хеле моҳир аст!), вай онро намедарронад ва пора-пора намекунад. Вай онро буғӣ карда, роҳҳои нафасашро мебандад. Ба ҳамин монанд, ман боварӣ дорам, вақти он расидааст, ки

мо низ бояд нафаси душманро бандем. Яке аз усулҳое, ки мо бо ёрии он ин корро карда метавонем, – ин, дар навбати аввал, нафаси худро ба хизмати вай насупоридан. Мо бо якдигар ҷанҷол карданро бас карда, бояд қуввати ӯро барбод диҳем. Биёед ба ҷои ҷанҷол суханони худро барои обод кардан, насиҳат додан, ислоҳ намудан ва рӯҳбаланд сохтан истифода мебарем.

Барои ин шикор ман ба дигар заноне ниёзамандам, ки ҷиҳатҳои қавии маро медонанд ва дар ҷое, ки ман заиф ҳастам, маро дастгирӣ мекунанд, – ту низ ба айни ҳамин чиз мӯҳтоҷ ҳастӣ. Барои муваффақ шудан ба ин, ман дидаю дониста худро бо он одамоне иҳота кардам, ки аз он ҷиҳат қавӣ ҳастанд, ки ман дар он заиф ҳастам. Ман бо ҷӯшу хурӯш дар бораи он дуо мекунам, ки ман низ дӯстони худро дар соҳаҳое, ки онҳо заиф ҳастанд, дастгирӣ кунам. Муносибатҳои солим ва бомувозинат – ин чунин муносибатҳое мебошанд, ки дар он ҳар як иштирокчӣ саҳми босазои худро гузошта метавонад.

Бигзор ҳеҷ яке аз мо бо таъмин намудани фарзандони худ қаноатманд нашавад, балки дар фаҳмиш ва дарки он ба камол расад, ки мо барои бачагони тамоми олам масъулиятдор ҳастем. Мо бояд ҳушёр бошем ва дар вақти лозима шербачаҳои худро ба ҷои бехавф кӯчонем. Биёед дарк мекунем, ки ҳатто таъсири ба назар он қадар нонамоён дар сатҳи маҳаллӣ самараи назаррас ҳосил карда метавонад. Бигзор ҳеҷ касе аз мо чунин нашуморад, ки нақши вай кам ва ночиз аст. Бигзор ҳеҷ касе аз мо фирефта нашавад – ҳеҷ яке аз мо дар алоҳидагӣ ҷаҳонро ғалаба карда наметавонад.

> Фақат ин ки муносиби башорати Масеҳ умр гузаронед, то ки ман — хоҳ омада шуморо бинам, хоҳ аз шумо дур бошам — дар бораи шумо бишнавам, ки шумо дар як рӯҳ қоим буда, якдилона барои имони Инҷил ҷидду ҷаҳд менамоед, ва дар ҳеҷ хусус аз душманон наметарсед, ки ин барои онҳо аломати ҳалокат аст, вале барои шумо аломати наҷот аст, — ва ин аз ҷониби Худост.
>
> Филиппиён 1:27, 28

Якҷоя мо барои ба таври стратегӣ амал кардан қодир ҳастем.

9

# Модашерон дар рӯшноӣ зиндагӣ мекунанд ва дар торикӣ шикор

Шарирон мегурезанд, дар сурате ки таъқибкунандае нест; вале одилон мисли шер далеранд.

МАСАЛҲО 28:1

Модашерон на танҳо дорои фаҳмиши фитрии қобилият ва маҳоратҳои худ мебошанд, балки боз ҳаёти хеле оддӣ мегузаронанд. Вақте ки онҳо хаста мешаванд, истироҳат мекунанд, ва вақте ки гурусна мешаванд, шикор мекунанд ва мехӯранд. Дар вақтҳои боқимонда онҳо бозӣ мекунанд!

Касе аз шумо, шояд, модашерони тануманд ва нимхобро, ки истироҳат карда истодаанд, дидаед. Баъзан онҳо бо пушт дароз мекашанд ва дар зери нури тиллоранги офтоб – ҳамчун батареяҳои офтобӣ, ки гармиро захира мекунанд, истироҳат менамоянд. Ҳатто шербачаҳои дар гирду атроф ҷастухезкунанда диққати модарони фароғаткунандаро ҷалб карда наметавонанд. Гоҳо навзоде, ки машғули шӯхию бозӣ аст, аз модашери наздиктарин шаллоқ хӯрда метавонад. Вале ҳеҷ кадоме аз онҳо безобита нестанд – ба ҳисоби миёна, онҳо дар як шабонарӯз бист соат хоб мекунанд.

Баъд аз фароғат модашерон хамёза кашида, ба бозии умумӣ, ки марҳалаи гузариш ба мавқеи аз рӯи аҳамият дуюмин – ба омодагии пурраи ҷангӣ ҳамроҳ мешаванд. Вале ҳатто дар ҳолати омодагии

пурраи ҷангӣ ҷонварон фақат бодиққат ҳастанд, вале на дар ҳолати пуршиддат.

Ин бодиққатӣ, вале дар айни ҳол бетакаллуфӣ боз як хислати муҳими ба модашерон хоси шуҷоат мебошад, ки мо, духтарон, бояд ба он тақлид кунем. Порчаи навбатии Навиштаҷот ба мо фаҳмиши амиқ медиҳад, ки ин осудагӣ ба чӣ асос асос ёфтааст.

> Шарирон мегурезанд, дар сурате ки таъқибкунандае нест; вале одилон мисли шер далеранд.
>
> Масалҳо 28:1

Тасвири комилан дуруст – ором, ба худ боваринок, ва далер. Одамон одатан мафҳуми оромӣ ва ба худ боварӣ карданро бо далерӣ шарик намекунанд, аммо Худо мекунад. Ман инро дар модашер мебинам. Бо тамоми намуди худ вай мегӯяд: “Ман ҳамонам, ки ҳастам. Қавӣ ва хеле чобук, шӯх ва ба таври марговар хатарнок, осуда, бодиққат ва ғамхор.

Ба мисли ҳама гуна зан, модашер ҷамъи тазодҳост. Новобаста ба он ки ин оят дар бораи шерон гап мезанад, дар ин ҷо ҳар ду ҷинс дар назар дошта шудааст. Ҳамаи шерон – ҳам модинаҳо ва ҳам наринаҳо – чунин мавқеи ҳаётӣ доранд. Фикр мекунам, ки онро мо низ бояд дошта бошем.

Вақте ки модашер ба шикор машғул нест, ба вай лозим нест, ки дар соя ҷойгир шавад. Вай рӯшноиро дӯст медорад. Бо хоҳарони худ вай дар зери осмони кушод, дар паҳноҳои аз офтоб равшани ҳамвориҳои африқоӣ зиндагӣ мекунад. Дар ҷойҳои бесоя ҷонварон фароғат мекунанд, ба бозӣ машғул мешаванд, ба якдигар ғамхорӣ зоҳир мекунанд, хӯрок мехӯронанд, навзодонро таълим медиҳанд ва ҳатто пинҳон нашуда, ҷуфтӣ мешаванд. Хайр, аз чӣ ҳам модашерон шармро ҳис кунанд ё пинҳон шаванд?

Дар саванна ягон то ҳам ба қадри лозима душмани далер ва қавие нест, ки ошкоро аз онҳо майдонталабӣ кунад. Онҳо аз ягон кас намегурезанд (магар ин ки ба тӯдаи филҳо, ки рост аз заминҳои онҳо мегузаранд, роҳро холӣ мекунанд). Вақте ки модашер шикор намекунад, ягон эҳтиёҷе барои пинҳон шудан надорад. Шерон подшоҳон ва маликаҳои баҳснопазири қаламрави худ мебошанд ва дар доираи ҳудудҳои худ дар авҷи занҷираи ғизо ҷойгир шудаанд. Дар вақти ҳавои хеле гарм модашер метавонад дар ҷои соя фароғат кунад, вале на бо мақсади пинҳон шудан. Бар хилофи леопардҳо ва гепардҳо,

ки дар алоҳидагӣ зиндагӣ ва шикор мекунанд, ба модашер лозим нест, ки ба дарахт барояд ё дар зери бутта пинҳон шавад, гарчанде вай ҳам ин ва ҳам он корро карда метавонад. Не, модашери мо нотарсона дар зери нури офтоб, дар иҳотаи модар, холаҳо, бародару хоҳарон ва амакбачагон, навзодони худ ва, албатта, шери худ истироҳат мекунад.

Дар айни ҳол, ки ман ин китобро менависам, ман бо чунин ҳаёт зиндагӣ карданро орзу мекунам: бе тарсу ваҳм дар таҳти офтоб дар байни модарон, духтарон, азизон ва амакзодагон, якҷоя бо онҳо ба кӯдакони худ табассум карда, қаноатмандона, бо дарки пурраи он ки дар гирду атрофи мо ҳеҷ чизе нест, ки ба мо осеб расонад тавонад, фароғат кардан мехоҳам.

Вақте ки ман бо Ҷон дар сафари будам, ин манзарaро мушоҳида намудам ва модар-модашер, шербачаи вай ва ду модашер –духтаронашро  пайгирӣ кардам. Ин оила дар алафзори баланди тирамоҳӣ озодона гаштугузор мекард. Шиками онҳо пур буд – ман ҳатто дар фуки онҳо хунро надидам. Онҳо ба наздикӣ хӯрок хӯрда буданд ва каме беҳол ба назар менамуданд. Аз дур гурӯҳи дарахтонро дида, ман гумон кардам, ки онҳо ба ҳамон самт ҳаракат доранд. Вале на! Ҷонварон рост ба замин дар канори роҳ дароз кашиданд (на дуртар аз се метр аз мошини мо), андаке “шустшӯ” карданд, аз нури баланди офтоб панаҳ карданӣ шуда, чашмони зарринтоби худро нимпӯш карданд, ва аллакай дар давоми камтар аз панҷ дақиқа ҳама ба хоби ширин рафтанд.

Мо, як гурӯҳ одамон бо яроққо (хуб, майлаш, танҳо рейнҷерҳо яроқ доштанд!) дар “мошини” калон, дар бораи рамондани онҳо сухан гуфтан як тараф истад, диққати шеронро ягон зарра ҳам ба худ ҷалб накардем. Вақти хоби саҳарӣ фаро расид – ҳеҷ чизи дигар онҳоро ба ташвиш намеовард!

## Ҳаёт дар рӯшноӣ

Алоқамандона ба он, ки зиндагӣ кардан дар рӯшноӣ барои мо чӣ маъно дорад, ақли маро якбора идея ва образҳои гуногун фаро гирифтанд. Аввалан, ин пурра дилкушод буданро мефаҳмонад. Дару тирезаҳои ту барои нур, оила ва дӯстон кушода аст. Дар хонаи мо дари ошхона ҳама вақт кушода аст, чунки мо мардони бисёр дорем, ва ин маънои онро дорад, ки даҳони касе ҳама вақт кушода аст. Вале барои саломатӣ ва ҳаётгузаронии мо ҳеҷ чизе муҳимтар аз дили кушод ва пурнур  нест.

> Дар ивази ин, — чун ба фарзандони худ мегӯям, — шумо низ бояд фароҳдил бошед.
>
> 2 Қӯринтиён 6:13

Ин паём хеле содда, хеле озодибахш, вале дар айни замон баъзан хеле тарсовар мебошад. Танҳо мо қудрат дорем, ки ҳаёти худро кушода созем. Дар аввал худи мо фароҳдил мешавем, сипас бо қалби кушод зиндагӣ мекунем – ва он гоҳ уфуқҳои мо васеъ мешаванд. Дилкушод будан ва бо дили кушод зиндагӣ кардан раванди дузинагӣ мебошад. Ту метавонӣ қалби худро боз кунӣ, ва дар айни замон бо қалби кушод зиндагӣ накунӣ. Ман бисёр одамонеро медонам, ки дар баъзе соҳаҳои муайяни ҳаёт ва муносибатҳои муайян роҷеъ ба худ бисёр чизҳоро мекушоянд, вале агар онҳо кушодтар зиндагӣ мекарданд, бисёр чизҳое, ки нуҳуфта буд, ба рӯшноӣ мебаромад. Бисёр одамон як соҳаро мекушоянд, то ки дигарашро рӯйпӯш кунанд.

Ба ҳар ҳол, ба андозаи он ки ақли ман боз ва боз ба суханони Павлус бармегардад, даъвати ӯ ба назарам пурра нотакрор метобад. Ӯ маро водор мекунад, ки ба ҳаёти худ ҳамчун тӯҳфаи вонашудае барои Худовандамон нигоҳ кунам. Суханони Павлус манзараи ҳаётеро тасвир мекунанд, ки барои ваҳйи Худо ва атоҳои осмонӣ кушода аст. Одаме, ки бо ҳаёти кушод зиндагӣ мекунад, доимо ҳудудҳои худро васеъ менамояд.

Ман хоҳони он ҳастам, ки ту ҷараёни инкишофи ҳаёти худро тасаввур кунӣ – ҳаётеро, ки рушд мекунад, мустаҳкам мешавад ва ба андозаи он ки ту бо ҳар як соҳае, ки ҳаёти туро бевосита иҳота кардааст, алоқа мекунӣ, он васеъ мешавад.

> Зеро ки шумо як вақте зулмот будед, вале ҳоло нуре дар Худованд ҳастед: чун фарзандони нур рафтор кунед, чунки самари нур аз ҳар меҳрубонӣ, адолат ва ростӣ иборат аст; ва таҳқиқ кунед, то бидонед он чи, ки Худо mеписандад, чист.
>
> Эфсӯсиён 5:8-10

Оё ту инро мешунавӣ? Ҳамчун модашер ту низ дар паҳнои кушод зиндагӣ мекунӣ. Барои ту малакути зулмот, ки тимсоли тарс аст, вуҷуд надорад. Ҷои нанговар ва тира, ки ба ҳаёти ту ҳукмфармоӣ карда метавонад, вуҷуд надорад. Ба ман чунин даъват ба амалкунӣ хеле маъқул аст! Роҳ равшан аст – қадами аввалро гузор!

Чӣ қадар бисёр одамон фаҳмидан мехоҳанд, ки онҳо ба

чӣ даъват шудаанд. Вале биёед, он чиро ки Худо чунин осон кардааст, аз ҳад зиёд мушкил намекунем. Ӯ моро барои иҷро кардани корҳое даъват мекунад, ки нек, одилона ва ҳақиқӣ мебошанд. Агар ин номгӯи амалҳо ба рӯшноӣ бароварда шаванд, аз он мо хиҷил нахоҳем шуд. Мо фарзандони нур ҳастем, ва бояд корҳеро кунем, ки сазовори нур бошанд. Мо бояд аз ҳама он рафторҳое, ки дар торикӣ карда мешаванд, худдорӣ кунем. Мо бояд фаҳмем, ки кадом корҳо писанди Худо мебошанд, – ва сипас онро ҳамту иҷро кунем.

Ҳаёти мо дар Масеҳ ба нурҳое монанд аст, ки ба паҳн шудан давом мекунанд ва аз ҳамон лаҳзаи ҳайратбахше, ки нури пурҷалоли Ӯ пардаи зулмотро дар ҳаёти мо дарронид, боз ҳам ба дуриҳо вусъат меёбад. Ҳар як тир шабеҳи нуре аз шӯъла ва гармии офтоб аст ва он лаҳзае таркидааст, ки ҳисоби вақт барои мо аз нав оғоз гардид.

Вақте ки дар кӯча ҳаво тоза ва гарм аст, ман кушодани тирезаҳо ва тоза кардани ҳавои хонаро хеле дӯст медорам. Вақте ки ба хона насими форам мевазад ва ҳавои ғализро ба берун бароварда, ва онро бо ҷараёни ҳавои хуштароват, ки ба ҳамаи гӯшаю канори хонаи ман чархзанон паҳн мешавад, иваз мекунад, дар он як чизи мафтункунандае ҳаст. Насим бӯи табиати ёбоиро ба дарун меорад, ва ба назар гӯё ҳаҷми ҳаво дар хонаи мо васеътар мешавад, худи ҳаво бошад аз нафаси ҳаёт, ки бо накҳати табиат омехта аст, пур мешавад. Бӯи алафи ба тозагӣ даравидашуда, дарахти шукуфони ёс, қатрони дарахти коҷ ва бӯи борон – ҳамаи ин дар ҳамбастагӣ дар манзилгоҳи инсон ба як гулдаста табдил меёбанд.

Ин аломатҳои табиати ёбоиро ба муҳити мутамаддин дохил кардан ва мефаҳмонад, ки чаро ман ба модашер ин қадар диққати зиёд медиҳам: вай тимсоли хеле наҷибонаи ягонагии ҳайратбахши осудагӣ ва қувват, шӯхӣ ва шуҷоат, ваҳшигарӣ ва оромӣ мебошад. Ана ҳамин ягонагиро ман дар порчаи навбатии Навиштаҷот мебинам:

> Назди Ман оед, эй ҳамаи заҳматкашон ва гаронборон, ва Ман ба шумо оромӣ хоҳам бахшид; юғи Маро ба гардани худ гиред ва аз Ман таълим ёбед, зеро ки Ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам, ва ҷонҳои шумо оромӣ хоҳад ёфт; зеро юғи Ман хуш ва бори Ман сабук аст.
>
> Матто 11:28-30

Онҳоеро аз мо, ки ҳамчун духтарони динпараст ба воя расонидаанд, бояд боз бо Худо рақсиданро омӯзанд. Фарзандони мо ҳиссиёти табиии оҳангро доранд, ки ману Ҷон, ба назарам, гум кардаем. Аксуламали онҳо ба садои мусиқӣ назар ба мо бештар табиӣ аст, чунки моро таълим додаанд, ки дар худ ҳама гуна майлу иштиёқро ба мусиқии дунявӣ фурӯ нишонем. Ин барои ҷавоб додан ба чунин “оҳангҳои озод”, яъне мулоҳизаронии табиӣ ба кори фавқуттабии Худо дар рӯҳамон моро кунд ва ноқобил мегардонад.

Азизони ман, оё шумо барои Худо заҳмат кашида истода, корзада нашудаед ва то дараҷаи бемадорӣ нарасидаед? Шояд, шумо маънои бо Ӯ якҷоя зиндагӣ карданро гум кардаед? Баъзан ҳамаи мо ба чунин хотирнишонӣ эҳтиёҷ дорем. Ман низ ба он эҳтиёҷ дорам. Як сол камтар аз ин ман ба ҳадди бемадорӣ расида будам. Оё бо шумо чунин рӯй дода буд, ки ногаҳон худро дар як ҳолати хатарнок мушоҳида мекардед, гӯё ки ана-мана нагуфта аз пой меафтед ва ба вартаи афсурдагӣ фурӯ меравед? Шояд, бо шумо чунин рӯй надодааст, вале ман бошам, бо ин ҳиссиёт шинос ҳастам. Ман дар бораи вохӯрие, ки ба сар шуданаш се моҳи пурра боқӣ монда буд, асабонӣ мешудам. Ман ба дугонаи худ эҳсоси қалби худро ошкоро баён кардам, ва ӯ изтироби маро бо маслиҳати хирадмандонае рафъ кард. Вай маро рӯҳбаланд намуда, гуфт, ки ҳама коре, ки ман бояд бикунам, ин чандто нон ва моҳиро овардан аст, ва Худованди пурҷалол ва пурэҳсони мо онро ба дастони пурбаракати Худ гирифта, чандин маротибаҳо зиёд мегардонад. Ман он чизро ба хотир оварда, оҳи сабук кашидам, ки Ӯ на як маротиба исбот карда буд, ки чизи хеле камро чунон тақсим карда метавонад, то ба одамони зиёд кифоягӣ кунад.

Биёед боз озодона ва осон зиндагӣ карданро ёд мегирем. Ҳалокшавӣ ва афсурдагӣ баъд аз гуноҳ насиби мо гардиданд, вале мавқеи охири мо баъд аз наҷот бояд оромиши ботинӣ ва фароғат бошад.

> Ки ба воситаи Ӯ мо бо имон сӯи ин файзе роҳ ёфтаем, ки дар он истодаем ва бо умеди ҷалоли Худо меболем.
>
> Румиён 5:2

Ба ман ин даъватномаи кушод маъқул аст. Хеле вақти зиёд дарҳо ва тирезаҳои бисёр аз тарафи мо ва ба рӯи мо баста шуда буд. Ту, ва танҳо ту, азизам, қудрат дорӣ, ки дару тирезаҳои ҳаёти худро

бикушоӣ. Маҳз ту дарбоне ҳастӣ, ки кушодани кадом дар ва бастани кадом дарро интихоб мекунӣ. Посбонӣ кардани сарҳадҳои худ муҳим аст, вале Худоро ба қалби худ хонда, ту кафолати бехатарии комилро гирифтаӣ. Дарвозаи қалби худро барои Ӯ кушода, ту мушоҳида мекунӣ, ки дар ҷои умед бедор шудаӣ... озод ва кушод барои рехта шудани файз ва ҷалоли Худо. Ҳамчунин порчаи навбатӣ аз Навиштаҷот моро ба кушод будан даъват мекунад.

> Зеро чизи ниҳоне нест, ки ошкор нагардад; ва ҳеҷ чизи махфие набошад, ки ба зуҳур наояд.
>
> Марқӯс 5:22

Ту ҳақ дорӣ, ки дар ин иштирок кунӣ. Ҳеҷ кас хабари онро, ки Худо нек аст, махфӣ нигоҳ намедорад. Ӯ туро бо муҳаббати ҷовидонӣ дӯст дошт ва аз рӯи эҳсони Худ ба наздаш даъват кард. Айнан ба мисли он ки Худо ба ту асрори Худро ошкор кардааст, ту оромона метавонӣ, ки дар назди Ӯ асрори худатро кушоӣ. Вақте ту медонӣ, ки ягон гуноҳи махфие нест, сабабе барои хиҷил шудан нест, ягон хел қоидаҳои шаръӣ нест, ки туро банд созанд, ин туро ба таври ҳаққонӣ озод мекунад. Ту қавитар мегардӣ, вақте медонӣ, ки Худо хатоҳо ва сиррҳои туро дониста истода, бо вуҷуди ин ба ту муҳаббати Худро эълон менамояд.

Дар ҷавоб Ӯ хоҳиш мекунад, ки мо низ чунин рафтор кунем. Паёме, ки Худо ба мо бовар кардааст, чунин аст: Худои Падар муҳаббат аст, ва Писари Ӯ Исо қурбон шуд, то ки моро бо Ӯ оштӣ созад. Ин паём барои хомӯш мондан хеле бузург ва саховатмандона аст. Инҷил сир намебошад, вале сирре, ки ҳайратбахш аст, дар паси паёми муҳаббати Ӯ меистад.

Мо кӣ ҳастем, ки Падари Осмонии мо ба мо таваҷҷӯҳ намуд ва ҳадяи бузургеро ба мо дод? Ӯ нақшаи муҳаббати Худро ба мо ошкор кард ва хоҳиш кард, ки онро чуноне ки озодона қабул кардем, ҳамон тавр озодона ба дигарон нақл кунем. Ҳар кас сазовори он аст, ки паёми муҳаббати Худоро шунавад.

Даъвати Худоро дар бораи ошкор кардани сирҳо хонда, шояд, ту дарк кардӣ, ки дар ҳаёти ту соҳаҳои пӯшида аст. Ин метавонад ҷои тарс ё шарми чуқур бошад. Ин метавонад дар ё тирезае бошад, ки ту аз кушоданаш метарсӣ. Ман туро мефаҳмам.

Бо тамоми оила сафар карда, одатан мо ҳуҷраҳои паҳлӯиро фармоиш медиҳем. Ин утоқҳои ҳамсоя мебошанд, ки ба якдигар бо ду дар пайванд мешаванд. Гарчанде имкони якҷоя кардани

ин ҳуҷраҳо мавҷуданд, то даме ки ҳар ду дарро накушоед, гузаштан ғайриимкон аст. Мо бо Ҷон зуд дари худро мекушоем, ва пас аз муддате бачаҳо аз они худро мекушоянд – пас аз он ки ҷомадонҳоро боз мекунанд ва либосҳояшонро иваз менамоянд. Вақте ки ҳар ду дар кушода аст, мо ба ҳуҷраи онҳо роҳи гузар дорем, ва онҳо ба ҳуҷраи мо. Ва мо озодона ба ҳар яке аз ин ҳуҷраҳо даробуро карда метавонем.

Азизам, дарро бикшо. Дар он тараф ҳуҷраи саршор аз нур ҳаст, дар он туро оилаат интизор аст. Натарс! Худо дари Худро ба ту напӯшидааст. Ва даре, ки пештар кушода буд, низ ба рӯи ту пӯшида намешавад. Фақат онро аз тарафи худат боз кун.

Ман даъват ба амал меорам, ки дар назди Ӯ тамоми соҳаҳои ҳаётатро, ки дар он дардро ҳис мекунӣ, бикушо. Иҷозат бидеҳ, ки ҳаёт ва нури Ӯ ҳама гуна торикиро аз ҳаёти ту дур кунад.

Душмани ҷони ту мехоҳад, ки ту дар торикӣ бимонӣ. Торикӣ он чиро ки дар равшанӣ осон ва маълум аст, мураккаб ва печдарпеч мегардонад. Худо натанҳо мехоҳад, ки мо дар нур зиндагӣ кунем; Ӯ мехоҳад, ки мо нур бошем. Ту аз бори худ озод шуда, дар пайроҳаи ҳаёт пеш рафта метавонӣ, илова бар ин ту ин корро худи ҳозир карда метавонӣ. Зебоӣ ва қуввати дуо дар ҳамин аст.

Ман чанд калимае навиштам, ки ба ту барои кушодани дарат ёрдам медиҳанд, вале бигзор дар ин дуо туро ба таври ҳаққонӣ дилат ҳидоят кунад.

*Падари Осмонии меҳрубон,*
*Ман ба номи Исои Масеҳ ба назди Ту меоям. Маро бубахш, ки аз Ту пинҳон мешудам. Ман ба равшанӣ баромадан мехоҳам. Ман ҳар як дари пӯшидаро боз мекунам ва ба равшанӣ ва некӯии Ту дохил мешавам. Бо шукргузорӣ ҳаққи худро барои омурзида шудан қабул мекунам ва азм мекунам, ки дар ростӣ зиндагӣ кунам, чунки танҳо ҳамин маро дар озодӣ пойдор карда метавонад. Ман аз они Ту ҳастам. Ман худро ба муҳаббати Ту месупорам ва акнун роҳҳои Туро пайравӣ мекунам. Роҳи маро равшан гардон. Омин!*

## Биниши шабона

Акнун, хоҳари равшанӣ, ман сабр карда наметавонам, ки ба ту боз дар бораи як сифати ба модашер хос нақл кунам. Чуноне ки ту медонӣ, модашерҳо дар равшанӣ зиндагӣ мекунанд ва

дар торикӣ шикор. Вале чӣ тавр онҳо аз ӯҳдаи шикори шабона мебароянд? Ба туфайли бӯйгирӣ ва шунавоии ҳассос? Не!

Хоҳарон-модашерони мо дар асл дар торикӣ дида метавонанд.

Чӣ тавр?

Маълум мешавад, ки модашерон, ҳамчун намояндагони дигари оилаи гурбашаклҳо, дорои хусусияти ба худ хоси пайхас намудан, мункасир кардан, ва сипас инъикос кардани равшанӣ мебошанд. Онҳо барои дидан қобилияти истифода бурдани равшании ҳатто камтаринро доранд. Дар торикии мутлақ модашерон он қадар нобино ҳастанд, ки ҳамон қадар мову ту мебудем. Вале торикиро ақаллан партави равшанӣ бурида гузарад, он пай бурда ва ба қобилияти дидан табдил дода мешавад. Ҳатто ҷилои маҳтоб ё дурахши ситора ба модашерон дар шаб биноӣ мебахшад.

Мардумаки чашми онҳо, ки ба воситаи он равшанӣ ба даруни чашм дохил мешавад, аз они мо фарқ мекунад. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки бинишро мутамарказ гардонад, дар ҳоле ки дигарон ҳеҷ чизро намебинанд. Аз як ҷиҳат равшание, ки бо ёрии он онҳо мебинанд, аз чашм мебарояд, на аз муҳти атроф. Ана барои чӣ чашмони гурбаҳо баъзан дар торикӣ медурахшанд. Онҳо ҳама гуна равшание, ки дастрас мебошанд, ҷамъ карда, инъикос мекунанд.

Наход мо аз ин ҷиҳат аз модашерон ақиб монем. Ба андозаи он ки торикии ҷаҳон ғафстар мегардад, дар мо тадриҷан равшанӣ, ки мо истифода бурда метавонистем, камтар мегардад. Вақти он расид, ки манбаи равшаниро дар даруни худамон ривоҷ диҳем ва мутамарказ гардонем.

> Ва агар гӯям: «Албатта торикӣ маро ниҳон хоҳад кард, ва шаб барои ман паноҳгоҳ хоҳад шуд», — аммо торикӣ низ аз Ту пинҳон нахоҳад кард, ва шаб мисли рӯз равшан хоҳад шуд: хоҳ торикӣ бошад, хоҳ рӯшноӣ.
>
> Забур 138:11-12

Агар рӯзе ба мо лозим мешавад, ки ин маҳорати модашерро аз худ намоем, пас ин ҳоло аст. Бисёре аз мо рӯзона мебинанд, вале ман пешниҳод мекунам, ки қобилияти дар торикӣ диданро инкишоф диҳед. Равшание, ки бо ёрии он модашерон мебинанд, – ин феълан аз чашм мебарояд. Агар дар дилҳо оташ фурӯзон

бошад, пас мо дар ғуломии зулмот, ки моро иҳота кардааст, намемонем. Ин ба мо биниши мукаммалтари доираи фарогираш хеле васеътарро медиҳад, ва нуқтаи ибтидоии биниши мо бо биниши Худо мувофиқ мешавад.

Худо нур аст. Дар Ӯ торикӣ нест. Барои ман аҷиб аст, ки оё дар ҳақиқат ақли мо инро дар бар гирифта метавонад. Дар он ҷое, ки нур ҳаст, дар ҳамон ҷо биниш ҳаст. Дар он ҷое, ки биниш ҳаст, умед ва тавлиди диди рӯҳонӣ ҳаст. Дар ҷое, ки диди рӯҳонӣ аст, дар он ҷо кушоиш ҳаст.

Ман аввалин оятеро аз Навиштаҷот, ки ҳамчун кушоиш ба ман ато шуда буд, дар ёд дорам.

> Худо гипотезае нест, ки аз рӯи хулосаҳои мантиқӣ фикр карда баромада шудааст, балки идроки бевоситае, ки ҳамчун нур худ аз худ маълум аст. Ӯ чизе нест, ки бо ёрии равшании тафаккури ақлонӣ дар торикӣ бояд пайдо кунӣ. Ӯ айни ҳамон равшанӣ аст.
>
> – Авраам Ҷошуа Хешел

> То ки Худои Исои Масеҳи Худованди мо, Падари ҷалол рӯҳи ҳикмат ва ваҳйро барои шинохтани Ӯ ба шумо ато намояд, ва чашмони дили шуморо равшан созад, то шумо бидонед, ки умеди даъвати Ӯ аз чӣ иборат аст, ва сарвати ҷалоли мероси Ӯ барои муқаддасон чӣ гуна аст.
>
> Эфсӯсиён 1:17-18,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Ин ибора дуои ҳаррӯзаи ман гардид. Ман онро ҳар шаб, пеш аз хоб, такрор мекардам, чашмонамро мепӯшидам ва Худоро ба хобҳои худ даъват мекардам. Дар равшании рӯз, пеш аз хондани Навиштаҷот, ман аз сӯҳбати Ӯ лаззат мебурдам. Ман бо мӯъҷиза ва ваъдаи чашмони пурнур, ки чӣ тавр акс ёфтани осмонро дар замин дида метавонад, пур шуда будам.

Ту ба он чиз, ки нигоҳ мекунӣ, ба ҳамон табдил меёбӣ. Он чиро ки мебинӣ, ҳамонро ифода мекунӣ. Аз он хавотирам, ки мо фаҳмиши онро, ки чӣ қадар мӯъҷизаи аҷоибро Худованд барои мо тайёр кардааст, гум кардаем. Худоё, чашмони моро бикушо, то ки дида тавонем!

Дар ин хоҳиш он чиз акс ёфтааст, ки бо соддагии одамоне, ки нубувват мекунанд, ҳамчун покии кӯдак, бояд тоза бошад. Мо акси садои онро дар маслиҳате мешунаем, ки Элӣ ба Самуил дод.

> ...рафта, бихоб, ва ҳангоме ки туро бихонад, бигӯй: "Эй Худованд, бигӯй, зеро ки бандаат мешунавад".
>
> 1 Подшоҳон 3:9

Овози Худованд Самули хуфтаро аз хоб бедор карда, даъват мекунад. Ҷавоби мо ба мисли ҷавоби ӯ бояд бошад: "Бигӯй, эй Худованд, зеро ки бандаат мешунавад".

Ҳанӯз Самуил ҷавоб надода ва аз Худо хоҳиш накарда буд, ки гап занад, ӯ танҳо шунид, ки чӣ тавр Худо номи ӯро хонд. То он вақте, ки ӯ ба номи Худованд нубувват карда метавонист, бояд вақти муайяне мегузашт.

Чанде аз мо танҳо онро аз сар гузаронидаанд, ки Худо номи моро хондааст? Ба ман бовар кунед, ман ин азсаргузарониро камаҳамият нишон намедиҳам, вале ин танҳо саршавӣ аст. Биёед ба ягон чизи бузургтар мегузарем, ки ҳар яке аз мо мехоҳад. Мо ташнаи он ҳастем, ки нақшаи Худоро донем ва бо Ӯ якҷоя кор кунем. Ин маънои онро дорад, ки мо ба Ӯ иҷозат медиҳем, ки ба воситаи мо гап занад.

> Ва Худованд ба Самуил гуфт: "Инак, Ман коре дар Исроил мекунам, ва ҳар касе ки дар бораи он бишнавад, ҳар ду гӯшаш садо хоҳад дод".
>
> 1 Подшоҳон 3:11

Ман шубҳа надорам, ки ҳатто ҳозир Худо ба мо гап мезанад: "Духтаронам, бодиққат гӯш кунед! Ман дар замин коре кардан мехоҳам, ки ҳамаро ба ҳайрат меорад ва диққати тамоми дунёро ҷалб мекунад". Худо ташнаи фарзандонест, ки диққати дунёро ба Ӯ ҷалб мекунанд.

Дар замони Самуил Худо ба одамон аҳёнан сухан меронд, ва қурбонгоҳи халқи Худо ва азамати маъбад, ки дар он бояд Ӯро ибодат мекарданд, палид гардонида шуда буд. Яке аз ҷойҳои гуноҳҳои ҷинсӣ худи... маъбад гардид! Элӣ қодир набуд ё намехост, ки писарони худро аз гуноҳ боздорад, зеро дар ниҳояти кор аз хиёнаткории онҳо фоида мегирифт.

Дар натиҷа Худо аз хонадони Элӣ рӯ гардонд ва навраси сарсупурдаро, ки Ӯ ба вай бовар мекард, бедор намуд. Гуноҳҳои замони мо ин қадар аз гуноҳҳои он замон фарқ намекунанд, вале Худо ҳоло низ фарзандоне дорад, ки бедор мешаванд.

> Валекин Самуили амрад торафт калон шуда, ҳам дар назари Худованд ва ҳам дар назари мардум илтифот меёфт.
>
> 1 Подшоҳон 2:26

Ман ҷавононеро вохӯрдаам, ки маҳз чунин ҳастанд – пур аз ҳаёт, баракатёфта аз Худо ва дар назари мардум дорои илтифот. Худо мехоҳад, ки онҳоро дар паҳлӯи мо ҷойгир кунад, то ки мо якҷоя кори Ӯро иҷро кунем.

Барои ин бояд рӯҳияи нубувват бедор гардад, то ба чашмони мо қобилияти биниш диҳад, ки Худо чӣ кор мекунад, ва ба гӯшҳо қобилияти шунидан, ки Ӯ чӣ мегӯяд, ва қобилияти ошкор кардани Каломи Ӯро чунон равшан ва бо чунон пуррагӣ диҳад, ки он ҳама гуна монеаҳоро дар қалби инсон бартараф кунад.

Дар партави ин гуфтаҳо ман мехоҳам, ки ту ин саҳифаҳоро ҳамчун суханони нубувватӣ қабул кунӣ ва ба он иҷозат диҳӣ, то ба он гӯшаҳои қалбат, ки дар он оташи умедворӣ барои мӯъҷизаи Худо фурӯзон аст, муроҷиат кунад. Бидон, ки вақте ту оятҳои дар ин ҷо овардашудаи Навиштаҷот, тимсолҳо ва ҳикоятҳоро мехонӣ, онҳо бахшоиши Худоро андаруни ту зинда ё бедор карда метавонанд.

Ин Рӯҳулқудс доираи ҳаёти туро васеъ мекунад ва қобилияти шунавоӣ, биноӣ ва фаҳмиши туро афзун менамояд.

Боре пас аз он ки ман мавъиза карданро ба итмом расонидам, як ҷавонзани хушрӯй, ки дар ҳаёти худ тадҳини пурқуввати Худоро дорад, ба назди ман омад ва саргузашти зеринро ба ман нақл кард: "Ҳар дафъа, вақте ки ман мавъизаҳои туро мешунавам, дар даруни ман кӯдак ба ҷунбидан сар мекунад".

Ӯ кӯдак интизор набуд – аниқтараш, ман дар ин бора ҳеҷ чиз намедонистам. Ӯ ба ҳаракат омадани ягон чизи илоҳиро андарунаш дар назар дошт, ва намедонист, ки онро чӣ тавр ифода кунад.

Эҳтимол, пештар ту чунин ҷунбишро дар дохили худ ҳис кардаӣ. Вале ту то ҳол нишастаӣ ва худро бовар мекунонӣ: *"Ман охир ягон пайғамбар нестам-ку!"*. Ман модаре ҳастам, ки бо бачагон дар хона мешинад, ё ман ҳамту наврас, ё зани коргари доимо ба кор машғул ҳастам, ё ман модаркалон мебошам. Шояд, вақте ки ту калимаи "набӣ"-ро мешунавӣ, ҳама он чизе ки дар тасаввури ту пайдо мешавад, ин Ирмиё мебошад, ки дар ҳабс азоб мекашад, ё Айюб, ки наҳанг фурӯ бурдааст.

Хуб, ман розӣ ҳастам, ки ҳаёти ту аз ҳаёти онҳо фарқ дорад. Ва, шояд ту набия нестӣ, вале ин тамоман маънои онро надорад, ки ту дар бахшоиши нубувват амал карда наметавонӣ.

Амал кардан дар бахшоиши нубувват – маънои диди рӯҳонӣ ва дурандешӣ доштан аст, ки ба ту қобилияти стратегии пешгӯӣ карданро медиҳад. Ҳатто баъзан дуоҳои мо шакли нубувватро ба худ мегиранд. Мо медонем, ки Ӯ мешунавад, бинобар ин мо медонем, ки Ӯ ҷавоб медиҳад ва ба мо корҳои аҷоиб ва бузургеро намоён мекунад, ки дар бораашон пештар мо медонистем. Мо ба оянда некбинона нигариста, дуо мекунем.

Дар замоне, ки Исо дар рӯи замин мегашт, фарисиҳо аллакай биноии худро гум карда буданд. Ҳаёт ва суханони Исо кӯрии онҳоро фош мекард, ки ин онҳоро ба ғазаб меовард. Дар боби 5-уми Инҷили Юҳанно навишта шудааст, ки чӣ тавр Исо онҳоро боз хашмгин кард – ин дафъа бо шифо додан дар рӯзи шанбе. Ин вайрон кардани шариати онҳо буд. Вале донистан зарур аст, ки рафтори Исо ба фармудаҳои Худо, ки халқи Худоро барои эҳтиром, риоя ва маҳфуз доштани шанбе даъват мекард, мутобиқ буд.

Чӣ бештар муқаддас аст аз он, ки лангро шифо диҳӣ? Ба фикри онҳо қудсият ин ба ҳеҷ кор даст назадан буд, ва агар Исо бо некандешӣ ҳам шифо доданӣ бошад, бигзор онро дар ягон рӯзи дигар кунад. Фарисиёни бо қоида ва қонунҳо кӯршуда, пешпо хӯрда меғалтиданд.

> Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Падари Ман то кунун кор мекунад, ва Ман низ кор мекунам». Аз ин сабаб бештар қасд карданд, ки Ӯро ба қатл расонанд, зеро ки на танҳо шанберо риоят намекард, балки Худоро низ Падари Худ гуфта, Худро бо Худо баробар медонист. Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Писар наметавонад аз Худ чизе ба амал оварад, *магар он чи бубинад, ки Падар ба амал меоварад: зеро ки он чи Ӯ мекунад, Писар низ мекунад. Зеро ки Падар Писарро дӯст медорад ва ҳар он чи Худаш мекунад, ба Писар нишон медиҳад; ва корҳои бузургтар аз ин ҳам ба Ӯ нишон хоҳад дод, то ки шумо тааҷҷуб намоед.*
>
> Юҳанно 5:17-20,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Фармоиш дар бораи шанбе на бо назардошти кори мо, балки бо назардошти фароғат кардани мо дар он коре, ки Худо

мекунад, дода шуда буд. Суханронии рӯйрости Исо дар назди мо баъзе саволҳоро ба миён меорад, ки мо бояд ҷавоб диҳем:

- Оё ту духтари Худо ҳастӣ?
- Оё ту дидан мехоҳӣ, ки Падари ту чӣ кор мекунад?
- Оё ту дар ин кор иштирок кардан мехоҳӣ?
- Оё ту он шахсе будан мехоҳӣ, ки равшанӣ меорад, ё шахсе, ки ба торикии касе ишора мекунад?
- Оё ту, ҳамчун масеҳӣ, ҷудо аз дигарон зиндагӣ карда, худро хушбахт меҳисобӣ?
- Оё ту мӯъҷизаҳои Ӯро ба дунёи мазлум, ноумед, миранда ва рӯҳафтода зоҳир кардан мехоҳӣ?

Исо ҳаргиз ғалатӣ набуд, вале ба ҳар ҷое, ки мерафт, мӯъҷизаҳои Худоро намоён мекард.

Агар Исо, Писари Худо, Худ аз Худ ҳеҷ коре карда наметавонист, пас, мо низ, бидуни роҳнамоӣ ва ҳидояти Рӯҳулқудс, ҳеҷ кор карда наметавонем. Мо бояд он кореро бикунем, ки Ӯ мекард. Ӯ ваъда додааст, ки ба мо ёрӣ медиҳад. Барои таъкид кардани ин, биёед бори дигар ба Китоби Аъмол нигоҳ мекунем.

> “Ва дар рӯзҳои охир, мегӯяд Худо, чунин хоҳам кард: Рӯҳи Худро бар тамоми башар хоҳам рехт, ва писарону духтарони шумо нубувват хоҳанд кард, ва ҷавонони шумо рӯъёҳо ва пирони шумо хобҳо хоҳанд дид;Ва ҳатто бар ғуломону канизони Худ дар он рӯзҳо Рӯҳи Худро хоҳам рехт, ва онҳо нубувват хоҳанд кард;Ва аз боло дар осмон мӯъҷизот ва аз поён дар замин аломот: хун ва оташ ва бухороти дуд ба зуҳур ҳоҳам овард: Пеш аз он ки рӯзи азиму пуршукӯҳи Худованд фаро расад, офтоб ба зулмот ва моҳ ба хун мубаддал ҳоҳад шуд; Ва чунин ҳоҳад шуд, ки ҳар кӣ исми Худовандро бихонад, наҷот ҳоҳад ёфт”.
>
> Аъмол 2:17-21

Барои ин рӯзҳои охир ваъдае, ки шамоли Рӯҳ овардааст, ҳоло ҳам мавҷуд мебошад. Ба ман бовар кунед, дар аввал худи ман ба ҳайрат афтода будам, ки чаро маҳз моро Худо интихоб кардааст. Вақте ки ман ба ҷаҳон сафар мекунам ва воқеаҳоро мушоҳида мекунам, ба назарам, ин на он одамон ва на он даврае аст, ки барои рехтани рӯҳи худ азм карда тавонам. Дар ҳоле ки ҳама чиз

на он қадар тира ва номуайян аст, ман вақти дилписандтар ва бехатарро интихоб мекардам.

Интихоби беҳтарин барои ман солҳои 50-уми солшумории мелодӣ мебуд, айнан пеш аз сар шудани таъқибот ба масеҳиён. Вале он гоҳ, дар он ҳама воқеаҳо мавқеи мо чӣ гуна буда метавонист? Ё шояд, ту фикр мекунӣ, ки резиши Рӯҳро намехоҳӣ ё ба Ӯ эҳтиёҷ надорӣ? Шояд, дар калисои ту ба ин бовар намекунанд. Вале дар асл, он чизе, ки ман мегӯям ё он чизе, ки ту чӣ мехоҳӣ, аҳамият надорад. "Ва дар рӯзҳои охир, – мегӯяд  Худо, – чунин хоҳам кард: Рӯҳи Худро бар тамоми башар хоҳам рехт".

Ба назарам, дар ниҳояти кор Ӯ халқи Худро ҳам пайдо мекунад, ва ҳам маҳз чӣ хеле ки гуфт, ҳамон тавр хоҳад кард. Вале ҳатто дар ин ҳолат, ин чӣ маъно дорад? Резиши Рӯҳи Ӯ чӣ гуна хоҳад буд? Хуб, меомӯзем ва ба ҷараёни инкишофи резиши Рӯҳ таърифи аниқтар медиҳем.

Тақрибан ду ҳазор сол пеш аз ин Рӯҳулқудс ба замин фиристода шуд, то Исоро зоҳир кунад ва дили имондоронро нав гардонад. Инак, мо Рӯҳулқудсро дорем, ки дар Бадани Ӯ, яъне калисо амал мекунад. Вале ман он чизеро, ки имрӯз рӯй дода истодааст, резиш гуфта наметавонам.

Пас, резиш чӣ гуна буда метавонад?

Барои таҳқиқ кардани ин, мо аввал бояд маънои калимаи *"рӯҳ"*-ро равшан кунем. Калимаи *"рӯҳ"* чор маънои мушаххас дорад. Якум ин *"қувват"* аст. Ба ин нуқтаи назар чунин мафҳумҳо, ба мисли *"далерӣ", "ҷасорат", "хислат", "иродаи матин", "қувваи пешбаранда", "истодагарӣ", "пойдории ахлоқӣ", "хирад", "мақсаднокӣ", "ҷасорат", "бебокӣ", "дил"* ва *"гард"* дохил мешаванд. Дар сатрҳои навбатӣ аз Навиштаҷот мисол оварда шудааст, ки Рӯҳ дар намуди далерӣ ва қуввати ҷисмонӣ рехта шуд.

> Ва Рӯҳи Худованд бар ӯ нозил шуда, онро дупора кард, чунон ки бузғоларо дупора мекунанд, агарчи дар дасташ чизе набуд...
>
> Доварон 14:6

Бале, ин мисоли сахт аст, ба симои Рӯҳе, ки дар намуди кабӯтар нозил мешавад, на он қадар мувофиқ аст.

Мана мисоли Рӯҳ ҳамчун хирад ва пойдории ахлоқӣ:

> Ва бар Ӯ Рӯҳи Худованд, рӯҳи ҳикмат ва хирад, рӯҳи машварат ва қудрат, рӯҳи шинохтани Худованд ва тарси Ӯ қарор хоҳад гирифт.
>
> Ишаъё 11:2

Ё:

> Худоё, дили поке дар ман биофарин, ва рӯҳи дурусте дар ботинам нав бикун.
>
> Забур 50:12

Ҳамчунин Рӯҳ ҳамчун хирад аст:

> Ва Ман ӯро аз Рӯҳи Худо, аз ҳикмат ва фаҳм ва дониш ва ҳар ҳунар пур кардаам...
>
> Хуруҷ 31:3

Ва ниҳоятан, ин ҷои Навиштаҷот Рӯҳро ҳамчун дил арзёбӣ мекунад:

> Ва Ман ба онҳо дили ягонае хоҳам дод, ва рӯҳи тозае андаруни онҳо хоҳам ниҳод, ва дили сангинро аз ҷисми онҳо дур хоҳам кард, ва дили гӯштӣ ба онҳо хоҳам бахшид...
>
> Ҳизқиёл 11:19

Ҳамчунин маънои дуюм ва асосии *“рӯҳ”* мавҷуд аст – онро бо калимаи *“ҷон”* ифода кардан мумкин аст. Ба нуқтаи назар чунин мафҳумҳо, ба мисли *“мани дарунӣ”, “қуввати ҳаётбахш*”, ва *“ҷавҳар”* якҷоя мешаванд.

> Рӯҳи одам бемории ӯро мебардорад, вале рӯҳ агар афсурда бошад, кист, ки тавонад онро бардорад?
>
> Масалҳо 18:14

> Дили шод чеҳраро зебо мегардонад, вале аз андӯҳи дил рӯҳ маъюс мешавад.
>
> Масалҳо 15:13,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Маънои навбатии калимаи “рӯҳ” – “шабаҳ, суроб, хаёлот, васваса”. (Бовар дорам, ки ба таври муфассал омӯхтани ин маъно ба мо лозим нест.)

Ниҳоят, рӯҳ маънои “эҳсосоти умумӣ, муносибат, табъ,

тамоил, фазо"-ро дорад. Эҳтимол, шумо шунида бошед, чуноне ки одамон мегӯянд, ки дар ким-кадом ҷой онҳо худро нағз ҳис мекунанд – "дар ин ҷо рӯҳи хуб аст". Онҳо на дар бораи шабаҳ ва на дар бораи кабӯтар гап мезананд. Онҳо дар бораи фазо ё ҳиссиёти ҳамаро фарогиранда (масалан, умедворӣ) сухан мегӯянд. Аз ростӣ, дар ҳамон болохона, пеш аз резиши аввалини рӯҳ, вақте ки ҳама дар як ҷо якдилона дуо мекарданд, дар он ҷо як навъ фазо, рӯҳия ё рӯҳе буд – рӯҳи иззату эҳтиром ба ҳама коре, ки Худо кардан мехост.

> ... ва ҳар куҷо Рӯҳи Худованд аст, он ҷо озодист.
>
> 2 Қӯринтиён 3:17

Инак, мо дар ин ҷо мебинем, ки чӣ тавр Рӯҳ аз Худо фазои озодиро меорад.

Эҳтимол, ту мушоҳида кардӣ, ки ман *"рӯҳ"*-ро ҳамчун сухан гуфтан ба забонҳо тавсиф накардам. Забонҳои ғайр ин яке аз зуҳурот ё шаҳодатҳои Рӯҳулқудс аст, аммо забонҳои ғайр ифодаи пурраи Рӯҳулқудс намебошад.

Аз Китоби Муқаддас мо мебинем, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс худро ба таври гуногун зоҳир мекунад. Рӯҳ ба Шимшӯн қуввати фавқуттабиӣ бахшид, то вай маъбадро ба болои фалиштиён чаппа кунад. Илёс аз аробаи подшоҳ пеш гузашт. Вақте ки шуҷоати илоҳӣ ба Ҷидъӯн фаромад, вай лашкари беаслиҳаро ҷамъ кард ва душманро шикаст дод. Бо қуввати Рӯҳ Деборӯ, зани танҳо, ки дар биёбон зиндагӣ мекард, бар зидди душманони Исроил қувваи бузургро равона кард. Бо қуввати Рӯҳ Исо барои шаҳодат додан ба ҳар касе, ки дар роҳ бо Ӯ рӯ ба рӯ мешуд, ба ҳар ҷое, ки мерафт, хислати Худоро инъикос менамуд.

Ва акнун навбати мо. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки дар замони мо одамон аз тарс беҳол мешаванд. Чӣ тавр ин тарси сусткунандаро мағлуб кардан мумкин аст? Ба фикрам, ҷавоб ба ин ҷоришавии далерии Худо мебошад.

Азбаски мо дар айёми эҳёи нубувват зиндагӣ мекунем, баъзан одамон он чизеро, ки дар уфуқ намоён мешавад, дида метавонанд, вале такрори он қалбакӣ ё сохтакорӣ ба назар мерасад. Баъзе аз шумоён, эҳтимол, дар гузашта бо амалҳои нубувватие рӯ ба рӯ шудаед, ки андаке ғалатӣ ё зоҳиран бардурӯғ менамуданд.

Биёед ба ин равшанӣ меандозем. Барои Худо аз тани одам,

ё гурӯҳи одамон, ки дорои ягон унвон мебошанд, чизи бештаре лозим аст. Ба Ӯ одамоне лозиманд, ки дили Ӯро доранд. Мо дар бахшоиши нубувват аз он сабаб амал мекунем, ки дар ин замон ба дунё омадаем. На аз он сабаб ки дар ягон семинар иштирок кардаем, вале аз он сабаб ки, ҳамчун Самуил, мо низ ба Худои худамон хизмат мекардем. Иштирок кардан дар семинарҳо ягон ҷои бадӣ надорад; фақат ин ки гап дар бораи чизи бузургтар меравад.

Худо ҳаргиз атои нубувватро ҳамчун як чизи фавқуллода, боҳашамат, дастрас танҳо ба гурӯҳи маҳдуди одамон фикр карда набаромадааст. Ӯ барои одамизод рӯъёҳо ва садоҳои нубувватӣ муқаррар кардааст, ки чашмони моро барои дидан, гӯшҳои моро барои шунидан, даҳони моро барои гуфтан, ва дилҳои моро барои ҳамдардӣ кардан кушода гардонад.

Барои беҳад содда кардани масъалаи атои нубувват ҷуръат намуда, ман чанд принсипҳоеро, ки дар натиҷаи омӯхтани набии дӯстдоштаам Ишаъё ҳосил кардаам, пешкаш кардан мехоҳам. Аз оғози паёми нубувватии илҳомбахши ӯ мо инро мефаҳмем:

> ...Ӯ тариқҳои Худро ба мо таълим диҳад, ва мо ба роҳҳои Ӯ равона шавем.
>
> Ишаъё 2:3

Ин ба ман маъқул аст: Худо ба мо тариқҳои Худро мекушояд, то ки мо тавре зиндагӣ кунем, ки пешакӣ таъин карда шудааст. Мо барои мувофиқи таппиши дили Худованд зиндагӣ кардан офарида шуда будем. Ӯ мехоҳад, ки ба мо роҳҳо ва корҳои Худро ошкор кунад. Дар партави ин гуфтаҳо ман дар боби 49-уми Ишаъё якчанд супоришҳоеро дарёфт кардам, ки ба одамоне, ки ба оянда нигоҳ мекунанд, ирсол карда шудаанд; ҳамон фикрҳоро ҳаввори Павлус ҳангоми дар боби 9-уми Нома ба Румиён иқтибос овардани Ишаъё такрор кардааст:

1. Ба афроз нигоҳ кун.
2. Ба атроф нигоҳ кун.
3. Бодиққат нигоҳ кун.
4. Ба пеш нигоҳ кун.
5. Ҳақро бигӯ.

Пеш аз ҳама, ба афроз нигоҳ кун. Агар ту медонӣ, ки чӣ тавр беҳтар нигоҳи худро ба афроз бардоштан мумкин аст, пас

барои аз нуқтаи назари Осмон нигоҳ кардан ба ҷаҳон беҳтар аз Китоби Ваҳй дигарашро ёфта наметавонӣ. Лутфан, ин китобро танҳо ҳамчун манзараи даҳшатноки нубувватии замони охир ҳисоб накунед. Ин ваҳй дар бораи он аст, ки Кӣ буд, Кӣ ҳаст ва Кӣ бармегардад. Худо аз вақт вобаста нест; Ӯ абадӣ аст ва аксар вақт ба мо аз нуқтаи назари абадият сухан меронад. Дар коллеҷ ман дар давоми нимсолаи таҳсил Китоби Ваҳйро омӯхтам, ва маро то ҳол ҳама гуна кӯшишҳои одамон барои маҳдуд кардани он бо чаҳорчӯбаи замони мо ҳайрон мекунад. Ман шубҳа дорам, ки ҳатто Юҳаннои Фақеҳ ҳамаи он чизҳоеро, ки сабт намуд, мефаҳмид. Баъзан ҳама чизро донистан ҳам зарур нест, танҳо ба он бовар кардан лозим аст, ки дар паси "парда" аз тасаввури мо ҳам зиёдтар воқеаҳои пуршукӯҳ рӯй медиҳанд.

Эҳтиёҷ барои нигоҳ кардан сӯи афроз хеле бузург аст. Мо то ҳол дар бораи Исое мавъиза мекунем, ки афзалиятҳои Илоҳии Худро як сӯ гузошта, ва Писари Одамизод шуда, дар Ҷалил мегашт, бо одамони оддӣ вақт мегузаронд. Аммо дар бораи Исое, ки ба Юҳанно зоҳир шуд, чӣ фикр доред? Тасаввур кунед, агар тавонед:

> ... касеро монанди Писари Одам, ки камзӯли дарозе дар бар дошт ва бар синааш камарбанди тилло баста буд; сари Ӯ ва мӯи Ӯ мисли пашм ё барф сафед буд; ва чашмони Ӯ мисли шӯълаи оташ; ва пойҳои Ӯ монанди мисе ки дар кӯра сурх шуда бошад; ва овози Ӯ мисли шувваси обҳои бисёр; ва Ӯ дар дасти рости Худ ҳафт ситора дошт, ва аз даҳони Ӯ шамшери дудама берун меомад; ва рӯи Ӯ мисли офтобе буд, ки дар қувваташ медурахшад.Ва ҳангоме ки Ӯро дидам, бар пойҳояш мисли мурда афтодам, ва Ӯ дасти рости Худро бар ман гузошта, гуфт: "Натарс; Манам Аввалин ва Охирин, ва Зинда; ва Ман мурда будам, ва инак то абад зинда ҳастам, омин; ва калидҳои дӯзах ва мамот дар дасти Ман аст. Пас бинавис он чи ту дидаӣ, ва он чи ҳаст, ва он чи баъд аз ин бояд ба вуқӯъ ояд".
>
> Ваҳй 1:13-19

Биёед мефаҳмем, ки дар ин ҷо сухан дар бораи чӣ меравад. Юҳанно, эҳтимол, дар байни дувоздаҳ нафар шогирдон аз ҳама ботамкинтар буд. Аниқтараш, вай шогирди аз ҳама маҳбубтарини Исо буд. Ниҳоятан, маҳз ба ӯ Исо дар вақти Таоми шом ошкор

кард, ки кӣ ба Вай хиёнат хоҳад кард. Вақте ки Юҳанно Исоро дар Осмон, пур аз ҷалоли Писари Худо дид, ба назди пояш мисли мурда афтод! Ин хеле бузургтар аз Исое, ки дар даст баррача дорад ё моҳӣ омода мекунад. Ин Писари Худои Бузург аст, ки дар дастони Худ ситораҳоро дошта истодааст. Ин Подшоҳи мусаллаҳ ва тавоно аст. Чӣ мешавад, агар мо ин ваҳйи ҳайратбахшро дар бораи Исо мавъиза кунем? Биёед ба Китоби Ваҳй нигоҳ мекунем.

> Ваҳйи Исои Масеҳ, ки Худо ба Ӯ ато намуд, то ба бандагони Худ нишон диҳад, ки ба қарибӣ чиҳо бояд ба вуқӯъ ояд. Ва Ӯ онро ба воситаи фариштаи Худ ба бандаи Худ Юҳанно фиристода, зоҳир сохт, ки вай ба каломи Худо, ва ба шаҳодати Исои Масеҳ, ва ба ҳар чизе ки дида буд, гувоҳӣ дод. Хушо касе ки мехонад ва касоне ки мешунаванд суханони ин нубувватро, ва он чи дар он навишта шудааст, риоят мекунанд, зеро ки вақт наздик аст.
>
> Ваҳй 1:1-3

Пеш аз ҳама, ин китоб ҷавҳари ҳақиқии Исоро ошкор мекунад. Дар он барои ҳар касе, ки ин ваҳйро мехонад, мешунавад ва ҳифз мекунад, баракат эълон карда шудаст, бинобар ин он аз сазовори диққати мо будан ҳам болотар аст. Умуман ин ваҳй чӣ аҳамияте дорад? Магар мо дар бораи он, ки Исо дар замин чӣ тавр зиндагӣ мекард, маълумоти кам дорем?

Ба назарам, ин фақат як порчаи он аст, ки дар асл Наҷотбахши зафарманди мо, Масеҳи мо, кист. Ӯ аз афзалиятҳои илоҳӣ даст кашид ва ба мо монанд шуд, то ки мо низ худамонро инкор карда ба Ӯ монанд шавем. Вай тавоно, қуддус, аҷиб аст... бинобар ин ба афроз нигоҳ кунед!

Нуқтаи навбатӣ – ба атроф нигоҳ кун. Аз баландии осмон ба оянда нигоҳ карда, мо ба худамон, ба атрофи худ ва сокинони замин бо назари боз ҳам равшанфикрона нигоҳ карданро сар мекунем. Ишаъё, вақте ки то умқи дили худ аз кушоиши Худо ба ҳайрат афтод, инро ҳис кард (ниг.: Ишаъё, боби 6). Дар аввал ӯ эҳсос кард, ки даҳони вай нопок аст. Сипас нопокии қавме, ки ӯ дар байнаш зиндагӣ мекард, ба вай кушода шуд. Бо ёрии лахчаи қурбонгоҳ Ишаъё аз гуноҳ ва шарм озод карда шуд ва далерона пешниҳод кард: "Маро бифирист". Ӯ пок буд, дили вай кушода буд, ӯ барои рафтан ба назди одамоне, ки тавре Худо огоҳ карда

буд, вайро гӯш нахоҳанд кард, тайёр буд.

Тазод ва ихтилофе, ки мо Худои қуддус ва одилро бо худ ва олами атроф муқоиса карда, мебинем, дилҳои моро бояд шикаста гардонанд. Ба атрофи худ нигоҳ кунед. Навигариҳои рӯз ё филми силсилавии мазҳакавиро нигоҳ кун. Чиро мебинӣ? Ман гуноҳ ва беадолатиро мебинам, ва ҳам мебинам, ки фарзандони нур аз паноҳгоҳи худ мебароянд, то ки бо торикии пурдаҳшат рӯ ба рӯ шаванд. Вақте ки онҳо дар рӯшноӣ пинҳон буданд, ин торикӣ доман паҳн карда буд.

Барои чӣ мо бояд бодиққат нигоҳ кунем? Ба фикрам, ин маънои пайдо кардани роҳ аст, то ки ба дунёи бемор ва бадкор некӣ ва саломатӣ бурда расонида шавад. Ин маънои бо равшании худ дур кардани торикӣ, ба ноумедон умед бахшидан, аз бадӣ рӯ гардонидан ва некӣ карданро дорад. Он чиро ки бемор ва осебдида аст, саломатӣ ва қувваташро барқарор кун. Самти фаъолияти мо аз ҳалли проблемаҳои иқтисодӣ ва дорои хусусияти маърифатӣ сар карда, то ҳалли проблемаҳои муносибатҳои байниҳамдигарии одамон гуногунҷабҳа буда метавонад.

Дар атрофи мо оилаҳои хеле зиёде ҳастанд, ки барқарорсозиро талаб мекунанд. Бисёр одамон ба доруворӣ, об ва хӯрок сахт мӯҳтоҷанд.

Бисёр шахсони танҳо ҳастанд, ки ба оила ниёз доранд; ятимоне ҳастанд, ки ба писархонд кардан мӯҳтоҷанд, ва асирон, ки бояд озод намуд. Мазлумон ва барканоршудагон ҳастанд, ки дастгирӣ мебояд кард. Бодиққат нигоҳ кун!

Барои нигоҳ кардан ба пеш, мо бояд дарк кунем, ки амалҳои имрӯзаи мо дар оянда идома хоҳанд дошт, бинобар ин аз мо на танҳо талаб карда мешавад, ки бояд ба пеш нигоҳ кунем, балки ҳам дурандеш бошем. Ба чорроҳаҳои зиндагӣ наздик шуда истода, мо бояд ҳама кори оғозкардаамонро то ба охир бурда расонем.

Ман дучархаи (мотоцикл) *Ninja* дорам. Ин на он қадар чизи технологӣ ва бехатар мебошад, бинобар ин, то ки Ҷон хавотир нашавад, ки ҳамсари вай ягон чизи хатарнокро меронад, мо дарси бехатар рондани дучархаро хондем. (Ман дар он ҷо ягона зан будам.) Аз ин дарс мо фаҳмидем, ки бисёр садамаҳо дар чорроҳаҳо рух медиҳанд – ва на аз сабаби он ки дучархаронҳо қоидаро вайрон мекунанд, балки танҳо аз он сабаб ки

ронандагони мошинҳо онҳоро намебинанд. Мо истилоҳеро ёд гирифтем, ки он моро ҳушдор медиҳад, то ки барои эҳтиёт кардан аз садама бояд ҳаракатҳои фаъолро ба амал орем: ҶБИ (ин чунин рамзкушоӣ карда мешавад: “Ҷустуҷӯ, Баҳогузорӣ ва Иҷро кардан”).

Ба чорроҳа бо *Ninja*-и худ наздик шуда, ман диққати худро ба мошинҳо бисёртар равона мекунам, назар ба он ки ронандагони мошин ба ман диққати худро равона мекунанд. Зеро мушоҳида кардани ҳама гуна хатарҳои эҳтимолӣ ба манфиати ман аст, ва ҳатто агар ронандагони мошин онҳоро мушоҳида накунанд ҳам, ман онҳоро ҷустуҷӯ мекунам. Ман ба мошинҳои паҳлӯӣ назар мекунам, ва мушоҳида мекунам, ки кӣ бо телефон гап мезанад, кӣ рӯяшро мегардонад, кӣ маро мушоҳида кард ва кӣ не. Ҳамчунин ман ҳолати роҳро аз назар мегузаронам. Бо шағал ва рег ман дӯстӣ намекунам. Ман ҳама гуна чорроҳаро барои хатарҳои эҳтимолӣ ва роҳҳои пешгирӣ кардани онро аз назар мегузаронам.

Баъд аз он ки ман маҳалро аз назар мегузаронам, ман усули аз ҳама беҳтаринро интихоб карда, вазъиятро баҳогузорӣ менамоям. Баъзан, вақте ки мо бо Ҷон якҷоя савор ҳастем, вай пештар меронад, чунки садои дучархаи вай аз они ман баландтар аст ва вақте ки вай наздик мешавад, ронандагон онро мешунаванд. Вале агар мошинҳо дар ақиб мемонанд, ман пештар меронам, то ки вай аз пушт ҳаракат карда, маро аз хатар эҳтиёт кунад.

Вақте ки нақша тартиб дода шудааст, мо онро иҷро мекунем. Мо ба мошинҳо сигналҳои бардурӯғ намедиҳем: масалан, чароғаки чапро даргиронда, ба самти рост ҳаракат намекунем. Мо кӯшиш мекунем, ки дар бораи мақсадҳои худ ба қадри имкон фаҳмо хабар диҳем.

*Ninja*-и худро ронда, ман боз як дарси муҳимро аз худ кардам: вақте ки ту дучарха меронӣ, ба поён нигоҳ накун, чунки ба афтидан роҳ медиҳӣ. Дар дучарха, чуноне ки дар зиндагӣ, дар вақти гардиш, ту бояд ба боло ва ба пеш нигоҳ кунӣ. Агар ту ҳангоми ҳаракат ба пеш нигоҳ карда истода бошӣ, он гоҳ дуруст гардиш мекунӣ, на ба он ҷо, ки ту пештар ё ҳоло дар он ҷо истодаӣ. Ба пеш, ба нуқтаи таъинот нигоҳ кун.

Он ҷое, ки ҳоло мо истодаем, – ин на он ҷоест, ки мо ба он ҳаракат мекунем. Дар пеш моро чизҳои бузургтар интизоранд:

шодии бештар, хатарҳои бештар, Худо бештар, санҷишҳои бештар, адолати бештар, озодии бештар, қуввати бештар, равшании бештар, умеди бештар.

Мо дар ҳақиқат дар чорроҳа дар байни он ки ҳоло ҳама чиз дар кадом сатҳ аст ва бояд дар кадом сатҳ бошад, қарор дорем. Ин маънои онро дорад, ки дар ҳаёт аз паҳлӯи мо бисёр ронандагон моро пай набурда, шитобон мегузаранд. Барои таъмин кардани бехатарии мо бодиққатона ҳама чизро пай бурдан масъулияти онҳо нест; Биёед худамон ба атроф нигоҳ мекунем, то ки ҳам дар бораи бехатарии худамон ва ҳам дар бораи бехатарии онҳо ғамхорӣ кунем.

Ва ниҳоятан – сухани ҳақро бигӯ. Павлус гуфтааст, Ишаъё ба пеш нигоҳ мекард ва ҳақро мегуфт. Дар замони Ишаъё суханони ӯро на ҳамеша ҳамчун ҳақиқат қабул мекарданд. Баъзе муаррихон мегӯянд, ки ӯро бо арра дупора карда буданд, чунки ӯ ба одамон ҳақиқатро мегуфт. Сухани ҳақ, ки вай мегуфт, оммабоб, дилчасп ва қулай набуд, вале ӯ онро на танҳо эълон мекард, балки ба оянда нигариста, бо он ҳақиқат зиндагӣ мекард.

> Лекин соате мерасад, ва аллакай расидааст, ки парастандагони ҳақиқӣ Падарро ба рӯҳ ва ростӣ парастиш хоҳанд кард, зеро ки Падар толиби ин гуна парастандагони Худ мебошад.
>
> Юҳанно 4:23,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Ана ин аст дуои Исо барои мо:

> Онҳоро бо ростии Худ тақдис кун: каломи Ту ростист. Чунон ки Ту Маро ба ҷаҳон фиристодӣ, Ман низ онҳоро ба ҷаҳон фиристодам; Ва Худро барои онҳо тақдис мекунам, то ки онҳо низ бо ростӣ тақдис карда шаванд.
>
> Юҳанно 17:17-19

Агар мо надонем, ки ҳақиқат чӣ аст, пас мо Каломи Худоро дорем, ки роҳи моро барои шинохтани Исо, ки Худ ҳақиқат аст, равшан месозад.

Одамоне ҳастанд, ки ба боло нигоҳ мекарданд, вале ба атроф не, ва бинобар ин пинҳон шуданд. Одамоне ҳастанд, ки ба атроф нигоҳ карданд, ва чизҳои дидаашон онҳоро ба ҳайрат андохт,

чунки ҳеҷ гоҳ ба боло нигоҳ накарда буданд, бинобар ин онҳо ҳеҷ коре намекунанд. Одамоне ҳастанд, ки ба пеш нигоҳ карданд, вале ҳақиқатро нагуфтанд, бинобар ин дар дурӯғ зиндагӣ карданд. Одамоне ҳастанд, ки ҳақиқатро гуфтанд, вале ҳеҷ гоҳ ба атроф нигоҳ накарданд, аз ин рӯ ин ҳақиқат дигаронро шифо надод.

Бинобар ин, дар боби оянда бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани нишонгирак (планка), ман мехоҳам дар ин ҷо чизеро, ки ба атроф нигоҳ карда дидам, баён кунам (чизе, ки аз як тараф ваҳшиёна, ва аз дигар тараф – аҷиб), то ки мо ҳамон қувватеро, ки аз даст дода будем, дарёфт кунем. Ҳатто на бо ёрии ҷоришавӣ дарёфт кардан, балки ҳамту бо нигоҳ кардан ва дидан.

Лутфан, фикр накунед, ки он чизе ки ман шуморо хабардор мекунам, барои он равона карда шудааст, ки худро ба шумо асрорангез ё ғалатӣ вонамуд кунам. Ҳаргиз чунин нест! Ин ба ман ҳамчун ваҳй дода шуда буд – ваҳй дар бораи мӯъҷиза. Акнун бошад, ман танҳо кӯшиши инсонии худро ба кор андохта истодаам, ки ин ваҳйеро ба шумо фаҳмонам, ки аз суханони маҳдуди ман болотар аст.

Дар ҷаҳоне, ки торикии ҷаҳолат ҳукмфармо аст, фикри равшан хеле муҳим аст. Ин ҳақиқат аст: ба чизе ки нигоҳ мекунӣ, ба ҳамон мубаддал мешавӣ. Мо бояд ба биниши ботинӣ ва манзараи равшанӣ имкон диҳем, ки бар манзараи олами атрофи мо дастболо шавад. Вақти он расид, ки ба ҳудудҳое, ки тоқатнопазир буданашон маълум аст, ва ба он ки дар байни ин ҳама ноилоҷӣ Худо чӣ кор мекунад, нигоҳ кунем.

Бар хилофи он ки мо торикиро мебинем, бояд равшаниро эълон намоем.

Вақте ки чашмони мо равшан мешавад, мо аз нав фаҳмиши аҷиберо оид ба он пайдо мекунем, ки чӣ қадар Худо бузург аст. Худоё, чашмони моро равшан гардон, то ки бубинем!

Ба андозаи зиёд гардидани равшании Худо, ман бовар дорам, ки бедоршавии нубувватии илоҳӣ ба вуқӯъ меояд. Худо ба мо чашм медиҳад, то ки бубинем, гӯш медиҳад, то ки шунавем, ва далерӣ медиҳад, то ки бо қудрат Каломи Ӯро мавъиза кунем. Ҳангоми ин бедоршавӣ монеаҳо дар қалби одамон вайрон мешаванд. Худоро интизор бош ва иҷозат деҳ, ки дар ту эҳсос ва акси мӯъҷизаи Худро ба вуҷуд оварда, ба қалби ту гап занад. Қобилияти нубувватии фаҳмидани иродаи Худо маънои дидани

мӯъҷизаҳеро дорад, ки Ӯ ба амал овардан мехоҳад ва пайдо кардани фаҳмиш дар бораи оянда мебошад. Бе ин биниш ҳаёт ба кӯр-кӯрона қадам задан дар зулмот табдил меёбад.

> Бе ваҳй қавм беқайд мешаванд, ва хушо касе ки шариатро риоят мекунад!
>
> Масалҳо 29:18

Исо ҳаргиз ғалатӣ набуд, вале, ба ҳар ҷо, ки мерафт, мӯъҷизаҳои Худоро ба амал меовард. Барои чӣ? Чунки Ӯ танҳо он кореро иҷро мекард, ки Падари Ӯ мекунад. Ӯ якбора инсонияти аз дард азоб кашидаистода ва ҷавоби Падари Муқаддаси Худро ба он медид. Вай нур ва ростиро эълон мекард, то ки зулмат ва дурӯғи диниро, ки чашмони фарзандони Худоро тира кардаанд ва аз Худои Зинда ҷудо намудаанд, нобуд кунад.

Муродифи калимаи *"набӣ" "пешбин"* мебошад. Он чиро ки Исо медид, дигарон пайхас намекарданд. Ӯ мӯҳтоҷон, рондашудагонро пайхас мекард ва нопоконро ламс менамуд. Ӯ танҳо тӯдаи мардумро намедид; Ӯ одамонро медид. Ӯ назар ба ҳамту мардон ва занон бештарашро медид, Ӯ дар онҳо шахсиятҳоро медид, Ӯ қалби онҳоро медид. Исо дар байни зулмат равшаниро медид ва торикиро, ки худро ҳамчун равшанӣ вонамуд мекард, мазаммат менамуд. Вай нури ҷаҳон буд, ва акнун барандаи ин нур ту бояд бошӣ.

> То ки бенуқсон ва пок, фарзандони беайби Худо бошед, дар миёни насли саркаш ва фосид, ки дар он шумо мисли найирҳо дар ҷаҳон медурахшед.
>
> Филиппиён 2:15

Ана ин, азизонам, баёни шикори мо дар торикӣ мебошад. Ба воситаи ҳаёти мо нури Худо дар торикӣ медурахшад. Мо ба гумшудагон ва мӯҳтоҷон имкон медиҳем, ки ҳаёти таҷдидшудаи моро бубинанд. Мо аз торикӣ пинҳон намешавем, балки онро пароканда мекунем. Торикӣ аз ҳузури мо мегурезад. Ба андозаи он ки равшанӣ ба сарҳади зулмат наздик мешавад, мо мебинем, ки торикӣ аз худ чиро боқӣ мегузорад. Бисёр одамоне ҳастанд, ки нури озодибахшро интизорӣ кашида, дар торикӣ пинҳон шудаанд.

Вақти сар кардани шикор ва наҷот додани онҳое, ки ҳоло ҳам дар асорат ҳастанд ва сахт паёми умедро интизоранд, фаро расид.

## Шикор дар торикӣ

Хеле ба наздикӣ ман имкон доштам, ки дар дар маҳалҳои нообoди камбағалони Ҳиндустон “дар торикӣ шикор кунам”.

Он чизе, ки ман дар торикӣ дидам, маро ба тааҷҷуб овард. Ман ба Мумбай ҳамчун меҳмони хидматгузории *Life Outreach* рафтам. Онҳо бо баъзе ташкилотҳои маҳаллӣ, ки занон ва бачагонро аз доми наҷосат ва қабоҳати фоҳишахонаҳои маҳаллӣ халос мекунанд, ҳамкорӣ менамоянд.

Ҳиндуҳо одамони хеле хуб мебошанд, онҳо хушмуомила ва некхоҳ буда метавонанд, вале шароити зиндагӣ дар ин маҳаллаҳо тоқатфарсо мебошанд. Он чизе, ки ман дидам, ба ман гувоҳӣ дод, ки қабоҳате, ки дар филми “Миллионер аз маҳалхона” нишон дода шудааст, – ин ҳоло қабоҳат нест. Калламушҳо ба андозаи гурбаҳои на он қадар калон дар байни тӯдаҳои пасмондаҳои рӯзмарраи одамон ва ҳайвонҳо, ки дар кӯчаҳо пур ҳастанд, гаштугузор мекарданд.

Аз мошини кондисионердор, ки аз кӯчаҳои бесарусомони Мумбай гузашта, маро сиҳату саломат ба нуқтаи таъинот расонид, фаромада, ман ба як дунёи тамоман бегона афтода мондам. Бегона на ба маънои экзотика, вале азбаски дар ин ҷо як муҳити ғайриинсонӣ ба назар мерасид.

Ин ҷо мавсими боронгарӣ буд, ва намӣ бо гармӣ якҷоя шуда, ҳавои нофорамро ба як чизи нафастангкунанда табдил дода буд. Дар як лаҳза бӯи маҳалхонаҳо ба димоғам заданд. Бӯи бади ахлот ва пешоб бо бӯи хӯроки пӯсида, кулбаҳои ифлос ва одамони арақин омехта шуда буданд. Худи ҳаво вазнин ва бо ким-кадом рӯҳи торик фишурдашуда ҳис карда мешуд.

Ман аз чизҳое, ки дидам, ду ҷузъиётро фарқ кардам: ҳиндуҳои зебо ва рӯҳи манфур, ки онҳоро дар асорат нигоҳ медошт. Дар маҳалхонаҳо зуҳурот ва таъсири вайро пинҳон кардан ғайриимкон буд. Занон ва мардон дар зери бори вай мекалавиданд ва пешпо мехӯрданд, зеро қашшоқӣ ва фисқу фасод дасти палиди худро куллан бар ҳама чиз гузошта буданд.

Барои диққат ҷалб накардан аъзои дастаи мо либоси миллии ҳиндуӣ ба бар карда буданд. Вале ҳама гуна хаёли хом (иллюзия) оиди он, ки ин кор медиҳад, хеле ба зудӣ гум шуд, зеро ҳар касе, ки аз паҳлӯи мо мегузашт, моро пай мебурд.

Шубони мо ва роҳбаладон-мубашширон зуд моро ба

шифохонаи худ даровარданд. Ин шифохона сазовори эътимоди мардуми маҳаллӣ буд ва лоиқи обрӯю эътибори он ҷое гардида буд, ки дар он одамонро дӯст медоранд ва ба онҳо хизмат мекунанд. Ман ба ҳуҷраи оддии навбатпоӣ даромадам, ки дар он мизоҷон хомӯшона интизор буданд, ки кай духтур онҳоро аз муоина мегузаронад. Дастаи хидматгузорон, ки аз собиқ занҷаллобони фоҳишахонаҳо иборат буд, омадани моро интизор буданд. Мо ба ҳуҷраи паҳлӯие гузаштем, ки дар он ба ман дастур доданд, ки вазифаи ман танҳо аз “баракат” додани занҳои фоҳишахонаҳо иборат аст.

Ногаҳон ман фаҳмидам, ки мавъизае, ки матнаш дар борхалтаи ман гузошта шуда буд, ба ман дигар лозим намешавад. Ман худро дар мавзеи ношинос ҳис кардам ва дарк намудам, ки Лиза – муаллиф ва воиз – дар ин ҷо на он қадар хуб кор медиҳад. Азбаски мо пинҳонӣ кор мекардем, ман Китоби Муқаддасро истифода бурда наметавонистам. Тарҷумони ман бо забони англисӣ дар чаҳорчӯбаи хеле маҳдуд гап мезад, ман бошам, тамоман забони ҳиндиро намедонистам. Бо ин одамон танҳо бо ёрии Рӯҳи Худо якдигарфаҳмӣ пайдо кардан мумкин буд.

Бо мақсади сабт кардани чизе аз нақли одамон ба пироҳани ман аз дарун микрофоне часпонида шуда буд, ки ноқилаш аз гирди камари ман гузаронида шуда, худи асбоби сабти овоз бошад, ба шими ман пайваст карда шуда буд. Камераи пинҳонӣ дар ҷои қат-қати шарфи сиёҳ, ки ба гардани зани дигар печонида шуда буд, руст карда шуда буд. Мо дасти якдигарро гирифта, дуо кардем ва ба кӯчаҳои бадбӯй баромадем.

Ман дарҳол ҳис кардам, ки маро аз ақиб назора мекунанд. Вале ин нигоҳ бештар бодиққатона ба назар мерасид, на ин ки душманона. Ман сарамро бардошта, ба тарафи дигари роҳ ба тирезаи қабати дуюм, ки аз он чеҳраи духтарчаи зебои осиёӣ ба назар мерасид, нигоҳ кардам. Зоҳиран вай на бештар аз понздаҳсола буд. Дар симои бачагонаи ӯ омехтаи азоб ва беилоҷӣ намудор мешуд. Танҳо он лаҳза ман фаҳмидам, ки вай дар паси панҷара, дар фоҳишахона маҳкам карда шуда буд.

Ба ин нигоҳ чӣ гуна рафтор кардан мумкин аст?

Табассум кардан дуруст набуд. Ман сарамро ҷунбонида наметавонистам, зеро ин метавонист аз тарафи вай ҳамчун маҳкумкунӣ ё нафрат нисбати ӯ фаҳмида шавад. Поёнтарро нигоҳ

карда, ман зинапояеро дидам, ки дар зинаи охирини он як гурӯҳ мардони бадхашм менишастанд. Онҳо ба нигоҳи ман бо нафрати ошкоро, гӯё, – "Ту худатро кӣ ҳисоб мекунӣ? Дафъ шав аз ин ҷо!" – гуфтанӣ бошанд, ҷавоб доданд.

Шубҳае нест, ки ин чунинҳам буд. Барои одаме, ки бо сурат ва шабоҳати Худо офарида шудааст, ин ҷо ҷои хуб нест – аз ин ҷо танҳо гурехтан лозим буд.

Яке аз занҳо, нороҳатии маро фаҳмида, маро оғӯш кард. "Рафтем! Ман ба ту барои аз роҳ гузаштан ёрӣ медиҳам!". Вай маро аз байни тӯдаи одамон, дучархасаворон ва мошинҳо, ки ягон қоидаро риоя накарда, ба аломатҳо аҳамият надода, бо роҳҳои чиркин ҳаракат мекарданд, гузаронид.

Рӯзе, ки дар маҳалхона гузашт, ба ман онро омӯзонид, ки ягона қоида барои пиёдагардон, агар ту аз роҳ гузаштанро сар карда бошӣ, бознаистодан аст. Ҳаракат карданро давом деҳ, новобаста ба он ки чандин велосипедҳо, мотосиклҳо ва мошинҳо рост ба сӯи ту равонаанд. Боре ман дар мобайни роҳ андармон шуда мондам, ва ду собиқ соҳибони фоҳишахона дар ду тарафи ман истода, маро ба пеш тела доданд, ва сар ҷунбонда, – "Наист! Мо туро ҳимоя мекунем." – гуфтанд. Ва онҳо дар ҳақиқат ҳимоя карданд.

Дар фоҳишахонаи аввал, ки мо ба он ҷо омадем, даҳлезе буд, ки масоҳат якуним ба ду ним метрро ташкил медод. Дар он ҷо мизоҷон духтаронро интизор шуда менишастанд, то ки онон ба онҳо хидмат расонанд. Дар он ҷо ҳамчунин занҳо ҷамъ шуда буданд, то ки фарзандони худро омода намоянд, бо онҳо сӯҳбат кунанд ва онҳоро парасторӣ намоянд. Дар ҳуҷраи торик нишаста, онҳо аз паси дар ба бесарусомонии кӯча назар мекарданд. Дар ин ҷои танг бисёр занон барои шунидани муҳаббати Худо ҷамъ шуда буданд.

Ба он ҷо даромада, ман боз як дарро пайхас нокарда наметавонистам. Он каме пардапӯш кунонида шуда буд ва ба роҳрави танг мебурд, ки дар он хоначаҳо ба монанди ҳоҷатхона қатор ҷойгир шуда буданд. Баъдтар ман фаҳмидам, ки дар он хоначаҳо духтарон мехобиданд ва ба мизоҷон хидмат мерасониданд. Роҳравро муоина карда, ман дар он якчанд дарҳои маҳкамро дидам. Ин маънои онро дошта метавонист, ки духтарбача ё истироҳат ва ё кор карда истодааст.

Ман ба заноне нигоҳ кардам, ки дар рӯ ба рӯи ман нишаста

буданд. Онҳо тамоми фарш ва чизҳои харакмонанди дар канори девор гузошташударо банд карда буданд. Вақте ки мо саф кашида ба даҳлез даромадем, занон худро бо чодирҳо пӯшонида, шубҳаомез ба мо нигоҳкунон, ба якдигар ҷафс шуданд.

Тарҷумон бо забони ҳиндӣ ба онҳо салом арз кард. Онҳо бодиққатона гӯш карданд ва бо эҳтиром ба ину он сӯ бо тарзи рафтори ҳиндуёна сарашонро меҷунбониданд.

Дере нагузашта дар байни калимаҳои ношинос ман номи худамро шунида мондам. Ҳама сари худро ба тарафи ман гардониданд. Ман бо тааҷҷуб ба шубон нигоҳ кардам. Дар ҷавоб ӯ дастони худро бардошт ва суханони пештараи худро такрор кард: “Онҳоро баракат деҳ... онҳо туро интизор буданд, ...дар ин ҷо, ана дар ҳамин шароит ду соат!”

Ман худамро шинос кардам ва нақл кардам, ки аз куҷо омадаам. Ман ба онҳо гуфтам, ки чор писар дорам ва ба наздикӣ соҳиби як набера хоҳам шуд. Суханони ман барои худам беҳуда ва бемаъно менамуданд. Барои ин занон муаррифии ман чӣ маъно дошта метавонист? Ҳаёте, ки онҳо медонистанд, ба тасаввуроти амрикоии ман оид ба “чизҳои муқаррарӣ” пурра муқобил меистоданд. Вале онҳо бо хушмуомилагӣ сар меҷунбонданд.

Ман гуфтам, ки мо роҳи тӯлониро тай карда омадем, то гӯем, ки онҳо танҳо нестанд. Занон дар саросари ҷаҳон онҳоро дар дилҳои худ ҷо додаанд ва ба ҳолати фалокатбори онҳо гиря мекунанд.

Ин чӣ маъно дорад? Онҳо танҳо нестанд? Хабар дар бораи беилоҷии онҳо аз маҳалхонаҳо берун рафтааст? Дигарон ба ҳоли зори мо гиря мекунанд? Ман нақл кардам, ки бисёр занон дар ҳаққи духтарони ҳинду ба ҳузури тахти Худо омада дуо мекунанд. Чеҳраҳои онҳо бо ашкрезии беовоз ҷило доданд.

Баъзан ман фикр мекунам, ки оё мо дар ҳақиқат мефаҳмем, ки дар ягонагӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ чӣ қадар қувват ниҳон аст. Мо дар мушкилиҳои худ танҳо нестем. Мо дар умедвориҳои худ танҳо нестем. Исо ваъда додааст, ки ҳамеша бо мо бошад.

Ман ба он иқрор шудам, ки дар гузаштаи ман низ чизҳое буданд, ки ҳоло аз онҳо афсӯс мехӯрам. Чӣ тавр ман худ дар ҷавонӣ ба покдоманӣ ва шараф, ки аз онҳо бо зӯрӣ кашида

гирифта шуда буд, беаҳамиятӣ кардаам. Ман роҳи фориғболиро интихоб карда будам, аммо баъдтар қалбамро ба Худо кушодам ва муҳаббати Ӯ маро тоза кард ва аз ҳалокат раҳо намуд. Онҳо бодиққаттар шуниданро сар карданд.

Ман саъй мекардам, то ба Рӯҳулқудс, ки ҳар як зани алоҳидаро дар шуури ман  ҷудо мекард, гӯш андозам. Онҳо тӯдаи бешахсият набуданд; онҳо шахсиятҳо, духтарон, буданд. Ман, бо имон ба Худо, бо навбат ба чеҳраи ҳар яки онҳо нигоҳ кардам, ки Ӯ низ дасти Худро дароз мекунад ва суханони инсонии маро бо Рӯҳи Худ қувват мебахшад. Онҳоро ламс карда, оҳиста эълон менамудам: “Худо барои ҳаёти ту нақша дорад”.

Ин ёдоварӣ дар бораи Худое, ки онҳоро пайдо намуд ва дар зулмати асорат онҳоро тафаққуд кард, ашки онҳоро ҷорӣ намуд. Онҳо на аз рӯи шунидаҳо медонистанд, ки дар зери зулму ситам зиндагӣ кардан чӣ маъно дорад.  Ҳар як духтар дар ҳолати даҳшатноке зиндагӣ мекард, ки аз тарафи ким-касе бо зӯрӣ ба вай бор карда шуда буд. Ҳар як зане, ки ман бо вай сӯҳбат кардам, дуздида ё бо фиреб ба ғуломии ҷинсӣ ҷалб карда шуда буд. Онҳо бо ҳамон усуле, ки ҳоло ман пешкаш мекардам, ба асирӣ бурда шуда буданд, яъне бо умед.

Ҳар яки онҳо ҷуръат мекард, ки чизи бузургтареро, яъне кори хубтар, маълумот ё ҳамту дӯстдошта буданро орзу намояд. Онҳо аз тарафи занон ва мардоне, ки як вақтҳо ба онҳо эътимод мекарданд, фурӯхта шуда буданд. Онҳо дар бораи амаку тағоҳо, аммаю холаҳо ва ҳатто дӯстоне, ки онҳоро фурӯхтанд, нақл мекарданд. Орзуи онҳоро оид ба ҳаёти хуб истифода бурданд, то ки онҳоро бифурӯшанд. Ман аз онҳо хоҳиш кардам, ки боз умедро ба даст оранд, ба Исо, Писари Худо, ки дурӯғ намегӯяд, эътимод кунанд.

Ман чизҳои дигарро низ ба онҳо гуфтам – маҳз чиҳоро, ҳоло дар ёдам нест, – ким-кадом  ҷумлаю ибораҳое, ки агар ҳоло дар ин саҳифаҳо такрор кунам, барои хонандагони ғарбӣ хом ва тасаллодиҳии оддӣ менамояд. Вале дар он лаҳза ман ҳис кардам, ки ин суханон аз илҳоми илоҳӣ пур ҳастанд.

Бе ягон расмиятпарастӣ ин макони танг бо ҳузури Осмон пур шуд. Дар он лаҳза ки онҳо ба Худои Зинда, ки  ба ҳар яки онҳо умед пешниҳод мекард, қалби худро боз карданд, як робитае пайдо шуд.

Ин дигаргуниро дар кайфияти занон ва қобилияти худро барои

боз ҳам бештар сухан кардан фаҳмида истода, ман ба шубон рӯ овардам. Ӯ бо ин занон ва дар ҳаққи ин занон дуо кард. Вақте ки ӯ ба Осмонҳо овоз баланд кард, занони гурӯҳи мо ба назди ин духтарони пурқимат наздик омаданд ва ҳар яки онҳоро ба оғӯш кашиданд ва ҳамчунин бо дуо фаро гирифтанд. Дар он лаҳза ҳис карда мешуд, ки гӯё деворҳо афтоданд.

Ман мизоҷеро дидам, ки аз хонача ба роҳрав баромад ва тугмаҳои шимашро андохта, аз пушти китф бо нафрат ба он ҷое, ки аз он баромада буд, назар андохт. Мо ташрифоварандагони ғайриоддӣ будем.

## Ҳушёр ва далер

Дар бораи порчаи навбатии Навиштаҷот фикр кунед:

> Ту мебинӣ, зеро ки Ту ба азоб ва кулфат менигарӣ, то ки бо дасти Худ сазо диҳӣ. Бечора худро ба Ту месупорад; мададгори ятим Ту ҳастӣ. Бозуи шарир ва бадкешро бишкан, ба тавре ки агар шарораташро ҷустуҷӯ намоӣ, ёфт нашавад. Худованд подшоҳ аст то абад; мағрурон аз замини Ӯ нест хоҳанд шуд. Худовандо! Орзуи ҳалимонро шунидаӣ; дили онҳоро қавӣ гардон; гӯшатро бикшо, то ки ятим ва мазлумро дар доварӣ ҳимоят намоӣ, ва одаме ки аз хок аст, дигар онҳоро натарсонад.
>
> Забур 9:35-39

Оё шумо инро мешунавед? Дар ин ҷо ҳар як ҷузъиёт, ки барои дар торикӣ шикор кардан зарур аст, ёдрас карда шудааст: имон, адолат, пирӯзӣ, шифо, умед, писархонд кардан, барқарорсозӣ, қудсият, охир ва оғози нав! Акнун вақти он расид, ки бо ин калимаҳо дуо кунем, ва, агар мо Каломи Худоро паҳн кунем, Худованд аз паи он мешавад, ки он иҷро шавад.

Ин дуои чораҳои зарурӣ, дуо дар намуди мафия аст. Шахсан ман аз дуоҳои бехавф, дуочаҳои нозукак хаста шудам. Аммо ин “дастони онҳоро бишкан ва онҳоро аз саф берун кун” – дуои хавфнок аст. Ин шафоатхоҳии пурқувват аст. Ва ман ба худ тасаввур карда наметавонам, ки чӣ тавр бо ин дуо хомӯшона ва сустакак дуо кардан мумкин аст. Забури 9 – ин дар асл ваъдаи Худо аст, ки вақте ман ба Осиёи ҷанубӣ-шарқӣ сафар кардам, бо худ ба сифати шамшер гирифтам.

Дар дуо бодиққат ва таслимнопазир бош. Ба он чизе, ки аллакай маълум аст, нигоҳ карданро бас кун, ва манзараи барқарорсозӣ ва адолатро бубин. Ин ҳамон чизе аст, ки Худо ба замин овардан мехоҳад. Одамоне ҳастанд, ки мӯҳтоҷи онанд, ки ту дар вақти дуо чашмонатро пӯшида, онҳоро бубинӣ. Ман онро дар назар дорам, ки дар ҳақиқат бо дуои боисрор дуо мебояд кард, яъне бо дуое, ки ба Осмон рафта мерасад ва туро ба тарс меорад, вақте ки он аз даҳони ту мебарояд.

Калисои суст зинда намемонад. Умеди беҳтарин барои калисо – ин агар мо дар торикӣ шикор кунем, то он даме ки Подшоҳи ҷаҳон меояд ва ин ҳукмронии даҳшатро қатъ месозад. Чизе, ки рӯй надиҳад – ҳам ҷудогона, ва ҳам якҷоя – бояд он чизро, ки ҳоло ниҳон аст, ҷустуҷӯ, таҳқиқ ва барқарор намуд.

Ба ман бовар кун, ба ту лозим нест, ки ба Ҳиндустон равӣ, то ки одамони ноумедеро, ки дар зиндони торикӣ ҳастанд, пайдо кунӣ. Мардон, занон ва бачагоне, ки дар асорати шайтон мондаанд, дар ҳама ҷо ҳастанд. Онҳо интизоранд, ки мо аз мавқеи бароҳати худ баромада, амал кунем. Дарҳоро барои озодӣ кушоем ва аз ҳама гуна торикии шахсӣ рӯ гардонем, то ки барои ба Подшоҳӣ овардани онҳо қодир бошем.

Вақте ки мо аз равшании Худо пур ҳастем, мо дар ҳақиқат гумшудагонро аз асорати зулмат халос карда метавонем. Ҳоло вақти он нест, ки дар бораи таълимотҳо мубоҳиса кунем ё мусобиқа кунем, ки хидматгузорӣ ё мақоми кӣ дар калисо беҳтар аст. Мо бояд хидмат кунем, на ин ки худро бо якдигар муқоиса карда, ба рӯйхаткунии унвонҳо пардозем.

Бедор шав! Ятимон писархондкуниро интизоранд. Ҳазорҳо шахсони танҳо, барканоршуда дуо ва умед мекунанд, ки, новобаста ба ҳамаи шаҳодатҳои манфӣ, онҳо танҳо нестанд.

Дар ин саҳифаҳо дар бораи азоб ва хариду фурӯши одамон дар Ҳиндустон нақл карда, ман идеяи “шикор дар торикӣ”-ро дар миқёси бузурги байналхалқӣ тасвир кардам, вале бигзор ин уфуқҳои туро васеъ гардонад. Ҳатто дар бораи ин дониста, фикр накун, ки азоби ту ё азоби наздикони ту ночиз мебошанд. Худо ба онҳое, ки дард мекашанд, наздик аст. Азобҳои ғуломӣ, танҳоӣ, хиёнат, зӯроварӣ, таҳқир ва ноумедӣ ба сари одамони ҳар як кишвар меояд. Одамон дар ҳар ҷо мӯҳтоҷиҳои якхела доранд, вале на ҳама кас имконияти қонеъ кардани онҳоро дорад.

Биёед, ҳамчун ходимони амин, бо ҳадафҳои дуруст,

некӯаҳволии худро афзун мегардонем. Ту баракат ёфтаӣ, то ки дигаронро баракат диҳӣ. Бисёр одамон ба баракате, ту оварда метавонӣ, мӯҳтоҷанд. Ба ту лозим нест, ки барои тақсим кардани он чизе, ки дорӣ, ба дуриҳо равӣ. Ноумедиро дар он ҷое, ки ту кор мекунӣ ё дар он ҷое, ки ту харид мекунӣ, пайдо карда метавонӣ. Хушунати оилавӣ дар оилаи дугонаи ту рӯй дода метавонад. Одамоне, ки бо ҳамроҳи ту ба калисо мераванд, аз танҳоӣ дар азоб буда метавонанд. Ҳатто фарзандони ту дар мактаб, масалан, бо хиёнат рӯ ба рӯ буда метавонистанд, ва ин ҳиссиёт ҳоло ба онҳо фишор меорад.

Бисёр вақт, барои умед бахшидан ба дигарон, ҳамон замон ки қадами аввалро мегузорем, чунин мешавад, ки худи мо шифо меёбем. Ба одамони тамоми ҷаҳон муҳаббат ва шарафе зарур аст, ки Исои Масеҳ ба қалби одамизод дода метавонад. Қатъи назар аз он ки ҷои зиндагии ин одамон дар куҷо ҷойгир шудааст – кулбаи вайрона, қаср аз устухони фил ё хоначаи аз қартаҳои бозӣ сохташуда, – майдони кор маълум ва сарҳадҳо аниқ мебошанд. Ҳаёт ҳаст, ва марг ҳаст, харобӣ ҳаст. Умед ҳаст, ноумедӣ ҳаст. Равшанӣ ҳаст, торикӣ ҳаст. Ҳеҷ гоҳ сарҳади ин соҳаҳо чунин аниқ кашида нашуда буданд, ва талабот ин қадар баланд нашуда буд.

Модашерон дар равшанӣ зиндагӣ мекунанд, вале дар торикӣ шикор. Бинобар ин, хоҳарони шуҷоатманди ман, ман дигар мисолеро беҳтар аз ин пайдо карда наметавонам, то ки чӣ тавр рафтор кардани моро тасвир кунам. Ман боварӣ дорам, ки ту ин китобро дар даст дорӣ, чунки ту духтари ваъда ҳастӣ. Ту дарро васеъ кушодӣ. Акнун дар равшании пуршукӯҳи Ӯ зиндагӣ ва фароғат карданро ёд гир. Биёед ҳамчунин оромона таълим мегирем ва озодона якҷоя зиндагӣ мекунем; ба ташвишҳо ва воҳимаҳо роҳ надиҳед, ки шуморо аз дигарон ҷудо созанд ё дар зери бори худ ҳалок кунанд.

Биёед чашмонамонро васеъ мекушоем ва дар торикӣ диданро ёд мегирем – дуртарро нигоҳ мекунем ва дилҳоеро, ки ҳанӯз пинҳон ҳастанд, мебинем. Биёед якҷоя шикор мекунем ва дигаронро ба нури  Худо меорем. Ҳамчун модашер, биёед тавозунро пайдо менамоем ва ором у дилкушод, исроркор у таслимнопазир мешавем. Дар Худованд оромӣ ёбед, бо якдигар фароғат кунед ва якҷоя нисбат ба торикӣ бераҳм бошед.

# 10

# Сайругашт бо Шер

Гиря накун; инак, шере аз сибти Яҳудо, ки решаи Довуд аст, ғолиб омад...

ВАҲЙ 5:5

Ҳиссиёти он, ки ту мушкилиҳоро танҳо паси сар мекунӣ, чизи хеле паҳншуда аст. Аммо пешопеши ту чизи диданашаванда, вале тавоное туро аз паси худ гирифта мебарад. Ин бобро хонда, ту мефаҳмӣ, ки аксар вақт дар пайроҳаи ҳаёт ту, ҳатто нафаҳмида истода, бо Шер, Исои Масеҳ, равона будӣ.

Баъзан пайравӣ кардани касе тарсовар буда метавонад. Даъват на аз фаҳмидани он иборат аст, ки Худо чиро ба мо амр мефармояд, балки дар он аст, ки чӣ тавр онро мебояд иҷро кард. Бисёр одамон мехоҳанд, ки бо Худо дар як роҳ равона шаванд, вале фаҳмида наметавонанд, ки ба ин чӣ гуна муваффақ шаванд.

Исо ба мо ким-чизеро додааст, ки дар аввал супориши оддӣ менамояд. Ба Матто 16:24 нигоҳ кунед:

> Он гоҳ Исо ба шогирдони Худ гуфт: “Агар касе хоҳад аз ақиби Ман биёяд, бояд хештанро инкор карда ва салиби худро бардошта, Маро пайравӣ намояд”.

Дастур пурра фаҳмо аст: худро инкор кун, салиби худро бардор ва Исоро пайравӣ кун.

Мушкилӣ дар он аст, ки маҳз чӣ тавр пайравӣ бояд кард.

Чӣ тавр худро инкор мебояд кард?

Салиби худро бардоштан чӣ маъно дорад?

Чӣ тавр метавон Он Касеро, ки диданашаванда аст, пайравӣ кард?

Ҷавоб осон аст: Исо мебарад... мо аз паси Ӯ меравем.

## Бо имон роҳ рафтан

Ман бисёр вақт имкон дорам, ки бо духтарон дар вақти машғулиятҳо аз рӯи намуди "саволҳо ва ҷавобҳо" сӯҳбат кунам. Аҷиб аст, ки бисёр вақт, ба як савол ҷавоб дода, дигарашро мешунавам: "Вале чӣ тавр?"

Чӣ тавр донистан мумкин аст, ки ба ту Худо сухан меронад?

Чӣ тавр падари худро бахшам?

Чӣ тавр шумо аз анорексия озод шудед?

Чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст, ки ин ҷавон ҳамон маҳбуби ягона аст?

Чӣ тавр шумо бар тарс, шарм, ҳисси гуноҳ ғолиб омадед?

Вақте ки ман бо мушкилиҳое рӯ ба рӯ мешавам, ки дар бораашон духтарон аз ман пурсиданд, ман ҳамту имон доштам, ки Каломи Худо ростӣ аст, ва сипас ба куҷое ки он маро мебурд, мерафтам. Исо ин Каломест, ки ҷисм гирифтааст. Вақте ки мо Каломи Худоро мехонем, мо мебинем, ки чӣ тавр Исо роҳ мерафт ва Ӯ моро ба куҷо мебарад. Бисёр одамоне, ки Ӯро бо роҳҳои озмоишҳои вазнин пайравӣ карданд, дар аввал худро ба ин кор қодир намеҳисобиданд. Вале онҳо тамоми ҷуръати худро ба як ҷо ҷамъ карданд ва бо имон Исоро пайравӣ намуданд.

> ...Ки онҳо бо имон мамлакатҳоро мусаххар карданд, адлро ба амал оварданд, ба ваъдаҳо муваффақ шуданд...
>
> Ибриён 11:33

Ба туфайли он, ки одамон бо имон амал мекарданд, салтанатҳои фасодкор вайрон мешуданд, бадӣ ҷазои одилонаи худро мегирифт, ва ваъдаҳои Худо дар ҳаёт татбиқ мешуданд. Мо ба нақшаи Худо ва ваъдаҳое, ки бо имон барои ҳаёти мо дода шудааст, ворид мешавем. Барои рафтан ба ҷое, ки Шер роҳнамоӣ мекунад, имон лозим аст.

Имон шубҳаҳоро нобуд мекунад. Мо аз Худо мепурсем: "Ту дар ин ҷо ҳастӣ? Ман Туро ҳис намекунам". Бо имон мо мешунавем, ки чӣ тавр Шер ҷавоб медиҳад: "Туро тарк нахоҳам

кард ва туро нахоҳам партофт” (ниг.: Ибриён 13:5).

Вақте ки мо дуо мекунем, имон ба мо барои сабр қувват медиҳад. Дуои имон беморро шифо медиҳад, ва Худованд туро барқарор мекунад. Ва агар ту гуноҳ карда бошӣ, бахшида мешавӣ (ниг.: Яъқуб 5:15).

Қадами имон чӣ аст?

Барои Иброҳим, падари мо дар имон, ин маънои дар биёбон пайравӣ кардани Худоро дошт, надониста, ки дар охир ин ӯро ба куҷо мебарад. Дар бораи сафарҳои Иброҳим ва Соро хонда, ман пай бурдам, ки Худо ба онҳо на танҳо он заминеро ваъда кард, ки бо чашмони худ дида метавонистанд, вале ҳам он заминеро, ки аз он гузашта буданд.

> Бо имон Иброҳим итоат намуд ба даъвате дар бораи рафтан ба мамлакате ки мебоист мерос мегирифт, ва ӯ рафт, ва намедонист ба куҷо меравад.
>
> Ибриён 11:8

Агар Иброҳим ва Соро дар Ӯр – дар ҷое, ки ҳама чиз қулай ва шинос буд, боқӣ мемонданд, онҳо ваъдаи Худоро ба мерос намегирифтанд.

Оҳ, барои мо бо имон роҳ рафтан чӣ қадар душвор аст! Мо харита доштан мехоҳем, вале ба ҷои ин Худо дар роҳи ношинос, ки бояд бо он равем, тӯри асрорангез метанад.

Ин саёҳати имон дар мо далериро ба вуҷуд меорад. Дар назди ҳар яки мо - роҳ бо монеаҳо, ки аз саргузаштҳои аҷоиб пур аст, ва ҳамчунин боварӣ ба он ки Шери мо моро бо роҳе намебарад, ки Худ тай накардааст. Ҳамеша, вақте ки Худо моро ба чизе, ки мо пештар надидаем ё накардаем, даъват мекунад, ин метарсонад. Баъзан Худо моро ба он ҷо роҳнамоӣ мекунад, ки ҳеҷ каси дигар барои рафтан ҷуръат накардааст. Ҳама чизе, ки мо дорем, ин даъват ва талаби Худо аст: “Духтаракам, оё ту Маро пайравӣ мекунӣ... ҳатто агар тарсовар аст?”.

Ба наздикӣ дугонаам ба ман занг зад, то он чиро ки ба ӯ пешниҳод карданд, ва онро, ки ӯро, аз як ҷиҳат, метарсонид, аз дигар ҷиҳат бошад, дар назди ӯ имкониятҳои хуби стратегиро ба вуҷуд меоварл, нақл кунад. Аз ӯ хоҳиш карданд, ки якҷоя бо гурӯҳи суханварон-мардон дар воҳӯрие, ки роҳбарон-мардони хеле бонуфуз иштирок мекунанд, баромад намояд. Ҳатто шавҳари вай дар бораи иштироки ӯ шубҳаи худро баён намуд: ӯ ҳайрон шуд, ки

ба ҳамсараш бо чунин пешниҳод муроҷиат карданд.

Дугонаам барои он ба ман занг зад, ки айнан ҳамон вақт аз анҷуман таклифнома гирифт ва , расми худро ҳамчун суханварзани ягона дида, ба ҳайрат афтод ва ҳаросон шуд, ки аз ин вазъият шарафмандона берун баромада наметавонад.

Пеш аз он ки чӣ гуфтанамро худам фаҳмам, фавран гуфтам: “Ту барои ин лаҳза тамоми умр тайёрӣ дида будӣ. Ту дар ҳақиқат барои ин кор қодир ҳастӣ ва ин корро хуб иҷро карда метавонӣ. Ту ин корро бо тарзи ҷолиб, порсоёна, бо хирадмандии нотакрор иҷро мекунӣ.

Ман шунидам, ки чӣ тавр вай оҳи сабук кашид, ва ҳис кардам, ки вай бо розигӣ сар ҷунбонид. Ман медонистам, ки вай ин санҷишро танҳо гузашта наметавонад. Шер дар паҳлӯи ӯ хоҳад буд. Дугонаам ӯро пайравӣ мекунад ва дар ин роҳ, шояд, бе тарсу ларз, вале бо дарки он, ки вай танҳо нест, равона мешавад. Онҳое, ки Исоро пайравӣ мекунанд, дар ҷамъияти Шер ҷойгир мешаванд. Исо – Барраи мо, ки забҳ шуда буд, вале Ӯ аллакай ҳамчун Шер аз қавми Яҳудо эҳё гардид.

> ...шере аз сибти Яҳудо, ки решаи Довуд аст, ғолиб омад...
>
> Ваҳй 5:5

## Диққати худро ба ҷои дигар равона накун!

Барои ба ҳаёти рӯҳонии худ баргардонидани як дараҷа тарсу ларз, ман ба ту пешкаш мекунам, ки худро дар шарокати шер тасаввур кунӣ. Кӣ медонад? Эҳтимол, Худо аз ту дархост мекунад, ки ягон кори тарсоварро иҷро намоӣ.

Медонӣ, манзарае, ки сайругашти Исоро дар лаби баҳри Ҷалил ё ба одамон таълим додани Ӯро дар баландии кӯҳ тасвир мекунад, на он қадар пурра аст, то ки ҳоло кӣ будани Ӯро фаҳмонида диҳад. Писари Худо, аз илоҳияти Худ даст кашида, дар симои одам ба ин замин омад. Вале Ӯ дигар дар замин ҷисми одамро ба Худ гирифта намегардад, магар ин ки бо воситаи писар ва духтарони Худ таҷассум ёбад. Ӯ ҳамчун иштирокчии тантанаи пурҳаяҷон ва ҳайратбахши осмонӣ, яъне ҳамчун таҷассуми қувват ва шавкат ба тахт менишинад!

Нигоҳи худро баланд кун ва дар Ӯ Шери Яҳудоро дар нури азамат ва қувват бубин! Ӯ мехоҳад,ки ту бо тааҷҷуб ва ҳайрат

зиндагӣ кунӣ, на дар зери фишори қоидаҳо ва вазифаҳо. Ба садои Ӯ иҷозат бидеҳ, ки дар ту як чизи аз решааш ромнашаванда ва ваҳширо бедор кунад! Ваъдаҳои Худо, ки ба Ирмиёи ҷавон дода шуда буд, ҳамчунин ба ту, яъне ба духтари далер, ки ба воситааш Ӯ нубувват кардан мехоҳад, низ тааллуқ дорад:

> Пеш аз он ки туро дар батн ба вуҷуд оварам, Ман туро шинохтам, ва пеш аз он ки ту аз шикам берун ойӣ, туро тақдис намудам, туро барои халқҳо набӣ таъин кардам». Ва ман гуфтам: «Ё Худоё Худовандо! Ман, охир, наметавонам сухан ронам, зеро ки амраде ҳастам».Вале Худованд ба ман гуфт: «Нагӯ: “Ман амраде ҳастам”, балки сӯи ҳар касе ки туро бифиристам, хоҳӣ рафт, ва ҳар чиро, ки ба ту амр фармоям, хоҳӣ гуфт. Аз онҳо натарс, зеро Ман бо ту ҳастам, то ки туро халосӣ диҳам», — гуфт Худованд.
>
> Ирмиё 1:5-8

Барои он ки ту дар даъвати худ пурмаҳсул бошӣ, ҳамчун Ирмиё, бояд дар воқеияти он, ки Худо бо ту аст, қоим шавӣ. Новобаста ба он ки дигарон чӣ мегӯянд, ин ба ту далерӣ медиҳад.

Дар роҳи ҳаёт овозҳои гуногун ба гӯши ту садо медиҳанд, ва намудҳои гуногуни таъсир ба ту равона карда мешаванд. Баъзеҳо туро дар фаъолиятат мустаҳкам ва дастгирӣ мекунанд; дигарон туро аз роҳ задан ва ба ту халал расонидан мехоҳанд. Баъзе овозҳо туро ба ҷойҳои ношинос бурдан мехоҳанд, баъзеи дигар туро боздоштан мехоҳанд. Овозҳое ҳастанд, ки аз гузаштаи ту бармеоянд, яъне овози оила, овози ноумедиҳо, овози тарс, ки дам ба дам фарёд мезананд ё пичир-пичир мекунанд: “Барканор шав! Ба ақиб баргард. Ту ноком шуда метавонӣ. Ту ҷароҳат бардошта метавонӣ”. Ин овозҳо туро ба эҳтиёт кардан маҷбур месозанд.

Дар байни ин овозҳои манфӣ, ки аз ту ҳаётро ҷаббида гирифтан мехоҳанд, ҳамчунин овозҳое ҳастанд, ки ҳаёт мебахшанд. Онҳо ҳамеша вуҷуд доранд, вале агар ту онҳоро шунидан нахоҳӣ, аз даст медиҳӣ. Овозҳои лашкари осмон, ки бо бисёр роҳҳои мушкил гузашта меоянд, аз ҳар саҳифаи Навиштаҷот сӯи ту фарёд мекунанд ва туро рӯҳбаланд менамоянд, ки роҳро идома диҳӣ ва бознаистӣ: “Ба тарсҳои худ ё ба тарсҳои одамони атрофат гӯш надеҳ! Ба дурӯғи душман, ки аллакай маҳкум шудааст ва аз лаънати худ азоб мекашад, бовар накун. Диққати худро ба ҷои дигар равона накун! Ту ба мо даркор ҳастӣ! Роҳи худро давом деҳ ва фосилаи худро тай бикун!”.

Дар ёд дошта бош, дар ҳузури шер ҳамаи ҳайвонҳои пастмартаба меларзанд. Гарчанде навишта шудааст, ки шайтон ҳамчун шер дар замин гаштугузор мекунад, то ки касеро ба коми худ кашад (ниг.: 1 Петрус 5:8), худи вай шер нест. Вай танҳо ба шер тақлид мекунад. Шайтон ҳеҷ гоҳ бо Шери ҳақиқии мо баробар шуда наметавонад. Мири зулмат ва ҳамроҳони ӯ худро чунин вонамуд мекунанд, ки наъраашон аз Худо рӯҳбаландӣ ёфтааст, вале пайравони ӯ торикии муқаррарӣ мебошанд, ки ба равшанӣ ва эҷодкории нотакрори Худо мӯҳтоҷ ҳастанд.

## Ба вохӯриҳоят бо шер бовар кун

Вақте ки ман духтарчаи хурдакак будам, ба муносибати Рӯзи Мавлуди Исо ба ман маҷмӯи китобҳои *“Воқеаномаи Нарния”*-ро тӯҳфа карданд. Ҳар як китоб гӯё ганҷи ноаён буд. Вақте ки ман хондани ҳамаи силсилаҳоро ба охир расондам, гиря кардам. На аз он сабаб ки қиссаҳо тамом шуданд, балки ман робитаи худро бо подшоҳии ҳайратовар, ки куллан аз ин дунё набуд, гум кардам. Ман медонистам, ки Аслан тимсоли Исо буд, вале симои Исоро бо шери ваҳшӣ ва ромнашаванда мувофиқ кунонида наметавонистам, гарчи вайро бо вуҷуди ин наздик омада, ламс кардан мумкин буд ва ӯро, ки ҳангоми хондани *“Воқеанома”* ман дӯст дошта будам.

Ӯ дар байни бачаҳо сайругашт мекард. Ман ба иконаҳои безабон, ки дар он “муқаддасон” ба туфайли нури гирди сари онҳо барканоршуда ба назар мерасанд, ва ба “оби муқаддас”-и хунук баргаштан намехостам. Ман ба сӯҳбати шери зинда ва нафасгиранда баргаштан мехостам. Ман он қадар ташнаи вохӯрӣ бо Худои пурхирад, зинда ва меҳрубон будам, ки ҳузури эҳсосшавандаи Ӯ баҳснопазир бошад. Ман он қадар ташнаи муҳаббати пурзӯр будам, то ки маро ба тарс орад. Ман он қадар адолати покро мехостам, то ки маро ба ҳайрат орад. Ман дар дунёе, ки ҳайвонот ва дарахтон гап мезананд, некӯкорӣ ва ростӣ қадрдонӣ карда мешавад, хатоҳо бахшида мешаванд, Люси будан мехостам. Худо моро даъват мекунад, ки бо дили поки бачагона ба назди ӯ биёем, бо чашми умед ба дунё нигариста, шукӯҳи муҳаббат ва наҷоти Ӯро қабул кунем. Вале қоидаҳои динӣ ва ҷараёни вақт аксари моро аз роҳи рост кашида бурданд. Ва мо Шери айёми бачагии худро гум кардем.

Ва акнун, дар партави ҳамаи ин гуфтаҳо, биёед дар саҳифаҳои китоби чоруми “Воқеаномаи Нарния” – “Шоҳзода Каспиан” ба

чашмони дурахшони Люси нигоҳ мекунем. Дар лавҳае, ки мо ба бачаҳо ҳамроҳ мешавем, онҳо хаста ва рӯҳафтода шуда буданд ва кам монда буд, ки онҳо боз ба самти дигар тоб хӯранд, вале ногаҳон Люси Асланро, Шери худро, мебинад.

- Нигоҳ кунед! Нигоҳ кунед! Нигоҳ кунед! – фарёд зад Люси.
- Ба куҷо? Чӣ шуд? – пурсиданд ҳама.
- Шер, – гуфт Люси. – Аслан. Шумо магар надидед? – Чеҳраи ӯ дигаргун шуд, чашмонаш бошанд, дурахшон шуданд.
- Ту дар ҳақиқат дар назар дорӣ, ки?... – бо ҳайронӣ пурсиданӣ шуд Питер.
- Пас дар куҷо, ба назарат, ту ӯро дидӣ? – пурсид Сюзен.
- Бо ман ҳамчун калонсол гуфтугӯ накун, – гуфт Люси, пояшро ба замин кӯфта. – Ман намегӯям, ки ба назарам ӯро дидам. Ман дар ҳақиқат ӯро дидам.
- Дар куҷо, Лу? – пурсид Питер
- Ана рост дар он ҷо, дар байни дарахтон. Дар боло, на дар поён. Айнан дар самти муқобил аз он тарафе, ки шумо рафтан мехоҳед. Ва ӯ хост, ки мо боло, ба он ҷое равем, ки вай истодааст.
- Аз куҷо медонӣ, ки ӯ маҳз ҳаминро мехост? – пурсид Эдмунд
- Ӯ... ман... ман... ҳамту медонам, – ҷавоб дод Люси. – Аз рӯи нигоҳаш.
- Дигарон хомӯшона ҳамту ба якдигар бо ҳайрат нигоҳ карда монанд[1].

Вақте ки Шер зоҳир мешавад, ин аз тарҳи рӯи ту маълум аст. Бо дидан дониш пайдо мешавад.

Ман дар ёд дорам, ки чӣ тавр ин донишро дар рӯи писарам Эддисон дидам, вақте ки ӯ ба ман гуфт, ки маҳз Ҷулиана арӯсшавандаи ояндаи вай аст. Ман акнун ба хона аз анҷумани занона, ки дар Киев баргузор шуда буд, баргашта будам, ва дар вақти кӯтоҳе, ки ман дар хона набудам (шаш рӯз), писари ман бо муҳаббати ҳаёти худ шинос шудааст. Ӯ мехост, ки ман дар ҳамин рӯз дар вақти хӯроки нисфирӯзӣ ба онҳо ҳамроҳ шавам. Мо дар айвон нишаста будем, ва ман мешунидам, ки чӣ тавр ӯ мегӯяд, ки ин духтар ҳамон “ягонаи” вай аст.

Вақте ки ман пурсидам, ки ӯ инро аз куҷо медонад, вай ба чашмони ман нигоҳ кард ва фаҳмонид: “Ман ҳамту медонам”. Ва аз

ҳамон лаҳза ман ҳам медонистам. Ман медонистам, ки писари ман дар ин духтар як чизеро дидааст – чизеро, ки ба ӯ қувват мебахшид, бо роҳе равад, ки вай фаҳмонида наметавонист. Ман, ҳамчун модари вай, бояд ӯро дар ин роҳ дастгирӣ менамудам. Ҳанӯз то шиносоӣ бо Ҷулиана ман боварӣ доштам, ки вай барои писари ман таъин шудааст, ҳатто агар ман ҳоло чизеро намефаҳмам.

Вақте ки ин вохӯриҳои мо бо Шер доир мегарданд, ҳатто агар дигарон аз он чизе, ки барои мо ин қадар равшан аст, бехабар монда бошанд ҳам, мо бояд ба ин дониш бовар кунем. Новобаста ба нобоварии  бачаҳои дигар, Люси ба он чизе, ки дида буд, бовар мекард, ва то он ҷое, ки ӯ медонист, ин рост буд.

Пас аз он ки Люси, аз рӯи андешаи Аслан, баён кард, ки ба кадом самт онҳо бояд раҳсипор шаванд, бачаҳои дигар ба суханони вай бовар накарданд. Онҳо на танҳо шубҳа карданд, ки ӯ Асланро дидааст; онҳо ба худ савол доданд, ки барои чӣ ӯ ба Люси зоҳир шуд. Онҳо қарор карданд, ки ба овоздиҳӣ монанд: оё Люси ва Шери вайро пайравӣ кунанд, ё бо роҳи бештар рост равона шаванд. Люси баҳсро бохт, ва бачагон, рӯ гардонида, ба самти дигар рафтанд. Люси бо ашкрезӣ аз паси гурӯҳ, ки ба самти нодуруст мерафт, равона шуд.

Ба фикрам, ҳамаи мо фаҳмида метавонем, ки дар он лаҳза ӯ чиро ҳис мекард.

Вақте ки ту шерро, яъне аломати Худоро мебинӣ, вале дигарон онро намебинанд, саволҳо пайдо мешаванд. Одамон донистан мехоҳанд, ки барои чӣ чизе, ки онҳо нафаҳмида монданд, ба ту зоҳир шуд. Ман фаҳмидам, ки ба ин савол танҳо Худо ҷавоб дода метавонад. Ӯ ҳақ дорад, то ҳар кореро, ки ба фикри Ӯ дуруст аст, ба амал орад. Худо ба одамони гуногун бо роҳҳои гуногун Худро ошкор мекунад. Чунин раванд Бадани Масеҳро бояд ба фаҳмиши он биёрад, ки мо аз якдигар вобаста ҳастем, ва аз баҳсу талош худдорӣ кунад. Агар ҳар яки мо қисми кори худро дошта бошем, роҳбарон якдигарро дастгирӣ мекунанд ва такмил медиҳанд. Даҳшат аст, агар туро намефаҳманд ва сипас ба роҳи нодуруст мебаранд. Вақте ки одамони атрофи ту кушоишеро, ки Худо ба ту додааст, қадр намекунанд, ин даҳшат аст! Вале дар ёд дошта бош, ки ҳатто дар ин ҳолат ҳам, ҳама гуна шароитро барои ба даст даровардани мақсади олӣ истифода бурда,  Худо кор мекунад. Нагузор, ки хашму алам (вақте ки туро намефаҳманд) ба қалби ту кинаю адоват бикоранд. Онро бартараф карда, роҳро давом деҳ.

Вале биёед ба *“Шоҳзода Каспиан”* бармегардем. Пас аз оворагардиҳои бесамари дуру дароз, ки оқибатҳои ногузир дошт, бачаҳо ба он ҷое расиданд, ки аз он сафари худро оғоз карда буданд. Хастаю бемадор шуда, онҳо ба хоб мераванд. Аслан медонад, ки Люси нороҳат аст, ва ба назди ӯ меояд, то ки боз ҳам бадтар шудани вазъиятро бартараф кунад.

Аз нимторикие, ки қароргоҳи онҳоро иҳота мекард, Аслан Люсиро, ки, мутааҷҷибона, пас аз рӯзи хеле хастакунанда хоб намекард, ҷеғ мезанад. Бо шодмонӣ аз он, ки вай овози Асланро мешунавад, духтарбача хурсандона ба назди ӯ мешитобад. Воқеаҳои рӯзи гузаштаро баён карда, Люси бародар ва хоҳарони худро танқид мекунад, ки онҳо маслиҳати вайро гӯш накарданд. Аз ким-куҷое андаруни худи Шер “ишорае барои наъра задан” шунида шуд. Люси ҳайрон шуда, аз ӯ пурсид, ки оё иштибоҳе содир кардааст.

- Аммо ба ҳар ҳол ин айби ман набуд, дуруст мегӯям?

Шер рост ба чашми вай нигоҳ кард.

- Оҳ Аслан, – гуфт Люси... Ман дигаронро гузошта аз паси ту танҳо рафта наметавонистам, магар ин нодуруст аст?...

Аслан ҷавобе надод.

Шер рост ба чашми вай нигарист. Дар ҳузури Худо кадом чизе ҳаст, ки ба биниши инсонии мо равшанӣ мебахшад? Ман бисёр вақт худро қурбони нофаҳмӣ ва тӯҳмат фикр карда, ба ҳузури Ӯ меомадам, то фақат дарк намоям, ки интихоб маҳз дар дастони ман буд. Ва ба ҳар ҳол дар ҳузури Шери мо ман худро хиҷолат ҳис намекунам. Ман худро қавӣ, дар мавқеи дуруст ва омода барои ба пеш рафтан эҳсос мекунам.

Баъзе вақтҳо ҳамаи мо ба чунин ҳолатҳои вазнин афтода мемонем.  Ба ту, аз як тараф, Худо хоҳише дода шудааст, ки бо як роҳ равӣ, аз дигар тараф дӯстон ва оила ба ту фишор меоранд, ки дигар хел рафтор кунӣ. Эҳтимол, дар назди ту васвасае пайдо шуд, ки дар имон ва қоидаҳои ахлоқӣ ба гузашт розӣ шавӣ, ҳамту тӯдаро пайравӣ кунӣ ва лаб фурӯ бандӣ. Новобаста ба он ки ба кадом андоза ба фишор дучор мешавӣ, ту бояд аллакай мефаҳмидӣ, ки вақте ба назди Шер меоӣ, баҳонаҳо фоида надоранд. Аксуламал ба онҳо - хомӯшӣ. Ман бисёр вақт чунин маслиҳат шунидаам: агар Худо хомӯш бошад, ба хотир биёр, ки ҳангоми гуфтугӯи охирин иҷро кардани кадом корро талаб карда буд. Оё ту онро иҷро кардӣ? Агар не, Ӯ то ҳол ҷавоби туро интизор аст.

## “Ту Модашер ҳастӣ...”

Худо танҳо барои он ки одамон чизи дигарро ҷонибдорӣ кардаанд ё бо Ӯ розӣ нестанд, дастурҳои Худро дигар намекунад. Ҳамчунин Ӯ дар бозии дӯстдоштаи мо “айбдорро биёб” иштирок намекунад. Ӯ то аз айбдоркунӣ ба ҳақиқат гузаштани мо интизор мешавад. Ин мавқеи фурӯтанӣ ба мо барои бархестан ва якҷоя бо Ӯ равона шудан ба саваннаи ёбоӣ қувват медиҳад.

К. С. Люис ин ҳақиқати амиқро дар сӯҳбати дигари Люси бо Аслан аниқ баён кардааст. Духтарбача дарк кард, ки ӯ бояд аз паси Аслан равона мешуд, новобаста ба он ки дигарон ба ӯ ҳамроҳ нашуданд. Бо ин ошкоршавӣ масъулияти нав меояд. Аслан ба ӯ имконияти дуюминро медиҳад ва хоҳиш мекунад, ки бародару хоҳарони худро бедор кунад ва хабар диҳад, ки вай боз Асланро дидааст ва вақти пайравӣ кардани дастурҳои ӯ расидааст.

- Онҳо ба ман бовар намекунанд! – гуфт Люси
- Ин аҳамият надорад – ҷавоб дод Аслан.
- Ин чӣ хел мешавад? – гуфт Люси. – Ман бошам, хеле хурсанд шудаам, ки боз туро вохӯрдам... Ва ман фикр кардам, ки ту омада, бо як наъра задан ҳамаи душманонро пароканда месозӣ – ба мисли дафъаи гузашта. Акнун бошад ҳама чиз хеле бад мешавад!
- Бале, ба ту мушкил аст, ширинак, – гуфт Аслан. – Вале ҳеҷ чиз ду бор такрор намешавад.

Биёед як лаҳза таваққуф мекунем. Ба ман ин манзараи аксуламали одам ба Худо маъқул аст. Ӯ моро ба сафар раҳнамун мекунад, вале ин барои мо “шикасти бузург” менамояд. Люси, ки як лаҳза пештар аз умед пур буд, акнун мехоҳад, ки ба ягон ҷо пинҳон шавад.

Биёед давом медиҳем:

Люси ба ёли вай ғӯтид, то ки аз нигоҳи ӯ гурезад. Вале дар ёли вай чизи сеҳрноке мавҷуд буд. Вай ҳис кард, ки қуввати шер ӯро фаро мегирад. Тамоман ғайричашмдошт вай қоматашро рост кард.

- Бубахш, Аслан, – гуфт вай. – Акнун ман тайёр ҳастам.
- Акнун ту модашер ҳастӣ, – ҷавоб дод Аслан. – Ва акнун тамоми Нарния эҳё мешавад.

Вақте ки ман ин суханонро хондам, ба ҳайрат афтодам. “Акнун ту модашер ҳастӣ...” Ман боварӣ дорам, ки вақте мо бармехезем, гиря карданро бас мекунем ва тайёр мешавем, Худо

худи ҳаминро ба ҳаёти ҳар як духтари Худ эълон кардан мехоҳад. Он гоҳ Худо изҳор карда метавонад: “Акнун ту далер ҳастӣ. Акнун ту биниши Маро дорӣ. Ту қуввати худро дарк кардаӣ. Ту барои муҳориба тайёр ҳастӣ”. Дар ёд дошта бош – ту узви артише ҳастӣ, ки дар муҳорибаи ҳалкунанда ҷанг мекунад.

## Аз рисолати худ натарс!

Аммо муҳорибаи мо чӣ мешавад? Чунин ба назар мерасад, ки торикӣ афзун мешавад, равшании мо бошад, базӯр милт-милт мекунад.

Вақти он расид, то ба ҳама эълон кунем, ки дар байни мо Шер ҳозир аст. Шояд, мо ӯро пайхас накардем, дар ҳоле ки оиди чизҳои беҳуда баҳс менамудем. Сафҳои мо аз ҳамдигар ҷудо шуданд, маркази диққат дигар шуд, ҳол он ки қувваҳои зулмат заминеро, ки дар борааш мо бояд ғамхорӣ мекардем, ғорат карданд. Дар атрофи мо мубориза дар авҷ аст, мо бошем, дар қароргоҳи худ ба низоъҳои байнихудӣ машғул ҳастем.

> Ба Подшоҳи ҷовид, ба Худои ғайрифонӣ, нонамоён ва якто то абад шавкат ва ҷалол бод. Омин.Туро, эй фарзандам Тимотиюс, мувофиқи нубувватҳое ки пештар дар ҳаққи ту шуд, чунин насиҳат медиҳам, ки ту мутобиқи онҳо амал намуда, ҳамчун сарбози нек ҷанг кунӣ, ва имон ва виҷдони нек дошта бошӣ, ки баъзе касон онро рад карданд, ва киштии имонашон ғарқ шуд...
>
> 1 Тимотиюс 1:17-19

Ба ояндаи мо аллакай лангари ваъда андохта шудааст. Мо бо ёрии аслиҳаи нур ва умед ҷанг мекунем. Исо аз нав бар зидди марг барнамехезад. Ӯ аллакай бар он ғолиб омадааст. Ва акнун мо бояд дар асл дигаронро барои пайравӣ кардани намунаи худамон рӯҳбаланд карда, бо ин ғалаба пеш равем.

Ҳатто ҳозир кишвари мо дар ҳадди шикасти ахлоқӣ, иқтисодӣ ва рӯҳонӣ қарор дорад. Моро душманон ва террористҳо иҳота кардаанд – ҳам дар тамоми ҷаҳон ва ҳам дохили сарҳадҳои худамон. Тарс ва хиёнат дар тамоми ҷабҳаҳо ҷанҷолҳоро ба вуҷуд меоранд, ва дар байни мо одамоне ҳастанд, ки гумон доранд мо худро ҳимоя карда наметавонем.

Ба назарам, ҳолати имрӯзаи мо ба ҳолати Англия, ки чанд садсола пеш буд, шабоҳат дорад. Вақте ки зани ҷавон дар худ

модашерро бедор кард, аз замини ғоратшуда ва абгор империя тавлид шуд, ва халқи Британия аз нав барқарор шуд.

Дар биступанҷсолагӣ малика Елизавета 1 ба тахти мамлакате нишаст, ки аз ҷиҳати ахлоқӣ ва молиявӣ муфлис шуда буд. Аз ҳар ҷониб давлатҳои қавитар, ки аз нигоҳи мазҳаби католикӣ бо ҳам муттаҳид буданд, ба Англия таҳдид мекарданд. Англия аллакай дар натиҷаи ҷангҳои динӣ, ки дар дарун авҷ мегирифт, пора-пора шуда буд. Мамлакат бар оқибати ҳукмронии шадиди подшоҳ Генрихи VIII ва малика Мария дар ҳолати ноустувор қарор дошт.

Вале суханеро, ки Елизавета дар рӯзи тоҷгузорӣ баён карда буд, гӯш кунед: "Боре, ки ба дӯши ман афтид, маро ба таҳайюр меорад". Пас аз садсолаҳо суханони ӯ барои ман ҳоло ҳам саривақтӣ ва рӯҳбаландкунанда мебошанд. Зане, ки ба бори вазнинтарин бо таҳайюр аксуламал нишон медиҳад, чӣ гуна бояд бошад?

Ман хурсандам, ки малика барои худ баҳонаҷӯӣ накард – беҳад ҷавон, беҳад нозук, ва ҳам аз ҷинси латиф. Ҳуқуқи ӯ барои нишастан ба тахт ҳамеша зери шубҳа қарор мегирифт. Вале ҳатто вақте ки ӯро духтари бе никоҳ зоидашудаи Генрихи VIII ном бурданд, вай таслим нашуд. Ба ҷои ин вай қарор кард, ки аз ҳайрати худ даст накашад. Таҳайюри ӯ дар муҳити иззату икром ва эътирофи вобастагии ӯ ба Худо асоси ҳаёти ӯ гардид.

Елизавета ҳанӯз дар овони ҷавониаш бо эҳтиёт сухан мегуфт. Агар вай чунин намекард, то биступанҷсолагӣ зинда буда наметавонист! Аз лаҳзаи таваллуд то худи марг вай дар халқаи одамони бадхоҳ монда буд. Дар даруни дарбор ва берун аз он хиёнаткорон ва қудратпарастон хеле бисёр буданд; онҳо фурсат мепоиданд, ки ӯро аз рӯи суханонаш айбдор кунанд. Хоҳари даллолаи ӯ Мария, ки пеш аз ӯ малика буд, лақаби Марияи хунхӯрро гирифта буд, чунки дар замони ҳукмронии ӯ бисёр одамон ба қатл маҳкум шуда буданд. Мария фурсат мепоид, ки Елизаветаро бикушад ва ҳатто вайро ба Қалъаи Лондон, ки дар он ҷо модари Елизавета, Анна Болейн, низ пеш аз сарашро буридан менишаст, ҳабс кард. Ҳамлаҳо ва найрангҳои Мария бар зидди Елизавета бо марги худи вай анҷом ёфт.

Қариб якбора баъд аз он, ки Елизавета малика шуд, хеши вай Мария, маликаи Шотландия, аз ҷонибдории калисои католикӣ истифода бурда, ба Британия баргашт ва чандин маротиба ба ишғол кардани тахти Англия кӯшиш кард. Ниҳоятан пас аз он ки иштироки ӯ дар сӯиқасди малика маълум шуд, Елизавета ба

қатли вай фармон дод. Ба Елизавета хиёнат карданд, ӯро рад намуданд, ба ӯ бовар намекарданд, вале ӯ ба мушкилиҳо иҷозат дод, ки аз вай ҳокими беҳтаринро, ки дар Англия мисолашро надида буданд, ташаккул диҳад.

Ба ҷои он ки ба шавҳар барояд ва вориси тахтро ба дунё биёрад, малика Елизаветаи 1 ӯҳдадор шуд, ки арӯс ва модари кишвари худ гардад. Ин дараҷаи ҳайратбахши фидокорӣ ба вай озодӣ бахшид, то ба қарорҳои стратегӣ, ки подшоҳии ӯро мустаҳкам карданд, диққати худро равона кунад. Илова бар он ки малика омӯзиш ва аз болои худ кор бурданро бас намекард, вай маслиҳатчиёни хирадмандро ба гирди худ ҷамъ кард ва бодиққатона ба эҳтиёҷот ва некӯаҳволии одамон нигоҳ мекард.

Дар замони ҳукмронии Елизавета:

- гурӯҳҳои динии протестантӣ ба калисои Англиканӣ муттаҳид карда шуданд;
- иқтисодиёти Англия аз вобастагӣ ба кишварҳои дигар озод шуда, ба иқтисодиёти гуногунҷабҳа ва мустақил табдил ёфт;
- илм ва санъат нашъунамо ёфтанд;
- Англия давлати бузурги баҳрнавардӣ гардид;
- ба азхудкунӣ ва тадқиқи Амрико фаъолонатар машғул шуданд.
- Давраи ҳукмронии Елизавета барои кишвари вай "асри тиллоӣ" гардид ва Англия аз як кишвари хурд ба империяи бузург табдил ёфт.
- Ҷои тааҷҷуб нест, ки ӯро модашер меномиданд. Вале, ҳатто ба муваффақиятҳо нигоҳ накарда, нақши ҳокимӣ барои ӯ бори вазнин буданро бас намекард. Вай мегуфт:

> Подшоҳ будан ва тоҷ ба сар доштан аз лаззатбахш будан барои онҳое, ки дар ҳақиқат онро доранд, бештар бошукӯҳтар аст барои онҳое, ки онро мебинанд.

Чуноне ки китобҳои дарсии таърих шаҳодат медиҳанд, вай аз он, ки ҳамту тоҷ ба сар мекард, хеле зиёдтар кор кардааст: вай ба навоварӣ, тиҷорат ва тадқиқотҳо оғоз бахшид. Вай қуввати тақсимнопазири фидокориро мефаҳмид ва бо ғамхорӣ ва таҳаммул ба он мусоидат намуд, ки Англия ба роҳи осоиштаи тараққиёт равона шуд, дар ҳоле ки Фаронса барин кишварҳо аз боиси инқилобҳо ба дами ҳалокат расида буданд.

Елизавета мубориза далер буд. Ана порчае аз суханрони ӯ, ки пеш

аз ба майдони ҷанг сафарбар кардани артиш ба забон оварда буд:

> Бигзор ҳокимони золим битарсанд, ман бошам ҳамеша, Худо шоҳид аст, чунон рафтор кардам, ки такягоҳи асосӣ ва кафолати бехатарии ман дилҳои амин ва иродаи неки зердастони ман буданд. Ва бинобар ин, дар ин вақт, дар байни шумо, чи тавре ки мебинед, дар ин вақт, на барои фароғат ва вақтхушӣ дар ин ҷо ҳастам, балки бо азми қавӣ дар ин муҳориба дар якҷоягӣ бо ҳамаи шумо ба мурдан ва зистан тайёр мебошам. Ман тайёр ҳастам, ки барои Худои худ ва салтанати худ ва халқи худ шарафу номус ва хуни худро фидо кунам, тайёрам, ки ба хок бағардам...
>
> Ман медонам, ки ҷисми ман – ин ҷисми зани заиф ва оҷиз аст, вале дили маликаро дорам, ва на танҳо малика, балки маликаи Англия, ва ман нисбат ба он, ки Парма, ё Испания, ё ягон подшоҳи дигари Аврупо барои ҳамла кардан ба қаламрави ман ҷуръат карда метавонад, пур аз нафрат ҳастам, ва ҷавоби ман ин аст, ки худи ман, пеш аз он ки ба ягон бешарафӣ маҳкум шавам, яроқ ба даст мегирам... Мо ба зудӣ бар ин душманони Худо, Салтанати ман ва Халқи ман ба ғалабаи бузург ноил мешавем.

Онҳо ба ин ғалаба муваффақ шуданд.

Мебинӣ, вақте зан азм мекунад, ки дар таҳайюр бошад ва натарсад, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад? Елизавета далерона аз паси Худо равона мешуд ва ба даъвати тақдири худ бодиққат буд. Ӯ барои ҷустуҷӯ кардани роҳнамоии Худо ҷиддӣ рафтор мекард ва бо се забон рӯзномаи дуо менавишт. Натиҷаро метавон бо дилпурӣ ҳайратбахш номид. Эҳтимол, ту ҳис мекунӣ, ки Худо туро барои ягон чизи ғайриоддӣ ё тарсовар даъват мекунад. Агар ин тавр бошад, ба мисолҳои Люси ва Елизавета 1 иҷозат деҳ, ки туро барои ба пеш рафтан рӯҳбаланд кунанд.

Муҳим нест, ки дигарон кадом вазифаро барои ту пешбинӣ кардаанд. Агар Худо гуфтааст, ба Ӯ бовар кун. Ба он ҷое бирав, ки Ӯ туро мефиристонад; он чиро ки Ӯ мегӯяд, гӯш кун. Аз паси ин Шер ба ҷое, ки Ӯ туро роҳнамоӣ мекунад, равона шав, ва ба “кушоиш” бовар кун, ҳатто агар дигарон туро намефаҳманд.

Оё ту тайёр ҳастӣ, ки мутаҳайир бошӣ?

11

# Аз пичиррос ба наъра

Шер ман набудам – ман фақат шарафёб шудам, ки наъраи шерона занам.

УИНСТОН ЧЕРЧИЛЛ

Шерон наъра мекашанд.

Бешубҳа, шумо дар ин бора медонед. Вале оё медонед, ки модашерон низ наъра мекашанд?

Барои он ки модашерон ончунон наъра кашида тавонанд, ки ин ба шунаванда таъсир расонад, онҳо, пеш аз ҳама, бояд ҳолати бадани худро тағйир диҳанд. Барои эълони пурзӯри қуввати азалӣ, таъзим кардан лозим аст. Сарҳои тавонои онҳо хам карда мешаванд, ва онҳо қафаси синаи худро васеъ мекунанд, то ки шуши худро аз ҳавои тоза пур кунанд. Аҷиб аст, оё ба назари онҳо чунин наменамояд, ки вақте онҳо ба хурӯш меоянд, қафаси синаи онҳо медаррад. Овози наъраи онҳоро дар масофаи то ҳашт километр шунидан мумкин аст ва аз шунидани он дили одамон ва ҳайвонот ба ларза меояд. Наъраи шер туро фаро гирифта ва бо садои даҳшатноки худ моту мабҳут карда метавонад.

Ба ин монанд, агар мо, ҳамчун модашерони Худо, хоҳем, ки ба баровардани чунин садои пурқувват муваффақ шавем, ба мо лозим мешавад, ки мавқеи худамонро дигар кунем. Барои наъра задан, мо бояд сарҳои ба боло бардоштаи худро хам кунем ва таъзим намоем. Ин мавқеи фурӯтанӣ ва дуо моро ба мавқеи дуруст мегузорад, то ки мо аз нафаси тозаи Рӯҳулқудс пур шавем. Ман бовар дорам, ки агар “ҳиссае”, ки аз Рӯҳулқудс гирифтаем,

қобилияти моро барои маҳкам нигоҳ доштани пуррагии ҳаёте, ки дар Ӯст, афзун гардонад, барои ин тавр наъра задан имконият ҳаст. Вақте ки мо дигар ростӣ, муҳаббат ва некӯии Ӯро дар худ пинҳон карда наметавонем, мо чӣ гуна будани Худои худро ба таври ҳайратовар эълон менамоем.

Аммо, бар хилофи наъраи модашер, наъраи мо на танҳо овоз аст. Эълонкунии мо омехтаи Илоҳии суханон, корҳо ва қадамҳои мафтункунанди имон хоҳад буд. Вақте ки омилҳои ноаёни имон, умед ва муҳаббат дар ҳаёти шахсони алоҳида маълум мешавад ва ифодаи худро дар ҷавоби умумии мо ба мӯҳтоҷиҳои ҷаҳон ва муҳаббати Худо пайдо мекунанд, он гоҳ ҷаҳон наъраи моро мешунавад. Агар ҳаёти мо Шахсияти Шери моро дуруст инъикос кунад, ҷаҳон наъраи Ӯро мешунавад. Он гоҳ ҳамаи онҳое, ки даъвои худоӣ ва худовандӣ мекунанд, сарафканда мешаванд, шӯру мағалҳо хомӯш мегарданд ва нидое баланд мешавад: “Танҳо ба ягона Худо саҷда кунед”!.

Ҷаҳон аз ҳар гуна нидоҳо пур аст. Вақте ки ман калимаи “наъра”-ро таҳқиқ кардам, фаҳмидам, ки бисёр чизҳо нидо бароварда метавонанд. Уқёнусҳо хурӯшида метавонанд. Шамоли боздоштанашаванда ғуррида метавонад. Шаршараҳо обҳои бисёрро партофта, хурӯшида метавонанд. Ҳаводорони варзиш дар майдонҳо ба хурӯш меоянд. Чор махлуқ дар назди тахти осмон нидо мебароранд: “Қуддус, Қуддус, Қуддус”, – ва ин нидо дарвозаҳои осмонро меларзонад (ниг.: Ишаъё 6:4). Дар замин мо ин суханонро дар шакли суруд такрор мекунем, вале шакли нахустини ин эълонкунӣ дар бораи Худо ин наъра ё ғуррос аст.

Ҳатто Худои бузурги мо, Худованди замину осмон... наъра мезанад.

> Худованд аз афроз ғурриш мекунад, ва аз маскани муқаддаси Худ овози Худро мебарорад.
>
> Ирмиё 25:30

Ва боз:

> Худовандро онҳо пайравӣ хоҳанд кард; Ӯ мисли шер наъра хоҳад зад; вақте ки Ӯ наъра занад, фарзандон аз он тарафи баҳр хоҳанд шитофт.
>
> Ҳушаъ 11:9-10

Чӣ тавр овозе он қадар пурқувват мешавад, ки дигар онро

пичиррос, мағал, фарёд ё нидо номидан дуруст нест. Наход танҳо овози баланд наърае ҳисоб меёбад, ки бо зӯри худ ба ҳайрат меандозад?

## Ҳама чиз аз пичиррос сар мешавад

Барои ҷавоб додан ба ин савол, биёед аввал ҷараёни инкишофи пичирросро меомӯзем.

Сарояндаи Забур менависад:

> Инро Ӯ шаҳодате дар Юсуф муқаррар намуд, вақте ки вай бар замини Миср берун рафт. Забонеро, ки намедонистам, шунидам.
>
> Забур 80:6

Дар ин ҷо сарояндаи Забур тааҷҷуби худро аз шунидани пичирроси Худо баён кардааст. Наход ӯ пештар вафодории худро нисбат ба Худо баён накарда ва насароида буд? Эҳтимол, дар ин Забур ӯ ҳиссиёте, ки ҳангоми аввалин бор бо Худо вохӯрдан аз сар гузаронида буд, ба ёд овардааст. Мо наметавонем он чизеро, ки пештар нашунидаем, шиносем. Довуд, масалан, ҳамчун чӯпони ҷавон, аввалин бор пичирроси Худоро шунид, ва дар натиҷа аллакай овози Худоро ҳамеша ва дар ҳама ҷо мешинохт. Дар бораи овози Худо гуфта шудааст: “...хеле пичирроси форам”. Худои бузург бо овози форам сухан меронад – чӣ гуна тазоде аст дар муқоиса бо воқеияти бераҳмонаи ҳаёти одамӣ.

Бинобар ин Худо даъват мекунад, ки бо Ӯ дар оромӣ ва осудагӣ сӯҳбат кунем: “Бозистед ва бидонед, ки Ман Худо ҳастам...” (Забур 45:11).

Ман бовар дорам, ки Худои Бузург ва Офаридгори ҳама махлуқот медонист, ки фарзандони Ӯ ба ҳайрат меафтанд, ва ҳамзамон бо пичирроси Ӯ ором карда мешаванд.

Шахсан барои ман симои Худои пичиррросзананда, назар ба Худои фарёдзананда, тааҷҷубовар аст. Аз чунин Худои бузург пурра фарёди гӯшхарошро интизор шудан мумкин аст, аммо пичиррос ин як чизи ғайричашмдоштӣ аст. Бо ин садои маҳин Худо қодир аст, ки диққати моро ба Худ ҷалб кунад. Чуноне ки варта вартаро даъват мекунад, ҳамчунин пичирроси Худо – ин акси садои Офаридгор аст, ки дар умқи дили фарзандонаш, ки Ӯ офаридааст, садо медиҳад.

Илёс кӯшиш кард, ки Худоро дар шамол, заминҷунбӣ, дар оташ пайдо кунад, вале Ӯро дар садои пичирроси оҳиста пайдо кард (ниг.: 3 Подшоҳон 19:12). Вақте ки набӣ овози паст ва маҳинро шунид, вай аз паноҳгоҳи худ баромада, ба суханони Худо гӯш андохт.

Ман боварӣ дорам, ки суханронии Худо аз пичиррос сар мешавад. Ҳама чизи бо овози баланд эълон кардашуда, ким-кайҳо бо пичиррос баён гардида буд. Вақте ки ман ҳангоми ҳомиладорӣ ҳис мекардам, ки дар батни ман ҳаёт нашъунамо меёбад ва мустаҳкам мегардад, ин пичирроси тифле буд, ки ба дунё меомад. Фарёд аз пичирроси дарунӣ сар мешавад. Эҳтимол, шумо дар аввал ҷавобан ба фарёде, ки аз қалби шумо баромад, – “Худоё, ман гурусна, ҳаросон ва танҳо ҳастам”, – пичирроси Худоро шунидед.

Вай дар ҷавоб гуфт: “Натарс! Ман дар ин ҷо ҳастам, фарзандам”.

Баъзан ман занонро ҳамчун тимсоли пичиррос мебинам. Модаре, ки тифли ҳаросони худро аллагӯён мехобонад, дод намезанад – ӯ пичиррос мезанад. Солҳо ман шунидаам, ки духтарони Худо оиди мақсадҳои дар дарунашон тавлидшуда ба якдигар пичиррос мезананд. Қариб се даҳсола ман ба шавҳари худ, вақте ки дар бистар мехобем, пичиррос мезанам. Дар зери чодари шаб дар даруни бистари гарм баланд гап задан бемаврид аст. Ин ҷои пичиррос, фароғат ва наздикӣ аст.

Вақтҳое буданд, ки ман ба гӯши аъзои оилаам, ки бо ман дар калисо ибодат мекарданд, пичиррос мезадам. Вақте ки ягон сухани тезу тунд ё ба ҳақиқат номуносиб мешунидам, ман бо овози паст гап мезадам. “Ин нодуруст аст,” – пичиррос мезадам ман. Ҷон ва писарони мо хомӯшона сар меҷунбониданд, ва баъзан ба дастам зада мемонданд, гӯё ба қавле: “Мо медонем, ки ту чаро норoҳат ҳастӣ. Ба ту лозим нест, ки инро ба мо бо овози баланд гӯӣ. Мо туро мешунавем”.

Ман пичиррос мезанам, зеро барои ин корро кардан масъулият ҳис мекунам. Ба назарам нисбат ба чизҳои аз ҳад зиёд майда ё аз ҳад зиёд бонуфуз, таҳрифшуда ё ба таври оддӣ нодуруст хомӯш мондан ва майдонталабӣ накардан дуруст нест. Шояд, ҳама гап дар хидмате бошад, ки ман машғул ҳастам, вале ба ман лозим аст, ки ростиро раҳо кунам, то ки пеш аз реша давондани ин тухмиҳо, ман онҳоро аз замин барканам.

Пичирроси ман он чизеро, ки бо овози баланд гуфта шудааст, рад мекунад.

Вақте ки изҳороте, ки ман мешунавам, ба он чизе, ки Худо бароям пичиррос зада гуфтааст, мувофиқ набошад, ман пичиррос мезанам. Бешубҳа, вақтҳое мешавад, ки ту ҳам худро чунин эҳсос мекунӣ. Агар ту пичирроси Худоро шунида бошӣ, ту медонӣ, ки он пок ва лоиқи таваҷҷӯҳи мо мебошад. Аксар вақт, вақте ки мо таълим медиҳем ё мавъиза мекунем, мо ҳамту он чизеро, ки дигарон моро омӯзонидаанд, такрор мекунем. Вале вақте ки Худо сухан меронад, тамоман дигар аст. Пичирроси Худо ин чизи майда нест, ва ба он бо эҳтиром муносибат кардан лозим аст.

Худо ба духтарон ва писарони Худ пичиррос мезанад. Оё ту ҳис мекунӣ, ки дар ҳаёти ту даврае сар шуд, ки бояд худат пичиррос занӣ ва пичирроси Худоро шунавӣ? Шояд, ту онро ҳатто ҳозир мешунавӣ. Пичиррос ин забони асрор ва пешгӯиҳост.

Ҳазорҳо сол одамон пичирроси Худоро меҷустанд, вале аксар вақт ҷавоб хомӯшӣ буд.

> Зеро ба шумо мегӯям, ки басе анбиё ва подшоҳон мехостанд он чиро, ки шумо мебинед, бубинанд, ва надиданд, ва он чиро, ки шумо мешунавед, бишнаванд, ва нашуниданд.
>
> Луқо 10:24

Паёмбарон ва шоҳони қадим бо диққат гӯш меандохтанд, вале Худо садое намебаровард. Онҳо бо диққат назар медӯхтанд, ки андаке ба оянда нигоҳ кунанд, вале дар пеши назари онҳо чизе набуд. На садое, на рӯъёе, на симое – ҳеҷ чизе набуд, ки барои аз дӯстон худ, – “Шумо инро шунидаед?” – гуфта пурсидан сабабе шавад.

Сипас вақте расид, ки паём омад, вале на дар намуди пичиррос, балки дар намуди одам. Каломи бо пичиррос гуфташуда ҷисм гирифт ва бо одамон сӯҳбат карда, ламс намуда, таълим дода, шифо бахшида ва мурдаҳоро зинда карда, бо овози баланд сухан ронд. Мутаассифона, онҳое, ки аз дигарон бештар шунидан мехостанд, гӯшҳои шунаво надоштанд. Онҳо Ӯро аз даст доданд, чунки Худо на он тавре ки онҳо интизор буданд, намудор шуд ва сухан меронд. Исо ба боҷгирон ва моҳигирон “пичиррос” мезад ва ба гӯшҳои кари фарисиён дод мезад.

Ба ҷои он ки бо суханон фаҳмонад, ки Ӯ кист ва аз куҷо омадааст, Исо ҷавҳари худро бо ҳаёти Худ нишон медод. Корҳои Ӯ аз ҳама гуна овоз баландтар садо медоданд.

## Аз пичиррос ба овози баланд

Ба монанди бисёре аз мо, дугонаи ман Бобби Хюстон ба садои Осмонӣ гӯш медиҳад ва ба он чашм медӯзад, ки Рӯҳи Худои Бузург барои духтарони Худ супориш омода мекунад. Вай он чизеро, ки бисёре аз мо мебинанд, бо суханони зерини шоирона сабт намудааст:

Пичирроси Худо садои баланд гардид.

Занон дар тамоми ҷаҳон ба ин суханон ҳамоовоз мешаванд.

Боз ҳам бештару бештар духтарони Худо пичирроси Ӯро мешунаванд. Ин пичирроси Худо чӣ аст? Барои чӣ садои он баландтар мешавад? Дар ҷавоб ба садоҳои бисёр оид ба адолат эълонкунии умеди мо баландтар садо медиҳад. Вақте ки Марям, модари Исо, ваъдаи Худоро дар бораи наҷоти халқи Ӯ қабул кард, вай онро дар даруни худ маҳфуз дошт ва онро дар қалби худ парварид. Имрӯз боз ҳам бештар духтарони Худо ҳаёт ва озодиро, ки дар қалби онҳо тавлид шуд, эълон карда истодаанд. Дар натиҷа он чизе, ки дар қалби шахсони алоҳида ҳамчун садои пичиррос сар шуд, аз ҷониби бисёриҳо ҳамовозӣ пайдо кард. Дар он ҷое, ки вақти дуру дароз хомӯшӣ ҳукмфармо буд, паём эълон карда мешавад.

> Он чи дар торикӣ ба шумо мегӯям, дар рӯшноӣ бигӯед; ва он чи дар гӯш мешунавед, дар болои бомҳо мавъиза кунед.
>
> Матто 10:27

Исо пичиррос зад, ва сипас ба шогирдони Худ амр фармуд, ки фарёд зананд. Ӯ ба доираи хурди одамон фаҳмиш ва хирадро ҷойгир кард, ва баъд аз он шогирдони Худро барои ошкоро эълон кардани он чизе даъват кард, ки пештар сир буд.

Боварӣ дорам, ки мо дар замоне зиндагӣ карда истодаем, ки пичирроси Худо фардо ба садои баланд табдил меёбад. Намедонам, ки оё дар асл миқёсҳои потенсиалии инро медонем ё не, аммо ман ҳис мекунам, ки бисёре аз мо ҳоло наздиктар омада ва бодиққатона гӯш карда истодаанд. Наздиктар омада, ту садои хишир-хишири сабукро, яъне кӯшиш, ҳаяҷон ва

ҷунбишро андаруни худ мешунавӣ.

Пичирроси Худо чунон ҷолиб аст, ки ҳатто ба тарс оварда метавонад.

Ончунон пешгӯинашаванда аст, ки баъзан онро пайравӣ карда, ту якчанд вақт танҳо мемонӣ.

Ончунон пурзӯр аст, ки агар ба он ақаллан як бор роҳ диҳӣ, дигар боздошта наметавонӣ.

> Сутунҳои осмон ба ларза меояд, ва аз итоби Ӯ ба даҳшат меафтад.Бо қуввати Худ баҳрро ба шӯр меоварад, ва бо хиради Худ раҳабро захмдор мекунад. Аз рӯҳи Ӯ осмон шукӯҳ ёфтааст; дасти Ӯ аждари болдорро нобуд кардааст. Инак, инҳо ҳиссаест аз роҳҳои Ӯ; ва чӣ сухани андаке дар ҳаққи Ӯ шунидаем! Вале раъди қудрати Ӯро кист, ки тавонад пай барад?
>
> Айюб 26:11-14,
> аз тарафи муаллиф ишора карда шудааст

Маҳз ана ҳамин. Кӣ тавонад пай барад? Мо, бешубҳа, аз тарс меларзидем, вале он касоне, ки аллакай пичирроси Ӯро шинохтаанд ва ба он бовар кардаанд, ба садое, ки Ӯ бо он меояд, муқобил истода наметавонанд. Вақте ки Ӯ овози Худро баланд мекунад, чизе дар даруни шумо бо эҳтиром гӯш медиҳад. Ин ҳама қувват ва ҳукмронии овоз, ки дар боло баён кардем, ҳамагӣ танҳо пичиррос аст. Фақат як вазиши он ҳамаи абрҳоро дар осмон пароканда мекунад!

Вақте ки аввалин бор Худо ба қалби ман оиди ҳаёт, озодӣ, умед, қувват, ромнашавандагӣ, арзиш ва ҳатто зебоии Худ пичиррос зад, ин барои ман як навъ омодагӣ буд. Дар он ҷое, ки ба назари ман барои вусъат пайдо кардан ва афзоиш ёфтан аллакай имконият мавҷуд нест, Ӯ маро ба вусъатёбӣ ва афзоиш даъват кард. Он рӯҳафтодагии пуршиддатеро, ки он вақт дар қалби ман ҳумфармо буд, беҳтар аз ҳама чунин баён кардан мумкин аст: тасаввур кунед, ки шумо пичирросеро шунидед, ки дар ҳаёти шумо назар ба он ки шумо интизор будед, чизҳои бузургтаре рӯй дода метавонанд. Ин пичиррос мегӯяд: ту бо фикри он ки ҳаёти ту ба авҷи худ расидааст, ту мавҷудияти кадом як монеаи бартарафнашавандаи ҳадди болотаринро қабул кардӣ, вале ин ҳақиқат нест ва ҳеҷ гоҳ ҳақиқат набуд. Ин пичиррос ба он чизе, ки аз бисёр-бисёр одамон шунидаед, мухолиф аст.

Вале пичиррос шуморо ба як ҷои асрорангез ва амиқ даъват мекунад ва дар ту ҳадафҳои тираеро, ки ифода кардан ғайриимкон аст, бедор мекунад. Он назар ба он чизе, ки ту дар телевизор тамошо кардӣ ва дар рӯзномаю маҷаллаҳо хондӣ, ба ҳақиқат монандтар садо медиҳад. Чунин пичирросро шунида, ту дигар мешавӣ. Ногаҳон ту дар он ҷойҳо, муносибатҳо ва сӯҳбатҳое, ки ту ҳанӯз як моҳ, як ҳафта ё як рӯз қабл худро ҳамчун моҳӣ дар об ҳис мекардӣ, худро ба нороҳаттар ҳис кардан сар мекунӣ.

Вақте ки ман бори аввалин пичирроси Худоро шунидам, маҳз ҳамин чиз рӯй дод. Дар кадом як сатҳе ман ҳис кардам, ки аз он чизе, ки пештар медонистам, ҷудо шудаам, гарчанде ин хиёнатҳам набуд. Ба ман чунин менамуд, ки гӯё ман дар уқёнуси кушод, бидуни ягон тасаввурот оид ба он, ки чӣ тавр ман дар он ҷо пайдо шудам ва чӣ тавр бандари навбатиро биёбам, шино карда истодаам. Ҳама чизе, ки то ин дам босубот буд, акнун ноустувор, номуайян ва  ноқулай шуда монд. Ягона чизе, ки барояш ман дилпур будам: чизе аз ҷояш ҷунбид, ва акнун ман ҳеҷ гоҳ ба ҳаёти пештара барнамегардам.

Бале, ин пичиррос қудрат дорад, ки чунин зуд моро аз он чизе, ки то он вақт медонистем, маҳз бо ин тарз ҷудо кунад. Баъзеҳо инро илҳомёбӣ мегӯянд, дигарон –тағйирёбии парадигма.

Ҳамеша, вақте ки ман Худоро меҷӯям, Ӯ ба ман бо пичиррос ҷавоб медиҳад.

> Ба дуоям, эй Худо, гӯш андоз, ва аз истиғосаи ман пинҳон нашав!
>
> Забур 54:2

Ҷавобҳои Ӯ дар байни шумо ва ҳаёти пештараатон ҷудоӣ меандозанд, ва онҳо якчанд вақт шуморо нороҳат месозанд. Ана барои чӣ, садои Худоро шунида, ором ва сокит шудан, гӯш андохтан ва ин пичирросро қайд кардан лозим аст.

Людвиг ван Бетховен навиштааст: “Садоҳо дар гирди ман то он даме, паҳн шуда, ҷарангос зада ва давр зада метавонанд, ки ман онҳоро дар намуди нотаҳо нанависам”. Чӣ мешуд, агар вай садоҳоеро, ки дар қалбаш мешунид, наменавишт? Мо на танҳо аз мусиқии ӯ маҳрум мемондем, балки аз афкор, муҳаббат, орзуҳо ва илҳоми ӯ низ, ки дар оҳангҳои сабтнамудаи ӯ ифода ёфтаанд.

Вақте ки пичирроси Худо дар ман тӯфон ё ғурриши фикрҳоро бедор мекунад, то онро нанависам, ором шуда наметавонам.

Усулҳои хеле зиёде мавҷуданд, ки ба воситаи онҳо нафаси осмонро дошта гирифта ва ба он пичиррос шакл додан мумкин аст. Баъзеҳо онро бо сухан мепӯшонанд ва баъзеи дигарон онро ба мусиқӣ мегардонанд. Саввумиҳо онро дар мавъизаҳо, нақшбозиҳо ё навиштаҳои адабие ифода мекунанд, ки дар онҳо паёме, ки ин пичиррос овардааст, баландтар садо медиҳад. Онҳое низ ёфт мешаванд, ки ин пичирросро дар рассомӣ ё меъморӣ бо рангу шакли тоза ороиш медиҳанд.

Шакли баён он қадар муҳим нест. Асос ин аст, ки онро ифода кунӣ!

## Пичирросро бо ҳаёти баландовоз ифода кун

Шояд, шумо ибораи "Бо ҳаёти баландовоз зиндагӣ кун"-ро шунидаед, вале ман мехостам ба он чизеро илова кунам. Он чизеро, ки дар даруни ту ҳаст, бо ҳаёти баландовоз ифода кун.

Ралф Уолдо Эмерсон гуфтааст: "Ҳаргиз касе аз шумо ягон чизи фавқулодда ё таъсирбахшеро ба амал оварда наметавонад, агар ба пичирросе, ки танҳо ба вай шунаво аст, гӯш надиҳад".

Шунидани қалби худро ёд гир. Аз дигарон он чизеро, ки танҳо ту шунида метавонӣ, талаб накун. Чунин рафтор карда, ту ба дигарон назар ба пичирроси Худо, ки дар даруни туст, бар қалби худ бештар қудрат медиҳӣ. Ба он чизе, ки Худо пичиррос мезанад, бо эҳтиром муносибат кун ва барои шунидани он, ки Ӯ бо нияти қобилият бахшидан ба ту барои иҷрои як чизи фавқулодда чиро ба ту дохил мекунад, вақт пайдо кун.

Мо бисёр вақт дар танҳоӣ нишаста, садои пичирроси Худоро мешунавем. Аммо ҳаргиз мо ягона касе нестем, ки гӯши шунаво дорад. Худо ба ҳама касоне, ки ба қадри кофӣ ором шудаанд, муроҷиат кардан мехоҳад. Мушкилӣ дар он аст, ки оё мо ба ин фосилаи дуру дароз тоб оварда метавонем, то ки Рӯҳулқудсро ба таври фаҳмо шунавем ва баъд аз онсуханони Ӯро дар қувват бинависем. Қисми худии ин паёмро қайд ва муайян карда, мо ин пичирросро дар дигарон низ шинохта метавонем. Давраҳои шунидан дар оромӣ ба назари мо ноқулай намуданаш мумкин аст, вале агар мо аз нав алоқаҳоро бунёд карданӣ шуда, ба чизе ҳамроҳ шавем, ва ба сӯи бандари бехатар раҳнамун гардем, ин раванде аст, ки онро паси сар кардан зарур мебошад.

Давраи гӯшкунии ман дар танҳоӣ соли 2006, вақте ки ман дар

Филиппин дар ҷамоати занони нек ва қавӣ – Хелен, Бобби, Лиза ва Деборӯ будам, ба анҷоми худ расид. Ҳамаи мо аз кишварҳои гуногун барои иштирок кардан дар намоиши курси таълимие омадем, ки мақсади он арзиш ва қуввати занро дар тамоми ҷаҳон поягузорӣ намудан мебошад.

Ман интизор набудам, ки баъд аз ин анҷуман усули баромадҳои ман куллан дигар мешавад. Ин вохӯрӣ на танҳо мазмуни мавъизаҳои маро дигар кард, балки бештар тарзи пешкаш кардани онро тағйир дод. Бо ҷуръат мегӯям, ки дар охири соли 2006 дар суханони ман тобишҳои саволӣ ва узрхоҳӣ кам садо медод.

Баъд аз анҷуман ман худро бо пичирроси Худо аз наздик сахт пайванд ва бештар вафодор ҳис кардам. То ин вақт ман аз муборизаи дарунӣ, ҳисси барканорӣ ва танҳоӣ азоб мекашидам.

Бо хоҳиши тартибдиҳандагони рӯйхат ман бояд аввалин шуда мавъиза мекардам. Қисми худро тамом карда, ман ба бодиққатона гӯш кардани паёмҳои занони дигар сар кардам. Лаҳза ба лаҳза ба қалби аз саволҳо хаста ва ранҷури ман ҳаёт ҷорӣ шудан гирифт. Ҳар як воиз, ба тарзи возеҳ, пур аз қувват, тадҳин ва некӯӣ, гӯё бо сухан пичиррос ва сирҳои маро фаро гирифт. Ман ашкҳоямро, ки ба рухсораи ман ҷорӣ мешуданд ва гӯё замини хушкидаро шодоб мекарданд, нигоҳ дошта наметавонистам. Ман ташнагии худро қонеъ кунонидам ва ба саволҳои худ ҷавоб гирифтам.

Баъд аз тамом шудани семинарҳо ман якҷоя бо баъзе ходимаҳо ба меҳмонхона баргаштам. Ман бо сухан ҳиссиёти қалб худро баён карданӣ шуда, гап мезадаму гап мезадам (нутқам номураттаб буд!). "Вале ту маҳз дар бораи ҳамин менависӣ ва мавъиза мекунӣ-ку", – шарҳ дод Бобби.

Вай ҳақ буд, вале то он лаҳза имкони шунидани инро бо овози баланд ва шунаво аз тарафи каси дигаре, ки фикрҳояш бо фикрҳои ман он қадар шабоҳат доштанд, тасаввур карда наметавонистам.

Солҳои зиёд ман ҳис мекардам, ки ман дар танҳоӣ ҳастам ва суханони ман аз девори макони сарбаста берун намебароянд. Ман ба берун нигоҳ карда метавонистам, вале аз ин деворҳо, то даме ки касе дарҳои бастаро накушояд ва ба фазои кушоду васеъ, пур аз равшанию шодмонӣ маро таклиф накунад, баромада наметавонистам.

Бобби даст дароз кард ва ба зонуи ман тап-тап зад: “Ту дигар танҳо нестӣ”.

Ман сар ҷунбонидам ва худро ҳамчун кӯдак ҳис карда, гиря кардам, аммо барои ман дигар ҳеҷ фарқе надошт. Ҳамон шаб ин як марҳилаи муҳим дар ҳаёти ман буд. Ман мутмаин нестам, ки то он лаҳзае, ки ба чизе ҳамроҳ нашудам, танҳоии худро пурра дарк мекардам. Ман дар ҳақиқат худро яке аз хоҳароне дарк намудам, ки ба сафи бародарон шомил шуда, якҷоя бо онҳо меҳнат мекунад, то ки оламро дигар кунад. Бо онҳое, ки айни ҳамон пиччирросро шунидаанд, пайванд будан, ин қувват мебахшад, ин озод мекунад, ин хеле ҳайратбахш аст!..

Шояд ту низ инро эҳсос кардаӣ. Оё ту худро боре ҳис кардаӣ, ки гӯё дар канор истода, чизеро мушоҳида мекунӣ ва ногаҳон мефаҳмӣ, ки туро қабул кардаанд ва ту як қисми воқеаҳо гардидаӣ? Духтар, модар, ва дугона, бидон, ту узви оилаи Худо ҳастӣ, ту қисми мо ҳастӣ. Ту танҳо нестӣ ва ҳеҷ гоҳ танҳо набудӣ. Ҳамаи одамоне, ки дар даруни худ пичирроси Худоро доранд, аз дидани ту шоданд ва бо хурсандӣ туро қабул мекунанд.

Туро ба давраи худ на аз фаҳмидани он қабул карданд, ки ту даъват нашудаӣ ё худро вазифадор ҳис кардаанд, ки ҳамин тавр бояд кард. Ҳаргиз чунин нест! Ту қабул шудаӣ, чунки ба ҷамоати занон ва мардони Худо, ки дар тамоми замин бархеста истодаанд, мансуб ҳастӣ.

> Валекин шумо аз ҷониби Қуддус тадҳин ёфтаед ва ҳамаи шумо ростиро медонед. Ман ба шумо на аз он сабаб навиштаам, ки ростиро намедониста бошед, балки аз он сабаб, ки шумо онро медонед, ҳамчунин инро, ки ҳеҷ дурӯғ аз ростӣ нест.
>
> 1 Юҳанно 2:20-21

Ифода кардан мушкил аст, ки барои ман ошкор кардани мансубиятам ба чизи бузургтаре назар ба худи ман чӣ маъно дошт. Новобаста ба он ки ман ҳар ҳафта сафар мекардам ва ба садҳо занон мавъиза менамудам, аксар вақт ман худро меҳмон ҳис мекардам. Дар меҳмонӣ истода ва худро дар ҷои худ ҳис накардан ин хеле зиққунанда аст! Бинобар ин биёед айни ҳозир рӯйрост гап мезанем: ту дар меҳмонӣ нестӣ – ту узви оилаи Худо ҳастӣ. Вақте ки чизи бисёр як чизи пурра мешавад, сухани ҳар кас ҳамовозӣ пайдо мекунад, муносибатҳо мустаҳкам мешаванд, овоз баландтар мешавад.

Чунин намуди пичиррос моро барои муттаҳид шудан даъват месозад!

Дар бораи нидо чӣ фикр доред?

> Ва Еҳушаъ ба қавм амр фармуда, гуфт: «Фарёд назанед ва овози худро нашунавонед, ва сухане аз даҳонатон набарояд, то рӯзе ки ба шумо бигӯям: “Фарёд занед!“ — ва он гоҳ фарёд хоҳед зад».
>
> Еҳушаъ 6:9

Агар мо дар бораи гузаштан аз пичиррос ба фарёд гап занем ё фикррони кунем, масъалаи дуруст интихоб кардани вақт хеле муҳим мебошад. Бингар, ки мо дар давраи аз ҷиҳати стратегӣ муҳим ва хатарноки таърихӣ зиндагӣ мекунем. Худо чи тавре ки бо Ериҳӯ рафтор кард, ҳамчунин Ӯ мехоҳад, ки баъзе чизҳоро ба таври махфӣ иҳота кунад ва баъд, дар фурсати қулай, бо фарёди якҷоя онҳоро хароб созад.

> ...Чунки Худи Худованд бо бонги даъват, бо садои фариштаи муқарраб ва карнаи Худо, аз осмон нузул хоҳад кард...
>
> 1 Таслӯникиён 4:16

Аз бонги садои Ӯ салтанати марг ва ҳалокат хароб мешавад.

Ба Исроилиён лозим шуд, ки ҳафт маротиба Ериҳӯро давр зананд, то даме ки қуввати фарёд барои онҳо дастрас нашуд. Ба ҳамин монанд модашерони доно низ наъра намезананд, то даме ки боварӣ ҳосил накунанд, ки нақшаи шикори онҳо ба комёбӣ ноил мегардад. Гап дар сари он нест, ки баланд дод занӣ ва шӯру мағал бардорӣ, балки дар он аст, ки дар лаҳзаи стратегӣ амал намоӣ. Ҳеҷ яке аз мо, агар масъулиятро ба дӯши худ гирифта, бо қувваи зарурӣ барои иҷрои ин амал накунад, набояд чизеро эълон кунад.

На ҳар як пичирросро то дараҷаи фарёд баланд баровардан лозим аст.

> Чунон ки зани ҳомиладор ҳангоми наздик омадани зоиданаш аз дардҳои сахти худ печутоб хӯрда, фарёд мезанад,ончунон мо низ, эй Худованд, ба ҳузури Ту будем.
>
> Ишаъё 26:17

Солҳои зиёд ҳар яке аз мо дар алоҳидагӣ ва якҷоя аз дард фарёд мезадем, вале аз дард фарёд задан ин ҷавоб нест. Ҷавоб – ин вақте ки дард, ҳамчун дарди зоиш, ҳаёт ба вуҷуд меорад. Пас, биёед ба ин заҳматҳо, мавҳумот ва ҳатто ба дард бо қуввати наҷот ҷавоб медиҳем ва ба насли духтарони қавӣ ва боғайрат ҳаёт мебахшем.

## Вақте ки фарёд ба наъра табдил меёбад

Ҳама кас дод зада метавонад. Вале на ҳар кӣ наъра зада метавонад, ба ҳар ҳол, то даме ки фурсат фаро намерасад.

Пас, наъра худаш чӣ аст? Наъра ин танҳо нидои баландовоз нест. Ин, дар навбати аввал, эълонкунии далерона аст. Наъра ин озодшавии як чизи ибтидоӣ, боздоштанашаванда ва андаке нофаҳмо аст. Ҳар яки мо барои наъра задан иқтидор дорем, вале на дар алоҳидагӣ. Ба фикрам, наъра дар ҳолати одамон назар ба ҳамроҳшавии бисёр овозҳо  як чизи бузургтар аст; Ин садоест, ки одамон ба воситаи он умед ва муҳаббати Худоро ба дигарон зоҳир намуда, имони худро бо ҳаёти баландовоз ифшо мекунанд.

Баъзе аз шумо, эҳтимол, суруди Хелен Рэддиро дар солҳои 1970-ум дар ёд дорад, ки чунин суханҳоро дорад: “Ман зан ҳастам, наъраи маро бишнавед!”. Лутфан, бифаҳмед, ман намегӯям, ки танҳо занон бояд наъра зананд. Илова бар ин ман занонро даъват намекунам, ки ба мардон наъра зананд, ва мардон ба занон. Ман чунин мешуморам, ки ҳоло вақти он аст, ки ҳама дар якҷоягӣ овозҳои худро баланд кунем ва наъра занем!

Ҳатто ҳозир ман дар рӯҳи худ мешунавам: “Тайёр бошед, духтарон, чунки нидои якҷояи шумо ба наъраe табдил ёфта метавонад, ки  бар замин баланд шуда, таъминотро аз Осмонҳо озод мекунад. Чуноне ки Уинстон Черчилл гуфтааст: “Шер ман набудам – ман танҳо шарафёб шудам, ки наъраи шерона баланд кунам”.

Ҳамчунин мо низ шер нестем, вале шарафёб шудаем, ки бо наъраи Шери мо ҳамовозӣ кунем. Танҳо Исо Масеҳ ва Шер аз қавми Яҳудо аст. Мо пайравони Ӯ ҳастем, ки ба наъраи Вай ҳамовозӣ мекунанд. Чӣ Худованд-Шери моро маҷбур мекунад, ки наъра занад? Ман мӯътақидам, ки ҷавобро ба ин савол аз маълум кардани он фаҳмида метавонем, ки модашерон ва шеронро барои наъра задан чӣ маҷбур мекунад.

Ва гарчанде ки ҳар дуи намояндагони ҷинси гурбашаклҳо наъра

мезананд, ҳадафҳои онҳо гуногун ҳастанд. Ҳадафи асосии наъра задани шер ин эълон кардани ҳуқуқи ӯ барои мавзеъ ва ҳимояи он мебошад. Бо фарорасии торикӣ алфа-шер (ё шерҳо) бармехезанд, сарашонро хам мекунанд, нафаси чуқур мекашанд, ва сипас наъра мезананд. Ин овоз ба тамоми қаламрави ӯ паҳн мешавад ва эълон мекунад: "Ман дар ҳолати омодабоши ҷангӣ ҳастам ва қавӣ мебошам. Ман дар ҷои худ ҳастам ва тайёр мебошам, ки ҳудудҳои худ ва галаи худро аз ҳар касе, ки ба ман таҳдид мекунад, ҳимоя намоям. Ман бепарвоёна нигоҳ карда намеистам, ки чӣ тавр модашер ва шербачаҳои маро касе дуздида меравад. Ғанимати мо ба таври ғайриқонунӣ аз ҷониби қаллобоне, ки ба оилаи мо шомил нестанд, кашида гирифта намешавад".

Наъраи шерона шағолонро ҳаросон мекунад. Қуввати ӯ ҳам дар лона ва ҳам берун аз он ҳис карда мешавад ва ҳар киро, ки дар нимторикии  саванна ниҳон шудааст, огоҳ мекунад, ки ҳеҷ кас ба ҳамлаи вай тоб оварда наметавонад. Наъра рақибони эҳтимолиро ба даҳшат меорад ва сарҳадҳоро аниқ муайян менамояд.

Шерон ҳамчунин барои муайян кардани макони ҷойгиршавии гала наъра мезананд. Дар ин ҳолат наъра чунин маъно дорад: "Ман дар ин ҷо ҳастам. Шумоён чӣ?". Модашерон ва шербачаҳои галаи вай низ дар ҷавоб наъра мезананд.

Қувват ва иқтидори наъра дар бораи шер бисёр чизҳоро мефаҳмонад. Аз рӯи наъра ҳаҷм, синну сол ва ҳолати ҷисмонии вайро муайян кардан мумкин аст. Дар асл наъраи вай мегӯяд: "Ман медонам, ки ту маро намебинӣ, вале оё ту ана инро мешунавӣ ва ҳис мекунӣ? Бо ман рӯ ба рӯ нашав!". Ва охиринаш, на камтар муҳим аст: агар шеронро хашмгин кунӣ, онҳо наъра мезананд.

Вақте ки ман ин сатрҳоро менависам, ба хотир наоварда наметавонам, ки Исои мо чӣ қадар  барои хонаи Худо бо рашки бузург ғам мехӯрд. Оё мо бо дараҷаи рашке, ки дорем, ба Ӯ шабоҳат дорем – оё мо тайёр ҳастем, ки сар фуруд орем, чуқур нафас кашем ва эълон кунем, ки сатҳи муносибатҳои мо бо Ӯ чӣ гуна аст?

Модашерро чӣ маҷбур мекунад, ки наъра занад?

Мисли шер, вай низ наъра мезанад, то ки ҳуқуқи худро барои мавзеъ изҳор кунад, ва ҳамчунин муносибати худро бо аъзои гала маълум намояд. Вай ҳамчунин барои ба ёрӣ ҷеғ задани модашерони дигар наъра мезанад, то ки ҳамлаи душманонро бартараф намояд. Вай наъра мезанад, то ки шербачаҳои

гумшударо даъват кунад. Вале сабаби аз ҳама асосии наъра задани модашер ин ҳимоят кардани навзодон мебошад.

Барои бо мисол тасвир кардани ин, ман аз таҳқиқи дусолаи рафтори шерҳо иқтибос меорам.

> Бо ҳам муттаҳид шуда, модашерон на танҳо ба туфайли он фоида мегиранд, ки ҳангоми дучор омадан бо наринаҳое, ки ба куштани навзодон майли тамом доранд, якҷоя шербачаҳоро муҳофизат кардан осонтар аст, балки боз ба туфайли он ки онҳо якҷоя овози наъраи худро баланд карда, хавфи рӯй додани чунин вохӯриро ба ҳадди камтарин мефароранд.

Модашерон асосан барои он якҷоя наъра мезананд, ки наъраи модашери яккаю танҳо иштибоҳан аз тарафи шере, ки қисми гала нест, мумкин аст, ки ҳамчун даъват барои ҷуфтӣ шудан бо вай фаҳмида шавад. Чизи охирине, ки модашер мехост, ин ба таври ногаҳонӣ ҷалб кардани шере мебошад, ки бачаҳои ӯро мекушад ва роҳбариро дар гала соҳиб мешавад. Шерони оворагард аксар вақт шербачаҳоро мекушанд, то ки модашерон барои ҷуфтӣ шудан бо онҳо зудтар хоҳиш пайдо кунанд (модашерон дар давраи парвариши насл ҷуфтӣ намешаванд). Ин ба шер имконият медиҳад, ки ба дунё овардани насли худро зудтар сар кунад.

Пештар мутахассисон оид ба таҳлили рафтор фикр мекарданд, ки омили асосӣ барои муттаҳид шудани модашерон ин беҳтар кардани сифати шикор мебошад. Ҳоло онҳо чунин хулосаҳои тадқиқотҳои пештараро зери шубҳа мегузоранд ва чунин меҳисобанд, ки сабаби муттаҳид шудани модашерон дар гурӯҳи оилавӣ дар навбати аввал ҳимоя кардани навзодон  аст ва танҳо баъд – мувофиқгардонии саъю кӯшиши онҳо барои шикор.

> Вақте ман хондам, ки мақсади якҷоя наъра задани модашерон ин бартараф кардани куштор ва осеб расонидан ба бачаҳои вай аст, ман қариб гиря кардам. Ба туфайли ин тадқиқотҳо маълум шуд, ки ҳатто гурӯҳи иборат аз се модашери ғуррон кифоя аст, ки кушта шудани шербачаҳоро пешгирӣ кунад.

Ин барои мо чӣ маъно дошта метавонад?

> Ва агар ба яке аз онҳо касе ҳуҷум кунад, ҳар дуяшон ба вай муқобилат мекунанд. Ва риштаи сеқабата ба зудӣ канда намешавад.
>
> Воиз 4:12

Агар модашерон медонанд, ки ҷудогона зиндагӣ кардан ба ҳалокат бурда метавонад, пас барои чӣ мо ба зиндагии алоҳида саъй мекунем. Дар якҷоягӣ мо насли худро аз марг ва осеб ҳимоя карда метавонем. Дар ҷудоӣ аз ҳамдигар мо ягон имкониятеро барои иҷро кардани ин кор надорем.

> Ҳеҷ гоҳ шубҳа накунед, ки ҳатто якчанд одамони бораѓбат дунёро дигар карда метавонанд. Дар асл танҳо онҳо онро доимо дигар мекарданд.
>
> – МАРГАРЕТ Мид

Агар ин дар ҳақиқат чунин бошад, пас чаро аз эътироф кардани он, ки ба якдигар эҳтиёҷ дорем, ин қадар метарсем? Ба мо лозим нест, ки бо шумораи зиёди одамон алоқаҳо барпо кунем – ба мо танҳо якчанд шахсоне лозиманд, ки бефарқ нестанд ва дилсӯзанд, то ки оламро барои ҳамаи ин шумораи зиёди одамон дигар кунем.

## Дуои баландовоз

Танҳо модашероне, ки пайванди хешигарӣ доранд, ҷуръат мекунанд, ки далерона наъра зананд. Онҳо медонанд, ки на танҳо ба овози баланд, балки ба пуштибонии хоҳарони худ эҳтиёҷ доранд.

Инак, барои чӣ мо, модашерони Худо, бояд наъра занем?

Мо овозҳои худро баланд мекунем, то ки қудрати бузурги Ӯро ва вафодории худро ба Ӯ эълон кунем. Мо наъра мезанем, то ки гумшудагонро даъват кунем. Наъраи мо ҷавонон ва гумроҳонро ба хона, ба зери ҳимояи мо бармегардонад. Мо фазоро ба ларза меорем, то ки наздик шудани меҳмонҳои нохондаро, душманон ва дуздонро пешгирӣ кунем. Мо якҷоя наъра мезанем, то ки насли худро аз марг ва осеб нигоҳ дорем. Мо ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо зулмат хомӯш намеистем.

Ман назар ба гуфтаҳои боло дигар далели асоснoктареро пешбарӣ карда наметавонам. Вақте ки масъулияти овоз баланд кардан барои бесадоён ба дӯши мо гузошта шуда буд, мо ба

хомӯш будан ҳақ надоштем. Вақт аллакай дер шуда истодааст. Ҳанӯз вақте ки мо хоб будем, торикӣ бемамониат паҳн шуда истодааст. Акнун, вақте ки мо бедор шудем, бояд дуо кунем, то ки Худо кӯшишҳои моро барои паҳн кардани равшании Ӯ пурмаҳсул гардонад. Дуо барои мо сабаби муҳимтарин барои вохӯрӣ мебошад. Барои ин ҷангро давом додан, ба мо ҳимояи Осмон, хирад ва стратегияи дуруст лозим аст.

Исо гуфтааст: "Худованд Худои худро бо тамоми дили ту ва бо тамоми ҷони ту ва бо тамоми ҳуши ту дӯст бидор" (Матто 22:37).

Мана ба се усули амалии то ба дараҷаи наъра баланд бардоштани овоз диққат кунед: рашк, дуо ва хирадмандӣ. Вақте ки мо ин се соҳаи ҳаёти худро тақдис мекунем, онҳо зина ба зина бо ҳам омехта шуда, ҷорӣ мешаванд, дар ҳоле ки муҳаббати мо дар дуоҳои пурҳарорат ва хирадмандона намоён шуданро шурӯъ мекунанд.

Мо ба чизи бузург бовар карда, аз чизи хурд сар мекунем. Худо ваъда додааст, ки агар ду ё се нафар ба хотири исми Ӯ ҷамъ шаванд, Ӯ дар ҳамон ҷо хоҳад буд. Дуо ба сӯи таъминот, интихоби дуруст ва амалигардонии стратегии нақшаҳо роҳ мекушояд. Хоҳар-модашер, ман ба баҳс кардан тайёрам, ки ту комилан барои пайдо намудани ду зане, ки якҷоя бо онҳо дуо карда метавонӣ, қодир ҳастӣ... ақаллан бо телефон.

Ба андозаи он ки мо бармехезем, ҷамъ мешавем ва овозҳои худро баланд мекунем, бигзор Худо он тавр кунад, ки гурӯҳҳои иборат аз се одам зуд ба гурӯҳҳои иборат аз сӣ нафарӣ табдил ёбанд. Сипас гурӯҳҳои синафарӣ бигзор даҳ баробар афзуда, сесаднафарӣ шаванд. Сесад нафар ҳазор нафар шаванд, сипас сӣ ҳазор – ва ҳамин тавр, то даме ки мо ба лашкаре, ки дуояш аз замин ба осмон чун наъраи баландовоз бардошта мешавад, табдил ёбем, зиёд шудан гирем. Вақти он расид, ки мо наъраи Шери худамонро бо як овоз такрор кунем.

> Чун шерон аз хоб бархезед,
> Шумо мисли гиёҳзорон бисёред,
> Афсуни торики хобро барҳам диҳед,
> Занҷирҳои асоратро бишканед,
> Шумо бисёред – шумораи душман хеле кам аст!
>
> Перси Биши Шелли




**“Мессенҷер Интернэшнл”** барои он вуҷуд дорад, то ки ба одамон, оилаҳо, калисоҳо ва халқҳо кӯмак расонад, ки қувваи дигаргунсозандаи Каломи Худоро дарк кунанд ва аз сар гузаронанд.

Ин дарккунӣ ба он оварда мерасонад, ки ҳаёти одамон бо қувват пур мешавад, ҷамъият дигаргун шуданро сар мекунад, бар зидди беадолатӣ дар дунё ҷавоби баланд садо медиҳад.

---

CLOUD LIBRARY

**CloudLibrary** – ин онлайн платформа аст, ки ба хизматгузорон дар тамоми дунё имконият медиҳад, ки ба адабиётҳои ройгони рақамӣ ба забони модариашон дастрасӣ пайдо кунанд.

Дар сомонаи **CloudLibrary.org** шумо адабиётҳои Ҷон ва Лиза Биверро ба зиёда аз **100** забонҳо пайдо карда метавонед ва осон метавонед онҳоро сабт (скачать) карда гиред.

**Китобҳои электронӣ, таълимотҳои видеоӣ ва аудиоӣ, аудиокитобҳо, Китоби Муқаддас ...**

Бисёртар донистан мехоҳед? Дар ин ҷо скан кунед:

**CloudLibrary.org**

# ДУХТАРОНИ ШАМШЕРДОР




Каломи Худо ин шамшерест, ки барои мо аксар вақт, назар ба истифода бурдан, омӯхтан хубтар аст. Вақти он расид, ки ба занон шамшерҳоро бидиҳем ва мушоҳида кунем, ки чӣ тавр онҳо замин ва осмонро бо ҳам пайванд месозанд. Дар тамоми ҷаҳон занон барои хурофот, хариду фурӯши ғуломии ҷинсӣ, зӯроварӣ ва ҳуқуқпоймолкунӣ ҳамчун ҳадаф қарор дода шудаанд. Лиза Бивер менависад, ки ин ҳамлаҳо бештар на онро нишон медиҳанд, ки занҳо дар гузашта кӣ буданд, балки далели онанд, ки онҳо дар оянда кӣ ҳоҳанд буд. Дар китоби "Духтарони шамшердор" вай мефаҳмонад, ки душман ҷинси латифи одамизодро дар ҳама сатҳ беяроқ кардан мехоҳад. Вақти он расид, ки занон қаҳрамон шаванд, зеро Худо онҳоро, – далер, бофаросат, бахшанда ва хирадманд офаридааст. Вақти он расид, ки шамшерҳои худро ба даст гирем ва қаҳрамон шавем.

Ин китоб ва маводҳои дигари Ҷон ва Лиза Бивер барои бепул тамошо ва нусхабардорӣ кардан дар сайти "Messenger International" дастрас мебошанд.

Cloud Library

## Oyanış

Dişi aslan yuxusundan oyanır. Bu qüdrətin, çılğınlığın və gözəlliyin möhtəşəm surətidir. O, bütün ərazidə üstünlük yaradır, dəstəsinin cavanlarını qoruyur, erkək aslana qüvvət verir. Dişi aslan dəstələrdə yaradıcı və strateji gücə, ətrafındakı dünyanı dəyişdirən hərəkətə gətirən qüvvə hesab edilir.

## *Sən də dişi aslansan.*

DİŞİ ASLANIN OYANIŞININ MÜƏLLİFİ VƏ NATİQİ Liza Biver qadınlara güclü və zərif nümunə kimi dişi aslanların surətini təklif edir. Bu heyrətamiz məxluqun valehedici səciyyəvi xüsusiyyətlərini açıqlayan Liza qadınları yeni çılğınlığa, fədakarlığa, məqsədlərinə nail olmağa çağırır.

- Güclü olmağın
- Gəncləri səylə qorumağın
- Səsini susmuşlara verməyin
- Nurda yaşamağın, qaranlıqda ova çıxmağın
- Hər şeyi dəyişdirən kollektiv bir nərilti qaldırmağın

**Nə demək olduğunu öyrən**

DİŞİ ASLANIN OYANIŞI kitabı təbiətdən diqqətəlayiq məlumatlarla və dişi aslanlara Müqəddəs Kitab zənginliyini açan sitatlarla qadınları güclərini toplamaq üçün dünyanı dəyişməyə çağırır.

## *Biz Onun oyanan dişi aslanlarıyıq*



Çılğın. Möhkəm xasiyyətli. Ünsiyyətcil. Güclü. Zarafatcıl. Bu sözlər beynəlxalq natiq, kitabları ən çox satılan müəllif, 216-dan çox ölkədə yayılan *Messenger* televiziya proqramının aparıcılarından biri xanım Liza Biverı təsvir edir. Liza aydın danışma tərzi ilə öz şəxsi təcrübəsinə əsaslanaraq qadınlarla Allahın Kəlamı ilə paylaşır. Bu, qadınların həyatına azadlıq gətirir və kökündən dəyişdirir. Onun ürəyi sosial ədalətsizliyə qarşı döyünür və o, həyatları dəyişdirən vəkil kimi uzaqda və yaxında yaşayan adamları çətin problemlərə qarşı birləşməyə çağırır.

Bu və digər materialları bu saytdan endirin:
CloudLibrary.org

Cloud Library

MESSENGER
INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

Bu kitab Yazıçının hədiyyəsidir
və satılmır.

Daha çox istəyirsiniz?
Bu sayta girin.